АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ
ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПО

НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ИНСТИТУТ ИЗУЧЕНИЯ ПРОБЛЕМ
СТРАН АЗИИ И ЕВРОПЫ

NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF THE TAJIKISTAN
INSTITUTE OF STUDYING OF THE PROBLEMS
OF ASIAN AND EUROPEAN COUNTRIES

# ИНСТИТУТИ ОСИЁ ВА АВРУПО

**(маҷаллаи илмӣ)**

# ИНСТИТУТ АЗИИ И ЕВРОПЫ

**(научный журнал)**

# THE INSTITUTE OF ASIA AND EUROPE

**(Scientific Journal)**

**№2, (4) 2020**

**Душанбе - 2020**

**Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо** – сармуҳаррир, н.и.ф., директори Институти Осиё ва Аврупо,
**Раҳмонзода Азимҷони Шералӣ** – муовини сармуҳаррир, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти Осиё ва Аврупо,
**Назарзода Носир Ҷобир** – муҳаррири масъул, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
**Пудинаев Умед** – котиби масъул.

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

**Фарҳод Раҳимӣ** – академик, Президенти АМИТ, **Абдуҷаббор Раҳмонзода** – академик, ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, **Муҳаммад Абдурраҳмон** – ноиби Президенти АМИТ, **Акбар Турсон** – академики АМИТ, сарходими илмии шуъбаи Аврупо ва Амрико, **Шодимуҳаммад Суфизода** – д.и.ф., директори Китобхонаи марказии илмии ба номи И. Гандии АМИТ, **Мирзо Муллоаҳмад** – узв. воб. АМИТ, **Ҳабибулло Раҷабов** – д.и.ф., мудири шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, **Санавбар Воҳидова** – д.и.т., мудири шуъбаи Аврупо ва Амрико, **Қосимшо Искандаров** – д.и.т., сарходими илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздик, **Ниёз Мирзоев** – д.и.т., сарходими илмии шуъбаи Осиёи Марказӣ, **Тоҷиддин Мардонӣ** – д.и.ф., сарходими илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздик, **Ғиёсиддин Қодиров**, н.и.ф. сарходими илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздик, **Муҳаммадамин Оймаҳмадов** – н.и.и.

**Ниёзи Ёрмахмад Бобо** – главный редактор, к.ф.н., директор Института Азии и Европы,
**Рахмонзода Азимджан Шерали** - зам. гл. редактора, зам. директора Института Азии и Европы,
**Назарзода Носир Джобир** – ответственный редактор, доктор юридических наук,
**Пудинаев Умед,** – ответственний секретар.

## РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ

**Фарход Рахими** – академик, Президент НАНТ, **Абдуджаббор Рахмонзода** – академик, помощник Президента РТ по вопросам социального развития и связям с общественностью; **Мухаммад Абдуррахмон**, вице-президент НАНТ, **Акбар Турсон** – академик, гл. научный сотрудник отдела Европы и Америки, **Шодимухаммад Суфизода** – д.ф.н., директор центральной научной библиотеки НАНТ им. И. Ганди, **Мирзо Муллоахмад** – член-корр НАНТ, **Хабибулло Раджабов** – д.ф.н., зав. отделом Юго-Восточной Азии, **Санавбар Вохидова** – д.и.н., зав. отделом Европы и Америки, **Косимшо Искандаров** – д.и.н.. гл. научный сотрудник отдела Средного и Ближнего Востока, **Ниёз Мирзоев** - д.и.н., гл. научный сотрудник отдела Центральной Азии, **Тоджиддин Мардони** – д.ф.н., гл. научный сотрудник отдела Среднего и Ближнего Востока, **Гиёсиддин Кодиров** – к.ф.н., гл. научный сотрудник отдела Среднего и Ближнего Востока, **Махмадамин Оймамадов** – к.э.н.

**Niyozi Yarmahmad Bobo** – Chief Editor, Director of Institute of Asia and Europe,
**Rahmonzoda Azimjoni Sherali** – Deputy of Chief, Institute of Asia and Europe,
**Nazarzoda Nosir Jobir** – Executive Editor, doctor of Jurisprudence,
**Pudinaev Umed** – Executive Secretary.

## EDITORIAL TEAM

**Farhod Rahimi** – President of the National Academy of Sciences of Tajikistan, **Abdujabbor Rahmonzoda** – Adviser of the President of the Republic of Tajikistan on Social development and Public relations, **Muhammad Abdurahmon** – Vice-President of the National Academy of Sciences of Tajikistan, **Akbar Tursun** – Academician of the National Academy of Sciences of Tajikistan, **Shodimuhammad Sufizoda** – Doctor of Philology sciences, Director Central Scientific Library after the name of I. Gandhi of NAST, **Habibullo Rajabov** – Doctor of Philology sciences, Head of of the Middle and Near Asia Department, **Sanavbar Vohidova** – Doctor of Historical Sciences, Head of Europe and America Department, **Qosimsho Iskandarov** – Doctor of Historical Sciences, Chief Researcher of the of the Middle and Near Asia Department, **Niyoz Mirzoev** – Doctor of Historical Sciences, Chief Researcher of the Commonwealth of Independent States Department, **Mardoni Tojiddin** – Doctor of Philology Sciences, Chief Researcher of the of the Middle and Near Asia Department, **Giyosiddin Qodirov** – Doctor of Philology sciences, Leading Researcher of the of the Middle and Near Asia Department, **Mahmadamin Oymahmadov** – Candidate of Economic Sciences.

**Маҷаллаи илмии «Осиё ва Аврупо» таҳти № 154/РЗ – 97 санаи 12 июни соли 2020 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

## СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ВА ДИПЛОМАТИЯ

# СТРАТЕГИЯИ НАВИ ИМА ОИД БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ: ҲАЛЛИ МУШКИЛИҲО КАДОМ АСТ?

**Каримов Ш.Т.,**
**доктори илмҳои сиёсӣ,**
**сарходими илмии шуъбаи Аврупо ва Амрикои**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои**
**Осиё ва Аврупои АМИТ**

Осиёи Марказӣ ҳамчун манбаи муҳимми муносибатҳои геополитикӣ ҳамеша дар мадди назари раҳбарони кишварҳои абарқудрат, аз ҷумла ИМА мебошад. Мавзӯи мазкур, махсусан, баъди барҳам хӯрдани Иттифоқи Советӣ мазмун ва моҳияти хосаеро касб кардааст. Коршиносон омилҳо ва сабабҳои зиёдеро дар мавриди таваҷҷуҳи махсуси ИМА ба минтақаи Осиёи Марказӣ ном мебаранд. Онҳо, аз ҷумла, чор ҳолати зеринро ҳамчун самтҳои асосии чунин рӯовариҳо донистаанд:

- мавқеи ҷуғрофии Осиёи Марказӣ аз нигоҳи стратегияи геополитикаи муосир, ҷойгиршавии он дар чорроҳаи бузургтарини бархӯрди манфиатҳои давлатҳои тавонманд ва аз нигоҳи иқтисодӣ муҳимтарин шоҳроҳҳои нақлиётӣ ва интиқоли сӯзишворӣ;
- захираҳои фаровони табиӣ ва инсонии минтақа;
- қаробати наздик доштан аз нигоҳи марзу бум, таъриху фарҳанг ва нуфуси аҳолӣ ба марказҳои низоъ, ихтилоф ва ташанннуҷ дар ҷаҳони ислом;
- тамаркузи назарраси мушкилиҳо ва таҳдидҳои глобалӣ дар минтақа (сарҳадӣ, қавмӣ, мазҳабӣ, муҳити зист ва ғайра) [1, с.167-177].

ИМА дар чанд соли ахир бори дувум аст, ки ҳуҷҷати муҳиммеро таҳти унвони «Стратегияи ИМА оид ба Осиёи Марказӣ» таҳия ва қабул мекунад. Ҳуҷҷати аввал соли 2015 қабул ва мавриди истифода қарор гирифта буд. Ва инак, стратегияи нави ИМА оид ба Осиёи Марказӣ барои солҳои 2019-2025 бо таваҷҷуҳи махсус барои инкишоф ва такомули соҳибихтиёрӣ ва рушди иқтисодии минтақа қабул гардид [2]. Стратегияҳои мазкур дар асл идомаи консепсияи маъмули «Осиёи Марказии Бузург» ва дигар лоиҳаҳои маъруф аст, ки солҳои 90-уми асри гузашта тарҳрезӣ шуда, мақсадашон таъмини ҳузури воқеъӣ ва тавонмандии ИМА на фақат дар Осиёи Марказӣ, балки дар тамоми ҷаҳони Шарқ аз тариқи заиф сохтани нуфузи дигар кишварҳои абарқудрат дар ин минтақа, махсусан, кишварҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Федератсияи Россия мебошад.

Тибқи ин нақша бояд ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳои осиёии ба ИМА содиқ бояд бештар муташаккил шаванд ва оқибат аз Россия камтар вобаста гарданд. Бо ин мақсад танҳо дар давоми солҳои 1998-2005 аз тарафи Ҳукумати ИМА ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ба андозаи 1 млрд доллари амрикоӣ барои кӯмак маблағ ҷудо карда шуд [3]. Дар маҷмӯъ, Иёлоти Муттаҳида беш аз 9 миллиард долларро мустақиман барои дастгирии сулҳ ва амният, ислоҳоти демократӣ ва рушди иқтисодӣ ва инчунин барои қонеъ сохтани ниёзҳои башардӯстона дар Осиёи Марказӣ пешниҳод намудааст. Дар баробари ин, сектори хусусии ИМА низ беш аз 31 миллиард долларро ба корхонаҳои тиҷоратии минтақа сармоягузорӣ кардааст [4].

Сиёсати ИМА дар мавриди Осиёи Марказӣ ҳамеша некбинона арзёбӣ шудааст, ки барои таъмини сулҳу субот, пешгирӣ аз низоъҳои номатлуб, рушди устувори иқтисодӣ,

идоракунии самараноки давлатӣ, таъмини озодиҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон, ташаккул ва таҳкими ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар маҷмӯъ нигаронида шудааст. Барномаҳои мухталифи илмию фарҳангӣ ва маърифатӣ низ қисмати умдаи ин сиёсатро ташкил медиҳанд. Чунин муносибатҳо дар доираи консепсияи «ҳимояи манфиатҳои миллии ИМА» амалӣ мегарданд. ИМА ҳамеша кӯшидааст, ки амнияти миллии кишвар, тавонмандии иқтисодӣ ва ҳокимияти муқтадири сиёсии он дар саросари минтақа мавқеи асосӣ дошта бошанд.

Сиёсати ИМА дар Осиёи Марказӣ ҳамеша устувор ва муваффақ набудааст. Маълумоти мукаммал надоштан дар бораи авзои этникӣ, рӯҳию идеологӣ, қавмию мазҳабӣ, пурра дарк накардани махсусиятҳои кишварҳои минтақа дар ибтидо, сиёсати сарфи назар кардани манфиатҳои кишварҳои дигар ба хотири қудратмандии танҳо худ, дуруст муайян ва мушаххас карда натавонистани афзалиятҳо, «забон» наёфтан бо дигар шарикони рушди минтақа (махсусан, Чин ва Россия) ва ғайра аз ҷумлаи он камбудиҳоеанд, ки ИМА дар таъйини сиёсати хеш роҳ додааст. Аммо чашмандоз ва манзараи сиёсии минтақа ҳам бетағйир намондааст. Аз як тараф, сиёсати кишварҳои Осиёи Марказӣ таи солҳои ахир оҳанги дигар касб кардааст, роҳбарони сиёсии ин кишварҳо камолоти сиёсӣ ёфтаанд, аз тарафи дигар, ИМА низ мавқеъгирии худро дигар сохтааст. Ба арсаи вуҷуд қадам гузоштани Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, ҳодисаҳои Афғонистону Шарқи Наздик, Эрон, Иттиҳоди Аврупо ва, албатта, фоҷиаи 11 сентябри соли 2001 боиси чунин мавқеъгириҳо ва таҷдиди назар ба вазъи куллии минтақа гардидаанд.

Дар давоми ин солҳо таваҷҷуҳи ИМА ба Қазоқистон (масалан, ИМА дар соли 2018 ба ин кишвар ба андозаи 5,4 млрд доллар маблағгузорӣ кардааст) [5] ва Ӯзбекистон бештар ҳис мегардад. Яке ба сабаби қудрати иқтисодӣ ва захираҳои табиии он бошад (Қазоқистон), дигаре ба нисбати мақом ва ҳашамати сиёсии он дар таъмини сулҳу суботи минтақа аст (Ӯзбекистон) [6].

Ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон дар ин бобат чандон мавриди таваҷҷуҳи хосаи ИМА қарор нагирифтаанд. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки мақсади асосии ИМА дар минтақа, пеш аз ҳама, манфиатҳои иқтисодӣ мебошад. Таъмини амният ва пешгирӣ аз низоъҳои сиёсии қавмию этникӣ, ҳудудӣ ва ғайра дар навбати дуюм қарор мегиранд. Маҳз аз тариқи муваффақона амалӣ сохтани барномаву лоиҳаҳои иқтисодӣ ИМА метавонист мавқеи худро дар минтақа мустаҳкам намояд, нуфузи афзояндаи Чинро дар бахши иқтисод, экспансияи маданию фарҳангӣ ва Россияро дар бахши низомӣ пешгирӣ намояд. Аммо нотавонбинии сиёсӣ ва сарфи назар кардани эътибор ва манфиатҳои дигарон ба иҷрои ин мақсадҳои стратегии ИМА монеъ шудаанд.

Инак, стратегияи нави ИМА дар мавриди Осиёи Марказӣ барои солҳои 2019-2025 тасдиқ шудааст. Муаллифони санади мазкур дар пешгуфтори он овардаанд, ки Иёлоти Муттаҳида дар тӯли се даҳсолаи охир барои таъмини амният, рушд ва шукуфоии ҳар яке аз ин кишварҳои минтақа пайваста кор кардааст. Манфиати аввалини стратегии Иёлоти Муттаҳида дар бунёди як минтақаи дорои инкишофи мутаносиб ва устувору тараққикардаи Осиёи Марказист, ки озодона манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятиро бо шарикони гуногун ва бо шартҳои худ татбиқ кунад; ба бозорҳои ҷаҳонӣ пайваст шавад ва барои сармоягузории байналмилалӣ кушода бошад; мавҷудияти ниҳодҳои қавии демократӣ, волоияти қонун ва эҳтироми ҳуқуқи инсон таъмин гардад. Аз тарафи дигар, Осиёи Марказии устувор ва бехатар ба нақши мустақими ИМА дар мубориза

алайҳи терроризм, дастгирии суботи минтақавӣ, мусоидат ба амнияти энергетикӣ ва густариши шукуфоии иқтисодии минтақа саҳм мегузорад [7].

Албатта, ақидаҳо дар бораи зарурати чунин санад, мақсад ва вазифаҳо мухталифанд. Масалан, зарурати қабул шудани чунин як санади стратегиро яке аз намояндагони Департаменти давлатии ИМА ба таври зайл ташреҳ кардааст: «Чин ва Россия барои дастёбӣ ба нуфузи бештар дар ин минтақаи аз нигоҳи захираҳои табиӣ сарватманд мубориза мебаранд, силоҳбадастони Афғонистон бошанд, ба субот ва амнияти он таҳдид мекунанд [8]». Ба ҳамин сабаб иддае аз коршиносон таъкид кардаанд, ки ин стратегия маҳз барои кам кардани нуфузи кишварҳои Чин, Россия ва Эрон дар минтақа равона шудааст. Аз тарафи дигар, ҳузури ИМА дар минтақа метавонад замонати таъмини истиқлолияти сиёсӣ ва амнияти ин кишварҳо бошад. Ин маънӣ дар стратегияи нав ҳам мушаххасан ифода ёфтааст, чун ба масъалаи рушди соҳибихтиёрӣ ва шукуфоии иқтисодӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст.

Оё ин стратегия воқеан ҳам як бархӯрди нав ба ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба рушду суботи минтақа аст? Аз назари мо, афзалиятҳо дар ин бобат бетағйир мондаанд. Мавзӯи рушди иқтисодӣ ва таъмини амнияти минтақа чун самтҳои афзалиятноки сиёсати ИМА дар Осиёи Марказӣ боқӣ мондааст. Дар ҳуҷҷат махсус қайд шудани масъалаи рушди соҳибихтиёрӣ ба он далолат мекунад, ки барои ИМА амнияти сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифтааст. Албатта, ин масъалаи ҳассос аст ва метавонад баъзе носуботӣ ва низоъҳои номатлубро ба бор оварад, чун дар ниҳояти кор сухан дар бобати маҳдуд сохтани нуфузи Россия ва Чин дар Осиёи Марказӣ меравад. Гумон меравад, ки ҳалли мушкилиҳои мавҷуда ва давраи инкишофи минтақа бидуни иштироки фаъолонаи Россия ғайриимкон хоҳад буд. Аз ин рӯ, хуб мебуд, агар ИМА ва дигар шарикони рушд ҳамкориҳоро бо Россия ва Чин дар бобати таъмини рушди устувор ва амнияти Осиёи Марказӣ таҷдиди назар мекарданд.

Нигаронии дигар, албатта, дохил кардани Афғонистон ба стратегияи Осиёи Марказӣ аст. Ҷиҳати мусбии чунин бархӯрд ин аст, ки пайвастшавии Афғонистон ба оилаи кишварҳои Осиёи Марказӣ иҷозат медиҳад, то Афғонистон аз дастоварду имкониятҳо ва таҷрибаи неки кишварҳои минтақа истифода барад, раванди сулҳ ва инкишофи бардавоми хешро таъмин намояд. Аз тарафи дигар, «афғоникунонии» Осиёи Марказӣ метавонад ба амният ва оромии минтақа халал ворид созад, чун гурӯҳҳои мухталифи иртиҷоӣ ва ифротгаро метавонанд аз ин имконият барои ғаразҳои нопоки худ истифода кунанд.

Аҳамияти мавзӯъ ҳамчунин аз он иборат аст, ки Афғонистон як кишвари сермиллат аст - шумораи зиёди тоҷикон, ӯзбекҳо ва туркманҳо дар ҳудуди он зиндагӣ мекунанд, ки ин барои давлатҳои Осиёи Марказӣ ташвишовар буда, метавонад мушкилиҳои нав ба бор оварад. Аз тарафи дигар, буҳрони Афғонистон метавонад ба буҳрони минтақавӣ ва тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ мубаддал гардад. Дар ин ҷо суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро, ки аз минбари Созмони Милали Муттаҳид садо додаанд, қайд кардан бамаврид аст, ки: "муноқишаи Афғонистон тамоюли хатарнокро барои пайдоиши воҳидҳои ҷуғрофии анархистӣ, ки метавонад ба пойгоҳи дастгирии ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ, терроризми байналмилалӣ, экстремизм, радикализми динӣ ва инчунин паҳншавии силоҳ ва маводи мухаддир ба вуҷуд меорад мусоидат намояд.» [9, с.4].

Дар санади нави стратегӣ ҳалли монеаҳои инкишоф ва мушкилиҳоро аз тариқи амалӣ сохтани шаш нуктаи асосӣ пешниҳод кардаанд:

1. Дастгирӣ ва таҳкими соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти давлатҳои Осиёи Марказӣ дар алоҳидагӣ ва дар маҷмӯъ ҳамчун минтақа.

2. Коҳиши таҳдидҳои террористӣ дар Осиёи Марказӣ.

3. Тавсеа ва таҳкими дастгирии субот дар Афғонистон.

4. Мусоидат ба пайвастшавии Афғонистон ба Осиёи Марказӣ.

5. Ривоҷи ислоҳоти волоияти қонун ва эҳтироми ҳуқуқи инсон.

6. Мусоидат ба сармоягузориҳои Иёлоти Муттаҳида дар раванди рушд ва шукуфоии Осиёи Марказӣ [10].

Муаллифони ин барнома бар андешаеанд, ки татбиқи самарабахши санади мазкур имкон медиҳад, то Осиёи Марказӣ як минтақаи устувор ва бехатаре бошад ва тавонад ҳамкориҳои худро бо Иёлоти Муттаҳида амиқтар созад. Кишварҳои минтақа вазифадоранд, ки барои бозсозиҳои мавриди назар ислоҳот анҷом диҳанд, минтақаро барои сармоягузории байналмилалӣ омода созанд ва институтҳои демократиро таҳким бахшанд. Стратегияи нав инчунин ба он мусоидат мекунад, ки кишварҳои минтақа тавассути Кавказ бо Аврупо, Афғонистон ва Осиёи Ҷанубӣ ва инчунин бо бозорҳои ҷаҳонӣ бештар робита дошта бошанд.

Ҳангоми тавсиф ва таҳлили муносибатҳои давлатҳои миллии минтақа таваҷҷуҳи хосаеро муносибатҳои ИМА бо Ҷумҳурии Тоҷикистон касб менамоянд. Имрӯз миёни ИМА ва Тоҷикистон муносибатҳои дуҷонибаи мустаҳкам густариш ёфтаанд [11, с.44-50]. Ҳар ду давлат ҷиҳати беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистон, таъмини сулҳу суботи бардавоми минтақа, ислоҳоти васеи демократӣ, ва иқтисодӣ, илмию фарҳангӣ ва ғайра ҳамкорӣ менамоянд. Моҳи феврали соли равон 28 солагии муносибатҳои дуҷонибаи ҳарду кишвар таҷлил мегардад. Қобили зикр аст, ки дар давоми ин солҳо Иёлоти Муттаҳида беш аз 1,8 миллиард доллари ИМА-ро ҳамчун кӯмак барои рушд тавассути барномаҳои дастгирии бахши хусусӣ, соҳаҳои кишоварзӣ, тандурустӣ, маориф, ниҳодҳои демократӣ ва таъмини амният дар Тоҷикистон равона намудааст [12].

Аз тарафи дигар, дар давоми ин солҳо мазмун ва моҳияти муносибатҳо мазмуни навро касб кардаанд. Агар солҳои аввал матлаб фақат фароҳам овардани *кӯмакҳои башардӯстона* буд, ҳоло сатҳи муносибатҳо то ба дараҷаи ҳамкорӣ барои *рушди устувори иқтисодӣ* боло рафтааст. Имрӯз Тоҷикистон ҳамчун шарики ҳамкориҳо барои рушди устувор мақоми махсус пайдо кардааст. Дар ҳамин қарина танҳо дар соли 2018 ҳукумати ИМА тавассути барномаҳои USAID барои рушди Тоҷикистон тақрибан 35 миллион доллари ИМА маблағгузорӣ намудааст.

Чуноне ки сафири нави ИМА дар Тоҷикистон Ҷон Марк Поммершайм чанде пеш дар нишасти матбуотӣ бо рӯзноманигорони тоҷик қайд намуд [12], ҳамкориҳои миёни ду кишвар рӯ ба инкишоф ва такомул буда, имрӯз бештар ба ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба афзалиятҳои зерин нигаронида шудаанд:

Якум, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва таъмини амнияти марзҳои Тоҷикистон;

Дуюм, афзоиши робитаҳои иқтисодии минтақа;

Сеюм, пешбурди ниҳодҳои идоракунии давлатии пурмасъулу самаранок дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Тоҷикистон ва ҷомеаи шаҳрвандии кишвар.

Чуноне ки сафир хотиррасон намуд, дар ҳамаи ин кӯшишҳо сафорат барои таҳкими ҳамдигарфаҳмии мардумони ин ду кишвар талош хоҳад кард. Масалан, ба иртибот ба таъмини амнияти минтақа моҳи январи соли равон аз тарафи Ҳукумати ИМА ба маблағи 3,8 миллион доллар таҷҳизоти амниятӣ ба Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон дода шуданд [12]. Таҷҳизоти мазкур ҳамчун таҷҳизоти сенсории назорати заминӣ барои тақвияти иқтидори Қӯшунҳои сарҳадӣ барои назорати доимии қисмҳои марзие, ки тавассути посдории маъмулӣ имконнопазиранд, мусоидат хоҳад намуд. Чунин тарзи ҳамкорӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ИМА ва Тоҷикистон дои-

раи ҳамкориҳои дуҷонибаро барои таъмини рушди устувор беш аз пеш таҳким бахшида, фарохтар сохтаанд.

Моҳи ноябри соли 2015 Котиби Давлатии ИМА ва панҷ вазири корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ш. Самарқанд вохӯрданд. Дар натиҷаи ин вохурӣ платформаи нави С5+1 ташкил дода шуд ва ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки диққати махсус ба рушди шабакаи минтақавӣ равона карда шавад. Соли 2016 дар Самарқанд Вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзои С5+1 инчунин барои ҳамкории якҷоя дар мубориза бар зидди ифротгароии хушунатомез ба мувофиқат омаданд. Ин, бешубҳа, боз як ҷанбаи муҳимми ҳамкориҳои амниятии ИМА ва Тоҷикистон мебошад. Терроризми ҷаҳонӣ, ки як шакли бадтарие ва манфуртарини ифротгароии сиёсист, яке аз навъҳои бузургтарин таҳдидҳои олами муосир ба ҳисоб меравад, Чунин мушкилиро танҳо тавассути ҳамкориҳои мақсаднок ва муассир метавон бартараф кард.

Дар баробари лоиҳаҳои сершумори USAID, ки бо ҳадафи рушди тиҷорати минтақавӣ фаъолият мекунанд, Ҳукумати ИМА инчунин лоиҳаи CASA-1000-ро дастгирӣ менамояд. Лоиҳаи CASA-1000 ба Тоҷикистон ва Қирғизистон имконият медиҳад, ки нерӯи барқи изофии худро ба Афғонистону Покистон фурӯшанд. Ба наздикӣ ИМА омодагии худро барои дастгирии фаъолиятҳои сохтмонии нерӯгоҳи барқи обии «Себзор» ҳамроҳ бо шарикони сармоягузори худ бо мақсади дастгирии ҷамоатҳои Бадахшон изҳор намуд.

Мисоли дигари чунин ҳамкориҳои судманд барномаҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ аст, ки барои таҳкими волоияти қонун ва пурзӯр кардани робитаи байни мақомоти корҳои дохилӣ ва ҷамоатҳои маҳаллӣ пешбинӣ шудааст. Ин барномаҳо ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷавонон, унсурони мазҳабӣ, мақомоти низомию қудратӣ ва мақомоти ҳокимияти расмиро ба сифати ҷамоати ягона барои бартараф кардани мушкилиҳо бо ҳам гирд меоварад. Дар асл чунин барномаҳо воситаи муассир дар ҳаллу фасли мушкилиҳои марбут ба амнияти дохилии на танҳо Тоҷикистон, балки тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад.

Сафорати ИМА дар Тоҷикистон инчунин барномаҳои гуногуни илмиву фарҳангиро амалӣ менамояд. Як намунаи чунин барнома, ки дорои шабакаи ҷаҳонии беш аз 400 маркази машваратӣ дар саросари ҷаҳон буда, бо дастгирии Шуъбаи барномаҳои таҳсилотӣ ва фарҳангии Департаменти давлатии ИМА фаъолият мекунад, - Education USA ба шумор меравад.

Ин маркази омӯзишӣ дар Душанбе соли 1992 кушода шуда, аз тарафи созмони ҷамъиятии Шӯроҳои амрикоӣ оид ба маорифи байналмилалӣ (ACTR/ACCEL) идора мешавад. Барои шаҳрвандони Тоҷикистон – хатмкардагони барномаҳои мухталифи таълимии ИМА сомонаи интернетии *Ҷамоати байналмилалии хатмкардагони барномаҳои мубодила* вуҷуд дорад. Ҳамасола барои донишҷӯён ва алоқамандони такмили ихтисос стипендияҳои махсус ҷудо мешаванд. Барномаи Фулбрайт (Fulbright Program) аз ҷумлаи онҳост. Барномаҳои дигари илмию фарҳангӣ низ амал мекунанд, аз қабили *Барномаи ҳифозати мероси фарҳангӣ*, *Барномаи тавонмандсозии занону духтарон*, *Барномаи такмили ихтисос*, *Барномаи мубодилаи виртуалӣ*, *Барномаи омӯзиши забони англисӣ* ва ғайра.

Гумон меравад, ки ИМА дар Тоҷикистон манфиатҳои иқтисодӣ намеҷӯяд, Тоҷикистон ин захираҳоро надорад ва иқтисоди пешрафтаро соҳиб нест. Кишвари мо аз нигоҳи бозори иқтисодӣ низ ҷавобгӯи манфиатҳои Амрико буда наметавонад (баръакси Ӯзбекистон ва Қазоқистон). ИМА дар Тоҷикистон ҷӯёи ҳадафҳои геополитикист, ки ҷавҳари онро зиёд кардани нуфузи Амрико дар Осиёи Марказӣ аз тариқи

маҳдуд кардан ва агар имкон бошад, озод кардани ин кишварҳо аз таъсири Россия ва Чин ташкил медиҳад. Бо ин мақсад сиёсати чанд соли ахири ИМА аз тариқи ЮСАИД ва дигар созмонҳои маблағгузор асосан ба он равона карда шудааст, ки мафкура ва андешаи мардумони минтақаро дар бобати интихоб – Россия ё ИМА—ба фоидаи Амрико ва кишварҳои Аврупо тағйир бидиҳад (аз тариқи маблағгузориҳо ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма, барномаҳои мухталифи таълимӣ ва ғайра). Албатта, ҳадафи чунин як сиёсат он аст, ки дар ниҳояти кор дар Тоҷикистон (ва дигар кишварҳои Осиёи Миёна) заминаҳои мусоид барои бозсозиҳои ҷиддии сиёсӣ ба вуҷуд ояд ва ҳамин тавр ҳузури ИМА дар Тоҷикистон (ва минтақа) барои солҳои зиёд таъмин карда шавад (тибқи сиёсати глобалии ИМА).

Масъалаи ҳамкориҳои Амрико бо нерӯҳои қудратии Тоҷикистон (Кумитаи амнияти миллӣ, Қӯшунҳои сарҳадӣ, Мақомоти корҳои дохилӣ) дар ниҳояти кор ба боло рафтани ташаннуҷ ва ихтилофҳои сиёсӣ миёни Тоҷикистон ва Россия оварда мерасонад. Масъалаи будан ё набудани Пойгоҳи ҳарбии Россия дар Тоҷикистон мавриди баҳс қарор мегирад. Ва ин Пойгоҳ метавонад дигар кафолати амният ва сулҳу субот дар минтақа набошад. Маслиҳат ин аст, ки Тоҷикистон дар муносибатҳои худ бо ИМА бештар ба масъалаҳои таълиму тарбия, омӯзиш ва истифодаи технологияи нав, таъмини волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон, таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои он таваҷҷуҳ намояд, ки ҳам барои Амрико хушоянд аст ва ҳам ба таҳкими бештари бозсозиҳои кишвар мусоидат намуда, Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун ҷомеаи озод ва давлати иҷтимоӣ муаррифӣ менамояд.

## СТРАТЕГИЯИ НАВИ ИМА ОИД БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ: ҲАЛЛИ МУШКИЛИҲО КАДОМ АСТ?

Мақолаи мазкур ба стратегияи нави ИМА дар бобати Осиёи Марказӣ, ки ахиран қабул шудааст, бахшида шуда, ҷанбаҳои мухталифи сиёсати ин кишварро дар минтақаи мазкур мавриди таҳлил қарор додааст. Муаллиф ба ин фикр аст, ки Осиё Марказӣ ба нисбати аҳамияти махсуси геополитикӣ доштанаш тарафи таваҷҷуҳи махсуси ИМА қарор гирифтааст.

Стратегияи нави ИМА рушди иқтисодӣ, таъмини суботу амният, волоияти қонун ва таҳкими раванди демократикунонии минтақаро ҳамчун самтҳои афзалиятнок муайян ва муқаррар кардааст. Ба оилаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дохил намудани Афғонистон ва дар ҳамин қарина мавриди ҳаллу фасл қарор додани мушкилиҳои ин кишвар бархӯрди тозаест дар стратегияи ИМА оид ба Осиёи Марказӣ.

**Калидвожаҳо**: стратегия, геополитика, Осиёи Марказӣ, ИМА, рушди устувор, амнияти минтақа, Афғонистон, ҷомеаи шаҳрвандӣ.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Ш.Т. Каримов – доктори илмҳои сиёсӣ, директори Ассотсиатсияи миллии созмонҳои ғайридавлатии Тоҷикистон, сарходими илмии шуъбаи Аврупо ва Амрикои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Тел.: (+992) 93 570 17 80, Email: shamskarimov14@gmail.com.

## НОВАЯ СТРАТЕГИЯ США ДЛЯ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ: ЕСТЬ НОВОЕ РЕШЕНИЕ?

Данная статья посвящена недавно принятой стратегии США для Центральной Азии, которая рассматривает различные аспекты политики США в регионе. Автор считает, что Центральная Азия представляет особый интерес для США в связи с ее особым геополитическим значением. Новая стратегия США определила и приоритизировала

экономическое развитие, стабильность и безопасность, верховенство закона и укрепление процесса демократизации в регионе как приоритетные направления.

Включение Афганистана в семью стран Центральной Азии и решение проблем этой страны в контексте всего центральноазиатского региона - новый подход в стратегии США для Центральной Азии.

**Ключевые слова**: стратегия, геополитика, Центральная Азия, США, устойчивое развитие, региональная безопасность, Афганистан, гражданское общество.

**Сведения об авторе**: Каримов Ш.Т. – доктор политических наук, директор Национальной ассоциации НПО Таджикистана, главный научный сотрудник отдела стран Европы и Америки Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Тел.: (+992) 93 570 17 80; E-Mail: shamskarimov14@gmail.com.

**NEW US STRATEGY FOR CENTRAL ASIA: IS THERE A NEW SOLUTION?**

This article is dedicated to the recently adopted US strategy for Central Asia, which examines various aspects of US policy in the region. The author believes that Central Asia is of particular interest to the United States in connection with its special geopolitical significance. The new US strategy has identified and prioritized economic development, stability and security, the rule of law and strengthening the democratization process in the region as priority areas. The inclusion of Afghanistan in the family of Central Asian countries and solving the problems of this country in the context of the entire Central Asian region is a new approach in the US strategy for Central Asia.

**Keywords**: Strategy, Geopolitics, Central Asia, USA, Sustainable Development, Regional Security, Afghanistan, civil society.

**Information about author**: Karimov Sh.T. - Doctor of Political Sciences, Director of Tajikistan National NGOs Association, Chief Researcher of the Department of Europe and America of the Institute for the Study of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan, Tel.: (+992) 93 570 17 80; Email: shamskarimov14@gmail.com.

**Адабиёт**

1. Гули Юлдашева. Стратегия США в Центральной Азии: проблемы и достижения//Центральная Азия и Кавказ. Том 14. Выпуск 2, 2011. – С. 167-177.
2. United States Strategy for Central Asia 2019-2025: Advancing Sovereignty and Economic Prosperity // https://www.state.gov/united-states-strategy-for-central-asia-2019-2025-advancing-sovereignty-and-economic-prosperity/#.XlD0fhJRq2M.email
3. Стратегия США в Центральной Азии//http://eurasian-defence.ru/?q=node/6529
4. United States Strategy for Central Asia 2019-2025: Advancing Sovereignty and Economic Prosperity.
5. Ирина Джорбанадзе. США придумали как «присвоить» Центральную Азию //https://www. rosbalt.ru/ world/2019/12/23/1819852.html
6. Белый Дом вскоре опубликует Стратегию США по Центальной Азии // https://www.swissinfo.ch/rus/белый-дом-вскоре-опубликует-стратегию-сша-по-центральной-азии---госдепартамен/45465250
7. United States Strategy for Central Asia 2019-2025: Advancing Sovereignty and Economic Prosperity.
8. Стратегия США в Центральной Азии в противодействии России и Китаю // https://www.fondsk.ru/news/2019/12/20/strategia-us-dlja-centralnoj-azii-v-protivodejstvii-rossii-i-kitaju-49732.html

9. Мирзоев С.Т. Афганский кризис и его влияние на трансформацию региональной безопасности в Центральной Азии: геополитический аспект. Автореферат на соискание ученой степени доктора политичсеких наук. Душанбе, 2020. – С.4.

10. United States Strategy for Central Asia 2019-2025: Advancing Sovereignty and Economic Prosperity.

11. Воҳидова С., Ширинҷонова М.И. Инкишофи муносибатҳои ИМА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолият//Осиё ва Аврупо. №2, 2019. – С.44-50.

12. Дипломатические отношения США и Таджикистана// https://tj.usembassy.gov/ru/our-relationship-ru/ policy-history-ru/embassy-fact-sheets-ru/

# МАҚОМИ ТОҶИКИСТОН ВА ФАРОНСА ДАР АРСАИ САЙЁҲИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Воҳидова Санавбарбону,**
**доктори илмҳои таърих, профессор,**
**мудири шуъбаи Аврупо ва Амрико**

**Баҳриддинзода Парвиз,**
**ходими илмии Институти Осиё ва Аврупои**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои**
**Осиё ва Аврупои Академияи миллии**
**илмҳои Тоҷикистон**

Қобили зикр аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади вусъат бахшидан ба рушди сайёҳӣ солҳои 2019-2021-ро солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намуд. Бори нахуст дар Тоҷикистон Стратегияи рушди сайёҳӣ то соли 2030 ва Барномаи рушди сайёҳӣ тасдиқ гардидааст.

Тоҷикистон дорои беҳтарин маконҳои сайёҳии ҳозиразамон буда, ба худ фарҳангу маданият ва таърихи бою ғанӣ дорад, ки вай дар мавқеи олии ҷуғрофӣ ҷойгир аст. Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, соли 2018- ро «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон кардаанд. Решаи таърихи халқи тоҷик аз асрҳои қадим то давраи инкишофи тамаддуни инсоният маншаъ мегирад.

Бозёфтҳои қадимтарине, ки дар атрофи шаҳри Хуҷанд ёфт шудааст, шаҳри қадимаи Саразм ва шаҳри қадимаи Панҷакент мебошад. Соли 1932, дар кӯҳи Муғ ҳуҷҷатҳоеро пайдо кардаанд, ки бо забони суғдӣ навишта шуда, ин ҳуҷҷатҳо ҳамаи олимону мутафаккирони ҷаҳонро ба ҳайрат овард. Нависандаи машҳури Олмонӣ К. Пандер дар яке аз тадқиқотҳои илмии худ «Осиёӣ Марказӣ» (Sentralasean) қайд карда буд, ки бо шарофати кашфиёти бостоншиносони советӣ, Панҷакентро яке аз шаҳрҳои «беназири» Осиёӣ Марказӣ номид. Масоҳати Тоҷикистон аз замонҳои қадим дар макони асосии Роҳи бузурги абрешим ҷойгир буду шарқи онро бо ғарбаш мепайваст ва аз ҳама макони асосиро дар соҳаи тиҷорат, доду гирифти маданият ишғол карда, Бохтар, Тохаристон ва Суғдро бо ҳам мепайваст.

Дар Тоҷикистон ташкилоти умумиҷаҳонии сайёҳӣ Юнеско дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои сайёҳии ватанӣ чунин маданияти бойу ғании таърихиро, ки дар ҳудуди Роҳи абрешим ҷойгир аст, ба инобат гирифта, барномарезӣ карданд. Яке аз воқеаҳои асосӣ ин мебошад, ки дар Хуҷанду Панҷакент ва Бухоро масолеҳҳое ёфт шудааст, ки далели қадима будани ҳунарҳои мардумӣ, хусусан ҳунарҳои кӯлолгарӣ, заргарӣ, ҷавоҳироти аз марворид сохташуда, рассомӣ дар девор ва ҳайкалҳои қадима мебошад. Дар Панҷакенти қадима, аниқтараш дар замони “Малику-ш-шуаро” Рӯдакӣ чунин ҳунарҳо аз қабили рассомӣ, санъати менётурӣ, кандакорӣ дар чуб, омода сохтани ҷавоҳироти занона, ҳунари кашидадӯзӣ инкишоф ёфтааст, ки яке аз таҳкурсии амалӣ гардонидани нақшаи сайёҳии «Ташкилоти Байналмилалии Савдо» «Туризм» ва «Роҳи абрешим» мебошад.

Шаҳрҳои қадимтарини Тоҷикистон аз қабили Хуҷанд, Истаравшан, Панҷакент ва Кӯлоб имрӯзҳо то андозае тағйир ёфтааст, аммо фарҳанги қадима ва ҳунарҳои мардумиро ҳамчун як чизи муқаддас пос медоранд:

1. То ин дам хушбахтона ҳунарҳои зардӯзӣ, ҳунари шоҳибофӣ, астардӯзӣ, (батика), гулдӯзӣ, тоқидӯзӣ, заргарӣ, ҳунари кордсозӣ, кӯлолгарӣ боқӣ мондааст, ки дар тамоми ҷаҳон машҳур мебошад. Дар миёни сайёҳоне, ки ин шаҳрҳои қадимаро тамошо мекунанд аз ҳама намуди туризм, туризми мардумшиносӣ машҳуртар аст, зеро дар ин навъи сайёҳӣ ба ғайр аз омӯзиши ҳунарҳои қадима, маданият ва тарзи зиндагии мардум, имконияти омӯхтан ва аз нав барқарор кардани ҳунарҳои аз байн рафта, зиёд ба назар мерасад. Сайёҳон метавонанд ҳангоми сайёҳати ин шаҳрҳо барои боз ҳам хубтар омӯхтани маданияти меҳмондӯстии тоҷикон ва тарзи зисти онҳо ё дар меҳмонхона истанд ва ё дар макони зисти аҳолӣ. Аз ҳама зиёд ба сайёҳон писанд аст, ки дар байни аҳолии Яғноб ва табиати зебои онҷо баҳраманд шаванд.

2. Обамбори Қайроқумро “Баҳри тоҷик” низ меноманд, ки дар Хуҷанд ҷойгир аст ва дар натиҷаи сохта шудани нерӯгоҳи барқӣ дар Сирдарё пайдо шудааст ва яке аз маконҳои фароғатӣ барои сайёҳон ба ҳисоб меравад. Қобили қайд аст, ки маркази табобатию фароғатии “Баҳористон” дар канори обанбор сохта шудааст. Маркази табобатию фароғатии “Баҳористон” яке аз марказҳои табобатию фароғатие мебошад, ки ба тамоми стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мебошад, ва яке аз манбаъҳои асосии туризм дар Тоҷикистон ба шумор меравад.

3. Тоҷикистон макони қуллаҳои баланд, бисёр пиряххои калон, дарёҳои пурталотум, кӯлҳое, ки зебоияшонро бо сухан баён карда намешавад, манзараҳои зебое нотакрор, гиёҳҳо ва ҳайвонҳои нодир мебошад. Тоҷикистон дорои табиати ба худ хос аст, барои мисол танҳо як соат парвоз дар фазо имконият медиҳад, ки аз гармии тоқат фарсо, яъне аз водии Вахш ба арктика, яъне ба қуллаҳои ҳамеша барфпӯши Помир рафта расем, анна ҳамин боигарии Тоҷикистон аз замони қадим сайёҳонро ба худ ҷалбмекард. Дар Тоҷикистон бисёр мамнӯъгоҳҳои давлатӣ вуҷуд доранд, аз қабили Зоркул, Ромит, Даштиҷум ва бисёр мавзеҳое, ки аз ҷиҳати экологӣ тоза нигоҳ дошта шудаанд. Бисёр растаниву ҳайвоноте мебошанд, ки номашон дар китоби сурх ворид карда шудааст, аз он ҷумла бузи кӯҳӣ, морхӯр, архари кӯҳӣ, гӯспандони кӯҳии бухорӣ, гавазни алои бухорӣ ва ғайраҳо.

4. Дар ҳудуди Тоҷикистон зиёда аз 365 намуди паранда, 49 намуди хазанда, тақрибан 52 намуди моҳӣ ва 10 000 намуди ҳашарот мавҷуд аст. Дар давоми солҳои гузашта, ки рушди инфраструктураи туризми экологӣ ва беҳбудии вазъи экологӣ дар баландии Помир, ки барои сайёҳат дар саросари ҷаҳон ҷӣ афзалият дорад бо гармшавии глобалӣ ва тарк кардани экологии сайёра, инчунин дар ҳудуди ҷумҳурӣ 125 иншооти дорои самти сайёҳӣ ва санаторию курортӣ мавҷуданд, аз ҷумла 51 меҳмонхона, 9 санаторияҳо (хонаҳои истиқоматӣ ва истироҳат), лагерҳои истироҳатии туристӣ бо намудҳои машҳури байналмилалӣ эътирофшудаи сайёҳӣ дар кишвар вуҷуд доранд мавриди назар қарор дода мешавад.

Истироҳатгоҳҳо, кӯҳҳои сайёҳӣ ва экологӣ;

- Варзиши рафтинг, пара планеризм, ва лижаронӣ;
- Интерохота (шикор);
- Сайёҳии таърихӣ ва этнографӣ;
- Маконҳои истироҳатӣ ва шифохонаҳо.

Дар ҳуҳуди Тоҷикистон Помири бузург, яке аз марказҳои машҳури ҷаҳон бо баландии аз 2800 то 7495 м. аст. Дар сатҳи боло аз сатҳи бахр, дар саросари ҷаҳон, ба монанди “Сақфи ҷаҳон” машҳур аст.

Масоҳати машҳури кӯҳӣ – Исмоили Сомонӣ ва Евгения Корженевский, дар баландии 7000 метр, обтаъминкунӣ, заминҳои табиӣ, манбаъҳои гармидиҳӣ ва газӣ.

Ҳар сол дар Тоҷикистон экспедисияҳои байналхалқӣ баргузор мегардад, ки дар он кӯҳнавардон аз кишварҳои мухталифи дунё ба “Баландии баландтарин” дар муқобили кишвар мераванд. Барои баромадан ба қуллаи Исмоили Сомонӣ (7.495м), ки баландтарин қуллаи қаторкӯҳҳои Помир ба ҳисоб меравад, тамоми кӯҳнавардон аз минтақаҳои гуногуни рӯи замин ба ин ҷо ташриф меоранд. Масалан, сайёҳони аврупоӣ, аз ҷумла фаронсавӣ, олмонӣ ин ҷойҳоро хело дӯст медоранд.

Дар Тоҷикистон намудҳои гуногуни варзиш ба монанди куҳнавардӣ, алпинизм, рафтинг, сайёҳии кӯҳӣ ва дигар намуди варзиши экстремалӣ амал мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чашмаҳои шифобахш, мисли:

Хоҷаобигарм, Чилучаҳорчашма, Ҳавотоқ мавҷуд аст, ки сайёҳон аз тамоми ҷаҳон ин ҷо меоянд. Вақте ки мо сайёҳӣ дар арсаи байналмилалӣ мегӯем, барои мо сайёҳии Фаронса дар баъзе аз самтҳои хизматрасонӣ хело ҷолиб аст.

Ҷумҳурии Фаронса дорои захираҳои ғании сайёҳӣ мебошад, ки барои пешрафти ин кишвар мусоидат мекунанд. Омӯзиш ва тадқиқи вазъи сайёҳии муосир дар Фаронса рӯз то рӯз инкишоф меёбад. Сайёҳӣ имконият медиҳад, то як қисми асосии иқтисоди миллӣ тақвият ёбад. Аз рӯи гуфтаи муҳаққиқон саноати сайёҳӣ ё туризм яке аз бахшҳои муҳимми саноати минтақаи Аврупо ба ҳисоб меравад. Сайёҳӣ миқдори зиёди соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ва алоқамандии байни онҳоро фаро мегирад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Фаронса таваҷҷуҳи беандозаи худро барои рушди соҳаи туризм ҷалб карда истодааст. Шароите, ки дар тӯли солҳои охир барои рушди соҳаи мазкур фароҳам овардаанд боиси таҳсину офарин аст. Барои соҳаи сайёҳӣ бунёд кардани роҳҳои баландсифати байналмилалӣ хело муҳим аст, ки имрӯзҳо дар тамоми ҳудуди кишвари Фаронса роҳҳои бузурги байналмилалии бо сифат сохта шуда истодааст.

Имрӯз қисмати зиёди роҳҳои асосии сайёҳӣ дар минтақаи Аврупо, хусусан дар Фаронса воқеъ гардидаанд, ки ниёз ба омӯзиши таърихию археологӣ доранд. Ин далелҳо моро водор месозад, ки шароит ва фазои лозимаро барои тадқиқотчиён ва сайёҳон муҳайё созем. Айни замон, Ҷумҳурии Фаронса дар бозори сайёҳии хизматрасонӣ ҷои намоёнро ишғол мекунад. Бо дарназардошти хусусиятхои хоси табиӣ ва таърихиву фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Фаронса намудҳои гуногуни сайёҳӣ ба мисли сайёҳии экологӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, кишоварзӣ, гастрономӣ ва кӯҳнавардӣ самтҳои афзалиятнок масъул меёбанд [5, с.57].

Аз ҷониби Кумитаи рушди сайёҳӣ дар якчоягӣ бо ширкатҳои сайёҳии дохилии ватанӣ барои рушди сайёҳии таърихию зиёратӣ, ки ҳамчун намуди сайёҳии пешрафта эътироф гардидааст, талабот ба ин навъи сайёҳӣ хеле зиёд шуда истодааст. Имрӯз ба ин намуди сайёҳӣ, ки бештар Институтҳои таърихӣ машғул мебошанд ва барои кашф ва омӯзиши ҷойҳои таърихӣ рӯз аз рӯз талош меварзанд. Сайёҳоне, ки бештар ба минтақаҳои таърихӣ сафар мекунанд ин намуди сайёҳӣ, яъне сайёҳии таърихию зиёратӣ ба онҳо бештар писанд меояд. Замми ин дар минтақаҳое, ки ин намуди сайёҳӣ рушд ёфта истодааст, бештари сайёҳон ба ин минтақаҳо сафар намуда, бо мардуми маҳал, расму оин ва урфу одатҳо аз наздик шинос мешаванд, ки ин имконият медиҳад то ин намуди сайёҳӣ дар мамлакат хубтар ташакул ёбад.

Ҳамасола дар Ҷумҳурии Фаронса як қатор конфронси байналмилалии кишварҳои сайёҳӣ доир мегардад, ки дар ин конфронс аз кишварҳои гуногун мутахассисону меҳмонон иштирок меварзанд. Ҳар як меҳмон назару андешаҳои худро пешниҳод менамояд, ки албатта ин андешаҳо барои пешрафти соҳаи туризм дар минтақа аз манфиат холӣ нест.

Дар давоми солҳои охир ба кишвари Фаронса меҳмонони зиёд ворид мешаванд ва онҳоро намудҳои гуногуни сайёҳат дар мамлакат ҷалб менамояд. Бештари сайёҳон ба

сайёҳати пиёдагардию кухнавардӣ майл доранд. Ҳар як меҳмон мавзеи ҷолиби табъи дили худро дидан мехоҳад.

Маврид ба зикр аст, ки дар давоми сад соли охир симои пойтахти Ҷумҳурии Фаронса шаҳри Париж ба куллӣ тағйир ёфта истодааст. Сайёҳон бошанд аввал ба ин ҷо ворид мешаванд, ки пойтахти мамлакат бо тамоми инфрасохторҳо, меҳмонхонаҳову боғу гулзорҳо ба онҳо хуш меояд.

Форум ва намоишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ таҳти унвони «Фаронса ҳамчун минтақаи бузурги сайёҳӣ» аз шашум то даҳуми июни соли 2020 дар шаҳри Париж ва қисмате аз шаҳру ноҳияҳои кишвар доир гардид. Ин форуми муҳимми дар сатҳи баланд дар партали дастуру ҳидоятҳои бевоситаи вазорати сайёҳии Ҷумҳурии Фаронса баргузор гардида, беш аз 900 нафар намояндагон аз 56 кишвари ҷаҳон иштирок варзиданд. Фаронса метавонад арзишҳои зиёди фарҳангӣ, табиӣ ва таърихии худро ба сайёҳон пешкаш намояд. Он дорои кӯҳҳои зебо ва чашмаҳои гарм, инчунин фарҳанги барҷаста ва мардуми меҳмондӯст мебошад. Аммо Фаронса ҳанӯз иқтидори худро ҳамчун мақоми сайёҳӣ зиёд истифода накардааст. Сабаб аз ин мавҷуд будани баъзе мушкилот ба монанди дастрасӣ ба кишвар тавассути ҳавопаймо, бозёбӣ ба маблағгузорӣ барои тавсияи фаъолияти корхонаҳои хурду миёна ва дигар мушкилот мебошад [4, с.27].

Фаронса бисёр кишвари аҷиб, зебо ва дорои тамаддуну фарҳанги қадима мебошад. Рушди соҳаи туризм барои мардуми Фаронса хеле муҳим ва саривақтӣ аст. Зеро, рушди ин соҳаи сердаромад барои пешбурди ҳаёти иқтисодию иҷтимоии аҳолии ҳар кишвар муҳим арзёбӣ мегардад. Чунон ки мушоҳида намудем, имрӯз дар ин минтақа ёдгориҳои таърихию фарҳангии зиёде мебошад, ки ин ёдгориҳо барои сайёҳии зиёратӣ хело муҳим аст.

Баргузории форум ва намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии Фаронса-2018 саҳифаи наве дар шинохти соҳаи туризм ва рушди ҳамкорӣ бо созмону ташкилоти сайёҳиро боз намуда, он барои ҷалби сармоягузорӣ ва рушди туризм дар мамлакат мусоидат мекунад.

Як намуди сайёҳие, ки имрӯз афзалиятнок ҳисобида мешавад, тибқи таҳлилҳои коршиносони соҳа ин намуди сайёҳии гастрономӣ мебошад, ки дар Фаронса ҳамчун як намуди сайёҳии нав муарифӣ гардидааст. Талабот ба ин намуди сайёҳӣ хело зиёд аст, зеро ки он намуди ғизоҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Фаронса истеъмол гардидаанд, барои рушди сайёҳии гастрономӣ мусоидат мекунад. Якчанд тарабхонаҳои машҳури ҷаҳон дар ин кишвар бунёд гардиданд, ки дар миёни онҳо тарабхонаҳои шаҳри Париж, Бордо ва Тулузу Страсбург хело назаррасанд. Бештари зиёди сайёҳони дохилию хориҷӣ аз ин тарабхонаҳо дидорбинӣ мекунанд ва аз хӯрокҳои балаззату номдори ин кишар истеъмол мекунанд [5, с.57].

Барои пешрафти соҳаи туризм дар ин айём маҷмааи сайёҳию варзишии Шамонию-Алп аз нав таъмир гардид. Иншооти зиёди муосир барои истироҳат ва фароғати сокинону меҳмонон бунёд гардид. Ҳамасола мушоҳида мешавад, ки дар мавсими зимистон нафарони зиёд ба ин ҷо меоянд ва таассуроти онҳо албатта олист.

Фаронса кишвари маҳбуб ва ҷолиби диққати дӯстдорони сайру сайёҳати ҷаҳониён гашта, айни замон дар минтақаи Аврупо беҳтарин ва бештарин имкониятро барои рушди туризм соҳиб гашт. Мувофиқи иттилои шабакаҳои хабарии ҷаҳонӣ мавқеъи намоёнро касб карда истодааст. Дар тӯли чанд соли охир маҷаллаву сомонаҳои иҷтимоӣ дар бораи Фаронса андешаҳои худро пешниҳод менамоянд:

Маҷаллаи сайёҳии бритонии “Wanderlust” Ҷумҳурии Фаронсаро дар қатори даҳ кишвари ҷолибтарин барои боздиди сайёҳон эълон кард.

Шабакаи иҷтимоии “Doorn sport” Ҷумҳурии Фаронсаро дар сархати панҷгонаи кишварҳои ҷолиб барои сайёҳони сайругаштkунанда ҷой додааст.

Нашри русии маҷаллаи “National geographie” – (Ҷуғрофияи миллӣ) шоҳроҳи Британияи Кабир ва Фаронсаро ба даҳ роҳи зеботарини дунё шомил намудааст.

Маҷаллаи “Soft food” қаторкӯҳҳои Алпро ба рӯйхати мавзеъҳои ҷолиб дохил намуд.

Нашри BBC “NEWS” пайтахти Фаронса шаҳри Парижро ба ҳайси даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амнияти шабона эътироф намуд.

Аз рӯи таҳлилҳои омори расмии Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ Ҷумҳурии Фаронса кишварест, ки сайёҳии он дар ҳоли рушдёфта қарор дорад.

Маҷаллаи сайёҳии британии “Wanderlust” Ҷумҳурии Фаронсаро аз лиҳози гирифтани раводиди содда аз ҷумла навъи сайёҳӣ дар рӯйхати панҷ кишвари пешсафи ҷаҳон дар мавқеъи чорум ҷой додааст.

Дар департаменти давлатии Шататҳои Муттаҳидаи Америка бошад оид ба масъалаҳои сиёсӣ Ҷумҳурии Фаронсаро яке аз мамлакатҳои барои сайёҳат амну бехатар арзёбӣ карда, барои сафар ба шаҳрвандонаш тавсия додааст [3, с.27].

Агентии таҳлии “Тур стаж” - и Руссия аз рӯи натиҷаҳои соли 2017 беҳтарин кишварҳои сайёҳии хориҷиро таҳия карда кишварҳои барои сайёҳони Руссия маъруфтарини сайёҳони хориҷиро дар соли 2019 муайян намудааст. Ҷумҳурии Фаронсаро ба феҳристи панҷоҳ кишвари хориҷӣ барои сайёҳони Руссия маъруфтарин ворид карда буд.

Институти таҳқиқотии иқтисод ва сулҳ феҳристи нави дӯстии кишварҳои амниятиро интишор сохт, ки дар Ҷумҳурии Фаронса чор зина боло рафта, дар ин гурӯҳ Фаронса аз Италия, Ҷумҳурии Германия, Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Россия ва Туркияву Исроил боло меистад.

Маҷаллаи байналмилалии “fainal file” -и Ҷумҳурии Фаронсаро ба рӯйхати ҳашт кишваре ворид намуд, ки ба сайёҳон барои боздид дар соли 2019 тавсия додааст [6, с. 80].

Дар давоми солҳои охир аз ҷониби Кумитаи сайёҳӣ ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Фаронса як қатор санадҳо тасдиқ гардид. Махсусан, соли 2018 қабул гардидани Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2040, ки ҳадафҳои Ҷумҳурии Фаронсаро то соли 2040 муайян кардааст, қабул гардид. Дар доираи ҳамин стратегия қабул гардидани нақшаву чорабиниҳои татбиқи амалии стратегия барои солҳои 2015-2040 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Фаронса тасдиқ шуд, ки фарогири зиёда аз 700 нақшаву чорабиниҳо мебошад. Дар доираи ҳамин нақшаву чорабиниҳои стратегия ва дар рафти гуфтушуниди роҳбарияти кумита бо шарикони рушд ҷалб намудани зиёда аз 700 миллион доллари америкоӣ барои рушди инфрасохтор, таълиму тарбияи кадрҳои соҳибистеъдод, бехатарии сайёҳон ва дигар самтҳои туризм равона карда шудааст [4, с.27].

Мавриди қайд аст, ки ҳамасола моҳи март дар шаҳри Парижи Ҷумҳурии Фаронса намоишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ баргузор мегардад, ки дар доираи ин намоишгоҳ гӯшаи сайёҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ иштирок менамояд. Моҳи марти соли 2019 дар гӯшаи сайёҳии кишвар зиёда аз 21 ширкати сайёҳии ватанӣ иштирок ва хизматрасониҳои худро ба маъраз гузоштанд. Дар доираи намоишгоҳ озмуни сад самти беҳтарин пешоҳанги глобалӣ ва ҳифзи фарҳанги миллӣ, анъана ва ҷалби мардумон дар соҳаи сайёҳӣ дар соли 2019 баргузор гардида, кӯҳҳои Пирене - и Ҷумҳурии Фаронса ба ин садгона ворид шуд ва дар минтақаи Аврупо ва уқёнуси ором ҷои сиюмро ишғол намуд. Байни ширкатҳои сайёҳии фаронсавӣ ва ширкатҳои хориҷии сайёҳӣ зиёда аз 406 адад мулоқоту вохӯриҳо баргузор гардида, дар ин радиф шаст адад созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд.

Тибқи назарсанҷии сомонаи интернетии сайёҳӣ (Destination recommendation company) Фаронса ба панҷгонаи беҳтарини хатсайрҳо дар минтақаи Аврупо дониста шуда ба ин панҷгона инчунин Ҷумҳуриҳои Британияи Кабир, Олмон, Итолиё ва Испания ворид карда шудааст. Фаронса ба руйхати кишварҳои амнтарини сайёра шомил аст. Даврабандиро маҷалаи байналмилалии молиявии англисзабон “Legal Finder” тавсия намудааст. Аз рӯи даврабандӣ соли гузашта дар Фаронса аз ҳама бештар афзоиши сафари сайёҳон ба қайд гирифта шудааст [1, с.27].

Маврид ба зикр аст, ки имрӯз барои рушди боз ҳам назарраси ҳамкориҳо дар самти туризм Созишномаи ҳамкорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи рушди сайёҳӣ ва ширкатҳои сайёҳии фаронсавӣ (Terre d’aventour, Alibert, Nomade) ба имзо расидааст, ки дар доираи ин созишнома аллакай ҷалби сайёҳон бениҳоят зиёд гардида истодааст. Ҳамзамон барои ҷалб намудани сармоягузорӣ ва мубодилаи таҷриба дар ин соҳа санадҳои меъёрӣ ба имзо расидаанд [2, с.135].

Ҳамин тавр, Фаронса бо табиати зебо ва мероси бою қадимаи таърихиву фарҳангӣ ва бо симои кишвари амну осоишта таваҷуҳи сайёҳони ҷаҳонро ба худ ҷалб мекунад. Нақши бузурги бебаҳоро чун дар дигар соҳаҳо дар соҳаи сайёҳӣ низ амнияти давлатӣ гузоштаст, ки Фаронсаро ҳамчун як кишвари дорои захираҳои бузурги сайёҳӣ муарифӣ менамояд.

Дар кишвари мо низ барои рушди соҳаи сайёҳӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд, ки ин боиси ба кишвари Фаронса ба роҳ мондани муносибатҳо дар самти туризм мегардад ва хусусан, барои тақвият бахшидани самти сайёҳӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Дар рушди ҳамкориҳои туризми Тоҷикистон махсусан бо кишварҳои хориҷӣ мо бояд ин омилҳоро ба назар дошта бошем;

— бо ҷалби сармоя бунёд ва фаъол кардани минтақаҳои сайёҳиву солимгардонӣ, истироҳати лабибаҳрӣ, туризми сайругаштӣ ва амсоли инҳо. Барои анҷоми ин корҳо табиати Тоҷикистон хеле мусоид буда, аз лиҳози нарху дастрасӣ ва амният дар муқоиса бо Туркия, Кипр, Миср, Тунис, Чин, Арманистон ва Қрим рақобатпазир метавонад бошад.

— хатсайрҳои сайёҳии муштарак тартиб дода, сайёҳони хориҷиро барои дидан аз шаҳрҳои таърихии дар роҳи бузурги абрешим қарор дошта, амсоли Бухоро, Самарқанд, Панҷакент, Истаравшан, Хуҷанд ва Ҳисору Душанбе ҷалб созанд.

— дар ҳамкорӣ бо сохторҳои марбута дар сатҳи ҷаҳонӣ ё минтақавӣ ташкил намудани намоишгоҳу фестивалҳои фарҳангӣ, ҳунармандию косибӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, ҷаҳонгардӣ ва амсоли инҳо, мавриди таваҷҷуҳи хос хоҳад буд.

**Сарчашмаҳо:**

1. Pander Klaus. Zentralasien; (Usbekistan, Kirgistan, Tadshikistan, Turkmenistan, Kasachstan) - Dumont. Kunst Reisefuhren 1996, - s. 50-53.
2. Burchard Brentjes. – Kunst des Islam Kunstverlag. Leipzig, - 1979. S. 10.
3. Воҳидова С. Олмониён аз таърих ва фарҳанги тоҷикон аз наздик ошно шуданд. Маҷаллаи ”Илм ва ҳайёт”. – №.4. С. 56-61
4. Vohidova S. Die Stellung der iranisch-Tajikischen Kultur in der Geschichte der Zentralasiens Europea- Milano, Italien, 2006. C. 535-541.
5. De Hervé Beaumont, Asie centrale: Le guide des civilisations de la route de la soie - Paris, 1993,- pages. 39.
6. Mohammad Reza Djalili. Géopolitique de la nouvelle Asie centrale, Presses universitaires de France, 2001 - 135 pages.
7. Rahr. A. Europe in the New Central Asia // The New Central Asia: In Search of Stability: A Report to the Trilateral Commission. – New York, 2017.

8. Карим Абдулов. Роҳи беҳбуд, Душанбе -2007. 57 с.

9. Воҳидова С. Развитие иранистики и таджиковедения в историографии Европы (XV-начало XXI вв.) «Эр-граф», Душанбе, -2015. 504 с.

10. Дусчанов Р. О возможности использования опыта интеграции стран Западной Европы государствами ЦА. Центральная Азия и Кавказ, 2003. - 244 с.

11. Стивен Фредерик Старр. Утраченное Просвещение: Золотой век Центральной Азии от арабского завоевания до времен Тамерлана. – Астана, 2014. 86 с.

12. Изменяющийся Центральная Азия и региональное сотрудничество. Материалы научной региональной конференции. – Душанбе, 2003. 345 с.

13. Лаумулин М., Сейфуллина Т. Интересы и политика Европейского союза в Центральной Азии и Каспийском регионе //Режим доступа: www. kisi. kz. – 2009.

14. Jean-Michel Decroly. Le tourisme comme expérience: Regards interdisciplinaires sur le vécu touristique, Presses de l'Université du Québec - 37 pages

15. Бобозода Ф. Т. Вазъи ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Узбекистон ва дурнамои рушди он. Маҷаллаи Осиё ва Аврупо, 2019, - 130 с.

16. Развитие иранистики и таджиковедения в историогорафии Европы (XV-начало XXI вв.) Душанбе, - С. 304-305

## МАВҚЕИ ТОҶИКИСТОН ВА ФАРОНСА ДАР АРСАИ САЙЁҲИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Мақолаи мазкур аввалин кӯшиш аст, ки рушди сайёҳиро дар Фаронса баррасӣ мекунад ва инчунин заминаҳои рушди сайёҳиро дар Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Мо метавонем аз шарикони стратегии худ, ба монанди Фаронса ва таҷрибаи рушди соҳаи сайёҳиро дар Фаронса ҳамчун намуна қабул намоем. Муаллифон дар мақолаи хеш махсусан рушди муносибатҳои дуҷонибаро бо рушди сайёҳӣ миёни Тоҷикистон ва Фаронса мавриди таҳлил қарор додаанд.

**Калидвожаҳо:** Фаронса, Тоҷикистон, сайёҳӣ, стратегия, захираҳо, ҳамкорӣ, рушд.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Санавбарбону Воҳидова – доктори илмҳои таърих, профессор, мудири шуъбаи Аврупо ва Амрикои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Нишонӣ: Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. E-mail: sanajanvoh@mail.ru тел: (+992) 935 00 87 32.

Баҳриддинзода Парвиз - ходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, E-mail: parviz.solihov@gmail.com тел: (+992) 904 14 21 42.

## ПОЗИЦИЯ ТАДЖИКИСТАНА И ФРАНЦИИ В ОБЛАСТИ МЕЖДУНАРОДНОГО ТУРИЗМА

В статье рассматривается впервые развитие туризма во Франции, предлагается также предпосылки для улучшения развития туризма в Таджикистане. Мы можем научиться у своих партнёров, опыт Франции по развитию туризма можно использовать, как образец. Авторы в своей статье также анализируют развитие двухсторонних отношений туризма между Таджикистаном и Францией.

**Ключевые слова:** Франция, Таджикистан, туризм, стратегия, ресурсы, сотрудничество, развитие.

**Сведения об авторе:** Санавбарбону Вохидова доктор исторических наук, профессор заведующим отделом Европы и Америки Института изучения проблем стран Азии и

Европы Национальной Академии наук Таджикистана. Адрес: Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 33. E-mail: sanajanvoh@mail.ru тел: (+992) 935 00 87 32.

Бахриддинзода Парвиз - научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана, E-mail: parviz.solihov@gmail.com тел: (+992) 904 14 21 42.

## THE STATUS OF TAJIKISTAN AND FRANCE IN THE FIELD OF INTERNATIONAL TOURISM

This article is the first to examine the development of tourism in France; it also suggests prerequisites for improving the development of tourism in Tajikistan. We can accept from our partners, like France, the development of tourism as a model. The authors in their article also analyze the development of a bilateral relationship with the development of tourism between Tajikistan and France.

**Keywords:** France, Tajikistan, tourism, strategy, resources, cooperation, development.

**Information about the authors:** Sanavbarbonu Vohidova - Doctor of history sciences, professor, Head of European and American Department of the Institute of Asian and European studies, the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 33 Rudaki Ave., Dushanbe, 734025, Tajikistan. E-mail: sanajanvoh@mail.ru Phone number: (+992) 935 00 87 32.

Bakhriddinzoda Parviz, Senior Recencher Junior Fellow of the Institute for Asian and European Studies of the National Academy of Sciences of Tajikistan, E-mail: parviz.solihov@gmail.com, tel: (+992) 904 14 21 42.

# ИСТИФОДАИ БАЪЗЕ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ «ҶАНГҲОИ ОМЕХТА» БА МУҚОБИЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Сангинов Н.Н.**
**мудири шуъбаи Осиёи Марказии**
**Институти Осиё ва Аврупои АМИТ**

Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки тибқи Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид бурдани ҷангҳои глобалӣ ё анъанавӣ, ба монанди Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941 – 1945 манъ карда шудааст. Дар чунин ҳолат абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ маҷбур шуданд, ки дар чорчӯбаи татбиқи манфиатҳои геополитикӣ ва геоиқтисодии худ бар зидди якдигар - барои пешсафии мутлақ дар ҷаҳон, инчунин, дар кишвару минтақаҳои мавриди назар – барои зери нуфузи худ даровардани онҳо, аз технологияҳои гуногуни «ҷангҳои омехта» истифода намоянд. Аз ин лиҳоз, дар марҳилаи ҳозира «ҷангҳои омехта» асоси воқеӣ худро пайдо кардаанд.

Дар баробари ин, яке аз усулҳои хоси «ҷангҳои омехта» дар он аст, ки онҳо ҳеҷ вақт эълон карда намешаванд. Ягон абарқудрат истифодаи чунин ҷангҳоро ба дӯш намегирад. Ҳангоми амалишавии чунин ҷангҳо дар як вақт аз тарзу методҳои ҷангӣ ва ғайриҷангӣ истифода ба амал меояд.

Муқобилаи абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ ҳамарӯза боиси пайдошавии технологияҳои навтарини «ҷангҳои омехта» гардидааст. Намунаи онҳо «ҷангҳои террористӣ», «ҷангҳои мухаддиротӣ», «ҷангҳои таҳримӣ», «ҷангҳои тиҷоратӣ», «чангҳои нафтӣ», «ҷангҳои танкерӣ», «ҷангҳои дипломатӣ» ва ғайра буда метавонанд. Аз рӯйи номи мафҳумҳо маълум аст, ки рақобати абарқудратҳо дар кадом самт ё соҳа пиёда карда мешавад. Масалан, рақобати шадиди кишварҳои тавлидкунандаи нафт барои афзоиш ё коҳиш додани истеҳсоли ин ашёи хоми энергетикӣ бо номи «ҷангҳои нафтӣ», «ҷангҳои танкерӣ» ва ғайра ёд мешавад.

Муҳимтарин технологияҳои «ҷангҳои омехта», ки имрӯз бар зидди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд «ҷангҳои иттилоотӣ», «ҷангҳои киберӣ», «ҷангҳои когнитивӣ», «ҷангҳои биологӣ» ва ғайра мебошанд.

Дар байни ин технологияҳо «ҷангҳои иттилоотӣ» мавқеи намоёнро доранд. Доир ба “ҷангҳои иттилоотӣ” Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2009 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ишора карда буданд:

«Вобаста ба ин, мехоҳам таваҷҷуҳи шуморо ба масъалае ҷалб намоям, ки имрӯзҳо боиси нигаронии ҷиддӣ гардидааст. Агар шумо эътибор дода бошед, солҳои охир дар сомонаҳои гуногуни интернет як маъракаи огоҳонаву муғризонаи зидди Тоҷикистон идома дорад.

Комилан яқин аст, ки соҳибистиқлолии давлати тоҷикон ва сиёсати бисёрсамтаи мо ба доираҳои муайян хуш намеояд. Ҳатто агар ба унвони маводи ғаразнок ва сирф фармоишӣ назар андозем, чунин тасаввур ҳосил мешавад, ки гӯё давлати мо ба суботи сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ муяссар нагаштааст ва дурнамои инкишофи он норавшан аст.

Як далел меорам: мутобиқи таҳлили коршиносон солҳои 2004-2007 аз тариқи сомонаҳои интернет, ки дар Тоҷикистон маъмуланд, қариб 30 ҳазор хабару гузориш интишор ёфтааст. Зиёда аз 80 фоизи онҳо фақат аз туҳмату бадгӯӣ, матлабҳои ғаразнок ва пешгӯиҳои бебунёд иборат мебошад. Ин раванди номатлуб имрӯз боз ҳам қувват

гирифтааст. Муборизаи иттилоотие, ки бар зидди мо аз аввали солҳои 90-уми асри гузашта шурӯъ кардаанд, фақат як ҳадаф дорад: паст задани мақому мартабаи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, бадном кардани миллати тоҷик ва дар ниҳояти кор рӯҳафтодаву ноумед сохтани мардуми мо ба ояндаи худ» [1].

Муборизаи иттилоотие, ки Пешвои миллатамон ба он ишора кардаанд - ин ҳамон «ҷангҳои иттилоотӣ» мебошанд. Имрӯзҳо, бо гузашти беш аз даҳ сол аз ин суханронии таърихии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи «ҷангҳои иттилоотӣ» боз ҳам мубрам гардидааст. Дар ин муддат, дар доираи «ҷангҳои иттилоотӣ» ба муқобили Ҷумҳурии Тоҷикистон пахши мавҷи иттилооти ғаразноку тӯҳматангез ба маротиб афзудааст.

“Ҷангҳои иттилоотӣ” – ин як навъ таъсири мақсадноки иттилоотӣ барои ба даст овардани манфиати сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомии абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ бар кишвар ва минтақаи мавриди назар ба ҳисоб меравад. Илман ва амалан исбот шудааст, ки «ҷангҳои иттилоотӣ» яке аз технологияҳои ғайриҷангии «ҷангҳои омехта» ба ҳисоб мераванд.

“Ҷангҳои иттилоотӣ” ба ақидаи коршиноси сиёсӣ Ҷовид Муқим, аз ҷангҳои глобалӣ ё анъанавӣ чунин фарқият доранд:

1. Ҷангҳои глобалӣ ё анъанавӣ пешгӯишавандаанд ва дар онҳо истифодаи чорабиниҳои мудофиавӣ имконпазир мебошад. Дар онҳо кишвари аз нигоҳи низомӣ пурқувват пирӯз мегардад. “Ҷангҳои иттилоотӣ” бошад ба шуури инсон таъсир мерасонад. Дар аксарияти ҳолатҳо фаҳмидани самти ҳуҷуми эҳтимолии “ҷангҳои иттилоотӣ” номумкин мебошад.

2. Дар рафти ҷанги глобалӣ ё анъанавӣ ҳудуди кишвар ё минтақа бо зӯрӣ ё истифодаи аслиҳаи ҷангӣ пурра тасарруф мегардад. Ҳангоми “ҷангҳои иттилоотӣ” бошад, танҳо шуури инсон тасхир карда мешавад ва ғайра [2].

Имрӯзҳо технологияҳои иттилоотӣ мисли ҷаҳони муосир рӯ ба инкишоф ниҳодаанд. “Нанотехнология”, “биотехнология” ва ғайра мафҳумҳое мебошанд, ки пешрафту такомули технологияи иттилоотию коммуникатсионии муосирро нишон медиҳанд. Вобаста ба онҳо технологияҳои нави “ҷангҳои иттилоотӣ” пайдо мешаванд, ки имрӯз асосан аз тариқи шабакаи ҷаҳонии Интернет, сурат мегирад. Аз ин лиҳоз, солҳои охир байни абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ барои пешсафӣ дар шабакаи ҷаҳонии Интернет муборизаи шадид рафта истодааст.

Асоси «ҷангҳои иттилоотӣ» - ро иттилооти бардурӯғ ё «дезинформатсия» ташкил медиҳад. Ҳаминро ба инобат гирифта олими рус Г.Г. Почептсов онро «ҷангҳои дезинформатсионӣ» номидааст. «Дезинформатсия ё иттилооти бардурӯғ чунон моҳиронаю устокорона истифода мешавад, ки ба ҳақиқат будани вай ҳеҷ шубҳа намемонад. Баъзан муаллифи воқеии дезинформатсия ва манбаъи онро муайян кардан хеле мушкил аст. Дезинформатсияро барои табақаҳои ҷомеа ба таври хоса омода мекунанд. Зеро ба ҳамон як хабари дурӯғ на ҳама бовар мекунанд. Хабари бардурӯғ тавассути каналҳои гуногун дастраси мардум мешавад. Масалан, агар баъзе хабарҳо дар байни мардум ба таври овоза паҳн шаванд, иттилооти дигари бардурӯғ аз тариқи сомонаҳои интернетӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, ВАО ва ғайра интишор мегардад” [3]. Ба ақидаи мо, истифодаи ҳарду мафҳум иштибоҳеро ба бор намеорад.

Вобаста ба “ҷангҳои иттилоотӣ”, дар доираҳои сиёсию илмии ҷаҳон ду мафҳуми дигар - фармоишгар ва иҷрокунанда пайдо ва мавқеъ гирифтаанд. Ба ҳайси фармоишгар асосан абарқудратҳо, хадамоти махсус ва доираи сиёсии онҳо, ташкилотҳои гуногуни ғайридавлатии байналмилалӣ ва ғайра баромад мекунанд.

Иҷрокунандагон маъмулан аз ҳисоби намояндагони гурӯҳҳои мухолифи кишвари мавриди назар, мухлисони онҳо, зархаридон ва унсурҳои манфии дигар интихоб карда мешаванд, ки дар асоси супориши фармоишгарон мақолаву асарҳои илмии тамоюлноку ғаразнок ва бардурӯғро ба манфиати сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомии ӯ чопу интишор мекунанд. Ба ин асос, аксаран "фармоишӣ" будани мақолаву асарҳои илмии дар партави "ҷангҳои иттилоотӣ" чопшаванда зуд маълум мешавад.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, ки дар як вақт ҳам хабари воқеӣ ва ҳам хабари бардурӯғ аз ҷониби ВАО, шабакаҳои интернетӣ, иҷтимоӣ ва ғайра паҳн мешавад, дар маҷмӯъ амнияти ҷомеа зери хатар қарор мегирад. Агар ҳадафи иттилооти воқеӣ – ин ба одамон расонидани ҳақиқат, некӣ ва кӯмак кардан барои баромадан аз вазъияти вазнин ва мақсадҳои хуби дигар бошад, ҳадафи иттилооти бардурӯғ – фиребгарӣ ва тахрибкорӣ мебошад.

Оид ба ҷой ва мақоми мафҳуми "ҷангҳои иттилоотӣ" фикру ақидаҳои мухталиф мавҷудаст. Чунончи, ба қавли олими дар боло зикргардида Г.Г. Почептсов: "Иттилооти манфиатнок ё дезинформатсия ба шуур, психика, ҳолати рӯҳӣ ва рафтори аҳолӣ, қувваҳои мусаллаҳи ҳариф ё душман ба мақсади паст кардани қобилияти ҳаётии онҳо таъсир мерасонад. Бинобар ин, дар ҳамаи давру замон ба ин таркиби иттилоотии "ҷангҳои омехта" аҳамияти аввалиндараҷа медоданд" [4].

Олими финляндӣ Рене Нюберг бошад, иттилооти бардурӯғ ё дезинформатсияро бо аждаҳои бисёрсара муқоиса кардааст: «Дар шароити муосир мавҷудияти сарчашмаҳои зиёди хабарӣ, барои гумроҳ кардани аҳолӣ бо роҳи дезинформатсия, заминаи хуби афзалиятнокро барои ҷониби муҳоҷим (ҳуҷумкунанда) муҳайё месозанд. Аммо ҷониби мудофеъ (дифоъкунанда) дар ҳолати мушкил қарор мегирад, зеро агар яке аз сарҳои аждаҳоро қатъ кунад, ҳеҷ вақт намедонад, ки сари дигари он бо мавҷи хабарҳои бардурӯғ аз куҷо пайдо мешавад» [5].

Ба ақидаи олими руминиягӣ И.М. Пачепа калимаи "дезинформатсия" ё иттилооти бардурӯғ маҳз ба туфайли Ю.В. Андропов - Раиси Кумитаи бехатарии Иттиҳоди Шӯравии собиқ оммавӣ гардидааст. Ӯ ин мафҳумро ба таври зерин шарҳ додааст: "Дезинформатсия" ё иттилооти бардурӯғ ҳамчун кокаин таъсир мерасонад. Агар шумо онро як ё ду бор бӯй кашед, шояд он ҳаёти шуморо тағйир надиҳад. Вале, агар ӯро ҳамарӯза истеъмол кунед, шумо одами дигар мешавед ва он шуморо ба нашъаманд табдил медиҳад" [6].

Баъзе олимон бошад «ҷангҳои иттилоотӣ» - ро «ҷангҳои фейкӣ» (аз калимаи англисии Fike - дурӯғ) номидаанд. Чунончи, олими рус П.Н. Красильникова чунин меҳисобад, ки «ҷангҳои фейкӣ» аз иттилооти бардурӯғ иборатанд ва на ҳама метавонад онҳоро аз иттилооти воқеӣ ҷудо кунад. Аксаран онҳо як навъ намоиши саҳнавиро мемонанд, ки ҳадафи ягонаашон - бидуни даст задан ба ҷанги глобалии азим, ба вазъияти ҷаҳонӣ таъсир расониданро дар назар дорад [7].

«Ҷангҳои иттилоотӣ» - и ахири абарқудратҳо дар атрофи пандемияи коронавирус КОВИД - 19, баёнгари равшани гуфтаҳои боло мебошад. Бараъло дида мешавад, ки абарқудратҳо бо пахш кардани иттилооти манфиатноки ба коронавирус вобастабуда, ба вазъияти геополитикии ҷаҳон таъсир расонида, ҳамзамон манфиатҳои геополитикии худро мавриди амалишавӣ қарор додаанд.

Тавре дар боло қайд гардид, "ҷангҳои итттилоотӣ" хоси абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мебошад. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъи он мебошад, манфиатҳои геополитикӣ ва геоиқтисодии Русия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Арабистони Саудӣ, Туркия,

Покистон, Ҳиндустон ва ғайра ба ҳам печидааст. Маҳз онҳо ба мақсади зери тасарруфи худ даровардани минтақаи номбурда, “ҷангҳои итттилоотӣ” –и бесобиқаро роҳандозӣ кардаанд. Ҳадафи асосӣ - тасхир кардани фазои иттилоотии минтақа мебошад. Ин амал дар манотиқи дигари дунё аллакай аз озмоиш гузаштааст.

Масалан, қабл аз ҳамаи шӯришҳои соли 2011 дар Тунис, Миср ва соли 2014 дар Ливия, инчунин, «инқилобҳои ранга» - и дар ҳудуди баъзе кишварҳои пасошӯравӣ – Украина, Қирғизистон, Гурҷистон, Молдова амалишуда, абарқудратҳо саравввал фазои иттилоотии ин кишварҳоро бо истифода аз “ҷангҳои иттилоотӣ” тасхир карда буданд.

Пешвои миллат ба ин мавзӯъ соли 2016 дар суханронии худ дар вохӯрӣ бо намояндагони ВАО – и кишвар чунин таъкид кардаанд:

«Ҳар як кишвар ва ҳукумати “ҷангҳои иттилоотӣ” – ро бохта, наметавонад амният ва мустаҳкамии сохти конститутсионии худро ҳифз намояд. Ҳодисаҳои солҳои ахири дар ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ ва кишварҳои Шарқи Наздик ба вуқуъ омада нишон доданд, ки «инқилобҳои ранга» пеш аз ҳама дар фазои иттилоотӣ сурат гирифта, баъдан ба воқеъияти сиёсӣ табдил ёфтанд” [8].

Дар мулоқоти ахири худ бо олимон ва аҳли эҷоди кишвар, ки 18 марти соли 2020 дар Кохи Борбад баргузор гардид, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ба масъалаи муқовимат ба “ҷангҳои иттилоотӣ” ишора гардид.

Ба тақвияти суханони Пешвои миллат ҳаминро гуфтанием, ки солҳои охир аз тарафи абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ба муқобили Ҷумҳурии Тоҷикистон “ҷангҳои иттилоотӣ” – и мақсаднок амалӣ карда мешавад. Бо ин роҳ ҳар яки онҳо кӯшиш мекунад, ки ҷумҳуриамонро ба лоиҳаҳои гуногуни иқтисодию амниятии ба онҳо марбут буда ҷалб намоянд. Ба таври мисол, дар фазои Осиёи Марказӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он шомил мебошад, дар ҳоли ҳозир лоиҳаҳои зерини байналмилаливу минтақавӣ татбиқ карда мешаванд: ИИАО (Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё) - и Русия; “Як камарбанд - як роҳ” – и Ҷумҳурии Халқии Хитой; “Мушорикат бахри сулҳ” -и Иттиҳоди Аврупо; “Осиёи Марказии Бузург” ва G 5 + 1 – и ИМА ва ғайра. Дар доираи татбиқи ин лоиҳаҳо ҳар як абарқудрати ҷаҳониву минтақавӣ, иттиллооти ғаразноку тамоюлнокро ба манфиати худ паҳн менамояд.

Чунончи, аксарияти расонаҳои хабарии Русия, Аврупо ва дигар давлатҳо, ҷумҳурии моро ба таври сунъӣ чун «минтакаи муташаннич» ва интиқолдиҳандаи асосии маводи мухаддир аз Афғонистон нишон дода, эътибору нуфузи онро паст заданӣ мешаванд. Дар аксари барномаву мақолаҳои онҳо, танҳо қочоқгарони тоҷик паҳнкунандагони ин мавод ба Русия ва мамолики Аврупо арзёбӣ мегарданд. Ба ин мақолаҳои зерин мисол шуда метавонанд: А. Космарский. Дурман для диктатуры [9]; А. Азамова. Военные контролируют таджикский наркобизнес [10]; “Героин: таджикский завоз” [11]; В Таджикистане задержаны руководители МВД, "крышевавшие" наркомафию [12]; Шерали Табаров – первый наркобарон, приговоренный в России к пожизненному [13]; Богатые таджики оказались крупными наркобаронами Подмосковья [14] ва ғайра.

Аммо мутобиқи маълумоти ташкилотҳои байналхалқӣ бошад, қисми зиёди маводи мухаддир ба Русияву Аврупо бештар аз тариқи ба ном “масири ғарбӣ” ё “масири Балкан”, ки ҳудуди Ҷумҳурии Исломии Эрон, Покистон, Туркияро дар бар гирифта, то ба нимҷазираи Балкан мерасад, интиқол дода мешавад [15].

Ду - се соли охир бошад, расонаҳои русӣ ба мақсади ҷалб кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ИИАО (Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё) силсиламаводи тамоюлноки барои Русия манфиатнокро интишор менамоянд. Ба ин мақолаҳои муаллифони зерин

мисол шуда метавонанд: В. Панфилова: Душанбе не спешит в Евразийский союз [16], С. Кузнецов. Муки выбора: почему Таджикистан не спешить вступить в ЕАЭС и чем это грозит [17] ва ғайра.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир «ҷангҳои иттилоотӣ» - ро бар зидди Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, балки баъзе ҳамсоякишварҳо низ татбиқ менамоянд. Ба ин, пеш аз ҳама, проблемаҳои дохилиминтақавии мавҷуда аз қабили: масъалаҳои то ба охир ҳал ношудаи сарҳадӣ, этникӣ, экологӣ, норасоии об ва ғайра мусоидат мекунанд. Чунин ҳолат ахиран дар муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон рӯи масъалаҳои баҳсбарангези сарҳадии то ба охир ҳалношуда бараъло ба чашм мерасад.

Дар атрофи масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Қирғизистон як навъ фазои носолими иттилоотии зиддитоҷикӣ ҷорӣ карда шудааст. Масалан, баъд аз ҳар муноқишаи наздисарҳадӣ, воситаҳои ахбори оммавии ин кишвар мақолаву хабарҳои тамоюлнокро ба чоп мерасонанд. Дар ин самт расонаи хабарии 24-kg хеле фаъол мебошад. Мақолаҳои зерин: «Власти Кыргызстана постоянно идут на уступки в переговорах с Таджикистаном» [18]; «Конфликт на границе. Депутаты требуют отчета комиссии по делимитации» [19], Дипломатия минометов [20] ва ғайра, аз қабили онҳо мебошанд.

Аз сентябри соли 2015, ки ба замони ҳамчун ҳизби террористию экстремистӣ эълон шудани ҲНИТ (минбаъд – ТЭТ ҲНИ), “Гурӯҳи - 24” ва созмону ҳаракатҳои дигар ва мамнӯъ эълон гардидани фаъолияти онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд, то инҷониб “ҷангҳои иттилоотӣ” – ро алайҳи кишварамон ҳизб ва ҳаракатҳои номбурда гузаронида истодаанд.

ТЭТ ҲНИ, “Гурӯҳи - 24”, Анҷумани Озодандешони Тоҷикистон ва ғайра, ахиран эътилоферо бо номи Паймони Миллии Тоҷикистон (ПМТ) таъсис додаанд. “Ахбор. ком”, “Паём. нет”, “Кимиёи саодат”, “Анҷумани озодандешони тоҷик ”, “Наҳзат. тдж”, “Ислоҳ. нет” ва ғайра, пойгоҳҳои асосии иттилоотии мухолифин ба ҳисоб мераванд, ки аз тариқи онҳо дар доираи “ҷангҳои иттилоотӣ” ҳамарӯза мавҷи иттилооти бардурӯғ алайҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон пахш карда мешавад. Муҳтавои тамоми суханронию мусоҳибаҳои сарварон ва аъзои қатории онҳо тамоюлнок ва зиддиҳукуматӣ мебошад. Бесабаб нест, ки Пешвои миллат онҳоро бадхоҳон ё хоинони миллат номидаанд. Чунончи, доир ба ин масъала дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 Пешвои миллат чунин қайд кардаанд:

«Мо даҳшати ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузаштаро, ки душманони миллати тоҷик ба сари мо таҳмил карда буданд, ҳаргиз фаромӯш намекунем ва бо итминон изҳор медорем, ки мардуми мо дигар ба доми фиреби душманону бадхоҳони миллат, ки то ҳанӯз аз ҳадафҳои ғаразноки худ даст накашидаанд, гирифтор намешаванд» [21].

Нерӯҳои мазкур бо пуштибонии молиявӣ ва маънавии хадамоти махсус, созмону ташкилотҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи башар, аз тариқи сомонаҳои дар боло зикргардида, инчунин, саҳифаҳои «Фейсбук», «Инстаграм» ва ғайра ба зидди Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҷангҳои иттилоотӣ» мебаранд. Онҳо дар талошанд, ки бо роҳи туҳмату буҳтонҳо, паст задани обрӯи эътибори роҳбарияти кишвар, ғалат нишон додани вазъияти воқеии босуботи ҷумҳурӣ ва ғайра, ба шуури мардуми тоҷик таъсири манфӣ расонида, сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зери хатар гузоранд.

Ин ҳолатро Пешвои миллат дар вохӯрии дар боло зикргардида бо намояндагони ВАО - и ҷумҳурӣ, чунин шарҳ додаанд:

“Тарғиби ғояҳои мухолифи арзишҳои миллиамон аз тарафи хоинони миллат, тавсифи экстремизми динӣ дар фаъолияти созмонҳои экстремистӣ оқибатҳои хатарнокро ба сохти конститутсионӣ доранд” [22].

Илова ба ин, «ҷангҳои иттилоотӣ» - ро ба муқобили Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиши абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ВАО – и хориҷӣ (Радиои Озодӣ, радиои ББС, Тасним. ир ва ғайра), сомонаҳои интернетӣ (Центразия. ру, Фергана. ру, Ка - ньюс ва ғайра), созмонҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи башар (Амнистия интернешнл, Хьюман Райтс Вотч ва ғайра) амалӣ мекунанд.

Як муддати муайян фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавҷи иттилооти тамоюлноки зиддитоҷикӣ бо истифода аз пандемияи коронавирус COVID – 19, фаро гирифта буд. Дар робита ба ин ахбори ғаразнок доир ба ин, ки Тоҷикистон паҳншавии коронавирусро дар ҷумҳурӣ пинҳон медорад ва ғайра, пахш карда шуданд.

Ба муқобили Ҷумҳурии Тоҷикистон "ҷангҳои киберӣ" ё "киберҷангҳо", яке аз технологияи дигари "ҷангҳои омехта" низ бурда мешаванд, ки дар марҳилаи ҳозира ва дурнамо таҳдиду хатари бештарро эҷод мекунанд. "Ҷангҳои киберӣ" ё "киберҷангҳо" низ дар фазои маҷозӣ бо истифода аз системаҳои компютерӣ амалӣ карда мешаванд. Мақсади асосии чунин технологияи "ҷангҳои омехта" иборат аз ғасби иттилооти характери сиёсӣ, ҳарбӣ, иқтисодидоштаи соҳавии маҳдуд гардонидашуда, тахриб кардани таҷҳизоти технологии барои ҷамъоварӣ, коркард ва захираи иттилоот тахсис додашудаи мақомоти давлатӣ, мебошад. Ин кор асосан тавассути ҳуҷумҳои хакерӣ сурат мегирад. "Ҷангҳои киберӣ" ё «киберҷангҳо» бо он фарқ мекунанд, ки кишвари мавриди назар ё қурбонӣ бе ягон хунрезӣ, бо истифода аз технологияҳои навтарини иттилоотию коммуникатсионӣ тасхир карда мешавад.

Ба қавли олими рус М.А. Пушкина: "Бо ин мақсад барнома ва феерволҳои (вирусҳои) гуногун истеҳсол карда мешаванд. Чунончи, дастрасии махфиёна ба объектҳои ҳастаии Эрон тавассути вируси Stuxnet, ҳуҷумҳои хакерӣ ба объектҳои ҳарбии ИМА, ҶХХ, Иттҳоди Аврупо, Германия ва давлатҳои дигар аз ҷанҷолҳои пурсадотарини соли 2010 ба ҳисоб мераванд. Хусусияти истифодаи яроқи киберӣ аз он иборат аст, ки он ба фарқ аз аслиҳаи вазнини ҷангӣ масрафи азим, сохтмони корхонаҳои бузург ва ғайраро талаб намекунад. Барои ин кор фақат доштани компютер, захираи молиявии камтар ва Интернет кифоя аст. Гузашта аз ин, муайян кардани ҳуҷумҳои киберӣ ва муқобила ба онҳо хеле мушкил аст" [23].

Оид ба таҳдиду хатари "ҷангҳои киберӣ" ё «киберҷангҳо», ҷиноятҳои ба онҳо вобастабуда дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 чунин омада аст: «Авзои сиёсии сайёра ҳоло бисёр ноорому бесубот ва боиси ташвишу нигаронии ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст.

Чунон ки дар чандин суханрониҳои худ иброз намудам, кӯшишҳои азнавтақсимкунии ҷаҳон, мусаллаҳшавии бошитоб, қудратталабӣ, бархӯрди манфиатҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва ҷиноятҳои киберӣ торафт шиддат гирифта, ҷаҳонро ба марҳалаи нави ҷанги сард кашонидаанд ва имрӯз баъзе сиёсатмадорону коршиносон ҳатто доир ба хатари ҷанги сеюми ҷаҳон ҳарф мезананд [24].

Истилоҳи «ҷиноятҳои киберӣ» бо "ҷангҳои киберӣ" ё «киберҷангҳо» вобастагии зич дошта, намудҳои мухталифи ҷиноятҳои дар ин самт содиршавандаро дар назар доранд. Аз ин лиҳоз, туфайли «киберҷангҳо» мафҳумҳои нав ба монанди: «киберҷосусӣ», «ҷосусии иқтисодӣ», «ҷосусии саноатӣ», «ҷосусии сиёсӣ» ва ғайра пайдо шудаанд, ки дар маҷмӯъ ба гуфтаи Пешвои миллат, ҷиноятҳои кибериро ташкил медиҳанд. Моҳият, мазмун ва самти истифодаи технологияҳои номбурда, аз худи номи ин мафҳумҳо бармеоянд. Масалан, мақсади асосии «ҷосусии иқтисодӣ» ба даст даровардани маълумоти дахлдори пӯшида ё махфигардонидашуда оид ба ҳолати иқтисодии кишвари мавриди назар мебошад. Ба ин кор разведкаҳои техникӣ, иқтисодӣ,

молиявии абарқудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ, созмону ташкилотҳои ғайридавлатӣ, гурӯҳҳои террористии номии байналмилалӣ ва ғайра даст доранд.

Дар ин самт вирусҳои ҷосусӣ ба монади Троян, Петя, барномаҳои зараррасонанда ва ғайра ихтироъ гардида, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон амали «ҷангҳои киберӣ» ё «киберҷангҳо» - ро аллакай эҳсос кардааст. Чунончи, солҳои охир сомонаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвари Фаронса [25], Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [26], Агентии мустақили иттилоотии «Ҳамсинф» [27] ва ғайра мавриди ҳуҷумҳои хакерӣ қарор гирифтанд.

Тибқи маълумоти ширкати тадқиқотии интернетии Амрико Рапид 7, ки бо омӯзиши масъалаҳои амнияти интернет ва системаҳои компютерӣ машғул аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми дуюмро (баъд аз кишвари Самоа) дар рӯйхати давлатҳое, ки компютерҳояшон дар муқобили ҳуҷумҳои хакерӣ осебпазир мебошанд, ишғол менамояд [28].

Ахиран сохтору гурӯҳҳои мухталифи террористию экстремистии байналмилалӣ аз дастовардҳои босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, хусусан фазои маҷозии интернетӣ, хеле моҳирона истифода менамоянд. Ба ин «киберхилофат» - и таъсисдодаи ДИИШ/ДИ мисол шуда метавонанд. Дар давоми солҳои 2013-2015 он тавонист бо истифода аз пахши иттилооти муғризона, ҳазорон шаҳрвандони кишварҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба сафи худ ҷалб намояд. Илова ба ин, «кибертеррористон» - и ДИИШ /ДИ барои дастрасӣ ба аслиҳаи ҳастаии абарқудратҳо кӯшишҳо карда буданд.

Бар зидди ҶумҳурииТоҷикистон, инчунин, «ҷангҳои когнитивӣ» (аз калимаи лотинии cognitio – идрок, фаҳмиш) пиёда карда мешаванд. «Ҷангҳои когнитивӣ» - ба шуури инсон таъсир расонида, онро зери назорат мегиранд. Ба ақидаи олими рус В. Лепехин, назорат аз болои шуур ба элитаи ҷаҳонӣ имконият медиҳад, ки ба тадриҷ аз қисмати «изофагӣ» - и инсоният, бо роҳи тағйир додани тафаккури омма халос шаванд [29].

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор созмону ташкилотҳои байналмилалии ғайридавлатӣ, муассисаҳои таҳсилии томактабӣ ва мактабии хориҷӣ ба монанди: боғчаи бачагонаи Британия, коллеҷи Оксфорди Британияи Кабир, мактабҳои мухталифи ба номи Конфутсий (Ҷумҳурии Халқии Ҳитой), маркази таълимотии «Мультикид» TM-International ва ғайра фаъолият доранд, ки бо таълими кӯдакон ва наврасон бо забонҳои англисӣ, хитоӣ ва забонҳои дигар дар дохили ҷумҳурӣ, фиристодани беҳтарини онҳо барои таҳсил ба хориҷа машғул мебошанд. Бо ин роҳ онҳо ба шуури ҷавонони тоҷик таъсири мусбат расонида, дар онҳо рӯҳияи бегонапарастиро талқин мекунанд. Ё ба ибораи дигар бо «мағзшӯӣ» машғуланд.

Чунин ҳолат аллакай ба «фирори мағзҳо» сабаб шудааст. Воқеъан ҳам, имрӯз фазои ягонаи таҳсилот, ки илҳомбахш ва ташвиқкунандаи он кишварҳои аврупоӣ ва худи ИМА мебошанд, воситаи хуби ҷалби ҷавонони боистеъдод аз кишварҳои ақибмонда ва пур кардани ҷойҳои кории холӣ дар пажӯҳишгоҳ ва озмоишгоҳҳои илмии кишварҳои номбурда мебошад [30]. Вазъияти ба вуҷудомада дар ин самт, мустақиман ба амнияти зеҳнии кишвар таъсири манфӣ мерасонад.

«Ҷангҳои биологӣ» яке аз технологияҳои дигари «ҷангҳои омехта» ба ҳисоб мераванд, ки хатари глобалӣ доранд ва ба муқобили кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифода бурда мешаванд. Дар доираҳои илмӣ онро ҳамчун «терроризми биологӣ» ном мебаранд. Аслиҳа ё яроқи асосии чунин ҷангҳо вирусҳои

касалӣ ё бемориҳои гуногун ба монанди Эбола, нағзак (оспа), сӯхтанӣ (сибирская язва), СПИД, вабо ва ғайра мебошанд, ки барои аз байн бурдани на як ё ду нафар, балки анбӯҳи одамон равона гардидаанд. Вобаста ба ин мафҳуми «терроризми биологӣ» пайдо шудааст, ки ба истифодаи чунин вирусҳо махсус гардонида шудааст. «Терроризми биологӣ» имрӯз ба таври расмӣ ҳамчун хатари потенсиалӣ барои инсонияти муосир дониста шудааст.

Ахиран, яке аз намунаи равшани «аслиҳаи биологӣ», ки дар доираи «ҷангҳои биологӣ» татбиқ карда мешавад – коронавируси COVID – 19 ба ҳисоб меравад. Дар як муддати кӯтоҳ (ҳафт- ҳашт моҳи соли 2020) коронавируси номбурда тавонист тамоми ҷаҳонро фаро гирад. Ба ҳолати августи соли 2020 шумораи мубталоёни он аз 19 миллион нафар ва қурбоншудагон беш аз 800 000 нафарро ташкил медиҳад. Бесабаб Созмони Ҷаҳонии Беҳдоштӣ онро пандемия (фарогири ҳама) эълон накардааст. То имрӯз он аз байн бурда нашудааст. Олимону табибони ҷаҳон аз мавҷҳои минбаъдаи коронавирус сухан меронанд. Бо дарназардошти чунин ҳолат, Созмони Ҷаҳонии Беҳдоштӣ ҳолати фавқулоддаро тамдид кардааст.

Таҳлили кунунии раванди вазъияти сиёсӣ – иҷтимоии байналмилалӣ ва минтақавӣ нишон медиҳад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ бо сабаби пандемияи коронавирус COVID – 19, буҳрони амиқи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳарбиро аз сар гузаронида истодааст. Ин падидаи ғайриоддӣ тавонист, ки дар як муддати кӯтоҳ ба тамоми соҳаҳои зиндагӣ таъсири манфӣ расонад, кишварҳоро аз ҳам ҷудо намуда, тамоми ҷараёнҳои ҷаҳонишавию ҳамгироиро боз дорад.

Ба ақидаи мо, коронавирус COVID – 19 «аслиҳаи биологӣ» - и замони муосир маҳсуб ёфта, аз тарафи абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ дар чорчӯбаи «ҷангҳои биологӣ» ҳамчун яке аз технологияҳои «ҷангҳои омехта» татбиқ карда мешавад. Зикр бояд кард, ки инсоният технологияҳои ҳамчун «аслиҳаи биологӣ» истифода бурдани заҳр, бемориҳои мухталифи сирояткунанда, дору ва дармонҳои гуногуннавъи мадҳушкунанда ё кушандаро, аз қадим медонист. Он замонҳо як тарафи ҷанганда бидуни истифода аз нерӯи азими ҷангӣ, аз усулҳои ғайриҷангӣ ба монанди: заҳролуд кардани чоҳҳои оби ошомиданӣ, паҳн кардани касалиҳои марговар ва ғайра истифода карда, сарбозони бешумор, сарлашкарон ва шахсиятҳои барҷастаи душмани худро аз байн мебурд.

Имрӯз низ истифодаи «аслиҳаи биологӣ» ҳамчун усули ғайриҷангии «ҷангҳои омехта» аз байн нарафта, бо мурури замон такмил ёфтааст. Коронавирус COVID – 19 дастоварди ахири «аслиҳаи биологӣ» мебошад, ки ҳамто надорад.

Баррасии маводи илмию техникӣ, ВАО – и хориҷӣ ва ватанӣ собит месозад, ки дар масъалаи ҳамчун «аслиҳаи биологӣ» донистани коронавирус COVID – 19 дар байни олимон, коршиносон, мутахассисони соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, низомӣ, тиб ва ғайра, мавқеи ягона вуҷуд надорад. Баъзеҳо онро, яъне коронавирусро, «аслиҳаи биологӣ» медонанд, гурӯҳи дигар бошад инро инкор мекунанд.

Масалан, олими рус И.Н. Панарин COVID – 19 – ро «аслиҳаи биологӣ» ҳисобида ва дар лабораторияи биологӣ тавлид шудани онро тасдиқ мекунад. Дар ин маврид ӯ чунин гуфтааст: «Дар ин бора ман ягон шубҳае надорам. Коронавирус ва мавҷи иттилооти дар атрофи он бардошташуда ба таври сунъӣ пайдо шудаанд» [31].

Ин фикрро сардори Раёсати тандурустии Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи Эрон Ҳ. Ароқизода тасдиқ намуда чунин қайд кардааст: «Коронавирус «аслиҳаи биологӣ» ва ҳамчун яке азунсурҳои «ҷангҳои биологӣ» маҳсуб мешавад” [32].

Гуфтаҳои И.Н. Панарин ва Ҳ. Ароқизода асоси воқеӣ доранд. Ба ақидаи мо, COVID – 19 воқеъан ҳам «аслиҳаи биологӣ» буда, он дар шароити лабораторӣ, аз

тарафи яке аз абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, истеҳсол карда шудааст. Зеро он ба ихтиёри худ пайдо шуда наметавонад.

Дар навбати худ, аксарияти олимону коршиносон, таҳлилгарон ИМА ва ҶХХ – ро ҳамчун коркардкунанда ва паҳнкунандагони ин «аслиҳаи биологӣ» медонанд. Чунончи, тибқи хабари канали телевизионии WCVB- и ИМА, ки моҳи майи соли 2020 расонаӣ гардидааст, дар ИМА ихтироъкунандаи коронавирус доктор Чарлз Либер – сардори шуъбаи химия ва биологияи Донишгоҳи Ҳарвард дастгир гардидаст. Мақомоти ИМА изҳор доштанд, ки мавсуф бо донишгоҳи шаҳри Ухани ҶХХ дар тамос буда, ба ҷониби хитоиҳо дар ивази маблағи 1,5 миллион доллари ИМА иттилооти махфиёнаро оид ба коронавирус фурӯхтааст [33].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса намуд, ки дар коркард ва паҳн кардани коронавирус абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ, пеш аз ҳама ИМА ва ҶХХ даст доранд. COVID – 19 дар лабораторияҳои махфии ин кишварҳо ба ҳайси «аслиҳаи биологӣ» озмоиш ва истеҳсол карда шудааст.

Зеро, баҳси асосӣ ҳам, то ҳол дар байни кишварҳои мазкур идома дорад. Дар шароити кунунии авҷгирии «ҷанги сард» байни ИМА ва ҶХХ, ки бо истифода аз технологияҳои гуногуни «ҷангҳои омехта»- «ҷангҳои иқтисодӣ», «ҷангҳои таҳримӣ», «ҷангҳои гумрукӣ», «ҷангҳои дипломатӣ» ва ғайра сурат гирифта истодааст, ин хулоса ба ҳақиқат наздик буда метавонад.

Аз рӯзи аввали нуфуз пайдо кардани коронавирус дар байни абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ дар мавзӯи: коронавирус оё «аслиҳаи биологӣ» мебошад ё не; он дар шароити лабораторӣ коркард ёфтааст ё табиатан пайдо шудааст; кадом як аз абарқудрати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ дар истеҳсол/ коркард ва паҳн кардани он даст дорад; ваксинаи он чи тавр ва дар куҷо мавриди истеҳсол қарор дорад; ки киро бо ин маризӣ сироят кунонидааст; аз лабораторияи кадом кишвар коронавирус ихроҷ шудааст; оё зуҳури мавҷҳои дуюм ва минбаъдаи он имконпазираст ва ғайра, баҳсҳо идома доранд. Чунин муқобилиятро олимону коршиносон, ВАО аллакай чун «ҷангҳои коронавирусӣ» - яке аз намудҳои «ҷангҳои биологӣ» номида, дар атрофи он изҳори ақида мекунанд.

Вобаста ба ин, аз тарафи абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ иттилооти манфиатдор ё бардурӯғ паҳн карда мешавад. То имрӯз ягон абарқудрат масъулияти коркард ва паҳн кардани коронавирусро ба души худ нагирифтааст. Дар ин кор ҳама ҳарифи худро гунаҳкор медонанд, яъне америкоиҳо ва шарикони онҳо хитоиҳо ва шариконашонро айбдор мекунанд ва баръакс.

Аз ин лиҳоз, мавҷи бузурги иттилооти бардурӯғ имконият намедиҳад, ки кишвари ба коркард ва паҳншавии коронавирус дастдошта мушаххас карда шавад. Дар ин ҷода ақидаю назарияҳои гуногуни илмӣ, конспирологӣ ва ғайра низ, ба миён омадаанд. Маҳз ҳамин ҳолат, барои ҳамчун яке технологияи «ҷангҳои омехта» донистани «ҷангҳои биологӣ" ва аслиҳаи имрӯзаи он коронавирус асос шудааст. Зеро, яке аз принсипҳои асосии «ҷангҳои омехта» ин аст, ки иҷрокунандаи онро муайян кардан ғайриимкон мебошад. Яъне, ягон абарқудрати ҷаҳонӣ ба минтақавӣ ошкор намекунад, ки аз чунин усулҳои ғайриҷангии «ҷангҳои омехта» истифода менамояд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки «ҷангҳои омехта» дар дурнамо аз байн нарафта, вобаста ба рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии муосир рушду такомул меёбанд.

Бо дарназардошти самт ё соҳаҳои гуногуни муқобилияти абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ (сиёсӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва ғайра), технологияҳои навтарини «ҷангҳои

омехта» пайдо мешаванд, ки ба амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун субъекти алоҳидаи муносибатҳои байналмилалӣ, аз таъсири технологияҳои гуногуни «ҷангҳои омехта» истисно буда наметавонад.

**Адабиёт:**


1. Азамова А. Военные контролируют таджикский наркобизнес. https://flb.ru/info/2449.html [10]
2. Богатые таджики оказались крупными наркобаронами Подмосковья https://www.ntv.ru/novosti/324402/ [14]
3. В Таджикистане задержаны руководители МВД, «крышевавшие» наркомафию. https://www.newsru.com/crime/26jan2012/drugmvdarsttadzh.html [12]
4. Власти Кыргызстана постоянно идут на уступки в переговорах с Таджикистаном https://24.kg/obschestvo/134707_vlasti_kyirgyizstana_postoyanno_idut_naustupki_vperegovorah_stadjikistanom_/ [18]
5. Героин: таджикский завоз. www.compromat.ru › page_18011 [11]
6. Губайдулина М.Ш. Маршрутизация наркотрафика «Северный» и «Каспийский» в проблематике региональной безопасности. https://articlekz.com/ article/ 16240 [15]
7. Дипломатия минометов . Газета Коммерсантъ" №169 от 18.09.2019, стр. 6 [20]
8. Конфликт на границе. Депутаты требуют отчета комиссии по делимитации https://24.kg/vlast/138438_konflikt_nagranitse_deputatyi_trebuyut_otcheta_komissii_podelimitatsii/ [19]
9. Космарский А. Дурман для диктатуры. https://fergana.ru/articles/103444/ [9]
10. Красильникова П.Н. Фейковые войны 17 Апреля 2018 // http://vremenynet.ru/headings/?SECTION_ID=25&ELEMENT_ID=11580] [7]
11. Кузнецов С. Муки выбора: почему Таджикистан не спешить вс тупить в ЕАЭС и чем это грозит https://tj.sputniknews.ru/analytics/20191202/1030322421/eaes-dengi-migranty-ekonomika-tajikistan.html [17]
12. Курбонов А.Ш. Амнияти зеҳнӣ ва истиқлолияти давлатӣ. Душанбе: Ирфон, 2016 г.- С. 64. [30]
13. Лепехин В. Что такое когнитивная война и можно ли в ней победить [Электронный ресурс] // Режим доступа: https:// ria.ru/zinoviev_club /20160426/1420518962. html [29]
14. Муқим Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ. - Душанбе: Деваштич, 2006. - 71 с. [2]
15. Нюберг Р. Гибридные операции и устойчивость общества: уроки финской истории [Электронный ресурс] // Режим доступа: https:// Carnegie.ru/?lang=ru [5]
16. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. АМИТ «Ховар». 26.12.2018. http://khovar.tj/category/president/ node/19088 [21], [24]
17. Панфилова В.: Душанбе не спешит в Евразийский союз. http://www.ng.ru/cis/2020-02-05/6_7786_tajikistan.html [16]
18. Пачепа И.М., Рычлак Р. Дезинформация. Тайная стратегия абсолютной власти. (FAKE.Технологии фальсификаций). Москва. ООО «Издательство «Э», 2016. - с.- 274. [6]
19. Почепцов Г.Г. Пять новых направлений трансформации информационной войны: реализованные подходы [Электронный ресурс]//Режим доступа [http://www. warandpeace.ru/ru /analysis/view/122239/] [3]

20. Поцепцов Г.Г. Гибридно-информационная война и роль пропаганды и контрпропаганды [Электронный ресурс] // Режим доступа: http://osvita.mediasapiens.ua/trends/ 1411978127/ gibridnoinformatsionnaya_voyna_i_rol_propagandy_i_kontrpropagandy/ [4]

21. Пушкина М.А. Теория современных гибридных войн [Электронный ресурс]// Научно-практический электронный журнал «Аллея Науки». № 8. Т -2. 2017.- с. 629 - 642// Режим доступа: Alley-science.ru [23]

23. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 15 апрели соли 2009. АМИТ «Ховар»/ khovar. tj. [1]

23. Раҳмон Э. Суханронӣ дар маъракаи ифтитоҳи муассисаҳои давлатии телевизиони «Варзиш», «Синамо» ва Академияи ВАО. 01.03.2016. АМИТ «Ховар»»/ khovar. tj. [8], [22].

24. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2018 http://khovar.tj/category/president/ node/19088 [21], [24].

26. Сайт Таможенной службы Таджикистана подвергся хакерской атаке. 16 ноября 2017, 09:36 [Электронный ресурс]// Режим досту2а: http://avesta.tj/2017/11/16/sajt-tamozhennoj-sluzhbe-tadzhikistana-podvergsya-hakerskoj-atake/ [26]

27. Сайт независимого информационного агентства «Хамсинф» подвергся хакерской атаке [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://hamsinf.com/single.php?id=7060 [27]

28. Тимирбаева Н. Самые яркие хакерские взломы в Центральной Азии [Электронный ресурс] // Режим доступа: https: //kloop.kg/blog/2017/05/19/nash-ideal-dzhedaj-samye-yarkie-hakerskie-vzlomy-v-tsentralnoj-azii/ [25]

29. Шерали Табаров - первый наркобарон, приговоренный в России к пожизненному.https://akhbor-rus.com/-p2267-96.htm [13]

30. Юсупова Ш. Как зарождается отрасль информационной безопасности в Таджикистане [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://digital.report/kak-zarozhdaetsya-otrasl-informatsionnoy-bezopasnosti-v-tadzhikistane/ [28]

31. Панарин И.Н. Операция COVID-2019 – это игра на свержение Путина, Трампа и Си Цзиньпинаhttps://centrasia.org/newsA.php?st=1586842620

32. Коронавирусная инфекция – биологическоеоружие: Генштаб Ирана. http://realtribune.ru/news/news/4045

33. В США арестован создатель Covid-19. https://1107552.howto-news.info/v-ssha-arestovan-sozdatel-covid-19/?utm_medium=referral&utm_source=lentainform&utm_campaign= howto-news.info&utm_term=1254370&utm_content=8535195

## ИСТИФОДАИ БАЪЗЕ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ «ҶАНГҲОИ ОМЕХТА» БА МУҚОБИЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур масъалаи истифодаи баъзе технологияҳои «ҷангҳои омехта» ба монанди «ҷангҳои иттилоотӣ», «ҷангҳои киберӣ», «ҷангҳои когнитивӣ», «ҷангҳои биологӣ» ба муқобили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи илмӣ мавриди тадқиқот қарор гирифтааст.

Аз тарафи муаллиф дар асоси мисолҳои мушаххас аз сарчашмаҳои илмӣ хусусият, моҳият ва самтҳои асосии технологияҳои мазкур инъикос ёфтаанд. Дар мақола қайд гардидааст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои «ҷангҳои иттилоотӣ», «ҷангҳои киберӣ» («киберҷангҳо») ва таҳдиду хатари онҳо ба амнияти

миллии кишвар аҳамияти хоса додаанд. Бо такя ба ин, муаллиф ҳангоми кушода додани мавзӯъ аз суханрониҳои Пешвои миллат доир ба масъалаи баррасишаванда иқтибосҳои дахлдор оварда, ақидаи илммии худро тақвият додааст.

Ба ақидаи муаллиф, аз технологияҳои зикргардидаи «ҷангҳои омехта» абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ дар чорчӯбаи татбиқи ҳадафҳои геополитикӣ ва геоиқтисодии худ бар зидди якдигар – барои пешсафии мутлақ дар ҷаҳон, инчунин, дар кишвару минтақаҳои мавриди назар – барои зери нуфузи худ даровардани онҳо, истифода менамоянд. Дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истисно намебошад.

**Калидвожаҳо**: «ҷангҳои омехта», «ҷангҳои иттилоотӣ», «киберҷангҳо», «ҷангҳои когнитивӣ», “ҷангҳои биологӣ”, абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: Сангинов Н.Н., мудири шуъбаи Осиёи Маркази Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33,тел.: (+992) 918 68 40 60; E –mail: sanginov1953@mail.ru

## ПРИМЕНЕНИЕ ОТДЕЛЬНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ «ГИБРИДНЫХ ВОЙН» ПРОТИВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В настоящей статье с научной точки зрения исследованы вопросы применения отдельных технологий «гибридных войн» такие как «информационные войны», «кибервойны», «когнитивеые войны», «биологические войны» против Республики Таджикистан.

Автором на основе конкретных примеров из научных источников отражены особенности, сущность и основные направления указанных технологий. В статье отмечается, что Основоположник мира и национального согласия, Лидер нации – Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон уделяет пристальное внимание проблемам «информационных войн», «кибервойн», которые представляют угрозу национальной безопасности страны. Опираясь на это, автор при раскрытии темы подкрепил свои научные мнения соответствующими выдержками из высказываний Лидера нации по рассматриваемым вопросам.

По мнению автора, мировые и региональные державы используют вышеуказанные технологии в рамках реализации своих геополитических и геоэкономических целей друг против друга – за единоличное лидерство в мире, а также, в странах или регионах влияния – за взятия их под свой контроль. В этом направлении Республика Таджикистан не является исключением

**Ключевые слова**: «гибридные войны», «информационные войны», «кибервойны», «когнитивные войны», «биологические войны», мировые и региональные державы.

**Сведения об авторе**: Сангинов Н.Н., заведующий отделом Центральной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 33, тел.: (+992) 918 68 40 60; E –mail: sanginov1953@mail.ru

## APPLICATION OF CERTAIN TECHNOLOGIES OF "HYBRID WARS" AGAINST THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, from a scientific point of view, the issues of application of certain technologies of "hybrid wars" are investigated, since "information wars", "cyber wars", "cognitive wars", "biological wars" against the Republic of Tajikistan.

The author, based on specific examples from scientific sources, reflects the features, essence and main directions of these technologies. The article notes that the Founder of Peace and National Accord, the Leader of the Nation - the President of the Republic of Tajikistan, esteemed EmomaliRahmon, pays close attention to the problems of "information wars", "cyber wars", which pose a threat to the national security of the country. Based on this, the author, when disclosing the topic, support your scientific opinions with appropriate extracts from the statements of the Leader of the Nation on the issues under consideration.

According to the author, world and regional powers use the above technologies in the framework of their geopolitical and geo-economic goals against each other - for sole leadership in the world, as well as, in countries or regions of influence - for taking them under their control. In this direction, the Republic of Tajikistan is no exception.

**Key words**: "hybrid wars", "information wars", "cyber wars", "cognitive wars", "biological wars", world and regional powers.

**Information about the author**: Sanginov N., Head of the Central Asia Department, Institute for the Study of Asian and European States NAST, 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 33,tel.: (+992) 918 68 40 60; E –mail: sanginov1953@mail.ru

# МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА МИНТАҚАШИНОСӢ

## ДУРНАМОИ МУНОСИБАТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО

**Воҳидова С. д.и.т., профессор**
**Ҷамилов С., магистранти шуъбаи**
**Аврупо ва Амрико**

Ҳамкориҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико моҳи феврали соли 1992 барқарор гардиданд. Ҳамон сол Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Сафорати худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ намуд. Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ИМА дар шаҳри Вашингтон аз ҳамон давра, яъне аз соли 1992 амал менамояд [1, с.12].

Санади равобити байни ин ду кишварро сафари расмии Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз бахшид.

Муҳаққиқи тоҷик Р.Ғ. Абдулло дар мақолаи таҳлилии худ "Тоҷикистон - ИМА: ҳамдигарфаҳмӣ ва мунокишаҳои бидуни низоъ" таъкид мекунад, ки "Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали истиқлолияти худ, рушди муносибатҳои мустаҳкамро бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико вазифаи стратегии худ, кафолати нигоҳ доштани истиқлолияти нав мешуморад, ки ин муҳимтарин иқдом маҳсуб меёбад" [1, с.82].

Соли 1995 ду санади ҳамкорӣ - "Дар бораи ҳамкории фарҳангӣ" ва "Дар бораи ташкили бунёди таҳқиқот ва мутахассисон" ба имзо расид. Худи ҳамон сол дар шаҳри Вашингтон таъсиси Фонди таҳқиқот ва мутахассисон ба имзо расид ва 10 миллион доллар ҷудо гардид [5, с.1]. Аз ҳамкории фарҳангӣ, ба хусус омӯхтани забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ шурӯъ гардидани робитаҳои Тоҷикистону ИМА асоси воқеӣ дошт.

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Тоҷикистон барои донишомӯзон як қатор барномаҳои таълимӣ, ба вижа "Edmund Maskie", "Fulbright", "Flex", "Cochran" ва барномаи тадқиқотӣ ва таҷрибаомӯзии "SABIT" татбиқ менамояд [6, с.1].

Инчунин ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ки яке аз кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ қудратманди ҷаҳон ба шумор меравад, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошад. Муносибат бо кишварҳои дар ҳоли рушд, аз ҷумла муносибатҳои иқтисодӣ, қисми таркибии сиёсати хориҷии ИМА ба ҳисоб меравад.

Муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистон ва ИМА баъд аз расидан ба ризоияти миллӣ, яъне пас аз соли 1997, рӯ ба рушд ниҳод. Тоҷикистон дар намоишгоҳҳои бузургтарини ҷаҳонӣ бо дастгирии ҳукумати ИМА гӯшаи хоси худро ба оламиён пешниҳод кард.

Равобити тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон ва ИМА қадам ба қадам вусъат меёбад. Аз Тоҷикистон ба ИМА асосан нахи пахта, алюминий, маҳсулоти чорво ва ғайра содирот карда мешавад. Маҳсулоте, ки аз ИМА ва Тоҷикистон ворид мегарданд, асосан аз маводи рангу бор, коғаз, доруворӣ, маводи табъу нашр, асбобҳои барқӣ, дастгоҳҳо, воситаҳои автомобилӣ, аккумуляторҳо, трансформаторҳо ва ғайра иборатанд.

Соли 2010 аз ҷониби ИМА барои таҷдиди дастгоҳи барқтақсимкунии Нерӯгоҳи Барқӣ-и обии Норак 21 млн. доллар ҷудо шудааст. Ҳамчунин ИМА барои таҷдиди Нерӯгоҳи Барқии Помир 1 ва нерӯгоҳи хурди барқӣ дар водии Бартанг созишнома ба имзо расонд [4].

Муносибатҳои судманд байни ҳокимияти қонунгузори ҳар ду кишвар низ барқарор ва идома ёфтанд. Моҳи ноябри соли 1997 бо даъвати Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати расмии ИМА ба Душанбе ташриф овард. Худи ҳамон сол се нафар намояндаи Маҷлиси Олӣ бо даъвати Ҳукумати ИМА барои ширкат дар семинари ҳарсола ба ИМА сафари корӣ анҷом доданд. Чунин ҳамкориҳо минбаъд низ идома ёфтанд, солҳои 2009, 2013, 2017 вохӯриҳои судманд байни намояндагони мақомоти қонунгузори ҳарду ҷониб сурат гирифтанд.

30-уми октябри соли 2017 дар шаҳри Душанбе вохӯрии намояндагони Ҳукумати ИМА бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид ва дар натиҷаи он 8 санади ҳамкорӣ ба имзо расид, аз ҷумла созишнома дар бораи дӯстӣ, табодули иттилооти ҳуқуқӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи экспертизаи судӣ, мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, гумрук, бехатарӣ, амният ва ғайра. Бояд таъкид кард, ки ИМА аз ҷумлаи кишварҳоест, ки бо Тоҷикистон ҳамкориҳои пайвастаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро дар сатҳи зарурӣ анҷом медиҳад.

Тоҷикистон бо ИМА нисбат ба дигар кишварҳои Ғарб теъдоди зиёди санадҳои ҳамкориро ба имзо расонидааст. То имрӯз байни Тоҷикистон ва ИМА 35 санади ҳамкорӣ ба имзо расидааст, ки 30 шартномаҳои байниҳукуматӣ, 9 байнисоҳавӣ ва 1 изҳороти муштарак мебошанд. Ин санадҳо доираи васеи ҳамкориҳои дуҷонибаро фаро гирифта, барои ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва илмию фарҳангӣ заминаи ҳуқуқӣ муҳайё мекунанд.

Сафари расмии Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ИМА соли 2017 марҳилаи нави ҳамкориҳоро оғоз бахшид. Дар ин сафар бо мақсади ҷалби сармоя ба иқтисоди Тоҷикистон ва густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ як қатор вохӯриҳои судманд баргузор гардиданд.

Рӯзи 17 сентябри соли 2014 байни Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон ва ҳукумати ИМА шартнома дар шакли табодули нотаҳо барои аз нав барқарор намудани маблағгузории лоиҳаи таҷдиди НБО - и Мурғоб имзо гардид.

Бояд таъкид кард, ки ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону ИМА асосан хусусияти лоиҳавӣ доранд ва ҳамаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз тариқи муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ татбиқ мегарданд. Ин муассисаҳо асосан «ЮСАИД», «Хадамоти рушд» мебошанд.

Ҳамкориҳои молию техникиро низ назаррасанд. Масалан, танҳо дар соли 2016 ИМА дар Тоҷикистон 22 млн. доллар харҷ кард, ки аз ин 18 млн. ба маблағгузории ҳамкориҳо сарф гардидааст.

Дар ҳоли ҳозир дар доираи ҳамкориҳои техникӣ дар Тоҷикистон коршиносони америкоӣ фаъолият доранд. Фаъолияти «ЮСАИД» дар ҷумҳурӣ назаррас аст.

14 майи 2009 шартномаи навбатӣ дар бораи ҳамкории техникӣ байни ҳукумати ҶТ ва ИМА барои солҳои 2016-2019 дар шаҳри Вашингтон ба имзо расид. Дар доираи ин шартнома ба Тоҷикистон ҷудо кардани 21 млн. доллар пешбинӣ шуд.

Тибқи маълумоти Оҷонсии давлатии омори ҶТ, дар давоми нуҳ моҳи аввали соли 2017 ҳаҷми савдои дуҷонибаи Тоҷикистону ИМА 82724,0 ҳазор долларро ташкил дод (содирот – 98,6 ва воридот 67528,4 ҳазор доллари ИМА) дар ҳоле, ки дар ҳамин давраи соли 2016 ин нишондиҳанда мутаносибан ба 59387,0 (содирот 1017,3 ва воридот 3215,6 доллари ИМА) баробар буд. Яъне дар равобити иқтисодию тиҷоратӣ рушд ба назар мерасад.

Дар соҳаи ҳарбӣ низ Тоҷикистон бо ИМА равобит барқарор кардааст. Соли 2015 дар шаҳри Ню-Йорк вохӯрии намояндагони Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ИМА баргузор гардид. Дар вохӯрӣ масъалаҳои ташкили курсҳои омӯзишӣ барои

мутахассисон ва курсантҳои Вазорати мудофиаи Тоҷикистон, ба роҳ мондани ташрифоти дуҷонибаи намояндагони ҳарду вазорат, кӯмаки башардӯстонаи амрикоӣ барои тақвияти имконоти Вазорати мудофиаи Тоҷикистон баррасӣ гардид ва шартнома ба имзо расид, инчунин нақшаи кор барои соли 2016 тартиб дода шуд [7, с.2].

Соли 2015 ИМА дар доираи ҳамкориҳои низомӣ барои соли 2016 6 ҷой барои курсҳои омӯзишӣ ва такмили ихтисоси аскарон ва афсарони Тоҷикистон ҷудо кард.

10 майи соли 2017 вохӯрии навбатии намояндагони вазоратҳои мудофиаи ҳарду кишвар баругзор гардид, ки дар он ҳамкориҳои низомии дуҷониба мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Ҳамкориҳои илмӣ низ аз оғози муносибатҳои дипломатии Тоҷикистону ИМА барқарор гардида, пурсамар идома дорад.

Соли 2002 аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати «Дарҳои боз» эълон гардид. Ин сиёсат барои гуногунсамт гардидани равобити илмӣ низ имкон фароҳам овард. Имрӯз муассисаҳои тадқиқотии Академияи Миллии илмҳои Тоҷикистон бо аксари кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз ҷумла ИМА, равобити илмӣ доранд, олимони тоҷик бо ҳаммаслакони амрикоии худ таҳқиқоти муштарак анҷом медиҳанд. Дар моҳи феврали соли 2020 байни Институти омӯзиши масъалаҳои кишварҳои Осиёву Аврупо ва донишгоҳи Не - Браскаи ИМА «Созишномаи ҳамкорӣ» ба имзо расид.

Зимнан, байни Институти физикаю техникии Академияи Миллии илмҳои Тоҷикистон ва Институти физикаю техникии амрикоӣ, Институти Физиологияи наботот ва генетикаи АМИТ ва Ҷамъияти ҳифзи ҳайвонот ва Институти афсурдагии биотехникӣ ва толерантии амрикоӣ, Шуъбаи биология ва тибби АМИТ ва ширкати хусусии амрикоӣ, Институти геология ва Институти илмӣ-тадқиқотӣ, академияи Вашингтон ва дигар донишгоҳҳову донишкадаҳои ИМА равобити илмӣ барқарор аст [4, с.1].

Мутахассисони амрикоӣ таҳқиқоти лоиҳаи сохтмони нерӯгоҳи барқи обии водии Помирро ба анҷом расонида, беғаразона исбот карданд, ки сохтмони нерӯгоҳ барои ҷумҳурии поёноб ҳеҷ гуна мушкилиро пеш намеорад, балки манфиатбахш аст.

Як қатор олимони тоҷик дар лоиҳаҳои тадқиқотии муштарак ширкат варзиданд. Доктори илмҳои физикаю математика М. Зоҳиров узви Ҷамъияти астрономҳои ИМА гардид.

Ҳамкориҳо дар соҳаи маориф, омода кардани мутахассисони баландпоя низ бомуваффақият сурат гирифт. Соли 2005 Ҳукумати ИМА барои ислоҳоти дастгирии мактабҳои таҳсилоти миёна ба маблағи 6 млн. доллар ёрии бебозгашт расонд. Байни мактабҳои олии Тоҷикистон ва ИМА ҳамкориҳои пайваста идома дорад. Ҷавонони тоҷик дар донишгоҳҳои мухталифи ИМА таҳсил мекунанд. Танҳо дар солҳои 2010 – 2011 тибқи лоиҳаҳои гуногуни Fulbright (36 нафар барои баланд бардоштани савияи касбии худ ба иёлотҳои гуногуни ИМА фиристода шуданд. Зимнан, Fulbright ҳар сол даҳҳо нафар ҷавонону мутахассисонро барои таҳсил ва бозомӯзӣ ба ИМА равон мекунад.

Яке аз шаклҳои рушди робитаҳои хориҷӣ табодули китоб мебошад. Табодули китоб байни Китобхонаҳои илмии Тоҷикистон ва Китобхонаи миллии Амрико ҳанӯз аз соли 1994 оғоз гардидааст. Муносибатҳои мубодилавӣ байни Китобхонаи Ню-Йорк, Ҷамъияти илмии Амрико ва Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба роҳ монда шуданд. Аз ҷониби ИМА зиёда аз 11 ҳазор китоб ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода шуд [9, с.1]. Илова бар ин, боз аз ҷониби Сафорати ИМА дар шаҳри Душанбе беш аз 300 нусхаи дигар китобҳои амрикоӣ, барои шаҳрвандоне, ки мехоҳанд забони англисиро омӯхта дар ИМА таҳсил намоянд, аз он фаъолона истифода мебаранд. Ҳамчунин

мақолаҳои илмии олимони тоҷик дар маҷаллаҳои илмии Амрико ба табъ мерасанд. Тарҷумаи асарҳои нависандагон, инчунин асарҳои тадқиқотӣ дар бораи Тоҷикистон ва ИМА чоп мешаванд.

Дар мурири замон таърихи муносибатҳои Тоҷикистону ИМА шаҳодат медиҳад, ки ҳамкориҳо байни ин ду кишвар ба сатҳи назаррас баровaрда шудааст. Аммо ин сатҳ ба воқеияти имрӯза ҷавобгӯ нест. Имкониятҳои рушд, ки истифода нашудаанд, зиёданд. Механизми ягонаи гуфтугӯи доимии фарҳангию илмӣ ва таълимӣ ҳанӯз кор карда нашудааст.

Дар соҳаи равобити иқтисодӣ низ ин проблемаҳо мавҷуданд. Тоҷикистон метавонад дар соҳаи гидроэнергетика, корхонаҳои саноатӣ дар марҳилаи индустрикунонии кишвар, ки ҳадафи чаҳорум эълон шудааст, омода кардани мутахассисони миёнаву баландпоя, соҳаи туризм сармояи америкоиро ҷалб намояд [3, с.122].

Ҳоло Тоҷикистон ба як консепсияи мушаххас оид ба рушди босамари ҳамкориҳо дар фаъолияти сиёсии хориҷӣ ба ИМА эҳтиёҷ дорад. Зарур аст, ки Тоҷикистон аз таҷрибаи усули сифатан наве, ки дар давлатҳои ҳаммаслаки худ, дар солҳои охир ба роҳ монда шуд, истифода намуда, масоилро густурдатар ба миён гузорад ва манфиатҳояшро бештар муайян карда, ҳамкорӣ ва шарикиро ба тариқи мушаххас ба роҳ монад. Ҳамчунин дар соҳаи туризм, ки Тоҷикистон рушдиояндаи онро дар нақша дорад, омӯхтани таҷрибаи ИМА хеле муфид хоҳад буд, зеро самтҳои савдо ва сайёҳӣ аз дуввумин сохторҳои бузургҳаҷми ИМА ба ҳисоб рафта, 6 % маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳанд. Ин соҳа мустақиман ё бавосита тақрибан 4 млн. нафарро бо кор таъмин мекунад. Дар ин соҳа қариб сад ҳазор нафар касб меомӯзанд, аз ҷумла меҳмоннавозӣ, кор дар тарабхонаҳо ва дигар муассисаҳои хӯроки умумӣ. Барои омода кардани кадрҳои сайёҳӣ ИМА метавонад барои Тоҷикистон як намунаи муфид маҳсуб бошад.

**Адабиёт**:

1. Абдулло Р.Г. Политика США в Таджикистане: от признания независимости к партнерству // Центральная Азия и Кавказ. 2007. № 4 (52).- С. 82-86.

2. Дипломатия Таджикистан, т. 1. Душанбе, 2009, 296 с.

3. Дипломатия Таджикистан, т. 2. Душанбе, 2011, 296 с.

4. Кудратов К. А. Отношения Республики Таджикистан с Соединенными Калишевский М. Таджикистан после Украины: «изучает, наблюдает, размышляет», Международное информационное агентство «Фергана», 26.06.2014

5. Саидмуродов А.Л. Эволюция политики США в отношении Республики Таджикистан, автореферат кандидатской диссертации, 2012

6. Сотрудничество РТ и США. Официальный сайт МИД РТ. www.mid.tj.

7. Таджикистан: в зоне особых интересов США, Голос России, 26 февраля 2014

8. Штатами Америки и проблемы безопасности // Вестник Новосибирского государственного университета. Серия: История, филология. — 2014. — Т. 13. — № 4. — С. 218—219

9. https://mfa.tj/ru/main/view/175/otnosheniya-tadzhikistana-s-soedinennymi-shtatami-ameriki

## ДУРНАМОИ МУНОСИБАТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) аз аввалин кишварҳои Ғарб мебошад, ки муносибатҳои дипломатиро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор намуда, пайваста барои

рушди он талош меварзад. Дар мақола доираи ин муносибатҳо аз назари таърихи рушди муносибатҳо сухан меравад.

**Калидвожаҳо**: ҳамкорӣ, санад, порлумон, иқтисод, тиҷорат, саноат, энергетика, илм, маориф, фарҳанг.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Санавбарбону Воҳидова – доктори илмҳои таърих, профессор, мудири шуъбаи Аврупо ва Амрикои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Нишонӣ: Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. E-mail: sanajanvoh@mail.ru тел: (+992) 935 00 87 32.

Ҷамилов Субҳонуддин, магистранти шуъбаи Аврупо ва Амрикои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, тел: (+992) 988-17-60-60, E-mail: subhoni_said94@yahoo.com

## ПЕРСПЕКТИВА ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И СОЕДИНЕННЫХ ШТАТОВ АМЕРИКИ

Соединненый Штат Америки (США) из числа первых стран запада, который установил дипломатичекие отношение с Республикой Таджикистан и положительно стремится за её развитие. В данной статье исследуется отношениях двух стран: Таджикистан и США.

**Ключевые слова**: взайимодействие, договоры, парламент, экономика, бизнес, промышленность, энергетика, наука, просвешение, культура.

**Сведения об авторе:** Санавбарбону Вохидова доктор исторических наук, профессор заведующий отделом Европы и Америки Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана. Адрес: Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 33. E-mail: sanajanvoh@mail.ru тел: (+992) 935 00 87 32.

Джамилов Субхонуддин, магистрант отдела Европы и Америки Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана, тел: (+992) 988-17-60-60, E-mail: subhoni_said94@yahoo.com

## PROSPECTS FOR RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE UNITED STATES OF AMERICA

The United States of America is one of the first countries in the European Union to establish diplomatic relations with the Republic of Tajikistan and is positively committed to its development. This article explores the relationship between the two countries of Tajikistan and USA.

**Keywords**: intercourse, acts, parliament, economy, business, industry, energy, science, enlightenment, culture.

**Information about the authors:** Sanavbarbonu Vohidova - Doctor of history sciences, professor, Head of European and American Department of the Institute of Asian and European studies, the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 33 Rudaki Ave., Dushanbe, 734025, Tajikistan. E-mail: sanajanvoh@mail.ru Phone number: (+992) 935 00 87 32.

Jamilov Subhonuddin, undergraduate of European and American Studies, Institute of Asian and European Studies, National Academy of Sciences of Tajikistan, tel: (+992) 988-17-60-60, E-mail: subhoni_said94@yahoo.com.

# ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚАТАР

**Умед Пудинаев,**
**ходими илмии**
**Институти омӯзиши масъалаҳои**
**давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

Таҷрибаҳо собит намудаанд, ки танҳо муносибати неку самимӣ ва дӯстонаи байни кишварҳо дар арсаи сиёсат, фарҳанг ва ҳамкории доимии рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои ҷаҳон метавонад самару манфиати зиёде ба бор оварад. Ҳамин аст, ки ҳамкорию таъовун миёни кишварҳо рӯз ба рӯз бештару беҳтар мегардад. Дар муносибатҳои байналмилалӣ бештари робитаҳо байни кишварҳои рӯ ба тараққиниҳода, дар ҳоли рушд қарор доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо кишварҳои Шарқу Ғарб рӯз ба рӯз ҳамкории худро беҳтару хубтар ба роҳ монда истодааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии «дарҳои кушода»-ро пайгирона дар амал татбиқ н амуда, эҷоди воситаҳои самарабахши онро дар ба ҳам овардани манфиатҳои миллӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ, муттаҳид намудани саъю талошҳои ҳамаи давлатҳоро барои омода намудани аксуламали муносиб дар баробари таҳдид ва хатарҳои замони муосир имконпазир мешуморад [4, с.50].

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари пешбарандаи сиёсати хориҷии сулҳҷӯёнаву созанда эътироф гардида, пазируфта шудааст. Ба шарофати сиёсати «дарҳои кушод», ки ҷавҳари равобити байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташаккул медиҳад, мо тавонистем бо аксари давлатҳои дунё муносибатҳои нек ва ҳамкориҳои судманди гуногунҷанбаро дар соҳаҳои мухталиф ба роҳ монда, тақвият бахшем [6].

Зимнан, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи сиёсати хирадмандони худ бо давлатҳои арабӣ низ ҳамкориҳои судманди дуҷонибаро ба роҳ мондааст, ки ин амал омили пешравии кишвар ба шумор меравад.

Давлати мо бо мақсади роҳ ёфтан ба бозорҳои босуръат инкишофёбандаи сармоя, технология, ашёи хом ва маҳсулоти саноатӣ рушду таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо кишварҳои араб ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ба монанди Арабистони Саудӣ, Қатар, Кувайт, Баҳрайн, Миср, Алҷазоир, Аморoти Муттаҳидаи Араб, Ветнам, Индонезия, Малайзия, Ҷумҳурии Корея ва Япония, аз самтҳои афзалиятноки хеш меҳисобад [4, с.12].

Тоҷикистон ин сиёсатро, бо дарназардошти раванди ҷаҳонишавӣ ва воқеиятҳои нави байналмилалӣ, идома дода, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҳамкориҳояшро бо шарикони стратегӣ ва минтақавию байналмилалӣ ба сатҳи сифатан нав барорад.

Бо таҳкими истиқлолияти давлатӣ муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои арабӣ рӯ ба афзоиш ниҳода, алоқаҳои дипломатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ байни онҳо тақвият меёбад. Ифтитоҳи сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Миср ва ба кор шурӯъ кардани консулгариҳо дар Арабистони Саудӣ ва Аморoти Муттаҳидаи Араб, сафарҳои расмии сатҳи олии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлатҳои арабӣ ва дидори бархе аз мақомоти баландпояи давлатҳои арабӣ аз Тоҷикистон далели рӯшани тақвият ёфтани равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои арабӣ мебошанд.

Бояд гуфт, ки олами араб аз ҷиҳати ҳудуд ягона аст: дар масоҳати калон аз соҳилҳои халиҷи Форс ба воситаи ҳудудҳои Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ва Шимоли Африқо

то соҳилҳои уқёнуси Атлантика тӯл кашида, 23 давлати Араб (бо шумули Фаластин) бо ҳайати якхелаи қавӣ ҷой гирифтааст. Дар ин ҳудуд зиёда аз 345 млн. нафар аҳолӣ иқомат дорад, ки 90% арабҳо ва 10%-ро намояндагони гурӯҳҳои дигари этникӣ ва миллатҳо ташкил медиҳанд. Арабҳо новобаста аз кишваре, ки дар он умр ба сар мебаранд, худро ба ин миллат мансуб медонанд [1, с.15].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар беш аз 20 кишвари дунё забони адабии арабӣ забони давлатӣ буда, барои беш аз 330 миллион бошандаи ин кишварҳо забони модарӣ маҳсуб мешавад. Теъдоде аз ин кишварҳо аз қабили Кувайт, Қатар, Амороти Муттаҳидаи Араб ва Арабистони Саудӣ дар қатори давлатҳои пешрафтаи дунё ҷой гирифтаанд.

Яке аз чунин кишварҳои пешрафтаи ҷаҳони араб Давлати Қатар аст, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории қавӣ дорад. Равобити ҳамкорӣ ва густариши табодули афкор бо кишвари арабии Қатар аз масъалаҳои муфиди иқтисодӣ, ҷалби сармоя ва ҳамкориҳои судманди дуҷониба мебошад.

Дар мақолаи мазкур муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Қатар ҳамаҷониба мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор медиҳем.

**Маълумоти мухтасар аз таърихи истиқлолияти Давлати Қатар**

Давлати Қатар, яке аз кишварҳои арабӣ буда, номи расмиаш Ҳукумати Қатар аст, ки дар қисмати ҷанубу ғарбии қораи Осиё дар минтақаи Ховари Миёна ва дақиқан дар Шарқи нимҷазираи арабӣ ва дар канори Халиҷи Форс воқеъ аст.

Пойтахти он шаҳри Давҳа мебошад. Қатар бо Арабистони Саудӣ, Эрон, Баҳрайн ва бо Аморати Муттаҳидаи Араб ҳамсарҳад аст.

Қатар сурати ҳокимияти мутлақ ва ҷудонашаванда ворисе аз миёнаи асрҳои XIX мелодӣ ҳукмронӣ мекунад. Пеш аз ошкор шудани нафти хом, Қатар асосан ҷойгоҳи шикори марворид ва истгоҳи тиҷорати баҳрӣ шинохта мешуд. Ин кишвар то соли 1971 дар зери ҳимояи Британиё буд. Пас аз истиқлолият дар соли 1971, ба сабаби бойигарии зери заминӣ даромади саршори нафту гази табиӣ, ин кишвар ба яке аз сарватмандтарин кишварҳои минтақа табдил ёфт. Ҳамаи мансабҳои калидӣ дар Қатар аз ҷониби оилаҳои Оли Сонӣ ё наздикони онҳо идора мешаванд. Аз соли 1992 инҷониб, кишвар бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико муносибатҳои васеъ дорад.

Қатар дорои захираҳои фаровони табиӣ мебошад. Маҷаллаи Forbes аввалин бор замоне давлати Қатарро сарватмандтарин кишвари ҷаҳон муаррифӣ карда буд. Қатар ҳамчунин дорои нишондиҳандаи баланди рушди инсонӣ дар байни давлатҳои араб шинохта шуд.

Забони расмии кишвар забони арабӣ буда, забони англисӣ забони дувуми гуфтугӯии муомилот дар Қатар ба шумор меравад. Дини расмии ин давлат дини Ислом буда, асъори он риёл ва масоҳати он 11, 493 км мураббаъ аст [9].

Агар чанде боз кардани дари сафоратҳо дертар расман кушода шуда бошад, аммо робитаҳои мутақобилан судманди тарафайн ба сатҳи олӣ расида буд.

**Муносибатҳои дипломатӣ**

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати арабии Қатар 13 декабри соли 1994 барқарор шуданд [7]. Аз ин санаи таърихӣ гомҳои устувор гузошта шуда, моҳи ноябри соли 2012 Сафорати Давлати Қатар дар шаҳри Душанбе ва моҳи майи соли 2013 Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давҳа кушода шуданд. Ҳоло Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давлати Қатар Ардашер

Қодирӣ ва Сафири Фавқулодда ва Мухтори Давлати Қатар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доктор Алӣ Муборак ал-Муҳаннадӣ фаъолияти сафоратхонаҳоро роҳбарӣ доранд.

**Ҳамкориҳои сиёсӣ**

Дар таърихи муносибатҳои дуҷониба сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Давлати Қатар 6-7 майи соли 2007 саҳифаи нав оғоз карда, ба рушди босуръати ҳамкориҳои минбаъда замина гузошт. Далели ин гуфтаҳо сафари расмии ҷавобии Амири Давлати Қатар шайх ибни Халифа Оли Сонӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тобистони соли 2007 - аввалин сафари роҳбари давлати арабӣ ба Тоҷикистон мебошад. Дар заминаи ин ду сафар пояҳои ҳуқуқӣ-шартномавии муносибатҳои ҳамкории дуҷониба бо ҳафт санади ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ, ташвиқ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ таҳким гардид.

Баргузории сафари расмии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Давлати Қатар 5 – 7 феврали соли 2017 бо даъвати амири Давлати Қатар Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ ва музокироти сатҳи олӣ дар шаҳри Давҳа, ҷиҳати тавсеаи муносибатҳои гуногунҷанбаи ду кишвар такони ҷиддӣ бахшид ва самтҳои дурнамои ҳамкориҳоро дар арсаҳои сиёсию амниятӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, сармоягузорию бонкдорӣ ва фарҳангию башарӣ мушаххас кард. Бо дастури роҳбарони олии ду кишвар байни вазоратҳои корҳои хориҷӣ мулоқоту машваратҳои сиёсӣ дар сатҳи вазирон, муовинони вазирон ва роҳбарони раёсатҳо сурат гирифт. Тамосҳои мунтазам дар сатҳи олӣ, эътимоди мутақобил ва мавқеи ягонаи ду кишвар нисбат ба ҳалли масъалаҳои мубрами минтақавию ҷаҳонӣ ва инчунин тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар ҳошияи СММ ва дигар созмонҳои ҷаҳонӣ тақвият ёфт. Тавсеаи ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангию башарӣ миёни Тоҷикистон ва Қатар дар тақвияти ҳамкориҳои байниминтақавӣ ва таъмини суботу амнияти минтақавию ҷаҳонӣ нақши созанда ва муассир дорад [8].

Дар чорабиниҳои муҳимми Тоҷикистон Давлати Қатарро ҳайатҳои воломақом намояндагӣ мекунанд. Аз ҷумла, иштироки вазири молияи Қатар Юсуф Ҳусейн Камол, вазири ҳифзи муҳити зист Аҳмад ал-Ҳумайдӣ, вазири Корҳои хориҷии имрӯза (он замон дар сатҳи вазири давлатӣ) Холид ибни Муҳаммад ал-Атия ва вазири энергетика ва саноати он доктор Муҳаммад ибни Солеҳ Ал-Сода дар нишасти 38-уми Шӯрои мудирони Бонки исломии рушд, конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об ва ҷаласаи ёздаҳуми вазирони корҳои хориҷии Муколамаи Ҳамкории Осиё нишонаи нек ба дурнамои ҳамкориҳои дуҷониба мебошад.

**Заминаҳои шартномавӣ-ҳуқуқӣ**

Заминаи ҳуқуқии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қатарро созишномаҳои зерин (14 Созишнома ва Ёддошти тафоҳум) ташкил медиҳад. Феҳристи созишномаҳое, ки байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати арабии Қатар ба имзо расидаанд:

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ (6 майи соли 2007); 2. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ташвиқ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ (6 майи соли 2007); 3. Ёддошти тафоҳум байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Давлати Қатар (6 майи соли 2007); 4. Ёддошти тафоҳум байни Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Палатаи савдо ва саноати Давлати Қатар (6 майи соли 2007); 5. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар оид ба

ҳавасмандкунӣ ва кафолати сармоягузорӣ (25 августи соли 2011); 6. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ ва таъмини амният (6 феврали соли 2017); 7. Созишномаи ҳамкорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар дар соҳаи фарҳанг (6 феврали соли 2017); 8. Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи варзиш байни Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон ва Кумитаи олимпии Қатар (6 феврали соли 2017); 9. Ёддошти тафоҳум байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки марказии Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолияти молиявӣ ва бонкӣ (6 феврали соли 2017); 10. Созишнома байни Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳуқуқ (6 феврали соли 2017); 11. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф, таҳсилоти олӣ ва таҳқиқоти илмӣ (6 феврали соли 2017); 12. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба алоқаи ҳавоӣ (6 феврали соли 2017); 13. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ (6 феврали соли 2017); 14. Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Маркази байналмилалии Давҳа оид ба муколамаи динҳо ва Маркази исломшиносии назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (21феврали соли 2018) [8].;

Инчунин 4 Санади ҳамкорӣ дар соҳаҳои сармоягузорӣ, савдо, парвариши занбӯри асал ва чорводорӣ байни мақомоти дахлдори ду кишвар ба имзо расидааст ва лоиҳаи 13 санад, ки соҳаҳои мухталифи ҳамкориро дар бар мегирад дар баррасии мақомоти марбутаи ду кишвари дӯст қарор дорад.

**Табодули сафарҳо ва музокироти дуҷониба**

Боздиди расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Давлати Қатар (6-7 майи соли 2007) ба вуқӯъ пайваст. Сафари мазкур пояҳои ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаро гузошт. Дар ҷараёни ин сафар 4 санади ҳамкорӣ байни ду кишвар ба имзо расид.

Амири Давлати Қатар Шайх Ҳамад ибни Халифа Оли Сонӣ бо сафари расмии ҷавобӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (августи соли 2007) ташриф овард. Зимни музокирот ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки бо сармоягузории Давлати Қатар як масҷиди бузург бо тарҳи замонавӣ ва бо риояи нозукиҳои меъмории тоҷикӣ дар шаҳри Душанбе бунёд шавад. Ин масҷид дар ҳоли омодабош қарор гирифта тасмим аст, ифтитоҳ гардад. Ҳамчунин мувофиқа ба даст омад, ки байни ду кишвар хати мустақими ҳавоӣ фаъол гардад. Дар шаҳри Душанбе 4 санади муҳимми ҳамкорӣ дар соҳаҳои сармоягузорӣ, савдо, парвариши занбӯри асал ва чорводорӣ ба имзо расидааст.

Вазири давлатӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалии Давлати Қатар ҷаноби Холид ал-Атийя ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафари кории кӯтоҳмуддат анҷом дода, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳавасмандкунӣ ва кафолати сармоягузорӣ аз ҷониби Давлати Қатар ба имзо расонид (25 августи соли 2011).

Вазири давлатӣ оид ба корҳои хориҷии Қатар Холид ибни Атия ҷиҳати иштирок дар нишасти ёздаҳуми вазирони корҳои хориҷии Муколамаи ҳамкориҳои Осиё бо ҳайати ҳамроҳ ба Тоҷикистон сафар анҷом дод. Дар ҳошияи ҷаласаи мазкур Вазир аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба ҳузур пазируфта шуда, масоили рушди ҳамкориҳо миёни ду кишвари дӯстро баррасӣ намуданд (28 - 29 марти 2013).

Вазири молияи Давлати Қатар ҷаноби Юсуф Камал ҳайати Давлати Қатарро дар нишасти 38-уми Шӯрои мудирони Бонки исломии рушд, ки дар Душанбе баргузор гардид, роҳбарӣ намуд (18 - 22 майи 2013).

Дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об ҳайати қатарӣ зери роҳбарии Вазири ҳифзи муҳити зисти Давлати Қатар Аҳмад бин Амир ал-Ҳумайдӣ иштирок намуд. Зимни сафари худ Сардори ҳайат бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 20 август ва 21 август бо Вазири корҳои хориҷӣ Ҳамрохон Зарифӣ мулоқот анҷом дод (20 - 21 августи 2013).

Сафари муовини якуми Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Лола Бобоҳоҷиева ба Давлати Қатар ҷиҳати иштирок дар Анҷумани байналмилалӣ оид ба инноватсия дар соҳаи тандурустӣ сурат гирифт. Дар ҷараёни сафари мазкур мулоқотҳои Лола Бобоҳоҷиева бо Вазири тандурустии Давлати Қатар баргузор гардид, ки зимни вохӯрӣ мавзӯи ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд (17 - 18 феврали соли 2015).

Бо ташаббуси Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давлати Қатар, Котиби генералии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Қатар ҷаноби Солеҳ ибни Алӣ ал-Муҳаннадӣ бо ҳайати ҳамроҳ ба мақсади густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва шиносоӣ аз вазъи кунунии соҳаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард. Зимни сафар мулоқотҳои ҳайати мазкур бо роҳбарияти Вазорати тандурустӣ, Фонди хайриявии “Лона”, Фонди ҷамъияти хайрияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Ҳамзамон, байни ҷамъиятҳои Ҳилоли Аҳмари Қатар ва Тоҷикистон Ёддошти тафоҳум ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои минбаъда ба имзо расид (23 - 27 феврали соли 2015).

Тибқи даъвати Вазири молияи Қатар сафари расмии Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Қурбонов ба Давҳа сурат гирифт (16 - 20 марти 2015).

Ҳайати Давлати Қатар зери роҳбарии Вазири энергетика ва саноати он кишвар ҷаноби доктор Муҳаммад ибни Солеҳ Ас-Сода барои шитирок дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба натиҷагирӣ аз Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт”, 2005 – 2015 ва талошҳои минбаъда ҷиҳати ноил гардидан ба рушди устувори захираҳои об ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафар намуд (9 - 10 июни 2015).

Гурӯҳи кории қатарӣ ҷиҳати мувофиқа намудани лоиҳаи “Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя” дар Душанбе қарор дошт (9 - 14 январи соли 2017).

Сафари кории Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Аслов С.М. ба Давҳа баргузор гашт. Дар ҷараёни машваратҳои сиёсӣ вазирони корҳои хориҷӣ масоили мубрами ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қатар дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, сармоягузорӣ, бонкдорӣ, энергетика, кишоварзӣ, сайёҳӣ ва дигар мавзӯъҳои мавриди эҳтимоми муштаракро баррасӣ намуданд (12 - 14 майи соли 2017).

Фиристодаи махсуси Амири Қатар Шайх Халифа ибни Ҳамад Оли Сонӣ (бародари Амир) ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафар намуд. Дар мулоқот бо Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷмуъи васеи масоили ҳамкории дуҷонибаи Тоҷикистону Қатар дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, саноат, гидроэнергетика, фарҳанг, алоқаи ҳавоӣ, бонкдорӣ, сайёҳат ва дигар бахшҳои афзалиятноки барои ҳар ду ҷониб судмандро мавриди баррасӣ қарор доданд (9 октябри соли 2017).

Ҳайати қатарӣ таҳти роҳбарии Вазири давлатӣ оид ба корҳои хориҷии Қатар Султон Саъд ал-Мурайхӣ дар ш. Душанбе дар иҷлосияи дуюми Форуми иқтисод ва

ҳамкории арабӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Озарбойҷон ширкат варзид. Дар мулоқоти Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Султон ибни Саъд ал-Мурайхӣ маҷмӯи васеи масоили ҳамкории дуҷонибаро баррасӣ намуданд (15-16 октябри соли 2017).

Сафари кории Раиси Бонки марказии Давлати Қатар ба Тоҷикистон баргузор гардид. Зимни музокироту вохӯриҳо дар Душанбе масоили рушди ҳамкориҳо миёни низомҳои бонкию молиявии ду кишвар баррасӣ шуданд. Аз ҷумла, ташкили низоми бонкдории исломӣ ва тавассути он вусъат додани ҳамкориҳо бо сармоягузорони кишварҳои арабӣ таъкид гардид ва ҷониби Қатарӣ омодагии худро барои таъсиси бонкҳои исломӣ дар Тоҷикистон изҳор намуд (31 октябр - 1 ноябри соли 2017).

Сафари ҳайати қатарӣ иборат аз намояндагони вазорати корҳои хориҷӣ ва ширкати энергетикии Қатар "Небрас" ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт. Дар рафти сафар ҳайати мазкур бо роҳбарияти вазоратҳои корҳои хориҷӣ, энергетика ва захираҳои об ва инчунин бо роҳбарияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ мулоқот намуд (7 - 9 январи соли 2018).

Дар Давҳа мулоқотҳои Раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон Саидмукаррам Абдуқодирзода бо вазири корҳои исломӣ ва авқофи Қатар, доктор Ғайс бин Муборак ал-Куворӣ ва Раиси Маркази байналмилалии Давҳа оид ба муколамаи динҳо, доктор Иброҳим Солеҳ ан-Наимӣ баргузор шуданд. Дар ҷараёни суҳбатҳо масъалаҳои рушди ҳамкориҳо дар самти ҳифзи арзишҳои созандаи динию фарҳангӣ, мубориза бо ифротгароӣ ва ғояҳои иртиҷоӣ ва инчунин ташкил намудани чорабиниҳои муштараки илмию маърифатӣ оид ба мавзӯъҳои ҳамзистии адён ва нақши арзишҳои динию фарҳангӣ дар пешрафти ҷомеа баррасӣ гардиданд (27 - 28 январи 2018).

Дар шаҳри Давҳа ҳайати Тоҷикистон дар Конфронси 13-уми муколамаи динҳо дар мавзӯи "Дин ва ҳуқуқи инсон" ширкат варзид (20 - 21 феврали соли 2018).

Раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Назарзода бо сафари корӣ дар шаҳри Давҳа қарор дошт. Дар ҷараёни мулоқотҳои ӯ бо Сарвазири Давлати Қатар Шайх Абдуллоҳ бин Носир бин Халифа Оли Сонӣ ва Мудири кулли Кумитаи танзими кумакҳои хайриявии Қатар Иброҳим Абдуллоҳ ад-Духеймӣ масъалаҳои ҳамкории дуҷониба дар самти пешгирии офатҳои табиӣ ва рафъи паёмадҳои онҳо баррасӣ шуданд (27 - 29 марти соли 2018).

Раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуъмон Абдуғаффорзода ба шаҳри Давҳа сафари корӣ аҷном дод. Бахшида ба "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" дар шаҳри Давҳа форуми сайёҳӣ таҳти унвони "Имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон" баргузор шуд. Вохӯриҳои раиси Кумитаи рушди сайёҳӣ Н. Абдуғаффорзода бо раиси Анҷумани соҳибкорони Қатар, раиси Шӯрои мудирони ширкати «Файсал Ҳолдинг» Шайх Файсал ибни Қосим Оли Сонӣ ва роҳбари маъмурияти сайёҳии Давлати Қатар Ҳасан Абдурраҳмон Иброҳим баргузор гардиданд (29 - 30 апрели соли 2018).

Ҳайати ҳукуматии Қатар таҳти роҳбарии Намояндаи махсуси Давлати Қатар оид ба мубориза бо терроризм доктор Мутлақ Ал-Қаҳтонӣ дар кори Конфронси байналмилалии "Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез" иштирок намуд. Дар ҳошияи конфронси мазкур раҳбари ҳайати Қатарро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин ба ҳузур пазируфтанд (3 - 4 майи соли 2018).

Ҳайати Давлати Қатар бо роҳбарии Вазири энергетика ва саноати Қатар доктор Муҳаммад ибни Солеҳ ас-Сода дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд –

Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, 2018-2028 дар шаҳри Душанбе иштирок намуд. Дар ҳошияи сафар роҳбари ҳайати Қатарро Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода ба ҳузур пазируфтанд. Ҷонибҳо ҳолати кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои дӯстонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қатарро баррасӣ намуда, дар оянда боз ҳам густариш додани равобити дуҷонибаро муфид арзёбӣ карданд. Зимни мулоқот ҷонибҳо ба соҳаҳои афзалиятноки барои ҳарду ҷониб манфиатовар, аз ҷумла, обу энергетика ва ғайра таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуданд (20 - 21 июни соли 2018).

Ҳайати давлати Қатар бо сарварии мудири кулли Кумита оид ба танзими кумакҳои башарии давлати Қатар ҷаноби Иброҳим Абдулло ад-Духаймӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон боздиди корӣ анҷом дод. Дар ҳошияи сафар самтҳои ҳамкорӣ ва роҳҳои татбиқи лоиҳаҳои муштарак аз ҳисоби кумакҳои хайриявии Қатар дар самти пешгирии офатҳои табиӣ ва бартарафсозии оқибатҳои он, маориф, тиб ва соҳаҳои дигари иҷтимоӣ мувофиқа шуданд. Намояндагони созмонҳои хайриявии Қатар аз як қатор ноҳияҳо ва иншоотҳои кишвар, ки бар асари ҳолатҳои фавқулодда зарар дидаанд, боздид ба амал оварданд (26 - 29 июли соли 2018).

Ҳайати ҳукуматии Давлати Қатар бо роҳбарии Шайх Аҳмад ибни Ҷосим ибни Муҳаммад Оли Сонӣ, вазири иқтисод ва тиҷорати Қатар ба Душанбе сафари корӣ анҷом дод. Дар ҳошияи сафар мулоқоти ӯ бо Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода, Вазири рушди иқтисод ва тиҷорат ва роҳбарияти Вазорати нақлиёт ва Агентии авиатсияи граждании Тоҷикистон баргузор шуданд. Зимни мулоқотҳо масъалаҳои кушодани хатсайри ҳавоӣ, содироти маҳсулоти Тоҷикистон ба Қатар, қабули муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ва интиқоли бору сармоягузориҳои муштарак баррасӣ шуданд (27 - 31 августи соли 2018).

Ҳамин тариқ, дар самти музокироти роҳбарияти Маъмурияти авиатсияи граждании Давлати Қатар ва Ширкати миллии ҳавопаймоии Қатар бо роҳбарияти Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкатҳои ҳавопаймоии Тоҷикистон шаҳри Душанбе сурат гирифтанд (30 августи соли 2018).

Дар шаҳри Давҳа ширкату корхонаҳои Тоҷикистон –ҶДММ “Ноқили Талко”, ҶСП “Оби Зулол”, корхонаи муштараки “Аввалин” ва ҶДММ “Реал” дар аввалин Намоишгоҳи байналмилалии маҳсулоти ватанӣ иштирок ва маҳсулоти ватаниро муаррифӣ карданд. Дар ҳошияи чорабинии мазкур Конфронси байналмилалии сатҳи баланд “Таъмини рушди босуботи иқтисодӣ дар ҳамкорӣ бо Қатар” доир гашт, ки дар кори он ҳайати кишварамон бо роҳбарии Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Неъматулло Ҳикматуллозода ширкат варзид (8-10 октябри соли 2018).

Дар ҳошияи иштироки ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нахустин Намоишгоҳи байналмилалии маҳсулоти ватанӣ дар шаҳри Давҳа рӯзҳои 8-10 октябри соли 2018 вохӯриҳои дуҷонибаи Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Неъматулло Ҳикматуллозода бо Сарвазири Давлати Қатар Шайх Абдуллоҳ ибни Носир ибни Халифа Оли Сонӣ, Вазири иқтисод ва тиҷорати Қатар Шайх Аҳмад ибни Ҷосим ибни Муҳаммад Оли Сонӣ, Вазири нақлиёт ва коммуникатсияи Қатар Ҷосим ибни Сайф ал-Сулайтӣ ва Раиси Шӯрои мудирони минтақаҳои озоди иқтисодии Қатар Аҳмад Муҳаммад ас-Сайид баргузор шуданд.

Дар шаҳри Душанбе зери роҳбарии собиқ муовини якуми Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомиддин Зоҳидӣ ва Вазири давлатӣ оид ба корҳои хориҷии Давлати Қатар Султон ибни Саъд ал-Мурейхӣ нахустин машваратҳои сиёсӣ баргузор гардид. Дар рафти машваратҳо роҳҳои густариши минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан

судманд дар заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, пешбурди ибтикороти созанда дар ҳошияи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, мубориза бо терроризму ифротгароӣ ва дигар масъалаҳои мавриди эҳтимоми муштарак баррасӣ шуданд (24 октябри соли 2018).

Ба мақсади роҳандозӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои байнисоҳавӣ дар самтҳои амнияти ҷамъиятӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, муборизаи муштарак бар зидди терроризму ифротгароӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккил сафари ҳайати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Давлати Қатар баргузор шуд (29 - 31 октябри соли 2018).

Рӯзҳои 12-15 ноябри соли 2018 ҳайати Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Давҳа дар Ҳамоиши байналмилалии навовариҳо дар соҳаи тандурустӣ (WISH 2018) ширкат варзид. Муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саида Умарзода ва ҳайати ҳамроҳро Вазири тандурустии Давлати Қатар, хонум доктор Ҳанон ал-Каворӣ ба ҳузур пазируфт. Дар рафти суҳбат мавзӯъҳои густариши ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла роҳҳои татбиқи амалии (банди 11)-и Протоколи ҷаласаи сеюми Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ баррасӣ шуданд.

Рӯзҳои 26-29 ноябри соли 2018 ҳайати Вазорати корҳои дохилии Давлати Қатар аз Ҷумҳурии Тоҷикистон боздид анҷом дод. Дар ҳошияи сафари мазкур мулоқотҳои ҳайат бо роҳбарият ва сардорони раёсатҳои дахлдори Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт ва масъалаҳои тақвияти ҳамкории мақомоти корҳои дохилии ҳарду кишвар дар самти мубориза бар зидди ҷиноятқории трансмиллӣ, терроризму экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор, мубодилаи иттилоот ва мусоидат дар боздошт ва истирдоди ҷиноятқорон баррасӣ шуданд. Аз натиҷаи сафар Протоколи дахлдор ба имзо расид.

**Ҳамкориҳои фарҳангӣ**

Шурӯъ аз 7 октябри соли 2018 дар шаҳри Давҳа ба муносибати «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» чорабинии идона баргузор шуд. Дар рафти ҳамоиши идона филмҳои мустанад оид ба талошҳо ва дастовардҳои таърихии мардуми тоҷик таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи тақвияти асосҳои давлати миллӣ, татбиқи се ҳадафи стратегии кишвар, таъмини рушди босубот ва баланд бардоштани некуаҳволии шаҳрвандони Тоҷикистон намоиш дода шуданд. Меҳмонон ҳамчунин аз Намоишгоҳи аксҳо бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Тоҷикистон» дидан намуданд.

Дар ростои иҷрои дастури роҳбарияти олии кишвар оид ба тақвияти ҳамкориҳо бо Давлати Қатар дар соҳаи фарҳанг ва муаррифии фарҳангу тамаддуни мардуми тоҷик дар арсаи байналмилалӣ дар заминаи татбиқи ҳадафҳои “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”, сафари ҳайати расмӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 то 27 ноябри соли 2018 зери роҳбарии собиқ вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсиддин Орумбекзода ба Давҳа ва нахустин Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Қатар баргузор шуданд.

Аз 22 декабри соли 2018 то 4 январи соли 2019 дар ҷашнвораи байналмилалии фолклорию фарҳангии “Баҳори Давҳа” театр-студияи “Падида” таҳти раҳбарии Ҳунарпешаи хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарофат Рашидова бо барномаҳои ҷолиби рақсию мусиқӣ ва намоиши ҳунарҳои мардумӣ ширкат варзид [8].

**Ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ**

Давлати Қатар аввалин кишвари арабӣ мебошад, ки дар Тоҷикистон сармоягузорӣ кардааст ва маҳз сафари расмии Амири қаблӣ Ҳамад ибни Халифа Оли Сонӣ дар соли 2007 ба ин замина гузошт. Самараи он дар татбиқи лоиҳаи Диёри Душанбе ва калонтарин Масҷиди ҷомеъ дар Осиёи Марказӣ зоҳир мегардад (ҳаҷми умумии сармоя то 300 млн. доллар).

Ба мақсади тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва техникӣ амал мекунад ва ҳамраисони комиссия вазирони иқтисод ва тиҷорати ду кишвар мебошанд. Октябри соли 2012 аввалин нишасти он дар Душанбе доир гашт. Нишасти дуюми Комиссияи муштарак моҳи феврали соли 2016 дар шаҳри Давҳа баргузор гашт.

Ҷаласаи сеюми Комиссияи мазкур 29-31 августи соли 2018 дар Душанбе сурат гирифт. Дар Протоколи ҷаласа зарурати тақвияти ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратию техникӣ ва сармоягузории байни ду давлат ва инчунин тақвияти ҳамкориҳо дар арсаҳои молия ва бонкдорӣ, тиб, илму маориф, фарҳанг, варзиш, ҷавонон ва сайёҳат таъкид шудааст.

Гардиши мол байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар дар соли 2014 ба 57,1 ҳазор доллари ИМА (воридот 2 ҳаз.долл ИМА ва содирот 55,1 ҳаз.долл ИМА) ташкил намудааст.

Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва техникию илмӣ байни ду кишвар амал мекунад ва октябри соли 2012 аввалин нишасти он дар Душанбе доир гашт.

**Ҳамкориҳои байналмилалӣ**

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар номзадиашонро ба Шӯрои ҳуқуқи инсон барои соли 2015-2017 пешниҳод намуданд. Байни ду кишвар бо ташаббуси Қатар табодули ёддошт ҷиҳати дастгирии ҳамдигар сурат гирифтааст.

**Сафарбаршавии муҳоҷирон ба Қатар**

Ба иттилои Ҷабборзода Гулрӯ, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи Covid-19 аз кишварҳои Русия, Украина ва Туркия 778 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи хатсайрҳои чартерӣ ба кишвар баргардонида шуданд. Ёдовар мешавем, ки нишасти матбуотии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон саннаи 23.07.2020 баргузор гардида буд. Дар ин нишаст ба суоли хабарнигори СССР дар мавриди тақдири созишномаи Тоҷикистону Қатар дар бораи сафарбар намудани муҳоҷирони меҳнатӣ ба ин кишвари арабӣ масъулини вазорати мазкур чунин посух гуфтанд:

“Созишномаи мазкур аввали соли ҷорӣ ба имзо расида, ратификатсия шуд. Мо гурӯҳи корӣ ташкил дода, муколамаро бо ҷониби Қатар оғоз намуда будем, ки пандемия оғоз гардид. Баъди рафъи ҳолати пандемия ин масъала дубора бозбинӣ мешавад. Дар созишнома теъдоди муҳоҷирон маҳдуд нест ва вобаста ба талаботи давлати Қатар ва омодагии касбии муҳоҷирони меҳнатӣ онҳо ба ин кишвар сафарбар мегарданд” [10].

**Баргузории бозиҳои тобистонаи олимпии соли 2032**

Кумитаи миллии олимпии Қатар пешниҳоди дархости худро ҷиҳати баргузории Бозиҳои олимпӣ ва паралимпии соли 2032 эълон кардааст [11].

Пас аз он ки Қатар ҳаққи баргузории Ҷоми ҷаҳонии футболро дар соли 2022 ба даст овард, дар ин кишвар дар бораи доир кардани Олимпиада ба андеша афтоданд.

Қатар қарор додааст, ки барои баргузории Бозиҳои олимпӣ дар соли 2032 дархост пешниҳод кунад. Рақибони Қатар Австралия, Чин, Ҳиндустон ва инчунин Кореяи Ҷанубӣ ҳамроҳ бо Кореяи Шимолӣ хоҳанд буд.

"Эълони мазкур оғози муколамаи пурмаҳсул бо Комиссияи мизбони ояндаи Кумитаи байналмилалии олимпиро барои таҳқиқи минбаъдаи манфиати мо ва муайян кардани он ки чӣ гуна Бозиҳои олимпӣ метавонанд ҳадафҳои рушди дарозмуддати Қатарро дастгирӣ кунанд, нишон медиҳад", гуфтааст раҳбари Кумитаи миллии олимпии Қатар Ҷавъон бин Ҳамад бин Халифа Ас-Сонӣ.

Гуфтан ба маврид аст, ки дар пойтахти Қатар – шаҳри Давҳа - соли 2006 Бозиҳои Осиё баргузор шуда буд. Соли 2019 бошад, ин шахр мизбони қаҳрамонии Осиё ва қаҳрамонии ҷаҳон оид ба варзиши сабук буд. Соли 2022 бошад, дар Давҳа чемпионати ҷаҳон оид ба футбол доир мегардад. Қатар, ҳамчунин, довталаби баргузории Ҷоми Осиё оид ба футбол дар соли 2027 ва Бозиҳои Осиё дар соли 2030 мебошад.

**Хулоса**

Дар ниҳояти баррасии мавзӯъ бояд қайд кард, ки Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҷиҳати омӯзиши ҳамкориҳо ва робитаҳои муштараки байниҳукуматии Тоҷикистон ва Қатар, қадамҳои назаррасро гузошта, ин пажӯҳишро барои ҳамкориҳои иқтисодӣ, илмӣ ва фаннии мутақобилан судманд, ба иттилои васеи хонандагон мерасонад.

Барои қавитар ва пурсамартар гардонидани робитаҳои илмию фарҳангӣ бо кишварҳои арабӣ, аз ҷумла, бо Қатар хеле муҳим мебошад. Тоҷикон моликони сарвати ғании илмию фарҳангӣ буда, метавонанд мавриди таваҷҷуҳи доираҳои илмию фарҳангии мардуми Қатар ва тамоми Шарқи араб қарор гиранд ва бо онҳо ҳамкориҳои самарабахши баробарҳуқуқ барқарор намоянд, дар ҳамаи чорабиниҳои байналмилалии дуҷониба ва бисёрҷониба, аз ҷумла ҳамоишҳо ва конфронсҳои илмию фарҳангӣ, фаъолона ширкат варзанд. Тоҷикон метавонанд аз тариқи намояндагони хеш мероси илмию фарҳангии худро ба маърази намоиш гузоранд, роҳҳои ҳамкориҳои тозаро ҷустуҷӯ намоянд. Ҳамзамон, намояндгони илму адаби кишварҳои араб ва Қатарро хусусан ба Тоҷикистон даъват карда, ҳамроҳи онҳо семинарҳо, мизҳои мудаввар ва конфронсҳо, мулоқотҳои дӯстона ва ғайра ташкил диҳанд.

Ба ин восита, ҷониби Тоҷикистон дастовардҳои гуногуни худро ба мардуми Қатар нишон дода, худ аз пешравиҳои қатариён дар соҳаи иқтисод, иҷтимоиёт, илму адаб ва ғайра иттилоъ пайдо менамоянд. Ин кор дар татбиқи эълони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон шудани солҳои 2019-2021" басе мувофиқ меояд.

Бояд қайд намуд, ки майдони ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Шарқи Миёна ва Наздик васеъ аст. Академияи миллии илмҳои Тоҷикисон қудрати онро доранд, ки саҳми намоёни худро дар таҳкими равобити дӯстӣ ва ҳамкории илмӣ бо онҳо гузоранд.

**Пешниҳодот**

Ниҳоят, ҷиҳати рушду такомул бахшидани ҳамкориҳои судманди ин ду кишвар зарур аст, ки пешниҳоди зеринро ироа намоем:

Якум. Ҳамкорӣ дар масъалаи тарҷума ва нашри мақолаву китобҳои илмию адабии олимон ва адибони тоҷик ва қатарӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ.

Дувум. Ҳамкории олимони тоҷик ва қатарӣ барои омӯхтани таърих, вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии Давлати арабии Қатар ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир.

Савум. Тарҷума ва пахши филмҳои баландмазмуни қатарӣ ва тоҷикӣ дар телевизиони Қатар ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон ташкили гӯшаи илмию фарҳангии қатарӣ дар Академияи милли илмҳои Тоҷикистон ва гӯшаи илмию фарҳангии тоҷикӣ дар донишгоҳҳои шаҳрҳои бузурги Давлати арабии Қатар.

Чаҳорум. Мубодила ва намоиши китобҳои тозанашри тоҷикӣ ва қатарӣ дар китобхонаҳои ҳар ду кишвар бо ҳамин радиф боз кардани давраҳои омӯзиши забони арабӣ барои мутахассисони тоҷик ва забони тоҷикӣ барои мутахассисони қатарӣ.

Панҷум. Пайгирию омӯзиши осори адабиётшиносони мисрӣ перомуни осори гузашта ва муосири тоҷик ва зиёрати марказҳои илмию адабии қатарӣ бо мақсади ҷустуҷӯии дастхатҳои осори муаррихон, олимон ва адибони форсу тоҷик дар он марказҳо ва китобхонаҳо.

Шашум. Даъвати олимони қатарӣ барои ошноӣ бо дастнависҳои осори арабзабони форсу тоҷик дар марказҳои илмию адабӣ ва китобхонаҳои Тоҷикистон ва ташкили ҳамоишҳои илмию адабии муштарак дар пажуҳишгоҳҳои Тоҷикистон ва Қатар.

Ҳафтум. Ширкати мутахассисон ва олимони арабшиноси тоҷик дар кору фаъолияти Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Қатар.

Ҳаштум. Гузаронидани ҷаласаҳои машваратӣ ва тадқиқотии муштарак дар соҳаи сиёсати хориҷии кишварҳои Ховари Миёна ва Наздик. Анҷом додани баррасиҳои муштарак дар масъалаҳои доғи рӯзи мамлакатҳои Ховари Миёна ва Наздик.

Бо дарназардошти сатҳи баланди робитаҳо ва азму иродаи роҳбарони сиёсии ду кишвар, мутмаинем, ки дар ояндаи наздик шоҳиди беш аз пеши ҳамкориҳо дар дигар бахшҳои илмиву фарҳангӣ ва сиёсиву иқтисодӣ ба вуқӯъ хоҳад пайваст.

Аз навгонию таҳаввулоти мусбат дар ҳамкории ду кишвар дар солҳои охир изҳори қаноатмандӣ карда шуда, ҳамкории ду кишвар дорои дурнамои умедбахш, хусусан дар соҳаҳои энергетика ва саноат, нақлиёту коммуникатсия, кишоварзӣ, илму фарҳанг ва сайёҳӣ арзёбӣ шудааст. Ҳамчунин, оянда таваҷҷуҳи зиёд ба густариши ҳамкории миёни соҳибкорони ду кишвар зоҳир карда шавад.

**Адабиёт:**

1. Александров И.А. Монархия персидского залива: Этап модернизация. М. 2005. -67 с.
2. – Давлятов З.Қ., Тоҷикистон ва Шоҳигариҳои арабӣ: хамкорӣ ва дурнамо Душанбе: «Дониш», 2018, - 231 с.
3. Давлятов З., Кишварҳои арабӣ, Душанбе-2009, - 65 с.
4. Ҳамрохон Зарифӣ Саҳифаи нави дипломатияи тоҷик. – Душанбе: Ирфон. 2015. – 160 с.;
5. Ҳафтаномаи “Дунё” №22 (790) 29 май – 4 июни соли 2019 - с. 4 – 5.
6. http://www.president.tj/node/21975 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2019 13:02, шаҳри Душанбе;
7. http://www.mfa.tj/index.php?l=tj&cat=91&art=150 аз торнамои Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон;
8. https://tajembqatar.tj/tj/about-embassy/ Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давлати Қатар;

9. https://fa.wikipedia.org/wiki/%D9%82%D8%B7%D8%B1 دولت قطر fa.wikipedia.org;

10. http://cccp.tj/tj/ijtimo/item/7344-muhojiron-ba-katar-safarbar-meshavand.html?tmpl=component&print=1&fbclid=IwAR0BLPHYpy2OF16QAYc3ewYTfDtQK2pxR8FwjdVwO9QzuGFSRPEV-xMXc3U Ҳафтаномаи СССР, Муҳоҷирон ба Қатар сафарбар мешаванд.

11. https://www.ozodi.org/a/30751684.html Қатар мехоҳад Бозиҳои тобистонаи олимпии соли 2032-ро доир намояд (санаи истифодабарӣ: 29.07.2020).

## ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚАТАР

Робитаҳои гуногунсамтаи дурнамои хамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Давлати Қатар мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифта шуд. Баъди ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати “дарҳои кушод”-ро эълон намуд. Муаллиф бар он назар аст, ки ба роҳ мондани муносибатҳои гуногунсамта миёни кишварҳои дуру наздик барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муфиду муҳим мебошад.

Алалхусус ба роҳ мондани муносибатҳои густурда бо Давлати арабии Қатар, ки барои тақвият додани рушди соҳаҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмӣ, сайёҳӣ, техника ва технология зарур мебошанд. Муносибатҳо миёни ин ду кишвар дар даврони истиқлолият оғоз гардида, заминаи шартномавӣ-ҳуқуқии ду кишварро зиёда аз 30 созишномаҳои байниҳукуматии дутарафа ташкил медиҳад. Дар тӯли муносибатҳои дуҷониба, бо мақсади таҳкими ҳамкориҳои судманд, сафарҳои муштараки ҳайатҳои сатҳи баланди ҳукуматӣ ва олӣ барпо гардида, рӯ ба рӯшд мебошад.

**Калидвожаҳо**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Давлати арабии Қатар, сиёсат, иҷтимоиёт, иқтисодиёт, робитаи фарҳангӣ, созишнома, ҳамкорӣ, илм, маориф, энергетика, сайёҳӣ.

**Маълумот дар бораи муаллиф**, Пудинаев Умед, ходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, Тел: 918.59. 60. 76, E-mail: umed2017@inbox.ru.

## ПЕРСПЕКТИВЫ СОТРУДНИЧЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА И КАТАРА

Были изучены и обсуждены многогранные отношения перспективы сотрудничества Республики Таджикистан с Государством Катар. После обретения политической независимости Республика Таджикистан объявила политику «открытых дверей». Автор считает, что установление многоплановых отношений между дальними и ближними странами полезно и важно для Республики Таджикистан.

В частности, установление широких связей с арабским государством Катар, что необходимо для усиления развития различных политических, экономических, социальных, культурных, научных, туристических, технических и технологических сфер. Отношения между двумя странами начались во времена независимости, и правовая база отношении двух стран составит более чем 30 двусторонних межправительственных соглашений. В целях укрепления взаимовыгодного сотрудничества были проведены и развиваются совместные визиты правительственных и государственных делегаций высокого уровня.

**Ключевые слова**: Республика Таджикистан, Арабское Государство Катар, политика, социалогия, экономика, культурная жизнь, соглашение, сотрудничество, наука, образование, энергетика, туризм.

**Сведения об авторе**: Пудинаев Умед, научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, тел: 918.59.60.76, E-mail: umed2017@inbox.ru.

**PROSPECTS FOR COOPERATION BETWEEN TAJIKISTAN AND QATAR**

The multifaceted relations of the prospects for cooperation between the Republic of Tajikistan and the State of Qatar were studied and discussed. After gaining political independence, the Republic of Tajikistan announced an "open door" policy. The author believes that the establishment of multifaceted relations between distant and near countries is useful and important for the Republic of Tajikistan. In particular, the establishment of broad ties with the Arab state of Qatar, which is necessary to enhance the development of various political, economic, social, cultural, scientific, tourism, technical and technological spheres. Relations between the two countries began at the time of independence, and the legal framework of the two countries consists of more than 30 bilateral intergovernmental agreements. In order to strengthen mutually beneficial cooperation, joint visits of government and high-ranking high-level delegations were carried out and are being developed.

**Keywords**: Republic of Tajikistan, Arab state of Qatar, politics, social, economic, cultural relations, agreement, cooperation, science, education, fruitful, joint.

**Information about the author**: Pudinaev Umed, scientific researcher of the institute for studying the issues of Europe and Asia in National Academy of Sciences of Tajikistan, phone: 918.59.60.76, E-mail: umed2017@inbox.ru.

# РАВАНД ВА РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ИНДОНЕЗИЯ

**Соҳиби Бахруло,**
**докторанти PhD-и соли якуми**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои**
**Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Истиқлолияти сиёсӣ ва соҳибихтиёрии давлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти бунёди давлати миллӣ, инчунин ворид шудан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таҳкими муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаро бо кишварҳои дуру наздик фароҳам овард. Дар замони истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои гуногунҷанбаро ҳам бо кишварҳои хориҷӣ ва ҳам бо созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ вусъат дод. Тоҷикистонро 147 давлати дунё чун давлати соҳибистиқлол эътироф карда, имрӯз мо бо 128 давлати ҷаҳон равобити дипломатӣ барқарор намудем [1, с.22].

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мақсади роҳ ёфтан ба бозорҳои босуръат инкишофёбандаи сармоя, маҳсулоти саноатӣ, таҳкими муносибатҳои мутақобилан судмандро бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Индонезия яке аз самтҳои хориҷии худ медонад. Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Индонезия дар таърихи 27 августи соли 1994 барқарор шудаанд. Бояд қайд кард, ки дар давоми ин солҳо робитаҳои мутақобилан судманди миёни кишварҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ мунтаззам идома ёфта, рӯ ба руштанд.

Пеш аз, ҳама муносибатҳои дуҷониба дар сатҳи равобити сиёсӣ ва иқтисодӣ рушд намуданд. Ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии ду кишвари дӯст дар асоси Созишномаи тиҷоратӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Индонезия ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ амалӣ гардиданд. Дар тӯли солҳои сипаришуда сафарҳои пурсамари мутақобила дар сатҳи олӣ, инчунин вохӯриҳои расмии намояндагони Тоҷикистон ва Индонезия баргузор гардиданд, ки шаҳодати ҳамкориҳои гуногунҷанбаи ду кишвар мебошанд.

Дар мақола моҳияти мафҳуми каҷрафторӣ ҳамчун риоя нанамудан ва саркашӣ аз меъёрҳои мавҷудаи иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор ёфта, сабабу омилҳое, ки бевосита боиси чунин рафтори иҷтимоӣ мегарданд таҳлил шудаанд. Инчунин самтҳои асосии фаъолияти пешгирӣ ба монанди пешгирии иҷтимоӣ- равонӣ, пешгирии иҷтимоӣ-педагогӣ ва пешгирии сиёсӣ- ҳуқуқӣ баҳри бартараф намудани чунин падидаи номатлуб дар байни ҷавонон нишон дода шуда, чорахое, ки аз ҷониби давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ баҳри пешгирӣ ва бартараф намудани ин падида бояд амалӣ гарданд муайян шудаанд. Дар мақола инчунин якчанд таклифу пешниҳодҳо баҳри бартараф ва пешгирии каҷрафтории ҷавонон таҳия шудааст.

**Калидвожаҳо:** ҷавонон, каҷрафторӣ, авбошӣ, оворагардӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ, нашъамандӣ, пешгирӣ, огоҳнамоӣ, бартарафнамоӣ, пешгирии иҷтимоӣ технологияи пешгирии иҷтимоӣ, пешгиринамоии равонӣ, пешгиринамоии равонӣ- педагогӣ, пешгиринамоии равонӣ- иҷтимоӣ, пешгиринамоии иҷтимоӣ- педагогӣ, пешгиринамоии биологӣ-пизишкӣ, ҷавобгарӣ, масъулиятшиносӣ, сифатҳои ахлоқӣ, фаъолнокӣ.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Ҷӯраев Р.З., номзади илмҳои фалсафа, доценти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии ДДТТ, тел: 931-13-18-64, E-mail: Radjab_rtsu1965@mail.ru.

## THE MAIN DIRECTIONS OF SOCIAL, PSYCHOLOGICAL AND POLITICAL PREVENTION OF DEVIENT BEHAVIOR OF YOUTH

The article examines the content of the concept of deviant behavior as a behavior deviating from generally accepted norms, identifies the main factors that negatively affect the behavior of young people, presents the main directions of socio-psychological and social prevention of deviant behavior, substantiates that prevention of deviant behavior of young people is a complex task, and also identified measures taken by the state and society to prevent the deviant behavior of youth, developed a number of proposals and recommendations for the identification and prevention of deviant behavior among young people.

**Key words:** youth, deviant, deviant behavior, deviation, hooliganism, theft, theft, vagrancy, drug addiction, prevention, prevention, prevention, social prevention, social prevention technologies, psychological prevention, psychological and pedagogical prevention, social and pedagogical prevention, medical biological prevention, responsibility, moral qualities, activity, self-realization

**Information about the author:** Dzhuraev R.Z., Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor of the Department of Philosophy and Political Science of RTSU, tel: 931 13 18 64, E-mail: Radjab_rtsu1965@mail.ru.

**Использованная литература:**

1. Змановская, Е.В. Девиантология:(Психология отклоняющегося поведения): учеб. пособие для вузов. – М., Академия, 2008. – С. - 32 с.

2. Дружинин В.Н. Психология общих способностей. Второе изд. - СПб., М., 1999. - С. -79

3. Зайнышева И. Г.Технология социальной работы. -М., Союз, 1998. -С. -128

4.Захаров А.И. Как предупредить отклонения в поведении ребенка. – М., Просвещение, 1986. - С. - 269.

5. Клейберг Ю.А. Психология девиантного поведения: Учеб. пособие для вузов. – М., Сфера, 2001. –С. 106 с.

6. Осипова, А.А. Общая психокоррекция: Учебное пособие для студентов вузов. – М., Сфера, 2000. – С. 287.

7. Малышев К. Профилактика и коррекция девиантного поведения // ОБЖ. - 2003. - №2. - С. -54.

8. Психотерапия детей и подростков / Под ред. Х. Ремшмидта. – М., Мир, 2000. –С. 165 с.

9. Психолого-педагогическая работа со школьниками-девиантами в Москве / М.Ю. Кондратьев, О.Б. Крушелицкая, С.Л. Нечаева. - // Психологическая наука и образование. - 1999. - №3. – С. 12.

10. Татарова С. П. Девиантное поведение подростков и социальные технологии его профилактики. // диссертация доктора социологических наук.- Улан -Удэ, 2007. - С. - 123-126

11. Менделевич В.Д. Психология девиантного поведения // Клиническая и медицинская психология. - М., Медпресс, 1999. - С. 364.

12. Шапинский В. А., Мареев В. И. Девиантное поведение и социальный контроль: Учебное пособие. - Ростов-на-Дону: Изд. РГПУ, 1997. -С. 142

# ФАЛСАФАИ ИБНИ СИНО ДАР ТАҲҚИҚИ МӮСО ДИНОРШОЕВ

**Д.Р. Комилов,**
**номзади илмҳои фалсафа,**
**дотсент, мудири кафедраи**
**Академияи идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Пудинаев Умед, ходими илмии**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои**
**Осиё ва Аврупои АМИТ**

Муҳимтарин ва пурарзиштарин асари таҳқиқотии Мӯсо Диноршоев «Натурфилософия Ибн Сины» («Фалсафаи табииёти Ибни Сино») (Душанбе: «Дониш», 1985, бо забони русӣ) мебошад, ки дар замони шӯравӣ ба табъ расидааст.

Баъди нашри ин асар донишмандону муҳаққиқони зиёде, чун Акбар Турсунов, Виктор Иванович Приписнов, Мӯсо Раҷабов, Султон Наврӯзов, шодравон Нозирҷон Қулматов (Нозирҷон Арабзода), Зокир Вазиров, Фатҳиддин Сироҷов, Моҳирхӯҷа Султонов, Муҳаммадқул Ҳазратқулов ва дигарон роҷеъ ба китоби мазкур дар бонуфузтарин маҷаллаҳои ҷумҳуриявию умумишӯравӣ ва рӯзномаҳои гуногун фикру мулоҳизаҳои худро дарҷ намуданд. Ҳамаи номбурдагон дар навиштаҳои худ эътироф намудаанд, ки ин асар дар муайян сохтани чеҳра ва хусусиятҳоихоси фалсафаи Ибни Сино ва умуман дар ҷодаи синошиносӣ қадами устувору бузурге ба пеш мебошад.

Дар ҳақиқат доир ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти илмию эҷодии Шайхурраис чӣ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва чӣ дар дигар мамолики олам даҳҳо асарҳо таълиф шуда бошанд ҳам, бемуҳобот метавон гуфт, ки кам андар ками онҳодар тавзеҳи афкори фалсафии Ибни Сино, хосатан ҳикмати табиии ӯ, бо китоби «Натурфилософия Ибн Сины» («Фалсафаи табииёти Ибни Сино»)-и Мӯсо Диноршоев ҳам вазнӣ карда наметавонад.

Чунончи, дар мулоҳизоте, ки донишмандон М. Раҷабов, Н. Қулматов (Арабзода) ва С. Наврӯзов тавассути маҷаллаи «Помир» (1986, №3, саҳ. 163-167) доир ба дастовардҳои китоби «Натурфилософия Ибн Сины» («Фалсафаи табииёти Ибни Сино»)-и устод Мӯсо Диноршоев ироа доштаанд, истинод кардан хеле бамаврид аст: «Ғояҳои наву натиҷагириҳои илмие, ки М.Диноршоев (дар ин китоб-Р.К.) ба даст овардааст, метавон онҳорона фақат дар таҳқиқоти минбаъдаи фалсафаи Абӯалӣ ибни Сино истифода кард, балки онҳоро ҳамчунин дар омӯзиши осори дигар мутафаккирони асримиёнагӣ низ ба кор бурд» [8, с.167].

Мундариҷаи асари мазкур аз муқаддима, се фасл, хулоса, тавзеҳот ва феҳристи манобеъу адабиёт иборат аст.

Мӯсо Диноршоев дар ин асар дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои асилу муътамад масъалаҳои асосии натурфалсафаи Ибни Сино-таълимот оид ба хусусиятҳои ҷавҳарии аҷсом, ҳаракат, макон, қидами олам, маърифат ва шаклҳову анвои онро амиқу ҳамаҷониба таҳқиқ намудааст. Муҳаққиқ дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи худ муайян кардааст, ки натурфалсафаи Ибни Сино аз тамоили ҷаҳонбинии ӯ ба сӯи бисёрандешӣ дарак медиҳад.

Ҳаёт ва фаъолияти Ибни Сино, таҳқиқи улуми фалсафа, мантиқ, равоншиносӣ, назариёти тиббӣ, иҷтимоиву ахлоқӣ, таълимиву тарбиявӣ ва усули илмиву фалсафии ӯ то ин давра аз тарафи олимони шӯравӣ ба таври ҷиддӣ омӯхта шуда буданд.

Дар ин таҳқиқот диққати асосӣ ба ошкор сохтани тамоюлоти моддигароӣ ва ғояҳои диалектикии афкори илмию фалсафии Ибни Сино равона карда шуда буданд.

Муҳимтарин асарҳои фалсафии бунёдии мутафаккир «Донишнома», «Рисолаи нафс», «Ишорот ват-танбеҳот» ва «Китоб уш-шифо», «Китоб ун-наҷот» ва ғ. аз арабию форсӣ-тоҷикӣ ба забони русӣ тарҷума ва нашр гардидаанд. Бо вуҷуди ин ҳама дастовардҳо кори омӯзишии осори мутафаккир нотамом ба назар мерасид. Ҳанӯз ҳам бисёр масъалаҳои марбути ҷаҳонбинии Ибни Сино баҳсомез, норавшан ва таҳқиқталаб буданд.

Нуқтаи назари умумиву ягона дар байни муҳаққиқон роҷеъ ба ҷаҳонбинии Ибни Сино мавҷуд набуд ва бархе аз онҳо [2] мутафаккирро дуалист мепиндоштанд. Афроди дигар [9] ӯро пантеист меҳисобиданд. Баъзе муҳақиқони дигар [7] бошанд, ақида доштанд, ки ҷаҳонбинии Ибни Сино сирф моддигароёна аст. Худи Мӯсо Диноршоев то ин замон муътақид буд, ки афкори Ибни Сино аз мафкураи рӯҳгароии тавҳидии ӯ маншаъ мегирад [4].

Дар байни таҳқиқотчиёни ғарбии осори Ибни Сино низ роҷеъ ба ҷаҳонбинии ӯ нуқтаи назари ягона вуҷуд надошт. Масалан, муҳаққиқи фаронсавӣ Е.Ҷилсон ӯро намояндаи «анъанаи яҳудӣ» [12] мешумурд. Муҳаққиқи мисрӣ А.М. Ҷардат Ибни Синоро ҷонибдори ирфони натуралистӣ (табиӣ) [11] қаламдод менамояд. Дигар донишманди фаронсавӣ Л. Ҷойсон мегӯяд, ки Ибни Сино пайрави маърифати ҳадсӣ [12] мебошад.

Мӯсо Диноршоев сababи мавҷудияти чунин нуқтаи назарҳои мухталифро ба тариқи зайл шарҳ додааст:

- гуногунии мавқеи назар ва дастгоҳи ғоявию усулии муҳақиқон;

-ноогоҳии муҳаққиқон аз анъана ва суннатҳои машшоияи шарқӣ;

-надонистани қисматҳои таркибии низоми фалсафии мутафаккир: натурфалсафа, фалсафа, илоҳиёт ва ғ.

Муҳаққиқоне, ки фалсафаи Ибни Синоро ҳамчун таълимоти мутасавви фонаи ваҳдати вуҷуд қабул доштаанд, хусусиятҳои қисмати илоҳиёти фалсафаи ӯро ба тамоми низоми фалсафиаш нисбат медоданд. Вале худи Ибни Сино дар «Мантиқ– ул – машриқиин» илоҳиётро аз фалсафа ҷудо сохта, дуввумӣ (фалсафа)-ро илми куллӣ номидааст. Онҳое, ки Ибни Синоро моддигаро (материалист) меҳисобиданд, баръакс мавқеи мафкуравии мутафаккирро роҷеъ ба натурфалсафа, ки дар ҳақиқат тамоюли моддигароёна дорад, ба тамоми фалсафии ӯ тарҷеҳ медоданд.

Умуман, чунин натиҷагириҳои донишмандон, ба андешаи устод Мӯсо Диноршоев, аз он дарак медиҳад, ки онҳо дар заминаи таҳлили ҷузъии афкори Ибни Сино дар бораи кулли ҷаҳонбинии вай хулоса баровардани шудаанд, ки қобили қабул нест. Зеро барои қазовати холисона роҷеъ ба ҷаҳонбинии ин ё он чеҳраи фарҳангӣ ҳар як муҳаққиқро лозим аст, ки кулли осори онҳоро ба пуррагӣ ба риштаи таҳқиқ гирад. Танҳо дар ҳамин сурат мавқеи бунёдии назарияи мутафаккирро роҷеъ ба ин ё он масъала ва ё мавқеи умуминазарии ӯ дуруст натиҷагирӣ кардан мумкин аст.

Ба ҳамин мақсад устод Мӯсо Диноршоев, қабл аз ҳама, тамоми осори ба забонҳои арабӣ ва форсӣ таълифнамудаи Ибни Синоро амиқу ҳамаҷониба мутолиа карда, танҳо баъди ҳамин ба хулосае меояд, ки бисёр ақидаҳои умуман синошиносон роҷеъ ба хусусиятҳои ҷаҳонбинӣ ва моҳияти фалсафии ӯ сатҳӣ, ноогоҳона ва муғризона мебошанд.

Тавассути омӯзиши ҳаматарафаи осори Ибни Сино бо тамоми фаррохию паҳноӣ фаро гирифтани таълимоти мутафаккирустод Мӯсо Диноршоев ба умқи ҷаҳонбинии ӯ наздик шуда, маърифати комил ҳосил кардааст. Ин огоҳиву дониши амиқ қимату арзи-

ши на танҳо китоби мазкур, балки ҳамаи дигар асарҳои дар шарҳи фалсафаи Ибни Сино навиштаи устодро хело баланд мегардонанд.

Дар «Фалсафаи табииёти Ибни Сино» дар маркази таваҷҷуҳи муаллиф масъалҳои фалсафие, ки дар қисми «Физика»-и асарҳои мутафаккир ҷойгиранд, қарор гирифтаанд. Бинобар ин, китоби мазкур шомили на танҳо масоили натурфалсафа, ҳамчунин масъалаҳои ҳастишиносӣ ва назарияи маърифат низ мебошанд.

Фарзияи андешаи таҳлилӣ, ки худ хулосабарории ҷамъбастии муаллиф аст, аз дарки дақиқи мазмун ва мақоми мақулаву мафҳумҳои асосӣ, ки қолаби мантиқии натурфалсафаи Ибни Синоро ташкил медиҳанд, бармеояд. Алалхусус, таҳлили мақулаҳои фалсафӣ, ба монанди «макон», «замон», «ҳаракат», «сабабият», ки ба онҳо тасаввуроти табиат шиносои сахт алоқаманданд, хеле таъсирбахш ба назар мерасад.

Дараҷаи фарҳанги олии сарчашмашиносии устод Мӯсо Диноршоев аст, ки як осори маънавии номаълум ва мавриди таҳлил қарор нагирифтаи фалсафаи Шарқи асримиёнагии дар забонҳои арабӣ ва форсиву тоҷикӣ мавҷудбударо мавриди омӯзиши илмӣ қарор додааст. Дар ин қатор «Ҳикмат ул-машриқия» ва китоби «Ишорот ват- танбеҳот»-и Ибни Синоро, ки нахустин бор устод Мӯсо Диноршоев ба забони русӣ тарҷума кардааст, бояд ном бурд. Ба ғайр аз ин ӯ як қатор иштибоҳоти хусусияти истилоҳидоштаро, ки дар тарҷумаҳои пешин ба мушоҳида мерасид, ислоҳ намудааст.

Ин тозакориҳои муҳаққиқи пуркору пурдонро дар рисолаи «Фалсафаи табииёти Ибни Сино» ҳамаи онҳое, ки таҳқиқоти мазкурро мавриди қазоват қарор додаанд, таъкид кардаанд. То он ҷо, ки ба мо маълум асту иттилоъ дорем, тамоми муҳаққиқони ватанӣ ва бурунмарзие, ки бо ҳамин асари илмии устод Мӯсо Диноршоев ба андозае ошноӣ доранд, арзишу аҳамияти назариявию равишшиносӣ (методологӣ)-и онро ёдовар шудаанд. Аз ин рӯ, метавон чунин натиҷа гирифт, ки бозёфтҳои асари зикршуда як сухани наву тозае дар синошиносӣ мебошад. Ин китоб дорои бисёр фикру андешаҳои нав, бозёфту кашфиёти нодир низ мебошад. Аз ҷумла, дар ин рисола нахустин бор ақидаи аз се бахш (фалсафаи табиӣ, илоҳиёт ва фалсафа) иборат будани низоми ҷаҳонбинии Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино ба миён гузошта шудааст.

Мӯсо Диноршоев аввалин шуда, қисмҳои боқимондаи «Ҳикмат-ул-машриқия»- и Ибни Синоро ба доираи таҳқиқ кашида, синошиносони ҷаҳонро ба ин ҳақиқати фарҳангию таърихӣ ошно намуд, ки аз ҷиҳати моҳияту аҳамияти оламшиносӣ ин китоб аз соири осори маъруфи (машшоии) Ибни Сино фарқи зотию ҷавҳарӣ надорад, нодуруст будани ақидаи дар байни муҳаққиқон то ин замон роиҷеро, ки гӯё Ибни Сино дар марҳилаҳои охири ҳаёту эҷоди худ аз равияи машшоӣ даст кашида, ҷаҳонбинии ба дину ирфон асосёфтаро офарид, исбот намуд.

Таҳқиқоти устод Мӯсо Диноршоев метавон гуфт, ки дарси ношиносии Шарқу Ғарб таҷдиди назарро ба вуҷуд овард. Назари оламиён роҷеъ ба ҳикмати Ибни Сино ҷиддӣ ва бо дарки нав оғоз шуд. Бо манзури ҷанбаҳои мазкур устоди шодравон, профессор Нозирҷон Арабзода менависад, ки: «Бо итминони комил метавон гуфт, ки асари мазкур китоби маъмулие дар ҳаққи Ибни Сино нест, балки таҳқиқоти бунёдиест, ки фақат ба ҷамъбасти комёбиҳои дар синошиносӣ ба дастомада маҳдуд нагардида, бисёр масъалаҳои мероси назариявии Абӯалӣ ибни Синоро, ки то ҳол мавзӯи таҳқиқи илмӣ қарор нагирифта буданд, ҳарҷиҳата таҳқиқ намудааст. Дар айни замон муаллиф таҳқиқи амиқтари он масъалаҳоеро, ки алҳол то ҳадде омӯхта шудаанд, фаромӯш накарда аст. Тамоми хулосаҳои Мӯсо Диноршоев ба таҳлили дақиқи санадҳои илмии аниқ асос ёфтааст. Услуби таҳқиқии ӯ ҳар гуна даъвоҳои бедалелро ба эътибор намегирад» [1, с.3].

Ба таври алоҳидаву ҷудогона баррасӣ гардидани фалсафаи табиати Ибни Сино ва муҳимтарин масоили ҳикмати табии ӯро, ки тимсолашро дар синошиносии ҷаҳон дучор омадан бидуни имкон аст, яке аз дастовардҳои илми фалсафаи тоҷик дар ин ҷода метавон қаламдод намуд:

(1) Фалсафаи Юнони Бостон (арастуия ва навафлотуния) маншаи ягонаи назариёти қадимияти олам набуд. Анъанаи дерини моддигароӣ, ки қадимияти олами моддиро изҳор доштаанд, маншаъҳои амиқи ғоявӣ доранд, ки он маншаъҳо дар таърихи афкори тоисломии мардумони эроннажод ниҳон аст. Зурвония ва даҳрия, ки то интишоршавии ҳикмати Юнони Бостон ҳам роиҷ буданд, андешаи қадимияти оламро эътироф медоштанд. Ин андешаро дар асри IX Ибни Ровандӣ дар шакли материализми ҷанговар тақвият бахшид.

(2) Далелу бурҳоноварии Ибни Сино бо андешаи қадимияти Худои ягона ва олам ба поён намерасад. Мутафаккир бо идроки комили мақулаҳои «модда», «ҳаракат», «макон» ва«замон» низ ба назарияи қадимияти олам омада расидааст.

Муаллиф низоми далелҳои Ибни Сино ва тарафдорони ин назарияро дар партави мафҳуми «замон» таҳлил намудааст, ки хеле бамаврид ва возеҳанд. Мӯсо Диноршоев ин мафҳумро дар ҳамоҳангӣ ва алоқамандии мантиқу мазмун бо ҷузъиёти консептуалии натурфалсафаи Ибни Сино, ба монанди: «қадим», «ҳодис», «қабл» ва «баъд» хеле дақиқ мавриди таҳлил қарор додааст. Ҳатто як қатор мафҳумҳои мутааллиқ ба замон, ки ба низоми фалсафии дигар (ғайри машшоия) дохиланд, аз диққкати муаллиф пинҳон намондааст.

Ҳамчунин бояд зикр намуд, ки дар миёни синошиносон роҷеъ ба як рисолаи фалсафии Ибни Сино «Ҳикмат ул-машриқия» чунин ақидае роиҷ буд, ки файласуф бо таълифи он аз заминаи маслакии машшоия дур рафтааст. Мӯсо Диноршоев зимни таҳқиқоташ асари мазкурро бо рисолаҳои дигари Ибни Сино ва «Мабоҳис ул-машриқия»-и Имом Фахридини Розӣ ва «Ҳикмат ул-ишроқ»-и Шаҳобуддини Сухравардӣ муқоиса намуда, ба натиҷаи муътамаде расидааст, ки фалсафаи Ибни Сино дар ин асар низ монанди дигар осори ӯ, на ирфону ишроқ, балки машшоияи шарқӣ аст.

Дастоварди дигаре, ки устод Мӯсо Диноршоев тавассути таҳқиқи «Фалсафаи табиёти Ибни Сино» ҳосил кардаанд, иборат аз ин аст, ки миёни машшоия ва машшоияи шарқӣ идомати ғоявӣ ва таҳкими суннату анъанаҳои мафкуравӣ мавҷуд аст. Вале дар ин замина ба чунин хулоса омадан нодуруст аст, ки гӯё Ибни Сино шореҳи Арасту бошад ё фалсафаи мутафаккири тоҷик намунаи махлути фалсафаи Арастуву Афлотун ва навафлотуния ҳисоб гардад. Таҳқиқоти Мӯсо Диноршоев доир ба назарияи идроки Ибни Сино ва таносуби он бо таълимоти ӯ роҷеъ ба ҳастӣ низ ҷолиби таваҷҷуҳ аст ва ҷиҳатҳои навро дорост. Устод ба хулосаи дурусти илмӣ омадаанд, ки назарияи идроки Ибни Сино моҳиятан назарияи инъикос аст ва то андозае хилофи назарияи тазаккури Афлотун мебошад.

Ба ҳамин тариқ, таҳқиқоти фалсафии академик Мӯсо Диноршоевро дар миқёси олам яке аз тозакортарин таҳқиқот оид ба фалсафаи Шарқ ва бахусус, таълимоти фалсафии мутафаккири асримиёнагии тоҷик Абӯалӣ ибни Сино пазируфтаанд, ки он пеш аз ҳама, эътирофи олими тоҷик ва пешрафти илми фалсафаи муосири тоҷик низ ҳаст.

«Монографияи Мӯсо Диноршоев, - менависад профессор Акбар Турсунов, - сатҳи таҳқиқи фалсафаи Шарқи асримиёнагиро инъикос менамояд. Ба ҷуз аз маводи асноди пурвусъат буданаш, дар он як қатор хулосаҳои назариявӣ ва натиҷаҳои мантиқӣ ғунҷоиш ёфтааст, ки он метавонад бар нафъи таҳқиқотҳои минбаъда хидмат кунад ва самтҳои нисбатан дақиқу амиқи фаҳмиши осори ғоявию маънавии Ибни Синоро муайян созад» [10, с.169-170].

Устод Мӯсо Диноршоев зимни таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи натурфалсафаи Ибни Сино ба таври дақиқ собит месозанд, ки бешак муҳимтарин сарчашмаи ғоявии ғайрибумии ташаккули афкори фалсафии мутафаккир фалсафаи юнонӣ, алалхусус фалсафаи ҳакими барҷастаи он Арасту ва дар тавзеҳи баъзе масъалаҳои фалсафӣ Афлотун, низ мебошанд.

Дар тақвияти ҳамин андеша устод Мӯсо Диноршоев дар китоби «Фалсафаи табииёти Ибни Сино» чунин менигоранд: Ибни Сино дар тадвини фалсафаи худ ва таҳлили бисёр масъалаҳои умдаи фалсафӣ, ба мисли сохти ҳаюло (модда) ва аҷсом, сабабият, сифатҳои модда ва моҳияти онҳо, азалияту абадияти олам, нафсу тан, робита ва таъсири мутақобилаи ашё, кавну фасод ва қонунмандии онҳо ба Арасту такя мекунад. Рӯҳи арастуӣ дар тамоми ҷанбаҳои назарияи маърифати Ибни Сино – моҳияти идрок (маърифат), идроки ҳиссӣ ва ақлонӣ, ҳадсӣ ва таҷрибавӣ, иктисобӣ ва ғайриктисобӣ ба мушоҳида мерасад. Вале сарфи назар аз ҳамаи ин Ибни Синоро наметавон шореҳ ва муқаллиди Арасту пиндошт. Зеро Ибни Сино ҳангоми баёни масоили мазкур масъалаҳоеро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад, ки Арасту онҳоро танҳо матраҳ карда буд. Ибни Сино андешаҳоеро пеш меоварад, ки зинаи наверо дар фалсафаимашшоияоғоз менамоянд.

Масалан, ҳангоми таҳлили масъалаи таҷавҳури аҷсом Ибни Сино назарияҳои сурати ҷисмӣ, ташаххуси модда ва сурат тавассути якдигар, ягонагии модда ва суратро дар аҷсоми табиӣ ва сунъӣ пешниҳод кардааст, ки барои рафъи ақидаи дуалистӣ (санавият)–и модда ва сурат ва назарияи мусули Афлотун аҳамияти зиёд доштанд. Ибни Сино масъалаи сабабиятро баррасӣ карда бар хилофи Арасту ба таҳлили масъалаи таносуби замонии сабаб ва натиҷа, шаклҳои робитаи сабаб ва натиҷа, навъҳои робитаи сабабӣ, таносуби зарурат ва тасодуф ва ғ. таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардааст, ки дар машшоия умуман, машшоияи шарқӣ хусусан, навоварии ҷиддӣ маҳсуб мешуданд. Ибни Сино инчунин назарияи Арастуро дар бораи сифатҳои модда пазируфта ва такмил додааст [4, с.10].

Ҳамин тариқ, Мӯсо Диноршоев зимни тавзеҳи масоили зикршуда дастоварду афзалиятҳо ва такмилоту тафовутҳои натурфалсафаи Ибни Синоро аз Арастуву пайравони юнонии ӯ ба тариқи зайл ироа медорад:

Якум, Ибни Сино нисбат ба Арасту андешаи айнияти ҳаракат, макон ва замонро пайгиронатар асоснок сохтааст.

Дуюм, Ибни Сино фарзияи майлро пешниҳод намуд ва ба ин васила кашфи қонуни ҷабр (инерсия) –ро омода сохт, ки баъдан аз ҷониби мутафаккирони Давраи Эҳё - Галилей ва Нютон баён шуд. Дар ин замина вай назарияи Арастуро дар хусуси таъсири антиперистатикии муҳит рад намуд.

Сеюм, Ибни Сино бархилофи Арасту исбот мекард, ки ҳаракат на танҳо дар категорияҳои каммият (миқдор), кайфият (сифат) ва макон, балки дар категорияи вазъ (ниҳод) низ ҷой дорад.

Чорум, Ибни Сино андешаи тобеияти суръати ҳаракатро ба муқовимати ашёи дигар ва вазни хоси ҷисм хуб асоснок сохтааст. Ӯ ақидаи баъзе донишмадонро дар бораи ҳаракати қаҳрӣ (иҷборӣ) накд карда, таъкид карда буд, ки аз рӯйи ақидаи онҳо «боистӣ, ки ҳар чи хурдтар будӣ, тезтар ҷунбидӣ ва ҳар чи бузургтар будӣ дертар ҷунбидӣ ва кор бархилофи ин аст» [6, с.12].

Мувофиқи ақидаи Мӯсо Диноршоев, Ибни Сино ҳангоми тарҳрезии таълимоти худ дар бораи нафс ва тан низ бештар ба Арасту моил будааст: дар асл вай ҳамаи нуктаҳои ин таълимоти ӯро ҷонибдорӣ кардааст, ба ҷуз ин андешаи вай, ки ҳама навъҳоинафс, аз ҷумла нафси оқилаи инсон ҳам фонианд, дар бораи нафси оқила Ибни Сино бархилофи Арасту мавқеи дигар дошт: нафси оқилаи инсон баъди фанои тан фано намепазирад, балки ҷудо аз он ҳастии худро идома медиҳад.

Ин, аз як тараф, натиҷаи он тағйироти ақидатие буд, ки дар ҷомеаи замони Ибни Сино рух дод ва аз тарафи дигар, амри мазкур марбут ба таъсири назариёти мактабҳои дигари фалсафӣ, фалсафӣ-динӣ ва мазҳабӣ мебошад. Вале Ибни Сино ба ҳайси табиб тавониста аст, ки масъалаи таносуби рӯҳониёт ва ҷисмониётро нисбат ба Арасту муфассалтар баррасӣ кунад ва чун яке аз аввалинҳо андешаи тобеияти рӯҳониётро аз ҷисмоният баён кардааст: сиҳҳати рӯҳӣ натиҷаи сиҳҳати ҷисмонӣ ва физиологии мағзи сар аст, бемории рӯҳӣ пайомади носиҳҳатии ҷисмонӣ ва физиологии мағзи сар мебошад.

Зиёда аз ин, вай таъсири акси рӯҳониёт ба ҷисмониётро барои замони худаш бисёр боварибахш асоснок сохтааст. Ибни Сино яке аз аввалин олимоне аст, ки заминаи моддии фарояндҳои рӯҳонӣ - ҳисҳо, тасаввур, ваҳм, хаёл, ҳофиза, хотира ва тафаккурро дақиқ нишон додаст. Ба ин васила ӯ яке аз шартҳои зарурии дарки воқеъбинонаи ҳаёти рӯҳониро муайян кардааст. Ҳеҷ шакке нест, ки Ибни Сино ба ин ҳама дастовардҳо дар заминаи пешрафтҳои фалсафа ва илм, хусусан тибб, ки то замони ӯ рух дода буданд, ноил шудааст [5, с.50-51].

Ҳамин тариқ, Мӯсо Диноршоев умумияту тафовутҳои натурфалсафаи Ибни Синоро аз натурфалсафаи Афлотуну Арасту ва дигар мутафаккирони юнонӣ бо нишондодани бисёр далелҳои муътамаду қавии илмӣ ҳамаҷониба асоснок сохтааст, ки дар таҳқиқотҳои оянда дар мавридашон сухан хоҳем гуфт.

**Адабиёт:**


1. Арабзода Нозир. Файзи истеъдод // Рӯзномаи «Минбари халқ», 25-уми ноябри соли 1999. - С. 3.
2. Баратов М.Б. Мировоззрение Абу Али ибн Сина // Ибн Сина. Канон врачебной науки. Т.1.Ташкент, 1981 .; Баратов М.Б., Булгаков П.Г., Каримов У.И. Абу Али ибн Сина. Ташкент, 1980 .; Бобоутдинов А.М.Великий мыслитель средневековья // Литературный Таджикистан. Альманах, кн. 5. Сталинабад, 1953;
3. Богоутдинов А.М. Очерки по истории таджикской философии. Сталинабад: «Таджсоцгосиздать», 1961.
4. Диноршоев М. Ибн Сина и его философские воззрения // Абу Али Ибн Сина. Избранные произведения. Т. 1. Душанбе: «Ирфон», 1980. - С. 10.
5. Диноршоев М. Натурфилософия Ибн Сины. Душанбе: «Дониш», 1985. - С. 50-51.
6. Ибни Сино. Табииёти «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383. - С.12.
7. Лей Герман. Очерк истории средневекового материализма. Москва, 1962.
8. Раджабов М., Кулматов Н., Наврузов С.М. Диноршоев. Натурфилософия Ибн Сины. Душанбе, 1985. -254 с. // Памир. -1986. -№ 3. - С. 167.
9. Сагадеев А.В. Ибн Сина. Москва: «Наука», 1980; Сагадеев А.В. От Авиценны к Ибн Сине: опыт адекватной реконструкции восточно- перипатетической мысли // Абуали ибн Сина. К 1000-летию Абуали ибн Сины. Ташкент,1980.
10. Турсунов Акбар. М. Диноршоев. Натурфалсафаи Ибни Сино. Душанбе: «Дониш», 1985. -256 с.// Вопросы философии. -1987. -№1. - С.169-170.
11. Gardet A.M. The philosophy of Avicenna and its influence of medieval Europe. Tr from French willi notes M.S. Khan. Dehli. Banassidass.1969.
12. Gilson E. L`espritde Laphio Sophie medieval. Paris, 1951.


## ФАЛСАФАИ ИБНИ СИНО ДАР ТАҲҚИҚИ МӮСО ДИНОРШОЕВ


Дар мақолаи мазкур оид ба муҳимтарин ва пурарзиштарин асари таҳқиқотии Мӯсо Диноршоев «Натурфилософия Ибн Сины» («Фалсафаи табииёти Ибни Сино»)

(Душанбе: «Дониш», 1985, бо забони русӣ) маълумот дода шудааст. Муаллиф бар он назар аст, ки Мӯсо Диноршоев дар асарҳо тадқиқоти худ оид ба омӯзиши сарчашмаҳои асилу муътамад масъалаҳои асосии фалсафаи Ибни Сино таълимот оид ба хусусиятҳои ҷавҳарии аҷсом, ҳаракат, макон, қадами олам, маърифат ва шаклҳову анвои онро амиқу ҳамаҷониба таҳқиқ намудааст.

Бояд ёдовар шуд, ки академик Мусо Диноршев дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи худ муайян кардааст, ки фалсафаи Ибни Сино аз тамоили ҷаҳонбинии ӯ ба сӯи бисёрандешӣ дарак медиҳад. Дастоварди дигаре, ки академк Мӯсо Диноршоев тавассути таҳқиқи «Фалсафаи табииёти Ибни Сино» ҳосил кардааст ин иборат аз он аст, ки миёни машшоия ва машшоияи шарқӣ идомаи ғоявӣ ва таҳкими суннату анъанаҳои мафкуравӣ мавҷуд аст. Муаллиф бар он назар аст, ки Мӯсо Диноршоев, асосан Ибни Сино ҳангоми тарҳрезии таълимоти худ дар бораи нафс ва тан низ бештар ба Арасту моил будааст.

**Калидвожаҳо:** ҳикмат, фалсафа, нафс, натурфалсафа, машшоия, макон, замон.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Комилов Далер Рустамович – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва илмҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Ф. Муҳаммадиев хонаи 64, ҳуҷраи 50. E-mail: www.daler.komilzoda@gmail.com, Тел: +99298060101.

Пудинаев Умед, ходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, Тел: 918.59. 60. 76, E-mail: umed2017@inbox.ru.

## ФИЛОСОФИЯ ИБН СИНО С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ МУСО ДИНОРШОЕВА

В этой статье реч идёт особенно об одной из актулаьных книг академика Мусо Диноршоева “Натурфилфилосфия Ибн Сины”, Душанбе: Дониш, 1985, на русском языке. Автор, приходит к выводу что акадеимк Мусо Диноршоев в своих работах по исследованию и изучению основыние идейние предпосилики философских учени Ибн Сино особенностей, движения, место вчности мира, види познание анализируется.

Напомним, что академик Мусо Диноршоев, основанный на результатах своих исследований, предполагает, что философия Ибн Сино отражена о мировоззрения многих аспектах. Еще одно достижение, которое академик Мусо Диноршоев заслуживал изучение натурфилософия Ибн Сины это восточной препатетики и перпатетики является сымыслово понятие. Автор предполагает, что Мусо Диноршоев, в основном изучение философия о душе Ибн Сино, особенно сысляется на учение Аристотелей.

**Ключевые слова**: мудрость, философия, души, натурфилософия, место, время.

**Сведения об авторов:** Комилова Далера Рустамовича – Кандидат философских наук, доцент, заведующе кафедры философии и гуманитарных дисциплин в Академии при Президента Республики Таджикистан. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухамадиева Ф. 64. КВ 50. E-mail: www.daler.komilzoda@gmail.com, тел: +992980060101.

Пудинаев Умед, научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, тел: 918.59.60.76, E-mail: umed2017@inbox.ru.

## PHILOSOPHY OF IBN SINO FROM THE VIEWPOINT OF MUSO DINORSHOEV

In this article, the Rech goes especially about one of the actuarial books of academician Muso Dinorshoev. (Naturfilphilsfia ibn Sina) (Dushanbe: Donish, 1985, in Russian) gives information. The author, concludes that akideimk Muso Dinorshoev in his research and study

of the basic idea of Predposiliki philosophical scholar Ibn Sino features, movement, place of the world, Viji Cognition is analyzed. Recall that academician Muso Dinorshoyev, based on the results of his research, suggests that Ibn Sino's philosophy is reflected on the worldview of many aspects. Another achievement that academician Muso Dinorshoev deserved to study the philosophy of Ibn Sina is the eastern Prepatettics and Perpatettics is a raw concept. The author suggests that Muso Dinorshoev, mainly studying the philosophy of Ibn Sino's soul, is especially fed into the teachings of Aristotle.

**Key words:** wisdom, philosophy, soul, natural philosophy, place, time.

**Information about the authors**: Komilov Daler Rustamovich – candidate of philosophical sciences, docent, Heard of Department philosophiyl and humanitaries of Academy 0f public Administration under the Prezident of the Republic of Tajikistan, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, F. Muhammadiev, 64-50. E-mail: www.daler.komilzoda@gmail.com, Tel: +992980060101.

Pudinaev Umed, scientific researcher of the institute for studying the issues of Europe and Asia in National Academy of Sciences of Tajikistan, phone: 918.59.60.76, E-mail: umed2017@inbox.ru.

# ИСЛОМ ДАР ДАВРАИ СУЛОЛАИ МУҒУЛҲОИ БУЗУРГ ДАР ҲИНДУСТОН

**Душанбиева Нигина,**
**ходими илмии Институти омӯзиши**
**масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

Сулолаи муғулҳои бузург яке аз пурқудраттарин ва сарватмандтарин сулолаи ҳоким дар Ҳиндустон буданд, ки дар асрҳои XVI-XVIII ҳукмронӣ кардаанд. Дар бораи сарвату дороии муғулҳои бузург то кунун ҳам ривоятҳо ва қиссаҳо гуфта мешаванд ва қасрҳою дарборҳои бошукӯҳ ва манораҳою масҷидҳои зебое, ки онҳо бунёд намуданд дар дунё маълуму машҳуранд. Дар таърихи башар империяи муғулҳои бузург (худи калимаи «бузург» далелу шаҳодати шукӯҳу кабирии ин сулола мебошад) ҷою мақоми хосеро ишғол мекунад. Ҳатто ҳар як нигораҳои санъату меъморӣ ва ҳар як сарвату мулукашон як таърихи ниҳони хурди худро доро мебошад. Қиссаҳои аҷоиб дар бораи "тахти товус" ва пурарзиштарину гаронтарин алмоси «кохи нур» вирди забонҳо гаштаанд.

Сулолаи муғулҳои бузургро абераи Темур - Бобур ташкил карда буд. Дар солҳои 1526-29 Зоҳириддин Муҳаммад Бобур аллакай қисми зиёди ҳудуди Ҳиндустони Шимолиро ба тасарруфи худ даровард. Таърихшиносон тасдиқ мекунанд, ки сарҳади сулолаи муғулҳои бузург то Ҳиндустон, Покистон, Бангладеш ва як қисми Афғонистон тӯл кашида буд [3, с.76]. Аз ҳамин давра инкишоф ва паҳншавии босуръати дини ислом дар Ҳиндустон шурӯъ гардид. Бисёр нафарон фикр мекунанд, ки дини исломро дар Ҳиндустон маҳз муғулҳои бузург паҳн кардаанд, лекин ин тавр нест, чунки дини ислом пеш аз барқарор шудани шоҳигарии сулолаи муғулҳои бузург дар Ҳиндустон вуҷуд дошт.

Сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки аввалин мусулмононе, ки ба Ҳиндустон сафар кардаанд, тоҷирон ва сайёҳон буданд, ки сарвату зебоии манзараҳои ин сарзамин онҳоро ба ваҷд оварда буд.

Аввалин тохтутозҳои мусулмонҳо ба Ҳинд ба нимаи аввали асри VII тааллуқ дорад, ки дар ин маврид арабҳо ба соҳили Бомбай дар соли 647 омаданд. Баъдтар дар солҳои 662 ва 664 дигар тохтутозҳои ҳарбӣ буданд, вале натиҷа надоданд. Баъд аз тарафи мусулмонони сулолаҳои гуногун (ғуриҳо, ғазнавиҳо, хилҷиҳо, туғлакҳо, баҳманиҳо) ба ин ҷо тохтутозҳои ҳарбӣ бисёр буданд ва аксарияташон шикаст ҳам хӯрда буданд.

Дар соли 711 Муҳаммад ибни Қосим водии Синдро забт кард, вале аз ин пеш нарафт, ҳиндуҳо муқобилият нишон медоданд. Ҳамин тариқ, дар ҳудуди Ҳиндустон ислом каму беш паҳн шуда буд ва мусулмонон дар як қатор ҷойҳо ҳукмронӣ мекарданд, лекин бо омадани Бобур ба Ҳиндустон ва забт кардани ҳарҷӣ зиёдтар қаламрави Ҳиндустон дини ислом нуфузи бештар пайдо мекард. Вақте ки Бобур ба Ҳиндустон наздик мешуд, дар ин ҳангом яке аз мулкдорони мусулмон бо номи Давлатхон бо султон Иброҳими Лодӣ душманӣ дошт. Давлатхон Бобурро бо умеди шикаст додани душманаш тарафдорӣ карда фикр мекард, ки Бобур баъди шикаст додани султон Иброҳим Лодӣ ба Кобул бармегардад, лекин ин тавр нашуд. Бобур баъди шикаст додани султон барои забти Деҳлӣ раҳсипор шуд. Бобур лашкаркаши моҳир буд ва тавонист Деҳлиро забт кунад.

Дар ин бора дар китобаш Ҷавоҳирлаъл Неҳру менависад: «Як лашкаркаши дигар аз тарафи кӯҳҳои шимол омад ва дар муҳорибаи машҳури Панипат дар наздикии Деҳлӣ

дар соли 1526 шоҳигарии Деҳлиро ба даст овард. Ин Бобур аз сулолаи турку муғул ва шоҳзодаи силсилаи муғулҳои Осиёи Марказӣ буд. Бо омадани вай салтанати муғулҳо дар Ҳиндустон шурӯъ шуд" [6, с.156]. Агарчи аз тарафи ҳиндуҳо ҳам муқобилати пурзӯр нишон дода мешуд, бо вуҷуди ин, Бобур дар Ҳиндустон монд ва тавонист ба як шоҳигарии бузург асос гузорад. Аз ҳамин даврон дар Ҳиндустон салтанати дорою тавонои муғулҳои бузург сар мешавад. Таърих чунин салтанати бою бошукӯҳро ёд надорад. Агарчанде дар таърих муҳорибаҳои муғулҳои бузург ҳамчун даҳшатноку ваҳмнок ба қалам дода шуда бошанд ва дар байни худашон низ куштορҳои зиёд барои тахту тоҷ шуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин сулолаи муғулҳои бузург дар таърихи ҷаҳон нақши худро гузоштааст.

Барои паҳн шудани дини ислом дар Ҳиндустон асрҳо лозим буданд. Баъзеҳо мегӯянд, ки ҳиндуҳо дини исломро бо зӯрию фишор қабул карданд, лекин як қатор донишмандон даъво доранд, ки бисёре аз ҳиндуҳо дини исломро бо хоҳиши худашон пазируфтанд. Ба ин аввалан системаи кастҳо, ки барои ҳиндуҳо мушкил буд мусоидат намуд. Инчунин издивоҷ байни мусулмонону ҳиндуҳо, савдою тиҷорат, пайдо шудани суфизм низ роли худро бозидаанд.

Назарияи ё қабули дини ислом ё маргро бисёре аз олимон танқид мекунанд. Бисёре аз истилогарони мусулмонони Ҳинд Ҳиндустонро на фақат маскани ба даст овардани боигарӣ, балки ҳамчун шоҳигарӣ барои худ ва насли ояндаашон интихоб карда буданд. Баъзе аз ин шоҳон бо занҳои ҳинду хонадор мешуданд ва онҳоро маҷбур ҳам намекарданд, ки дини исломро қабул кунанд. Онҳо дар дини худашон мемонданд.

Дар ин мақола фақат маълумоти мухтасар дар бораи танҳо баъзе аз шоҳони муғул ва дини ислом дар ин давра маълумот дода мешавад.

Дар бораи паҳншавии дини ислом дар Ҳиндустон дар байни олимону донишмандону таърихшиносон то ҳозир ҳам баҳсҳои зиёду мухталиф вуҷуд доранд.

Баъзе аз онҳо чунин мегӯянд:

1. Шумораи зиёди мусулмонон намояндагони давлатҳои Эрон ва Арабистон буданд.

2. Мусулмонҳо барои ҷорӣ намудани дини ислом дар Ҳиндустон фишори сиёсӣ ва ҷиҳодро истифода мебурданд.

3. Қабули дин ба воситаи сабабҳои аз андоз озод шудан сурат мегирифт.

4. Ҷараёни суфия дар Ҳиндустон тарғиботи исломро мебурд ва ба дили мардуми маҳаллӣ роҳ меёфт.

5. Буддоиҳо ва намояндаҳои кастаҳои поёнӣ бисёр азоб мекашиданд ва қарор доданд исломро кабул кунанд.

6. Дар аввал исломро бо зурӣ ҷорӣ менамуданд, лекин баъд ҳиндуҳо исломро дӯст доштанд.

7. Тамаддуни исломӣ бештар динамикӣ буд, ки ба якҷошавии ботадриҷи Ҳиндустон ва аҳолии он ба ҷаҳони исломӣ мусоидат намуд [7, с.132].

Бобур ҳам бо ҳиндиҳо ва ҳам бо афғонҳое, ки пештар ба Ҳиндустон омада буданд мубориза бурда, сарҳадҳояшро оҳиста-оҳиста калонтар мекард. Бобур дар таърих на фақат ҳамчун лашкаркаши моҳиру нотарс ва сиёсатмадори пурқудрат, балки ҳамчун донанда ва қадрдони хуби санъату меъморӣ, шеъру шоирӣ ва ҳамчун як шоир эътироф карда шудааст. Вай дар дарбораш дар Агра шоирон, рассомон ва олимонро ҷамъ карда буд ва онҳоро қадрдонӣ мекард. Ёддоштҳои вай «Бобурнома» яке аз дурдонаҳои адабиёти шарқ ба ҳисоб мераванд. Дар бораи қадрдонӣ ва дӯстдори шеъру шоирӣ, таъриху санъат ва меъморию фарҳангдӯстиашон дар поён муфассалтар зикр дода хоҳад

шуд. Дар замони ҳукмронии Бобур ба тамоми динҳои Ҳиндустон диққати махсус дода мешуд. Бобур дороияшро байни писаронаш Ҳумоюн ва Комрон тақсим кард, лекин ба тахти шоҳӣ Ҳумоюн нишаст. Ҳумоюн дар вақте ҳукмронӣ мекард, ки на танҳо дар Ҳиндустон, балки дар Афғонистон ҳам ноором буд. Ба ғайр аз ин Ҳумоюн ҳокими пурқудрат набуд ва ҳукмрониаш ҳам дер давом накард.

Баъди Ҳумоюн Акбар ба тахт мешинад ва бо кордонию моҳириаш бисёр сарват ба даст оварда, давлатдорияшро мустаҳкам мекунад. Акбар сиёсатмадори хуб буд. Вай барои боз ҳам мустаҳкамтар кардани давлатдорию ҳокимияташ бо зани ҳинду хонадор мешавад. Баъдтар вай боз якчанд зани дигар ҳам аз байни ҳиндуҳо мегирад ва ягонтои онҳоро маҷбур намекунад, ки дини исломро қабул кунанд. Акбар бо ҳиндуҳо ҳаматарафа муросо менамуд. Вай иҷозат дод, ки дар дарбораш ҳиндуҳо ҳам хизмат кунанд. Ба Акбар муяссар шуд, ки қисми зиёди ҳудуди Ҳиндустонро ба тасарруфи худ дарорад.

Акбар барои гулгулшукуфии давлаташ саъю кӯшиши зиёд мекард. Вай душвориҳои дохилии мамлакатро хеле моҳирона ҳал мекард. Вай на фақат барои некӯаҳолии халқ, балки барои тараққӣ додани санъату меъморӣ, савдою тиҷорат бисёр корҳоро ба анҷом расонд, вале дар сиёсати давлатдорӣ низ беҳамто буд. Вай фармон дода буд, ки ҳокимияти маҳаллӣ новобаста ба ҳокимияти марказӣ итоат кунад ва ҳамин тариқ сиёсати давлаташро пеш мебурд. Вай инчунин барои тамоми динҳои дар Ҳиндустон мавҷудбуда озодӣ дода буд, ки ҳар як шахс метавонист бе ягон фишору мамониат дину мазҳабашро раҳнамоӣ кунад. Ҳукмронии сулолаи муғулҳо дар Ҳиндустон ин пеш аз ҳама таърихи дин аст, ки дар тамоми таърихи баъдинаи шибҳиқора саҳми худро гузоштааст. Нуқтаи баландтарини ин синтези динӣ-фарҳангӣ ҳукмронии Акбар буд, ки ба ҳамдигарфаҳмии ҷаҳони ҳинду мусулмонҳо асос гузошт [5, с.57].

Дар замони ҳукмронии Акбар бисёр шӯришҳо сар мезаданд, ки онҳо на танҳо шӯришҳои дохилӣ буданд, балки худи наздикони шоҳ бар зиддаш барои тахту тоҷ ҳаргуна иғвоҳо мебардоштанд. Яке аз ин иғвогарон писараш Салим буд, ки дар соли 1601 бар зидди падараш бархост. Азбаски Акбар шахси ботаҷриба ва ғамхор буд вай бо писараш муросо ҷуст ва ин ҳам ба ӯ муяссар гашт. Бо вуҷуди ин чунин мушкилиҳо беасар намонданд ва шоҳ аз онҳо хеле азият мекашид. Албатта, Акбар намехост, ки бо писараш нофаҳмӣ дошта бошад ва барои ҳамин ҳам пеш аз маргаш Салимро ворисй тахт интихоб ва эълон мекунад.

Дар соли 1605 Акбар аз дунё чашм мепӯшад ва ҳамин тариқ писараш шоҳигариро ба даст меорад. Писараш Салим худро Ҷаҳонгир мегӯяд ва баъди ба тахт нишастан даррав аз бисёр сиёсатҳои ҷорикардаи падараш даст кашида, зиёд чизҳоро бо хоҳишу ихтиёри худ аз нав мекунад. Ҷаҳонгир мисли авлодонаш шахси динпараст набуд. Вай дар дарбораш дар баҳсҳои байни масеҳиҳо ва муллоҳои исломӣ нишаста аз мубоҳисаҳояшон ба ваҷд меомад. Азбаски бисёр фарҳангпараст буд дар дарбораш суратҳои доир ба дин дошта буд, ки бисёртарашон ба дини масеҳӣ тааллуқ дошта буданд, ки аз ин бисёр мусулмонони дарбор норозӣ буданд [8, с.62].

Баъди Ҷаҳонгир (1569-27) тоҷу тахт ба дасти писараш Шоҳҷаҳон мегузарад. Шоҳҷаҳон дар таърих бо қасри барои ҳамсараш Мумтоз бунёднамуда – қасри машҳури Тоҷмаҳал маълуму машҳур аст. Шоҳҷаҳон диндори сахт буд. Вай махсусан ба равияи суфия такя мекард ва дар ин вақт ҷараёни суфия дар Ҳиндустон бисёр паҳн шуда буд ва намояндагони ин равия бо таълимоташон зиёд тарафдорони ҳиндуро пайдо карданд ва ҳамин тариқ ҳиндуҳо дини исломро қабул мекарданд. Вақте ки пас аз ҳукмронии Шоҳҷаҳон писараш Аврангзеб шоҳ эълон шуд вай бисёр қонунҳои навро ҷорӣ кард, ки

одамони зиёде норозӣ буданд. Аврангзеб писари сеюми Шоҳҷаҳон буд ва шоҳ писарашро аз овони хурдсолӣ барои ҳукмронӣ тайёр карда буд. Ӯ аз аввал дар муҳорибаҳо иштирок карда, маҳорати хуби ҷанговариро омӯхта буд. Чӣ хеле ки аз таърих маълум аст дар тамоми ҷаҳон шоҳон барои тахту тоҷ мубориза мебурданд ва ин мубориза боз ҳам шадидтар мегашт, вақте ки подшоҳон ворисони бисёр медоштанд. Азбаски Шоҳҷаҳон чор писар дошт, ки ҳамаашон мехостанд соҳиби давлат шаванд байни онҳо ҷангу ҷанҷол барои шоҳигарӣ бархост. Аврангзеб бародаронашро қатл карда, соҳиби шоҳигарӣ шуд. Дар замони ҳукмронии Аврангзеб (1658–1707) империяи муғулҳои бузург ба авҷи аълои инкишофи худ расида буд. Қариб тамоми Ҳиндустон ба ғайр аз ҷануб ва инчунин Кобул дар зери тасарруфи онҳо буд [4, с.79].

Агарчи пеш аз Аврангзеб ба озодии дину мазҳаб дар Ҳиндустон диққати махсус дода мешуд ва тамоми динҳо эътироф карда мешуданд, шоҳ Аврангзеб бо онҳое, ки ғайримусулмон буданд, зулм мекард. Аврангзеб қарорҳоеро бо номи «завобит» мебаровард, ки баъдтар ин қарорҳо дар шакли маҷмӯа бо номи “**Завобит-и-Оламгирӣ”** тартиб дода шуданд. Аврангзеб аз нав “ҷиза”-ро барқарор кард, ки ин намуди андоз барои ғайримусулмонҳо ҳатмӣ буд, агарчӣ ин шакли андоз дар замони ҳукмронии Акбар аз байн бурда шуд.

Дар замони ҳукмронии шоҳ Аврангзеб байни мусулмонҳою ҳиндуҳо зуд-зуд нофаҳмиҳо ба вуҷуд меомаданд. Ибодатгоҳҳои ҳиндуҳо хароб мешуданд ва заминҳои бисёр заминдорони ҳиндуро кашида мегирифтанд. Ин албатта бетаъсир намонд ва бисёр роҷаҳо бар зидди Аврангзеб шӯришҳо ташкил мекарданд. Шӯришу норозигиҳо саросари мамлакатро фаро гирифта буданд. Дар яке аз ингуна шӯришҳо бар зидди падараш ҳатто писари Аврангзеб-Акбар низ иштирок карда буд. Бо як азобу машаққате ба Аврангзеб муяссар мешуд, ки шӯришҳоро пахш кунад, вале азбаски сиёсатмадори хуб набуд ва сиёсаташро иваз намекард, натавонист дар кишвараш сулҳу амониро барқарор кунад. Бо сабаби оне, ки дар Ҳиндустон қавму қабилаҳои гуногун ва дину мазҳабҳои мухталиф вуҷуд доранд, на танҳо ҳиндуҳо, балки сикхҳо ва намояндагони дигар динҳо ҳам аз сиёсати динии Аврангзеб сахт норозӣ буданд. Ҳамаи ин норозигиҳо ба он оварда расонданд, ки Аврангзеб дар яке аз муҳорибаҳо дар соли 1707 кушта шуд.

Дар соли 1600 ширкати Ост-Индия аз тарафи англисҳо ташкил карда мешавад, ки ташкилёбии ин ширкат яке аз сабабҳои асосии аз байн рафтани давлати бузурги муғулҳои бузург ба шумор меравад. Давлати муғулҳои бузург оҳиста-оҳиста заиф шуда, аз байн меравад. Дар соли 1803 англисҳо Деҳлиро гирифтанд. Охирин намояндаи муғулҳои бузург Баҳодуршоҳ ба Бирма бадарға мешавад ва дар он ҷо дар соли 1862 аз олам чашм мепӯшад.

Чуноне ки маълум гардид ҳар як намояндаи сулолаи муғулҳои бузург барои инкишофу тараққӣ додани динашон ба сиёсатҳои мухталиф такя мекард. Албатта, он чизе, ки дини ислом махсусан дар давраи ҳокимияти сулолаи муғулҳои бузург васеътар паҳн шуд ба ин ҷои шубҳа намемонад. Бояд қайд кард, ки ба ғайр аз паҳн кардани дини ислом ва забони форсӣ муғулҳои бузург дар Ҳиндустон бисёр ёдгориҳои таърихӣ боқӣ гузоштаанд, ки ин мамлакти афсонавиро дар ҷаҳон боз ҳам маълуму машҳуртар гардондаанд ва аз тамоми гӯшаю канори дунё сайёҳон ба дидани ин ёдгориҳои беҳамто меоянд.

Таърих гувоҳи он аст, ки агарчӣ бисёр истилогарон ба ҳудуди мулкҳои дигар ҳуҷум карда, бо як бераҳмию хунхорӣ онҳоро забт мекарда бошанд ҳам, бо вуҷуди ин барои он кишварҳои забтшуда беҳбудиҳои зиёдеро низ ба амал овардаанд. Салтанати муғулҳои бузург ҳам дар Ҳиндустон аз худ ёдгориҳои аҷиби таърихиро боқӣ гузоштанд. Қасрҳою дарборҳои пуршукӯҳашон, ки бо санъати нотакрори меъморӣ сохта шудаанд беҳамто мебошанд.

Масалан, яке аз шоҳкориҳои санъати меъморӣ, ки Акбар барои падараш Ҳумоюн дар соли 1562 сохта буд ба ёдгориҳои ЮНЕСКО дохил шудааст. Мақбараи Тоҷмаҳал аз шоҳкориҳои машҳури даврони муғулҳои бузург мебошад, ки онро беҳуда мӯъҷизаи ҳаштуми ҷаҳон наменоманд. Ин мақбараи маълуму машҳур дар Агра дар солҳои 1632-52, яъне дар муддати 20 сол сохта шуда буд. Шоҳҷаҳон ин мақбараи зеборо барои зани дӯстдоштааш Мумтоз сохта буд. Ин мақбара аз мармари сафед сохта шуда буд ва дар он аз тамоми сангҳои қиматбаҳои ҷаҳон, ки аз тамоми гӯшаю канори дунё ҷамъ оварда шуда буд истифода шудаанд.

Таъсири маданияту фарҳанги исломӣ ба тамоми соҳаҳо-забон, тарзи либоспушӣ, хурду хӯрок инчунин тамоми навъҳои санъат, меъморӣ, кандакорӣ, кулолгарӣ, истеҳсоли матоъҳо, истеҳсол ва коркарди сангҳои қиматбаҳо, банақшагирии шаҳрҳою ноҳияҳо, боғдорию гулкорӣ хеле ривоҷ ёфта буданд таъсир расонд. Дар ин вақт масҷидҳои калону бошукӯҳ бо тарҳи хос бо гунбадҳои калон ва ҷои ибодат сохта мешуданд. Бояд қайд кард, ки аввалин масҷид дар Ҳиндустон дар соли 629 дар Керала аз тарафи аввалин мусулмонони Ҳинд Хиромон Перумал Бҳаскара Равӣ Варма сохта шуда буд, ки он Хиромон Ҷама Масҷид ном дорад. Ин гувоҳи он аст, ки дини ислом дар Ҳиндустон хеле пештар паҳн шудааст. Ҳатто аввалин султони муғулҳои бузург Бобур се масҷиди калон якеаш дар шаҳри Панипат, дигараш дар Самбҳал ва сеюмаш бо номи масҷиди Бобур дар Айодҳйа сохта буд.

Ҷама масҷид дар Деҳлӣ дар соли 1656 аз тарафи Шоҳҷаҳон сохта шуда буд. Ин масҷидро Шоҳҷаҳон барои духтараш Ҷаҳоноробегим сохта буд. Писари вай Аврангзеб як масҷиди дигари калонро бо номи масҷиди Подшоҳӣ дар Лоҳур сохт. Мақбараи Ҳумоюн дар Деҳлӣ (1570), Акбар дар Сикандар -1613, Ҷаҳонгирдор дар Лоҳур 1637, Одилшоҳ дар Биҷапур -1656 ва бисёр дигар мақбараҳо ҳоло дар Ҳиндустон мавҷуданд, ки дар даврони муғулҳои бузург сохта шудаанд.

Иморати Шишамаҳал аз тарафи Шоҳҷаҳон дар солҳои 1631-32 дар Лоҳур сохта шуда буд. Ин иморат барои вохӯриҳои императорони муғул ва инчунин барои оилааш сохта шуда буд. Ҷаҳонгирӣ маҳал яке аз қасрҳои дигари машҳури даврони Акбар мебошад, ки барои занҳои Акбар сохта шудааст.

Қалъаи сурх дар Деҳлӣ яке аз ёдгориҳои боҳашамати сулолаи муғулҳо ба ҳисоб меравад. Амир Хусрави Деҳлавӣ дар бораи ин қалъа чунин гуфтаҳо дорад: “Агар дар замин биҳишт мавҷуд бошад, пас вай дар ин ҷост”.

Аз сабаби беҳамто будани ин ёдгориҳо бисёр ширкатҳои бонуфузи ҷаҳон омодаанд дар азнавбарқароркунии онҳо саҳм гузоранд. Дар сомонаи Азия плюс аз 25-сентябри соли 2013 омадааст: “Дар Ҳиндустон ёдгории таърихии «Humayuns Tomb» таҷдид гардид, ки дар маросими парда бардоштан аз болои ин ёдгории таърихӣ намояндагони баландпояи Ҳукумати ин кишвар - Сарвазири Ҳиндустон Манмоҳан Синх, шоҳзода Карим Оғохони IV, вазири фарҳанги Ҳиндустон Чандреш Кумари Катоҷ, раиси ширкати ТАТА Ш. Ратан Тата, намояндагони корпусҳои дипломатии муқими Деҳлӣ, аҳли илму ҳунар, муҳаққиқону бостоншиносон ва меъморон ширкат доштанд.

Бояд тазаккур дод, ки ёдгории таърихии мақбараи Ҳумоюн дар зарфи 7 сол бо сарпарастии «Бунёди эътиқоди Оғохон ба фарҳанг» (Aga Khan trust for culture) ва «Бунёди ТАТА барои фарҳанг» аз нав таъмиру таҷдид гардида, ифтитоҳи он ботантана ҷараён гирифт.

Манмоҳан Синҳ - Сарвазири Ҳиндустон зимни суханронии худ гуфт: «мутмаин аст, ки Бунёди Оғохон ва Бунёди фарҳангии ТАТА дар оянда дар дигар лоиҳаҳои фарҳангии Ҳиндустон иштирок намуда, саҳм хоҳанд гузошт.

Шоҳзода Карим Оғохони IV зимни арзёбӣ аз ҳамкориҳои Бунёди Оғохон бо Ҳиндустон таъкид кард, ки Ҳиндустон кишвари афсонавӣ буда, ёдгориҳои зиёди таърихию меъморӣ ва фарҳангӣ дорад. Шоҳзода Оғохони IV аз саҳмгузории хеш дар таъмири ёдгории таърихии Мақбараи Ҳумоюн изҳори қаноатмандӣ намуда, таъкид кард, ки ин ҳадяест барои мардуми фарҳангдӯсти Ҳинд.

Иқдоми Ҳиндустон дар мавриди таъмири ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ натиҷиб буда, ҷиҳати ҷалби ҳар чӣ бештари сайёҳон ба ин сарзамини афсонавӣ, хусусан тамошои ёдгориҳои таърихию меъмории исломӣ, ки аз аҳди сулолаи Бобуриҳо то имрӯз побарҷост, мусоидат менамояд. Аз сӯи дигар шаҳодати арҷгузори ҳукумати Ҳинд ба арзишҳои миллию исломии халқиятҳои дигари муқими ин сарзамин ва фарҳангу тамаддуни онҳост” [2].

Дар давраи муғулҳо инчунин адабиёти гаронбаҳо эҷод мешуд, чунки муғулҳои бузург дӯстдорони воқеии шеъру шоирӣ буданд. Азбаски дар Ҳиндустон забонҳои гуногун мавҷуданд адабиёт на танҳо бо забони форсӣ ва ҳиндӣ, балки бо дигар забонҳо банғолӣ, панҷобӣ, синдҳӣ инкишоф меёфт.

Дар замони Бобур “Бобурнома” бо забони туркӣ навишта шуда буд. Матни аслии “Ёддоштҳои Бобур” боқӣ намондаст, лекин дар бораи оне, ки ин асар дар китобхонаи шоҳ маҳфуз буд ва то ҳуҷуми Нодиршоҳ ба Деҳлӣ дар соли 1739 дар ҳамон ҷо буд [1, с.12].

Хоҳари Ҳумоюн Гулбадан дар замони ҳукмронии Ҳумоюн “Ҳумоюннома”-ро навишт. Яке аз таърихнигорон ва файласуфони машҳур Абулфазл “Оини Акбарӣ” ва “Акбарнома” -ро навишт. Дар ин маврид инчунин фарҳангҳои зиёд тартиб дода мешуданд, ки яке аз онҳо фарҳанги “Форсӣ-Санскрит” аст. Асари тарҷимаиҳолии “Ёддоштҳои Ҷаҳонгир” –и Ҷаҳонгир ва ”Подшоҳнома” –и Абдулҳамиди Лоҳурӣ низ дар ҳамин давра эҷод шудаанд.

Бо кӯшишу дастгириҳои бевоситаи Шоҳҷаҳон “Упанишадҳо”, “Бҳагавадгита”, “Рамаяна” ва дигар асарҳои ҳиндӣ ба забони форсӣ тарҷума шуда буданд.

Суридас “Sursagar”- ро бо забони брибҳаша навишта буд ва Тулсидас “Рамчаритманас”-ро бо забони авадҳӣ навишта буд. Гуру Грантҳ Саҳиб намояндаи сикҳо дар ҳамин давра китоби муқаддаси сикххоро навишт.

Ҳамин тариқ, замони ҳукмронии муғулҳои бузург давраи инкишофу паҳншавии бошиддати ислом дар Ҳиндустон ба ҳисоб рафта, аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки дар замони ҳукмронии сулолаи муғулҳои бузург на фақат дини ислом босуръат паҳн мешуд, балки бобуриҳо ба тамоми динҳои Ҳиндустон инчунин инкишофи забонҳои гуногуну адабиёти ин кишвар диққат дода онҳоро арҷгузорӣ мекарданд. Бинобар ин, ҳатто баъди чудо шудани Ҳиндустону Покистон дар соли 1947 бисёре аз аҳолии мусулмони Ҳиндустон ба тарафи Покистон гузашта бошанд ҳам пайравони дини ислом дар Ҳиндустон то ҳанӯз хеле зиёданд ва дини ислом баъди индуизм аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ дар ҷои дуюм меистад.

**Китобнома:**

1. Бэмбер Гаскойн. Великие моголы. Потомки Чингизхана и Тамерлана. Рус. Лит, 2011-380 с.

2. Марзия Саидова Душанбе, 25 сентябр, 2013. www.asiaplustj. info

3. Пашута Олга. Великие Моголы - история, особенности и интересные факты май 31, 2018. SYL.ru: https://www.syl.ru/article/390269/velikie-mogolyi---istoriya-osobennosti-i-interesnyie-faktyi.

4. Ханников Александр, Исламская энциклопедия, Москва Рус. Лит. 2012 – 300 с.

5. Шепетяк Олег. Индусско-исламский синтез эпохи великих моголов как религиозно-политическое явление. Научный журнал Власть и общество (история, теория практика). Ассоциация открытой дипломатии (Тбилиси) стр. 126-134 № 2 (38), 2016.

6. Jawaharlal Nehru. Discovery of India –New Delhi, 1991, -p. 283.

7. Eaton, Richard M. The Rise of Islam and the Bengal Frontier, 1204—1760. Berkeley: University of California Press, 2007.

8. Stephen Meredyth Edwardes, Mughal Rule in India. Atlantic Publishers & Dist, 1995 - p. 374.

## ИСЛОМ ДАР ДАВРАИ СУЛОЛАИ МУҒУЛҲОИ БУЗУРГ ДАР ҲИНДУСТОН

Дар мақолаи мазкур инкишофи ислом дар давраи ҳукмронии сулолаи муғулҳои бузург дар Ҳиндустон нишон дода шудааст. Сулолаи муғулҳои бузург, ки дар Ҳиндустон дар асрҳои 16ғ18 ҳукмронӣ мекарданд, дар таърихи ин кишвар мақоми хосеро ишғол мекунанд. Сулолаи мухулҳои бузург на танҳо дар Ҳиндустон, балки дар тамоми ҷаҳон маълуму машҳуранд. Паҳншавии дини ботадриҷ ва равнақу инкишофи ислом дар Ҳиндустон маҳз ба ҳамин давраи муғулҳои бузург рост меояд. Бояд қайд кард, ки дар муғулҳои бузург на фақат ба дину тамаддуни исломӣ дар Ҳиндустон диққат медоданд, балки ба инкишофи тамоми забонҳои гуногуни кишвар инчунин адабиёт ва дигар динҳои мавҷудбуда арҷгузорӣ мекарданд

**Калидвожаҳо:** ислом, муғулҳои бузург, дин, ёдгориҳои таърихӣ.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Душанбиева Нигина - ходими илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, тел: (+992) 935170401, E-mail: bomijahon@mail.ru.

## ИСЛАМ В ИНДИИ ВО ВРЕМЯ ДИНАСТИИ ВЕЛИКИХ МОГОЛОВ

В этой статье показано развитие ислама в период правления династии великих моголов в Индии. Великая монгольская династия, правившая Индией в XVI и XVIII веках, занимает особое место в истории этой страны. Династия великих моголов хорошо известна не только в Индии, но и во всем мире. Постепенное распространение ислама и развитие ислама в Индии восходит к временам великих моголов. Следует отметить, что великие моголы не только обратили внимание на исламскую религию и цивилизацию в Индии, но также обратили внимание на развитие всех различных языков страны, литературы и других существующих религий.

**Ключевые слова:** ислам, великие моголы, религия, исторические памятники.

**Сведения об авторе:** Душанбиева Нигина – сотрудник отдела Южной Азии и Востока Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ тел: (+992) 935170401; E-mail: bomijahon@mail.ru.

## ISLAM DURING THE REIN OF GRAET MOGOLS IN INDIA

This article shows the development of Islam during the reign of the great Mughal dynasties in India. The great Mongol dynasty, which ruled India in the XVI -XVIII centuries, occu-

pies a special place in the history of this country. The dynasty of the Great Mughals is well known not only in India, but in the whole world. The gradual spread of Islam and the development of Islam in India dates back to the time of the Great Mughals. It should be noted that the great moguls not only paid attention to the Islamic religion and civilization in India, but also paid attention to the development of all different languages of the country, as well as literature and other existing religions.

**Keywords:** Islam, great Mongols, religion, historical monuments.

**About the author**: Dushanbieva Nigina – is researcher of the South and East Asia Department of the Institute of Study of problems of the Asia and Europe Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Phone: (+992) 935170401; E-mail: bomijahon@mail.ru.

# МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ҲАМЧУН ХАТАР БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ

**Расулов О.Р.**,
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Расулзод Л.Х.**
**Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ, имрӯз ба яке аз масоили муҳимми иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ табдил ёфтааст. Ин падидаи иҷтимоӣ на танҳо хоси ҷомеаи тоҷик, балки хоси тамоми кишварҳои олам мебошад. Зеро бо таъсири ҷаҳонишавӣ шумораи ҷомеаҳои кушод зиёд шуда истода, имконияти муҳоҷир шудани одамон афзудааст. Нақши муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҳаёти ҳар як оилаи тоҷикистонӣ баръало мушоҳида карда мешавад ва шумораи оилаҳои тоҷикистоние, ки бо ин падида иртибот надоранд, хеле кам мебошад. Бо вуҷуди паҳлӯҳои манфии худ, муҳоҷирати меҳнатӣ барои Тоҷикистон аҳамияти стратегӣ дошта, натиҷаи пешрафти босуръати иқтисодиёт, пешрафти истеҳсолот ва инкишофи ҳаматарафаи кишвар маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, таҳлил ва баррасии масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва роҳҳои бартараф намудани мушкилоти он дар давлати мо имрӯзҳо аҳамияти муҳим пайдо кардааст.

Бояд зикр намуд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ заминаҳои гуногун, аз он ҷумла иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дорад. Асосан омили иҷтимоию иқтисодии он бештар мебошад. Одамон бо қонеъ нашудани талаботҳояшон макони зисти худро иваз мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати танзими раванди муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо,тақвияти ҳамкориҳо бо кишварҳои қабули муҳоҷирон пайваста чораҳои амалӣ меандешад. Бо ин мақсад Тоҷикистон Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳоро ба тасвиб расонида, оид ба натиҷаҳои иҷрои он соли 2019 гузориши даври дуюми худро пешниҳод намуд. Аз натиҷаи баррасии Гузориши мазкур ба Тоҷикистон тавсияҳои дахлдор пешниҳод гардида, ҷиҳати иҷрои онҳо Нақшаи миллии амалҳо барои солҳои 2019-2024 тасдиқ карда шуд [5, с.67].

Тибқи маълумоти Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 шумораи умумии шаҳрвандоне, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд, 530 883 нафарро ташкил медиҳанд. Аз онҳо 518 066 (72431 занон) нафар ба Федератсияи Россия, 9771 нафар (занон 4131) ба Ҷумҳурии Қазоқистон ва 3046 нафар (занон 451) ба Ҷумҳурии Туркия рафтаанд. Соли 2019 тибқи квота ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хориҷи кишвар 6700 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ ҷалб карда шуданд. Шумораи муҳоҷирони меҳнатие, ки воридшавиашон ба Федератсияи Россия манъ шудааст, 267 324 нафарро ташкил медиҳад [5, с.67].

Тибқи пурсишҳо ва таҳлилҳои сотсиологӣ аз 73% оилаҳо як аъзо, аз 20% оилаҳо 2 аъзо ва аз 7% оилаҳо се ва зиёда аъзои оила дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дошта мебошанд [4]. Ин рақамро мусоҳибони пурсидашуда низ 48,6% тасдиқ намудаанд, ки дар макони зисти онҳо муҳоҷирати меҳнатии оилавӣ мавҷуд аст [6, с.47]. Маълумот бозгӯи он мебошанд, ки дар кишвар муҳоҷирати меҳнатии оилавӣ ҷой дорад, вале чуноне ки аз тадқиқотҳо бармеоянд, аксарияти онҳоро ҷавонон ва оилаҳои ҷавон ташкил медиҳанд.

Тибқи маълумот дар соли 2014 ба ҳисоби миёна аз ҳазор нафар аҳолии қобили меҳнат 132 нафари онҳо ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар кардаанд. Нишондиҳандаи

мазкур дар соли 2015 – 106 нафар, соли 2016 – 98 нафар, соли 2017 – 90 нафар, ва соли 2018 – 88 нафарро ташкил медиҳанд. Чунин тамоюли пастшавии нишондиҳандаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон дар давоми солҳои 2014 – 2018 ба ҳисоби ҳазор нафар аҳолии қобили меҳнати ошкорро доир ба коҳишёбии шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ шаҳодат намудааст [8].

Гарчанде, ки солҳои охир ба коҳишёбии шиддати муҳоҷират рушди иқтисодиёт ва ташкили ҷойҳои корӣ дар дохили кишвар сабаб гардида бошад ҳам, вале раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ба Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ), хусусан Федератсияи Россия ва хориҷи дур идома дорад. Зеро ба ташаккули рафтори аксарияти муҳоҷирони меҳнатӣ як қатор омилҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ таъсир мерасонанд, ки дар натиҷа ба зиёдшавии тамоюли муҳоҷирати меҳнатӣ сабаб мегардад.

Муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа асосан ба корҳои мавсимӣ машғуланд, аз ин рӯ қисми зиёди онҳо дар аввали баҳор ва тобистон ба хориҷа сафар мекунанд. Дар фасли тирамоҳ ва зимистон тақрибан 75-80 фоизи онҳо ба Тоҷикистон бармегарданд. Миқёси муҳоҷират ва тамоюлҳои мухталифи он водор месозад, ки бояд роҳҳои нави ҳалли проблемаҳои рушди демографии кишварро кор карда, идораи равандро то сатҳи давлатӣ баланд бардошта, сиёсати давлатии муҳоҷират таҳия карда шавад.

Аксарияти муҳоҷирони мавсимӣ Федератсияи Россияро ҳамчун ҷойи асосии фаъолияти меҳнатии худ интихоб мекунанд. Аз 95 то 97%-и муҳоҷирони меҳнатии мавсимӣ дар Федератсияи Россия машғули кор мебошанд» [13, с.45]. Азбаски вақти будубоши шаҳрвандони муҳоҷири мо дар хориҷи кишвар кам аст, онҳо имконияти интихоби кори маошаш баландро надоранд, яъне онҳо дар муддати 6-7 моҳ кор карда бояд зуд баргарданд, аз ин сабаб онҳо ба кори дилхоҳ ва пешомада даст мезананд ва бо музди кам нерӯи меҳнатиашонро мефурӯшанд. Аз 100%-и муҳоҷирони ба Россия рафта 70%-и онҳо ба ватан бармегарданд [11, с.28]. Барои аксари муҳоҷирони мо, ки дар ҷойҳои кории каммузд кор мекунанд, фоидаовар нест, ки дар Россия бозистода хароҷоти ҳармоҳаи патентиро пӯшонанд.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша ба зарурати беҳтар сохтани сатҳи зиндагии аҳолӣ вобаста аст. Далелҳои асосии ба Россия рафтани муҳоҷирони меҳнатӣ вазъи бухронии бозори меҳнати кишвар, набудани шумораи зарурии ҷойи кор, маоши паст, афзоиши нерӯи қобили кори аҳолӣ ва камбизоатӣ мебошад.

Тибқи пурсишҳо ва таҳлилҳои сотсиологӣ сабаби рӯ овардани ҷавонон ва оилаҳо ба муҳоҷирати меҳнатӣ пеш аз ҳама барои шаҳрвандони мо ва оилаҳои онҳо аз якчанд ҷиҳат: дарёфти ҷойи кор ва интиқоли маблағ, афзудани даромаднокии оила ва беҳдошти сатҳи зиндагӣ, фароҳам овардани майдони фарох ҷиҳати донишандӯзӣ барои онҳо, пардохти шартномаи таҳсил барои таълиму тарбияи хуби фарзандон, самоягузории фарзандон ва хонадор намудани онҳо, ҳифзи саломатӣ, такмили ихтисос, соҳиб шудан ба касбу ҳунар, имконият ба истироҳату фароғат, пайдо намудани таҷрибаҳои пешқадам дар кору фаъолият ва ғайраҳо судманд аст. Ҳамаи ин ҷанбаҳо на танҳо муҳоҷирони меҳнатӣ балки аъзоёни оиларо низ ҳавасманд месозад то ки дар шароити мусоиди зиндагӣ умр ба сар баранд [7]. Имрӯз қисми зиёди аҳолии Тоҷикистон аз ҳисоби даромади муҳоҷирони меҳнатӣ зиндагӣ мекунанд.

Мувофиқи таҳлили натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ 70% мусоҳибони оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ мақсади сафарро таъмини фарзандон бо маълумоти мувофиқ, 34,5% беҳтарсозии шароити зиндагӣ, 23% гузаронидани тӯй, 12% пардохти қарзҳо,

24,2% таъмини оилаҳо бо маводи хӯрокаро интихоб кардаанд ва 83% шумораи оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аз пули интиқолии муҳоҷирони меҳнат вобаста ҳастанд ва бештари маблағҳо барои эҳтиёҷоти рӯзгор сарф мешаванд [6, с.50].

Бояд қайд кард, ки муҳоҷирати меҳнатӣ ҷиҳатҳои ҳам мусбӣ ва ҳам манфӣ дорад. Шаҳрвандон ҳангоми ба муҳоҷирати меҳнатии доимӣ ва муваққатӣ ба дигар минтақаҳо ва давлатҳо сафар намудан, метавонанд фарҳангу маданият, одобу аҳлоқ ва шароитҳои зиндагии худро хубтару беҳтар гардонанд. Аз ин ҷост, ки давлат ба аҳолӣ ва шаҳрвандонаш ҳуқуқи озодона муҳоҷират намудан ва кафолати ҳимояии онҳоро додааст.

Муҳоҷирати меҳнатӣ барои аксари оилаҳои тоҷик стратегияи муҳими зиндагӣ ва кафолати суботи иҷтимоӣ мебошад. Бо вуҷуди рушди нисбатан баланди демографӣ афзоиши миқдори ҷойҳои кори таъсисёфта ҳанӯз маҳдуд аст. Маблағҳое, ки муҳоҷирони меҳнатӣ ба ҷумҳурӣ ворид менамоянд барои аксари оилаҳои мӯҳтоҷ манбаи муҳими даромад ба ҳисоб рафта, барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти асосӣ равона карда мешавад. Маблағгузаронӣ қобилияти харидории шахсони камбизоатро афзун намуда, барои оилаҳо ҳамчун системаи ҳифзи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Махсусан ин маблағҳо барои зиндагии оилаҳои деҳот, ки дар он ҷо сатҳи камбизоатӣ ниҳоят баланд аст, тақдирсоз аст.

Муҳоҷирони тоҷик дар соли 2019 ҳудуди 3 миллиард доллар ба Тоҷикистон маблағ интиқол додаанд. Интиқоли 3 миллиард доллар аз сӯи муҳоҷирон дар як соли ахир дар ҳолест, ки як пурсиши Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии Бонки Миллии Тоҷикистон маълум карда буд, наздики 70 дарсади хонаводаҳо дар кишвар аз ҳисоби муҳоҷират зиндагиро пеш мебаранд. Тибқи ин таҳқиқот боқӣ 30 дарсади аҳолӣ аз ҳисоби дигар кӯмакҳои хешовандон ва даромад аз ҷойи кор, зиндагӣ мекунанд.

Аксарияти мутахассисон, муҳаққиқон ва донишмандони алоҳида ба ин андешаанд, ки муҳоҷирати меҳнатии беруна барои нигоҳ доштани устувории сиёсии ҷомеа, паст намудани шиддати бекорӣ ва вазъи ногувори бозори меҳнат, баланд гаштани ихтисосмандии кормандон, аз худ намудани ихтисосҳои замонавӣ, ворид гаштани асъори хориҷӣ ба ҷумҳурӣ, истифодаи он дар иқтисодӣ миллӣ ва нигоҳдошти устувории қурби асъори миллӣ, баланд гаштани сатҳи накӯаҳволии оила, таъмини аҳолӣ ба манзил, воситаҳои нақлиётӣ ва технологияи замонавии маишӣ ва коммуникатсионӣ, баланд гаштани ҷаҳонбинӣ ва сатҳи маданияти шаҳрвандон мусоидат менамояд Аз ин хотир, муҳим аст, ки кӯдак бо падару модар ба воя расад. Созмони ЮНИСЕФ низ бо анҷоми як тадқиқот фарзандони муҳоҷиронро бо сабаби аз волидон дур будан “саркаш, осебпазир ва таҳдиде ба ояндаи субот дар ҷомеа”, унвон карда буд.

Дар ин тадқиқот, ки чанд сол қабл аз ҷониби ЮНИСЕФ анҷом дода шудааст, вазъи 5 ҳазор нафар аз хонаводаҳои муҳоҷирон пурсида шудааст. Аксарияти фарзандони то 15-сола гуфтаанд, ки худро танҳову азёдрафта ва бепуштибон эҳсос мекунанд. Коршиносон бар ин андешаанд, ки барои ба воя расонидани насли солим бояд бо ворид намудани тағйирот дар қонунгузорӣ, масъалаи нафақапулии кӯдакони оилаҳои аз ҳам пошхӯрда, ҷиддан зери назорат гирифта шавад ва барои занон танҳо дар дохили кишвар шароити корӣ фароҳам гардад, то тавонанд ҳадди ақал, то ба воя расидани кӯдакон онҳоро аз меҳр ва тарбияи худ дур накунанд [8].

Солҳои охир сафари муҳоҷирони меҳнатии оилавӣ ба мушоҳида расида истодааст, ки паёмадҳои манфиро ҳам дорад. Баъзан муҳоҷирони меҳнатӣ барои ҳалли муаммоҳои оилаи худ зану фарзандони худро якҷоя мебаранд, ки аз як тараф падидаи мусбат бошад, аз ҷониби дигар, дар муҳити бегона тарбия намудани кӯдакон, надонистани

забон, таъсири фарҳанги хориҷиён, тағйир ёфтани муносибат ва рафтори Шарқиёна ва амсоли инҳо барои оилаи муҳоҷирони меҳнатӣ таъсири манфӣ дорад.

Имрӯз масъалаи ташвишовар ва барои амнияти миллӣ хатарнок – ин шаҳрвандии хориҷиро қабул намудани шаҳрвандони Тоҷикистон мебошад. Дар маҷмӯъ соли 2019 наздики 498 ҳазор хориҷӣ шаҳрвандии Россияро гирифтанд, ки тақрибан 9 дарсади он шаҳрвандиТоҷикистон будаанд**.** Вазорати умури дохилии Россия иттилоъ дод, ки соли гузашта 44,7 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон соҳиби шаҳрвандии Россия гардиданд. Ба ҳисоби миёна ҳар рӯз 122 тоҷикистонӣ шаҳрвандии Россияро гирифтааст [10].

**Таъсири ҷанги шаҳрвандӣ**

Ҷанги шаҳрвандӣ, ки солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон рӯх дод, як қатор оқибатҳои манфии худро гузошт. Яке аз оқибатҳои манфии он ин ҳиҷрат кардани аксарияти аққалиятҳои қавмӣ ва таҳаввулоти оммавии демографӣ мебошад.

Ҷанги шаҳрвандӣ боиси муҳоҷирати иҷбории аҳолӣ дар дохили кишвар ва берун аз ҳудуди он гашт. Суръати муҳоҷират дар манотиқе, ки мунокиша дар он ҷо сар зад ба таври назаррас афзоиш ёфт. Тақрибан як миллион нафар (ҳар шашум шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон) муҳоҷир шуд. Аз ин теъдод, тақрибан 250 ҳазор нафар кишварро тарк карданд ва тақрибан 700 ҳазор нафар дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳоҷир шуданд [1, с.111].

Ин муҳоҷират асосан се самт дошт: якум - ҳаракат дар дохили кишвар, аз ҷануб ба шимол, ба пойтахт ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ); дуюм, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия; сеюм, Афғонистон, Эрон, Покистон ва кишварҳои араб мебошад.

Ҷанги шаҳрвандӣ дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистонро ба буҳрони шадиди иҷтимоию иқтисодӣ гирифтор кард, ки давлатро дар натиҷа коҳиш ёфтани истеҳсолот ва бекории оммавӣ ҳамроҳӣ кард. Ин ба таври чашмрас муҳоҷирати оммавиро аз минтақаҳои низоъҳои сиёсӣ сарзада ба вуҷуд овард ва устуворгардии равандҳои муҳоҷират дар ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ мусоидат кард. Дар умум, авҷи раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишвар якчанд паёмадҳои манфӣ дорад.

**Фирори мағзҳо**

Яке аз намудҳои нисбатан муосир ва барои давлат хатарнок ин муҳоҷирати ақлҳо ё мағзҳо мебошад. Мутахассисоне, ки касбяташон дар соҳаи худ баланд аст, кишварро тарк мекунанд. Аҳолии қобили меҳнат, ки бо сабабҳои гуногун дар бозори меҳнат мақоми худро аз даст медиҳанд ё ҷойи кор пайдо карда наметавонанд, муҳоҷиратро пеш мегиранд. Аксарияти ин намояндагони муҳоҷират дар соҳаи худ тахассуси баланд дошта, рақобатпазир низ мебошанд. Онҳо итминон доранд, ки дар хориҷи кишвар касбияташонмавриди истифода қарор мегирад.

Инҳо мутахассисони техникӣ ва муҳандисӣ, бинокорон ва кормандони тиб мебошанд. Масалан, айни замон, мо шоҳиди онем, ки дар кишвар норасоии 3 ҳазор мутахассисони сатҳи миёнаи тиббӣ ба чашм мерасад. Тоҷикистон имрӯз ба кишваре табдил ёфтааст, ки дараҷаи баланди баромада рафтани мутахассисони баландихтисос ба хориҷа дида мешавад. Вақте ки мутахассисони баландихтисос кишварро тарк мекунанд, ин ба амнияти иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ ва миллӣ таъсир мерасонад.

Самтҳои асосии муҳоҷират мутахассисони баландихтисос аз Тоҷикистон ба кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, ИМА, Россия ва Қазоқистон нигаронида шудааст. Норасоии коргарони миёна ва баландихтисос дар кишварҳои қабулкунанда, ба

монанди Қазоқистон ва Россия, бо назардошти омилҳои иқтисодӣ ва демографӣ, дар навбати худ метавонад муҳоҷирати кормандони баландихтисосро аз кишварҳои дигар афзоиш диҳад.

**Таъсири муҳоҷират ба тарбияи кӯдакон**

Масъалаи дур мондани кӯдакон аз таваҷҷуҳи волидайн бо сабаби муҳоҷират дар ҷомеаи зиёд дида мешавад [12, с.65]. Бештари муҳоҷирон оиладор ва соҳиби як ё чанд кӯдак мебошанд. Кӯдаконе, ки дур аз падару модар ба камол расидаанд, аз таҷрибаи ҳаётии падару модар воқиф нестанд ва ҳар кору амалеро худсарона анҷом медиҳанд. Ин ҳолат кӯдаконро аз таълиму тарбия дур месозад ва боиси рӯх додани омилҳои номатлуби иҷтимоӣ мешавад.

Масалан, дар сиришти духтарону писароне, ки худсарона бидуни роҳнамоии волидайн рафтор мекунанд, бештар хислатҳои оворагардӣ, гапнодарой, дурӯғгӯӣ, гапгардонӣ, танбалӣ, беҳурматию ҳавобаландӣ ба назар мерасанд. Онҳо дар ҷомеа худро идора карда натавониста, зери фишори хашму ғазаб муносибат мекунанд ва чун шахси бадахлоқ ва зӯровар даст ба амалҳои ношоиста мезананд. Бар замми ин, падароне низ ҳастанд, ки муҳоҷир мешаванд ва зану кӯдакони хешро фаромӯш мекунанд. Сафари иддае аз онҳо чандин сол тӯл мекашад, ки ин дар тарбияи насли наврас мушкилотро ба миён меорад. Ба хориҷа сафар карда тамоми масъулияти вазнини зиндагиро ба сари модарон ва кӯдакон мегузоранд.

Бояд зикр намуд, ки ҳар як кӯдак хусусияти ба худ хос дорад, ки нерӯмандии падар ба онҳо хеле зарур мебошад. Коршиноси соҳаи муҳоҷират М. Маҳмадбеков ин вазъиятро чунин шарҳ медиҳад: «Вақте падарон ба муҳоҷират мераванд, аксар як ё ду сол, ё беш аз ин дар он кишварҳо мемонанд, ки дар тарбияи фарзанд бетаъсир намемонад. Ба замми ин, падароне низ ҳастанд, ки мераванду дигар барнамегарданд. Зану фарзанди онҳо маҷбуранд, барои пешбурди рӯзгор дар кӯчаву бозор ба мошиншӯӣ ва дигар корҳои камдаромади сангин даст зананд. Кӯдакон ба модарону парасторон эътибор надода, ба дигар корҳои нолоиқ, аз қабили дуздиву авбошӣ даст мезананд. Ҳамин тавр аз ҷумлаи занҳое, ки шавҳаронашон партофта рафтаанд, аз ночорӣ даст ба амалҳои ношоям мезананд. Имрӯзҳо сафи духтарони ноболиғи хиёбониву дарбадар зиёд гаштааст, ки шояд таъсири ин раванд бошад» [14, с.66].

**Таъсири муҳоҷират ба ҷудошавии оилаҳо**

Муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ба оила беътасир нахоҳад монд. Ҳама гуна таъсироте, ки худи муҳоҷир ё аъзои оилаи ӯ мебинад, ҳатман ба муҳити оила таъсир хоҳад кард. Таъсири нисбатан ҷиддитари муҳоҷират ин ҷудошавии оилаҳо мебошад. Ба муҳоҷират рафтани мардон муносибатҳои байни зану шавҳарро ба таври ҷиддӣ мушкил мекунад, ки ин ба руҳияи занон таъсир расонида, ҳатто ба вайроншавии оилаҳо оварда мерасонад.

Пайдошавии эҳсоси бегонашавӣ, масофаи дури байни зану шавҳар, вазъи душвори иқтисодие, ки оила дар он қарор мегирад ва инчунин хиёнати ҳамсар барои ҷудошавӣ асос мешаванд. Бисёре аз муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ба Русия рафта, як навъ тарзи ҳаёти навро барои худ эҳсос карда, аксар вақт аз Русия ба хона, барнагаштанро афзалтар мешуморанд. Ба иттилои баъзе сарчашмаҳо қариб 30% муҳоҷирони тоҷик дар Русия оиладор мебошанд. Чунин ҳолатҳо мардони муҳоҷирро пойбанди худ мегардонад ва аз зану фарзанди дар Тоҷикистон будааш ҷудо месозад. Тибқи таҳқиқот, 7,3% пурсидашудагон гуфтанд, ки аз сабаби муддати дуру дароз набудани шавҳар, оилаҳои онҳо ҷудо мешаванд [2, с.272].

Ин масъала масъулони мақомоти давлатиро низ ба ташвиш овардааст ва вобаста ба таҳлилҳо дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон бештар бекоршавии никоҳ дар давраи муҳоҷирати меҳнатии мардон ба хориҷи кишвар ба амал омадааст. Мӯҳлатҳои тӯлонӣ қарор гирифтани муҳоҷирони меҳнатӣ дар муҳоҷират ва барпо намудани оилаҳои нав дар хориҷи кишвар сабаби вайроншавии оилаҳо дар кишвар гардида, ситонидани алиментро душвор гардонидааст. Масъалаи дигари оилаи муҳоҷир дар он зоҳир мегардад, ки бо сабаби номувофиқ будани муоширати арӯсу хушдоман ё дигар аъзои оила шавҳар ба дарки низоъ ва мафҳуми талоқ нарасида, тариқи смс – паёмаки телефонӣ оилаи худро барбод медиҳад [9].

**Таъсири муҳоҷират ба вобастагии иқтисодиёт аз муҳоҷирон**

Албатта, ҳукумату давлати Тоҷикистон мехоҳад, ки шаҳрвандони қобили меҳнат дар кишвари худ фаъолият намоянд, аммо чунин имконият то ҳол вуҷуд надорад. Сатҳи афзоиши аҳолӣ дар Тоҷикистон баланд буда, синну соли миёна тақрибан 24 солро ташкил мекунад. Дар натиҷаи афзоиши барзиёди аҳолӣ шумораи захираҳои меҳнатӣ низ меафзояд. Таъмин кардани захираҳои меҳнатӣ бо ҷойи кори мувофиқ барои кишвар масъалаи ҷиддӣ мебошад. Маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирони меҳнатӣ манбаи муҳими буҷети давлат мебошад.

Ҳарчанд он ба ҳалли бисёр масъалаҳои мубрами иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат намояд ҳам, вале иқтисодиёти Тоҷикистон аз маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ вобастагии зиёд пайдо мекунад. Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони тоҷик ба ватан 40% ММД-и кишварро ташкил медиҳад ва тибқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ дар соли 2010, Тоҷикистон аз рӯи таносуби интиқол ба ММД дар ҷаҳон ҷойи аввалро ишғол мекунад. Тибқи арзёбии Бонки Ҷаҳонӣ барои соли 2012, дар Тоҷикистон, интиқоли пулҳои муҳоҷирон, ки дар Русия кор мекунанд, 48 фоизи ММД-ро ташкил дод (сатҳи баландтарин дар ҷаҳон).

**Таъсири муҳоҷират ба саломатии шаҳрвандон ва овардани бемориҳои сироятшаванда**

Агар аз як тараф, муҳоҷирати меҳнатӣ миллионҳо оиларо аз гуруснагӣ ва камбизоатӣ наҷот диҳад аз ҷониби дигар, боиси бадшавии вазъият дар оила мегардад. Ба ақидаи коршиносон ва мутахассисон, нигаронӣ аз амнияти муҳоҷири меҳнатӣ мушкили дигарест, ки хонаводаҳоро ҳамеша дар ҳоли изтироб мегузорад ва ба онҳо фишори равонӣ мерасонад.

Мутахассисони пажӯҳишгоҳи илмӣ ва тадқиқотии геникологӣ ва перементологии Тоҷикистон мегӯяд, ки 80% -и оилаҳое, ки шавҳаронашон дар муҳоҷират ҳастанд ба бемориҳои мухталиф гирифтор шудаанд. Қисме аз муҳоҷирон ба бемориҳои гуногун ба ВНМО/БНМО ва сил гирифторанд. Ба замми ин ҳангоми баргаштан ба ватан онҳо аз ташхиси тиббӣ нагузашта занону кӯдакони худро низ ба ин бемориҳо сироят мекунонанд.

Дар баробари он, ки муҳоҷир маблағи муайяне мефиристад ҳамзамон хисоротеро ин падида ба психика, ҷисм ва сохтори оилаи муҳоҷирон мерасонад. Аксари занҳои ҷавон, ки дар сину соли репродуктивӣ ё қобили таваллуд кардан ҳастанд, аз бахши маҳрамонаи зиндагии худ маҳрум мешаванд ва ба маризиҳои наздик ба саратон гирифтор мешаванд.

Афзоиши фавт дар байни муҳҷирон ҳам аз ҳамин боис нороҳативу ташвишро ба вуҷуд овардааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки барои пешгирӣ намудани ҳолатҳои мазкур

тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд ва пеш аз ҳама ба ислоҳот дар соҳаи маориф ва таъсиргузорӣ ба шуури ҷавонон тадбирҳо роҳандозӣ гарданд. Айни замон, аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба суғуртаи иҷтимоии ихтиёрӣ таҳия ва амалӣ мегардад, аммо, ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандоне, ки берун аз хоки Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, баъзе тадбирҳои зарурӣ бояд андешида шаванд то, ки дастгириву имтиёзҳои давлат барои оилаҳо ва аъзои он эҳсос гардад.

Дигар оқибати хатарнок ва таъсири манфии муҳоҷироти меҳнатӣ ба оила ин аст, ки аксарияти муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ба меҳнати тоқатнофарсо ва шароити ғайрисанитарию вазнин машғул мебошанд. Таҳлилҳо бозгӯи он ҳастанд, ки шавҳарони қариб ҳамаи занони ҳомиладори сироятёфтаи ВНМО дар солҳои қаблӣ дар муҳоҷирони меҳнатӣ буданд ва онҳо низ ба ин беморӣ гирифторанд [3]. Ин беморӣ аз беэҳтиётӣ ва бехабарӣ на танҳо шахси муҳоҷир балки модару кӯдаки худро ба ин бемории табобатнашаванда гирифтор карда истодааст. Тибқи нишондодҳои омори расмӣ шумораи сироятёфтагони ВНМО дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2015 агар 10,1 фоиз бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2019 17 фоизро ташкил додааст [5, с.77].

Тибқи маълумоти соҳаи тандурустӣ тамоюли сирояти ВНМО дар байни кӯдакони оилаҳои муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон аз соли 2002 то соли 2015 636 ададро ташкил медиҳад, ки ин раванд ҳанӯз сол аз сол тамоюли зиёдшавӣ дорад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло ташкили нуқтаҳои тиббӣ ва гузаронидани ташхиси ҳатмии муҳоҷирони меҳнатӣ ҳангоми вуруд ва хориҷ дар фурудгоҳу роҳи оҳан ва гузаргоҳҳои сарҳадӣ барои пешгирии паҳншавии беморӣ ва эмин нигоҳ доштани оила аз сироятшавии ВНМО имконпазир мебошад.

**Таъсири муҳоҷират ба фавти шаҳрвандон дар хориҷа**

Ҳолатҳои фавти шаҳрвандон, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар ҳануз ҳам нигаронкунанда боқӣ мемонад. Аз маълумоти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд, ки соли 2019 ба ҷумҳурӣ ҷасади 992 (с. 2018 - 966) нафар интиқол дода шудааст, ки аз ин шумора 147 нафар зан мебошанд.

Сабабҳои асосии фавти шаҳрвандони Тоҷикистон куштор (33 ҳолат), беморӣ (596 ҳолат), ҳодисаҳои нохуш (193 ҳолат), заҳролудшавӣ (25 ҳолат), худкушӣ (15 ҳолат), садамаҳои нақлиётӣ (121 ҳолат), сӯхтор (4 ҳолат) ва дигар сабабҳои номаълум (5 ҳолат) мебошанд [5,с.67]. Аксарияи муҳоҷироне, ки дар хориҷа мефавтанд, ҷавонони оиладор мебошанд. Ин ҳолатҳои нохуш ҳам боиси зиёдшавии оилаҳои нопурра гашта кӯдакони онҳо ятим мемонанд. Зиёд шудани шумораи занони танҳо ва кӯдакони ятим ба амнияти иҷтимоии давлат таҳдид мекунад, зеро ҳифзи иҷтимоии онҳо барои давлат бори гарон аст. Инчунин ба сохтори иҷтимоию – демографии аҳолии давлат таъсири манфӣ мерасонад, ки дар умум ба амнияти давлат хатар мегардад.

**Таъсири муҳоҷират ба поймолшавии ҳуқуқҳои муҳоҷирон**

Дастрасии муҳоҷирони меҳнатӣ ба намудҳои алоҳидаи кор дар бозори меҳнати Федератсияи Россия сол аз сол маҳдуд шуда истодааст. Аз ҷумла, кор дар соҳаҳои савдо, хизматрасонии нақлиёти мусофиркашонӣ, боркаш ва ғайраҳо манъ ё маҳдуд карда шудааст. Инчунин ҳолатҳои пардохт нашудани музди меҳнат ва табъизи муҳоҷирони меҳнатӣ ба назар мерасад.

Муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои қабул ҳангоми ҷойгир намудани кӯдакон ба кӯдакистону мактабҳо ба мушкилиҳо дучор мешаванд, ки дар аксар вақт ба мақоми расмии будубоши онҳо вобастагӣ дорад. Ҳамчунин муҳоҷирони меҳнатӣ аз ёрии

таъчилии тиббии ройгон бархурдор нестанд. Дар чунин мавридҳо кормандони тиб аз муҳоҷирони меҳнатӣ полиси суғуртаи тиббӣ ва пардохти хизматрасониҳои тиббиро талаб менамоянд, ки хилофи тартиби расонидани ёрии тиббӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди Федератсияи Россия, ки бо қарори Ҳукумати Федератсияи Россия аз 6 марти соли 2013, №186 тасдиқ шудааст, мебошад.

Вазъи мураккаби баъзе муҳоҷирони меҳнатиро надонистани қонунгузорӣ, забон, таърих, урфу одатҳои кишвари қабул боз ҳам мушкил мегардонад. Чунин ҳолат аз он далолат мекунад, ки дар дохили кишвар омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ дар сатҳи дахлдор ба роҳ монда нашудааст. Аксари муҳоҷирони меҳнатӣ, ки шаҳрвандӣ ва иҷозатномаи зисти доимии кишвари қабулро надоранд ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар хориҷ ба низоми суғуртаи нафақавӣ ҳуқуқи дастрасӣ надоранд. Аз сабаби надонистани маданият ва забони давлати қабулкунанда мавриди фишороварӣ ва зӯроварии мақомоти қудратӣ ва шахсони алоҳида дучор мемонанд ва ё сари вақт кори мувофиқро пайдо наметавонанд. Муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи мамлакат аз ҳама табақаи осебпазир, эҳтиёҷманд, беҳуқуқ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзнашавандаи аҳолӣ мебошанд.

**Таъсири муҳоҷират ба шомилшавӣ ба гурӯҳҳои ифротӣ**

Муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун навъи мушкилоти муҳими ҷомеаи муосир дар байни ҷавонон барои сар задании чандин амалҳои дигар, чун ҷинояткорӣ ва ворид шудан ба ҳизбу ҳаракатҳои мухталиф сабаб гардидааст. Ин ҳолат шуури маънавӣ ва ахлоқии ҷавононро коҳиш дода, онҳоро ба роҳҳои ғайриинсонӣ раҳнамоӣ мекунад.

Ҳарчанд дар заминаи муҳоҷирати меҳнатӣ имкони ба даст овардани даромад ва самараи фаъолият нисбат ба кишвари худ бештар мегардад, аммо дар шароити кунунӣ он чанд паёмади нохуб дорад. Падидае, ки имрӯз дар байни муҳоҷирони тоҷикистонӣ густариш меёбад, ба равияҳои гуногуни динӣ пайвастани онҳо мебошад. Мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки баъзе ҷавонон бо тафаккур ва ҷаҳонбинии дунявӣ ба кишвари Россия ба муҳоҷират мераванд, вале аз он тараф бо тафаккур ва ҷаҳонбинии ифротӣ ва хурофотӣ ба Ватан бармегарданд.

Роҳ ёфтани бештари ҷавонон ва оилаҳои онҳо ба гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад, ки баъзан ҷавонон ҳанӯз ҳам маълумоти дурустро аз нодуруст ё дурӯғу шубҳанокро фарқ карда наметавонанд, ки боис ба шомилшавӣ ба гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ мешаванд. Коршиносон чунин мешуморанд, ки ду омили асосии пайвастшавии муҳоҷирон ба гурӯҳҳои экстремистӣ вуҷуд дорад. Омили якум - омилҳои молиявӣ (пулӣ) ангезандаи асосии ҳамроҳ шудан ба гурӯҳҳои экстремистӣ мебошад. Омили дуюм ин дин аст, ки омили муҳимтарин барои муҳоҷирон мебошад ва дар ифротгароии онҳо мусоидат мекунад. Ҷавонон ва оилаи онҳо бояд дар навбати аввал фаромӯш насозанд, ки дар паси шабакаҳои иҷтимоӣ ё интернетӣ бо кӣ ҳамсӯҳбат мешаванд ва чӣ мақсаду ҳадафҳо доранд. Дар ин ҳолат, танҳо истифодаи моҳиронаи маърифати баланди сиёсӣ, ҳуқуқиву динӣ, равонӣ ва ғайра моро аз зуҳуроти номатлуб дур месозад.

**Таъсири муҳоҷират ба гум кардани ҳуввияти миллӣ (забон, урфу одат, анъана)**. Муҳоҷират дар қатори он, ки манфиатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба бор меорад, ба рафтору гуфтор ва андешаи муҳоҷирон низ бетаъсир набудааст. Имрӯз, муҳоҷироне, ки ба кишвари нав меоянд, аксар вақт бо аҳолии таҳҷоӣ ошно нестанд, балки диаспораҳоро ташкил медиҳанд. Ҳамаи ин халқиятҳоро тақсим мекунад, дарки фазои фарҳангиро тағйир медиҳад ва ҳувияти умумиро ба вуҷуд меорад, ки дар натиҷа муҳоҷирон ҳуввияти миллии худро аз даст медиҳанд.

Одамоне, ки аз як кишвар ба кишвари дигар ҳиҷрат мекунанд, аксар вақт тарзи либоспушии ватанӣ, дин, забон ва системаи арзишҳои худро нигоҳ медоранд. Дар ин замина, бисёриҳо тахмин мезананд, ки рафтуомади одамон дар байни кишварҳо ба он оварда мерасонад, ки тамоми фарҳангҳо ба ҳам омехта шаванд.

**Адабиёт:**


1. Бабаханов М.Б. История таджиков мира. Душанбе, 2005. - 111 с.
2. Исломов Ф.С. Современные тенденции воспроизводства населения и его перспективы. Душанбе, 2012. - 320 с. (272 с)
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №89 аз 25.02.2017 "Дар бораи Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020". - С. 2-18.
4. Маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирон ба Тоҷикистон: Захираҳо барои пасандоз ва инвеститсияҳо ба иқтисодият ва маҳсулоти молиявӣ бо мақсади ҷалбкунии маблағҳои интиқолшаванда/Шӯроҳои Субминтақавӣ дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ, МОТ. МТС. – М.:МОТ, 2010.
5. Маърӯзаи ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019. Душанбе, 2020 - 87 с.
6. Муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот, таъсири он ба ҷомеа ва роҳҳои танзими равандҳо. – Душанбе: "Эр-граф", 2013.- 47-50 с.
7. Мушкилоти иҷтимоии оилаҳои муосир // https://youth.tj/articles/14081/
8. Назарзода Н.Н. Таҳлили коҳишёбии шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Сомонаи расмии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. **https://mts.tj/1735/news/.**
9. Рӯзномаи «Миллат». URL: http:millat.tj
10. Тоҷикистониён дар талоши шаҳрвандии дигар: дар Русия 3-юманду дар Қирғизистон 1-ум // https://m.sputnik-tj.com/migration/20200123.
11. Умаров Х. Таджикистан: занятость в спектре мирового финансового кризиса. // Меҳнат ва рушди иҷтимоӣ. Нашрияи илмӣ-оммавии Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон». № 2. 2009. - С. 26-28.
12. Фаридун Ҳодибоев. Хонавода ва мушкилоти оиладорӣ. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2015. – 84 с.
13. Хоркашов С. Баъзе масъалаҳои муҳоҷирати мавсимӣ дар ҶТ//Нашрияи илмӣ-оммавии Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон». - № 1. - 2008. – 45 с.


## МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ҲАМЧУН ХАТАР БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ


Дар мақолаи мазкур муҳоҷират ҳамчун хатар ба амнияти миллӣ таҳлил шудааст. Муаллифон дар мақола сабабу омилҳои сарзанӣ ва оқибатҳои раванди муҳоҷирати меҳнатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додаанд. Муаллифон қайд мекунанд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ дар баробари манфиатҳои калони иқтисодӣ доштанаш, боз оқибатҳои манфӣ ва зараровар низ ҳам ба худи муҳоҷир ва ҳам ба давлат дорад. Муаллифон муҳоҷирати мағзҳо ё ақлҳоро ҳамчун намуди нави муҳоҷират, ки таъсири махсус дорад, қайд мекунанд. Инчунин таъсиротҳои гуногуни муҳоҷирати меҳнатиро, ки ба амнияти миллии Тоҷикистон хатар доранд, баррасӣ кардаанд.



**Калидвожаҳо**: муҳоҷират, муҳоҷирати меҳнатӣ, масъала, хатар, амнияти миллӣ, кӯдак, таълим, тарбия, фарҳанг, забон, терроризм, ифротгароӣ.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: Расулов Оромшох Раззокович, ассистенти кафедраи кори иҷтимоӣ факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, хиебони Рӯдакӣ, 17. Е – mail: Oromshoh@inbox.ru Тел: 93-472-11-54

Расулзод Лоиқ Холик, устоди кафедраи фанҳои гуманитарии факултети №2. Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов 3. Тел: 93-567-10-15.

## ТРУДОВАЯ МИГРАЦИЯ КАК УГРОЗА НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

В этой статье анализируется миграция как угроза национальной безопасности. Авторы статьи указывают причины и последствия процесса трудовой миграции в Республике Таджикистан. Авторы отмечают, что трудовая миграция, помимо получения значительных экономических выгод, также имеет негативные и пагубные последствия как для мигранта, так и для государства. Авторы называют миграция умов или интеллекта новым типом миграции, который оказывает особое влияние. Были также рассмотрены различные последствия трудовой миграции для национальной безопасности Таджикистана.

**Ключевые слова**: миграция, трудовая миграция, проблема, угроза, национальная безопасность, ребенок, образование, воспитание, культура, язык, терроризм, экстремизм.

**Сведения об авторов**: Расулов Оромшох Раззокович – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры социальной работы факультета философии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Е – mail: Oromshoh@inbox.ru Тел: 93-472-11-54

Расулзод Лоик Холик – Академия МВД Республики Таджикистан, преподаватель кафедры гуманитарных наук, факультет №2. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан г. Душанбе, улица Мастонгулова 3. Тел: 93-567-10-15.

## LABOR MIGRATION AS A THREAT TO NATIONAL SECURITY

This article analyzes migration as a threat to national security. The authors of the article indicate the causes and consequences of the labor migration process in the Republic of Tajikistan. The authors note that labor migration, in addition to obtaining significant economic benefits, also has negative and detrimental consequences for both the migrant and the state. The authors call the migration of minds or intellect a new type of migration, which has a special effect. Various effects of labor migration on Tajikistan’s national security were also considered.

**Keywords:** migration, labor migration, problem, threat, national security, child, education, upbringing, culture, language, terrorism, extremism.

**Information about the authors:** Rasulov Oromshoh Razzakovich – Tajik National University, Assistant, Department of Social Work, Faculty of Philosophy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: Oromshoh@inbox.ru Tel: 93-472-11-54

Rasulzod Loik Kholik - Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, lecturer of the Department of Humanities, faculty No. 2. Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mastongulova street 3. Tel: 93-567-10-15

## ИҚТИСОДИЁТ

# ВОПРОСЫ ИНСТИТУЦИАЛЬНОЙ ОРГАНИЗАЦИИ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ ТАДЖИКИСТАНА

**Холматов М.М.,**
**Институт экономики и демографии**
**Национальной Академии наук Таджикистан**

Глобализация экономической жизни и растущая роль технологических инноваций развития экономики Таджикистана серьезно повысили роль информации как одного из ключевых факторов обеспечения конкурентоспособности в современной экономике. Телекоммуникации стали интегральной частью бизнеса и обеспечивают внутренние и международные потоки информации в процессе принятия деловых решений. Объем информации, передаваемый через информационно-телекоммуникационную инфраструктуру, удваивается в мире каждые 2-3 года, что усиливает значение телекоммуникаций, как на уровне компании, так и в целом в экономике мира, что в свою очередь усиливает процессы глобализации.

В настоящее время для органов управления экономического сектора и экономического сообщества республики настала необходимость формирования ключевых институтов, в рамках которых должны создаваться базовые направления развития цифровой экономики Республики Таджикистан.

Роль институтов и институциональных предпосылок, согласно принятым правилам и определениям [24, с.25] снижает неопределенности (структурирование повседневной жизни) путем установления устойчивой (хотя и не обязательно эффективной) структуры взаимодействия между людьми; организации взаимоотношений между людьми; определение и ограничение набора альтернатив, которые имеются у каждого человека.

Институциональные предпосылки оказывают решающее влияние на то, какие именно организации возникают, и на то, как они развиваются. Но в свою очередь и организации оказывают влияние на процесс изменения институциональных рамок.

Результаты проведённого анализа опубликованных научных исследований для выявления институциональных вызовов с учетом масштабной цифровизации при взаимодействии человека, природы, социальных институтов в сфере приведенных задач в разрабатываемой концепции развития цифровой экономики Таджикистана, является темой настоящей статьи.

В данном случае определяются основные институциональные вызовы, с которыми столкнется Республика Таджикистан в условиях ускорения цифровизации производства и организации управления.

При этом, необходимо рассматривать неотъемлемые компоненты цифровизации в производственном процессе, во всех субъектах отраслевой системы.

В первую очередь, необходимо определить предмет цифровой экономики. При этом надо определиться при действующей фазы развития, т.е. четвертой промышленной революции. Она, характеризует массовые внедрения киберфизических систем в производство («индустрия 4.0») должны быть сделаны формулировка между пониманием цифровой экономики как следующей фазы развития традиционных отраслей на основе интернет и цифровых платформ, технологий и исключительно цифровых объектов.

При этом, цифровое пространство представляет собой, пространство, базирующееся на едином экономическом пространстве, включающее цифровые процессы, средства цифрового взаимодействия, цифровые ресурсы, а также совокупность цифровых инфраструктур, норм регулирования, механизмов организации управления и использования.

Цифровая экономика при переходе к инновационному развитию экономики Таджикистана - экономическая деятельность, основанная на цифровых технологиях и проводимая в цифровом пространстве, в том числе с целью повышения производительности труда.

Цифровая экономика – результат формулируется как итогом внедрения информационно-коммуникационных технологий во всех объектах отраслей народного хозяйства и сферы деятельности каждого человека, а также перенос бизнес-процессов в цифровое пространство.

Однако, согласно [21], до сих пор содержание этого понятия среди экономистов менеджеров, управленцев, исследователей остается не разгаданным, четкого определения нет и в докладе ВБ [4]. В этом материале собраны наиболее общие представления о том, что представляет собой цифровая экономика.

Для начала, стоит вспомнить определение обычной "аналоговой" экономики – это хозяйственная деятельность общества, а также совокупность отношений, складывающихся в системе производства, распределения, обмена и потребления. Использование компьютера, интернета, мобильных телефонов уже можно считать "потреблением", в этом случае цифровую экономику можно представить как ту часть экономических отношений, которая опосредуется Интернетом, сотовой связью, ИКТ.

На основе вышеизложенного можно заключить, что «Цифровая экономика представляет виртуальную среду, расширяя содержанию нашу реальность существования».

В опубликованном в интернете статье «Цифровая экономика: как специалисты понимают этот термин... электронный адрес https://ria.ru/ science/ 20170616/ 1496663946.html представляет высказывание отдельных ученых, как Мещеряков Роман — профессор РАН, доктор технических наук, проректор по научной работе и инновациям Томского государственного университета систем управления и радиоэлектроники «..считает, что к термину "цифровая экономика" существует два подхода. Первый подход "классический": цифровая экономика — это экономика, основанная на цифровых технологиях и при этом правильнее характеризовать исключительно область электронных товаров и услуг. Классические примеры – телемедицина, дистанционное обучение, продажа меди контента (кино, ТВ, книги и пр.). Второй подход — расширенный: "цифровая экономика" — это экономическое производство с использованием цифровых технологий» [25].

Таким образом, виртуальная часть мира, которая располагалась в мыслительной реальности человека, не представлялась как производительная сила. При этом «…Теперь виртуальная часть совмещена с реальной: можно создать "основанный на реальных событиях" мир, который сам же будет "экономикой в экономике" «[25]. Далее» «Достоинство этого мира в том, что там можно делать что угодно. Это важно не только в том случае, когда появляется возможность создания онлайн-игры, где можно прыгать вверх на высоту многоэтажного дома, путешествовать по космосу без скафандра и многократно умирать, — это важно для испытания, совершенствования, апробирования новых продуктов. Таким образом, цифровая экономика получила шикарный шанс обогнать "аналоговую", которая обязана каждый раз проводить краш-тест, ломая машины в реальности, а не в виртуальной среде» [25].

Александра Энговатова - кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики инноваций экономического факультета МГУ имени М.В. Ломоносова, - дает такое определение: "Цифровая экономика - это экономика, основанная на новых методах генерирования, обработки, хранения, передачи данных, а также цифровых компьютерных технологиях" [25].

Проводя анализ вышесказанного можно представить, что «цифровой экономикой» можно представить все то, что она представляется в виде аналитических схем, представить как моделированной схемы функциональных зависимостей, то есть, превращению в функционально-логические схемы. А практика функционирования представить как в систему производства, распределения, обмена и потребления.

Цифровая экономика - совокупность цифровых экономических отношений между цифровыми объектами (объекты, осуществляющие деятельность в цифровом пространстве). На основе анализа сути и содержание определения цифровой экономики, нами предлагается определение этого термина, который была принята в ходе настоящего исследования.

Цифровая экономика - экономическая деятельность, сформированная в результате и на основе последовательного использования цифровых платформ, цифровых информационных технологий ориентированные на производственные, управленческие, государственные и иные процессы с учетом обеспечения национальных интересов Республики Таджикистан, в конечном счете на повышения качества жизни граждан Республики Таджикистан и конкурентоспособности экономики страны.

На основе предложенного нами определения цифровой экономики необходимо переработать следующие проблемные вопросы:

а) обеспечение прав граждан на доступ к информации;

б) обеспечение свободы выбора средств получения знаний при работе с информацией;

в) сохранение традиционных и привычных для граждан (отличных от цифровых) форм получения товаров и услуг;

г) обеспечение законности и разумной достаточности при сборе, накоплении и распространении информации о гражданах и организациях;

д) обеспечение государственной защиты интересов граждан Республики Таджикистан в информационной сфере.

В связи с этим проводимые активное развитие телекоммуникаций сегодня в республике является необходимым условием экономического прогресса и принятое движения к постиндустриальному обществу среди стран, находящих на стадии переходной экономикой [2]. По данным статистических данных в настоящее время в большинстве странах средств телекоммуникации развиваются опережающими темпами относительно экономики в целом. При этом, отчасти сглаживая колебания ВВП и обгоняя стадии общего развития отд–ельных стран.

Оценка размеров цифровой экономики связана с множеством трудностей и вызывает много споров. Некоторые авторы, В.П. Куприяновский, Д.Е. Намиот, С.А. Синягов, Т.Н. Юдина [7], делят электронную экономику на «прямую» (чистый онлайн-бизнес) и «косвенную» (цифровая деятельность смешанных предприятий).

Для Республики Таджикистан имеется прекрасная перспектива инновационному развитию экономики, а также условия для успешной развитие цифровой экономики. Таджикистан с высоким уровнем образования населения, которое борется за благосо-

стояние всех слоев народа, создает условия для того, чтобы извлечь из цифровой экономики серьезную выгоду для страны.

Но в то же самое время следует отметить, что в республике, недостаточно, скорее всего, слабо развита инфраструктура цифровой экономики, слабая поддержка инновационной деятельности, как главного фактора развития цифровой экономики, что препятствует формированию конкурентной среды и развитию предпринимательской инициативы.

В настоящее время отдельные функции инновационной инфраструктуры не адаптированы к потребностям инновационных и активных организаций и не могут поддержать малого и среднего предпринимательства. Это, известно, что, такая ситуация не обеспечивают необходимых результатов для развития инновационной деятельности спектр услуг, в сфере цифрового пространства отраслей.

Следует отметить, что процесс институциальной обеспечения процедуры организации инновационной инфраструктуры в республике сложно функционировать без государственной поддержки. В республике по данным статистических органов, характеризуется невысокой инновационной активностью и это во многом это объясняется тем, что рядом сдерживающих развитие характерных факторов цифровизации инновационной деятельности, таких как:

1) недостаток у организаций собственных средств на инновации;

2) низкий инновационный потенциал организаций;

3) высокий экономический риск и длительные сроки окупаемости инноваций;

4) неразвитость системы профессиональной подготовки и переподготовки кадров для инновационной сферы;

5) недостаток высококвалифицированных кадров для ведения инновационной деятельности;

6) недостаток инвестиционного и венчурного капитала;

7) неразвитость инновационной инфраструктуры;

8) низкий уровень развития конкурентных рынков;

9) слабо развитое взаимодействие между наукой и бизнесом. [7,8]

Ключевая роль государства – заключается в установлинии четких, прозрачных и равных для всех правил и контроле их соблюдения.

При этом, государство остаётся крупнейшим игроком в национальной экономике выполняя роль одного из поставщиков услуг для бизнеса и граждан. В данном случае, государство должно сделать все возможное, чтобы услуги были доступны в любом месте, в любое время, без задержек и с равными правами для всех. Такая трансформация — огромная проблема для государственных учреждений и министерств, которые привыкли работать в изоляции, полностью управляя всеми системами и данными.

В этой связи в Таджикистане должны распределять ресурсы так, чтобы улучшать доступ населения к цифровым технологиям. Это включает в себя интернет в школах, в сельской местности, безопасный публичный доступ к сети во всех государственных учреждениях. При этом государственным органам необходимо разработать и реализовать в действие новых стандартов и правил, которые должны возможным создать условия конкуренцию на цифровых рынках.

Рост населения Таджикистана и ориентированная правительством политики мобилизации имеющих природных ресурсов, создаваемых электронной экономики не ограничивается бизнесом электронной торговли и оказание услуг. Такое условие позво-

ляет каждый аспект жизни населения- это здравоохранение, образование, банковское взаимоотношения и др..

Интернет вещей приобретет еще больше возможностей открыть человечеству новые, более широкие перспективы, оснащённых встроенными технологиями для взаимодействия друг с другом или с внешней средой, рассматривающая организацию таких сетей как явление, способное перестроить экономические и общественные процессы, исключающее из части действий и операций необходимость участия человека.

Правительства в странах ОЭСР - Организация экономического сотрудничества и развития [11] предлагают о необходимости развития цифровой экономики в странах на основе стратегической политики, где должны расширяться преимуществ на ключевые проблемы, такие как создание новых рабочих мест, сокращение безработицы, неравенства в социальной жизни и борьбы с бедностью.

Таджикистан занимает 139-ое место в рейтинге стран мира по уровню развития электронного правительства, говорится в новом докладе ООН по электронному правительству. По информациям Центра новостей ООН, электронное правительство - эффективный инструмент улучшения государственных услуг для населения и реализации Повестки дня в области устойчивого развития на период до 2030 года. Однако пока не все государства мира могут обеспечить доступ всего населения к новым технологиям и инновациям [12].

«Информационно-коммуникационные технологии способны превратить сектор по оказанию услуг населению в инструмент, способствующий устойчивому развитию. Усилия по повышению эффективности оказания услуг населению должны сопровождаться обеспечением социального равенства и доступа людей к новым информационно-коммуникационным технологиям», - заявил заместитель Генерального секретаря по экономическим и социальным вопросам У. Хунбо, представляя новый доклад ООН по электронному правительству» [22].

Для внедрения повсеместно моделей, технологий цифровой экономики в Республике Таджикистан необходимо:

Обеспечить дальнейшее развитие коммуникаций, повсеместный доступ к ШПД посредством оптоволоконной инфраструктуры. Сократить цифровое неравенство в масштабе регионов республики. Поэтому вопрос развития IT-сферы Правительство должно держать на особом контроле. Необходимо завершить создание портала государственных электронных услуг Э-правительства Республики Таджикистан, т.к. оказание государственных электронных услуг является одним из составных звеньев цифровой экономики.

Республике Таджикистан, чтобы выйти, на перспективу, на соответствующие позиции в мировой экономике, сохранить экономический суверенитет, нами предлагается рассмотреть разработку собственной программы развития электронной (цифровой) экономики Таджикистана. При этом необходимо предусмотреть пути реализации программы - дорожной карты "Цифровая экономика Таджикистан", где должны быть предусмотрены меры по созданию правовых, технических, организационных и финансовых условий для развития цифровой экономики в Таджикистане и ее интеграции в пространство цифровой экономики государств-членов Евразийского экономического союза и экономик Центрально азиатских стран.

Таким образом, согласно предложенный нами определения цифровой экономика, где предусматривается переход к новому укладу жизни, к новым моделям организации управления и ведения бизнеса и с новой модели построения производственных процес-

сов с цифровой технологией. Для руководителей компании и предприятий независимо от размера субъектов переходят на новые формы экономики, для которых нужны новые технологии. Чтобы создаваемая система была эффективными в условиях, когда процессы должны быть распределены по разным регионам республики по соответствующим экономически уровням развитиям (ГБАО, Согд, Хатлон, РРП, г. Душанбе).

Хусусияти дигари ғазалҳои Камол он аст, ки дар онҳо байт ва дар баъзе мавридҳо мисраъ пояи устувор дошта мустақил мебошанд. Шоир матлабу тасвирҳои тозаву маънии хосро дар як байт баён намудааст. Аз ин ҷост, ки ӯ арзиши чунин байтҳоро ба девон баробар медонад:

Гуфтори Камол арзад ҳар байт ба девоне,
Як нукта аз ин дафтар гуфтему ҳамин бошад [38, с. 450].

Ҳамин тавр Камол дар зимни ашъораш ба ҷанбаҳои гуногуни эҷодаш ишораҳо кардааст, ки омӯзиши онҳо барои дарки амиқтари осори ӯ мусоидат менамояд.

**Пайнавишт**:


1. Рӯдакӣ. Девон, таҳия ва тасҳеҳи Қодири Рустам, Олмотӣ, 2007, саҳ.53.
2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома, таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, Б.Сирус ч. 9, -Душанбе, 1989, саҳ. 492.
3. Камоли Хуҷандӣ. Девон, мураттибон Ш.Ҳусейнзода, Н. Қаҳҳорова, С. Асадуллоев, -Душанбе, «Ирфон», 1983, ҷ. 1, саҳ. 433.
4. Ҳамон ҷо, саҳ. 44.
5. Ҳамон ҷо, саҳ. 280.
6. Ҳамон ҷо, саҳ. 524.
7. Абдурраҳмои Ҷомӣ. Баҳористон, -Душанбе, 1972, саҳ.115.
8. Камоли Хуҷандӣ. Девон, ҷ. 1, саҳ. 235.
9. Ҳамон ҷо, саҳ. 347.

10. Камоли Хуҷандӣ. Девон, ҷ. 2, саҳ. 26.
11. Камоли Хуҷандӣ. Девон, ҷ. 1, саҳ.291.
13. Камоли Хуҷандӣ. Девон, ҷ. 2, саҳ. 55.
14. Камоли Исфаҳонӣ. Куллиёт, Бомбай, 1807, саҳ.112-114.
15. Камоли Хуҷандӣ. Девон, ҷ. 2, саҳ. 430.
16. Камоли Хуҷандӣ. Девон, ҷ. 1, саҳ.291.
17. Камоли Хуҷандӣ. Девон, ҷ. 2, саҳ. 46.
18. Камоли Хуҷандӣ. Девон, ҷ. 1, саҳ.208.
19. Ҳамон ҷо, саҳ. 193.
20. Б. Мақсудов. Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ. –Душанбе, 1994, саҳ.123.
21. Камоли Хуҷандӣ. Девон, ҷ. 1, саҳ.351.
22. Камоли Хуҷандӣ. Девон, ҷ. 2, саҳ. 134.
23. Ҳамон ҷо, саҳ. 345.
24. Ҳамон ҷо, саҳ. 439.
25. Ҳамон ҷо, саҳ. 431.
26. Дар матн иштибоҳан «аз» дарҷ шудааст.
27. Абдулманнони Насриддин. Ҳунари шоирии Шайх Камоли Хуҷандӣ. Чиҳил мақола, - Хуҷанд, 2007, саҳ.210.
28. Камоли Хуҷандӣ. Девон, ҷ. 1, саҳ.293.
29. Ҳамон ҷо, саҳ. 295.
30. Ҳамон ҷо, саҳ.432.
31. Ҳамон ҷо, саҳ. 345.
32. Ҳамон ҷо, саҳ. 231.
33. Ҳамон ҷо, саҳ. 434.
34. Камоли Хуҷандӣ. Девон, ҷ. 2, саҳ. 69.
35. Камоли Хуҷандӣ. Девон, ҷ. 1, саҳ. 119.
36. Камоли Хуҷандӣ. Девон, ҷ. 2, саҳ. 440.
37. Ҳамон ҷо, саҳ. 131.
38. Камоли Хуҷандӣ. Девон, ҷ. 1, саҳ. 450.

## НАЗАРИ КАМОЛ БА ФАЗИЛАТҲОИ АШЪОРАШ

Камоли Хуҷандӣ аз зумраи он суханварони бузургест, ки дар замони худ шӯҳрат пайдо кардаанд. Ба мақоми баланду маҳорати беназири ӯ ҳамзамононаш ва шоири бузург Ҳофизи Шерозӣ низ баҳои баланд додаанд. Илова бар ин худи Камол низ дар фахрияҳо ва шеърҳои дигараш ба маҳорату шӯҳраи шоириаш ишораҳо кардааст. Ҳарчанд Камол бо таъсири суннати фахриянависӣ, ки дар адабиёти замони ӯ хеле ривоҷ дошт, фарияҳо навиштааст, вале фахрияҳои ӯ аз шоирони дигар ба куллӣ фарқ мекунад. Камол саъй намудааст, ки аз эҳтироми шоирони дигарро ба ҷой оварда, муҳимтарин сифатҳои ашъори худро баён созад. Аз рӯйи ишораҳои шоир метавон фазилатҳои асосии ашъори ӯро шинохт. Дар мақола бо далелҳои зиёд дуруст ва воқеӣ будани андешаҳои Камол нисбат ба ашъораш дар муқояса бо назари муҳаққиқон нишон дода шудааст.

**Калидвожа:** Камоли Хуҷандӣ, фахрия, латофати сухан, маъонии хос, хушоҳангӣ.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: Мирзо Муллоаҳмад, Сарходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, Тел.:93 555 00 02, E-mail: mirzomulloahmad@mail.ru.

## ВЗГЛЯД КАМОЛА ХУДЖАНДИ НА СВОИ ТВОРЕНЬЯ

Камол Худжанди входит в плеяду поэтов, которые снискали большую славу при жизни. На его высокое место и незаурядное мастерство указывали современники, в том числе великий поэт Хафиз Ширази. Хотя Камол тоже под влиянием традиции сочинил похвальные стихи о себе, однако он в отличие от других с уважением относился ко всем поэтам и обратил большое внимание на главные качества своих сочинений. В статье на основе высказываний самого поэта и исследователей рассматриваются основные особенности его творенья.

**Ключевые слова**: Камоли Худжанди, самохваление, изяшность, особые мысли, созвучность.

**Сведения об авторах**: Мирзо Муллоахмад, главный научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, Тел.: 93 555 00 02, E-mail: mirzomulloahmad@mail.ru.

## KAMOL KHUJANDI'S VIEW OF HIS CREATIONS

Kamol Khujandi is one of the group of poets who gained great fame during their lifetime. His high place and outstanding skill were pointed out by contemporaries, including the great poet Hafiz Shirazi. Although Kamol also wrote praiseworthy poems about himself under the influence of tradition , however, unlike others, he treated all poets with respect and paid great attention to the main qualities of his compositions. The article considers the main features of the poet's creation based on the statements of the poet and researchers.

**Keywords**: Kamoli Khujandi, self-praise, grace, special thoughts, consonance.

**About the authors**: Mirzo Mulloahmad, Chief Researcher, Institute for the Study of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan, Tel .: 93 555 00 02, E-mail: mirzomulloahmad@mail.ru.

# ТАСВИРИ БАРХӮРДҲОИ МАЗҲАБӢ ДАР ҲИКОЯИ ХОҶА АҲМАД АББОС "ХАНДАИ ПЕШ АЗ МАРГ"

**Ҳабибулло Раҷабов,**
**д.и.ф., мудири шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои**
**Осиё ва Аврупои АМИТ**

Хоҷа Аҳмад Аббос (1914-1987) аз ҷумлаи он шахсиятҳои маъруфи Ҳиндустон мебошад, ки ба хотири саҳми назаррасе дар инкишофи адабу фарҳанг гузоштааш, дар қатори аввалин адибони ин мамлакат сазовори мукофоти олӣ "Падма Шрӣ" (Ордени нилуфар, 1969) шудааст. Адиб, ҳамчун аъзои "Анҷумани адибони пешқадами Ҳиндустон", бо фаъолияти бисёрҷонибаи худ, ки аз софдилона ва бе тамаъ хизмат кардан ба мардум иборат буд, фарқ мекунад.

Соли 1984 Хоҷа Аҳмад Аббос ба муносибати 70 солагиаш сазовори мукофоти ба номи Ватслав Ватславович Воровский (1871-1923) шуда буд. Ба ин муносибат ҳиндшиноси Шӯравӣ Вера Бикова бо номи "Аббоси шиддатнок" мақолае навишта буд, ки иқтибосе аз он кӣ будани адибро хеле равшан мекунад:

"Хоҷа Аҳмад Аббоси ҳафтодсола на танҳо садҳо ҳикоя навиштааст, на танҳо даҳҳо романҳои бузургҳаҷм эҷод кардааст, на танҳо бо чордаҳ филми бадеии пурраметраж, ки қисми зиёдашон мукофотҳои олии байналмилалӣ гирифтаанд, шӯҳрат пайдо кардааст, балки дар давоми чил сол як қисми саҳифаи охирини рӯзномаи "Блитс"-ро бо мақолаҳояш пур мекунад. Боз уҳдабароёна дар саҳифаҳои ду рӯзномаи дигар мунтазам навиштаҳояш чоп мешаванд" [1].

Лекин инро низ гуфтан ҷоиз аст, ки дар олами фарҳанг ӯро пеш аз ҳама ба ҳайси муаллифи сенарияҳо барои кинофилмҳои бадеӣ мешинохтанд. Дар тамоми ҷаҳон филмҳои "Оворагард" (1951), "Ҷаноби 420" (1955). "Номи ман масхарабоз" (1970), "Боби" (1973), "Ҳино" (1991) ва даҳҳо дигар чунин филмҳои ҳиндӣ машҳур шудаанд, ки сенарияҳои онҳоро Хоҷа Аҳмад Аббос навиштааст. Адиб дар Ҳиндустон ва берун аз он ҳамчун сенариянавис, ҳикоянавис, романнавис ва кинорежисёри бомаҳорат шӯҳрат пайдо кардааст. Ба қалами ӯ 73 асар, аз ҷумла 15 роман ва 7 маҷмӯаи ҳикояҳо тааллуқ доранд, ки ба забонҳои урду ва англисӣ иншо ва чоп шудаанд. Асарҳояш ба забонҳои мухталифи Ҳиндустон ва дунё, аз ҷумла ба забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ [7] тарҷума шудаанд.

Яке аз асарҳои адиб, ки ӯро чун романнависи бомаҳорат ва таҷҷасумкунандаи воқеияти замони муосир шуҳратёр кардааст ин романи "Писари Ҳиндустон" ("Son of India") мебошад. Оид ба сабаби иншои ин роман худи адиб чунин гуфтааст: "Ин 9 августи соли 1942 буд. Ин ҳамон вақте ки як шабонарӯз баъди он, ҳизби Конгресси миллии Ҳиндустон бо сарварии Маҳатма Ганди ва Ҷавоҳирлол Неҳру қарордоди таърихии "Аз Ҳиндустон дафъ шавед"-ро қабул карда буд. Ин охирин огоҳӣ нисбат ба империалистони Англия буд ва маънои онро дошт, ки мардуми Ҳиндустон дар сарзамини худ дигар хӯҷаин будани англисҳоро намехоҳанд... Ҳамон рӯз ман шоҳиди бераҳмиҳои англисҳо нисбат ба мардуми Бомбей, ки ба намоиши эътирозӣ баромада буданд, шудам. Пас ба нақша гирфтам, ки ин романро эҷод кунам" [6, с.5-6].

Қаҳрамони марказии романи "Писари Ҳиндустон" Анвар Алӣ ҳамчун ватандӯсти асил тамоми зиндагии худро ба хотири озодии Ватанаш бахшидааст. Ҳамин тариқ, Хоҷа Аҳмад Аббос дар ҳамаи он асарҳое, ки офаридааст – хоҳ роман, хоҳ ҳикоя, хоҳ

сенарияҳои кинофилмҳо ва мақолаҳои сершумораш васфи муборизаи мардум, ватанхоҳӣ ва ғамхорӣ нисбат ба мардуми заҳматкаш кардааст. Аз ин ҷост, ки адибро дар Ҳиндустон ҳамчун сафири оммаи мардум мешиносанд.

Баробари ин бояд ёдовар шавем, ки Хоҷа Аҳмад Аббос на танҳо шоҳиди авҷгирии муборизаи тудаҳои васеи мардум муқобили аҷнабиён буд, балки шоҳиди бархӯрдҳои мазҳабӣ - вазнинтарин бадбахтиҳои ҳиндувону мусулмонҳо дар асри XX низ шудааст, ки дар арафаи тақсим шудани Ҳиндустон дар ин сарзамин ба амал омадаанд. Олими Шӯравӣ Изроил Самойлович Рабинович роҷеъ ба романи машҳури Яшпал (1903-1976) "Ҳақиқати қалбакӣ" (8), ки вай ҳам ба фоҷиаи ҳиндувону мусулмонҳои бо ҳам дар ситеза буда бахшида шудааст, назари андеша карда, дар оғоз ин нуқтаро хотиррасон кардааст:

"Тобистони соли 1947 ворид шуд. Асокири англисӣ мамлакати тороҷшуда, гадогашта, вале сар нафаровардаро тарк намуданд. Пеш аз озодии сиёсиро соҳиб шудан Ҳиндустон ба Иттиҳоди Ҳиндустон ва Покистон тақсим шуд. Усули пешина "ҷудо куну ҳоким шав" боз ҳамон хизмати ифлоси худро ба кор бурд. Дар мамлакати ба ду қисм тақсимшуда дарёи хун ҷорӣ мешуд"[4, с.328]. Вақте ки дар соли 1947 чун хабари ба ду давлат тақсим шудани Ҳиндустон дар саросари кишвар дақиқ муайяну тасдиқ ва чун барқосо паҳн гардид, пас аз пушти он чӣ фоҷиае ба сари мардуми ин сарзамин омаданаш мумкин буд, онро пеш аз ҳама зиёиён, аз ҷумла адибони пешқадам эҳсос намудаанд. Онҳо бо ҳар роҳ бо ҳамон имконият ва нерӯе, ки доштанд, кӯшиш мекарданд, то ин нияти ҷудошавӣ сурати амалӣ нагирад, вале душманони ин кишвар тавонистанд ҷабҳаи ягонагии мардумони Ҳиндустонро дучори шикаст кунанд ва ба ҳадафҳои зиддиинсонии худ бирасанд. Мошини шикастофарини ба ҳаракат омада дигар ба ғайри пеш рафтан, азми таваққуф кардан ва ё пас гаштан надошт.

Ҳиндшиноси рус Алексей Сергеевич Сухочев роҷеъ ба зиндагӣ ва фаъолияти адабии нависандаи урдузабону ҳиндизабон Кришан Чандар сухан ронда, назари худро оид ба мухолифати ҳиндувону мусулмонҳо чунин гуфтааст: "Дар соли 1947 муборизаи бисёрсолаи мардуми ҳинд ба хотири озодӣ аз ғуломдории мустамликавӣ бо пирӯзӣ анҷом ёфт. Лекин ба даст даровардани озодӣ бо хунрезиву бародаркушии байни мусулмонҳо ва ҳиндувон, ки аслан барангезаи онҳо аз ҷониби агентҳои мустамликадорон сурат мегирифт, тира шуд" [5,с.7]. Адибони пешқадам ба мисли Хушвант Синҳ (1915-2014), Яшпал (1903-1976), Бҳишма Саҳнӣ (1915-2003), Иброҳим Ҷалис (1924-1977), Хоҷа Аҳмад Аббос, Вишну Прабҳакар (1912-2009), Кришан Чандар (1914-1977), Амритрай (1921-1996), Моҳан Ракеш (1925-1972) ва садҳо нафарҳои дигар задухӯрдҳои шадиди мазҳабӣ ва оқибатҳои хонумонсӯзи ин айёми ҷаҳолатро дида маҳкум мекарданд.

Ҳар кадоме аз ин адибон бо ҳамон андозае, ки задухӯрдҳои мазҳабиро дида буданду шунида буданд, бо ҳамон андоза акси ин воқеаҳоро дар саҳифаҳои асарҳои худашон ҷой медоданд. Ҳангоми сар шудан ва идома ёфтани ин бадбиниҳо, задухӯрдҳо, хунрезиҳо, оташзаниҳо ва тороҷгариҳо ашхоси баёни ақли солимро гӯш мекардагиҳо хеле кам буданд. Дар он замони пурдаҳшат аксарияти мардум фақат ҷоҳиливу ваҳшониятро медонисту ҳамин силоҳро ба кор мебурд. Пас чун ду давлати соҳибистиқлол – Ҳиндустону Покистони озод бунёд шуданд бо гузаштани чанд муддате пас каме оромӣ низ пеш омад, вале нишонаҳои дарду алами ҷудошавӣ ва ҷаҳолати бадбинӣ аз ҳар ҷониб чун захми шифонаёбанда намудор мешуданд.

Адибон ба хотири мардумонро ҳушдор кардан ва пешгирӣ намудани задухӯрдҳои нави мазҳабӣ дар замони истиқлолияти Ҳинду Покистон низ ба масъалаҳои

мунокишаҳои мусулмонҳову ҳиндувон тоза ба тоза бармегаштанд. Ин ҷараён ҳанӯз ҳам, пас аз гузаштани бештар аз ҳафтод сол идома дорад. Ҳанӯз ҳам захмҳои соли тақсимшавии Ҳиндустон пурра муолиҷа нашудаанд. Душманони ягонагии Ҳиндустон ҳанӯз ҳам аз ниятҳои шуми худ даст накашидаанд. Агар ҳамин таҳдид намешуд гумон аст, ки Камлешвар (1932-2005) барин адиби замони нав романи “Чанд Покистон” (Kitne Pakistan)-ро наменавишт [2]. Дар андак вақт даҳҳо маротиба аз нав чоп шудани ин асар шоҳиди он аст, ки мавзӯи бархӯрдҳои мазҳабӣ дар аввали асри XXI мавзӯи доғи рӯз шудааст. Чандин адибони гуногунзабони Ҳиндустон маҳз бо навиштани асарҳое, ки ба задухӯрдҳои мазҳабӣ бахшида шудаанд, шуҳрат пайдо кардаанд.

Яке аз ҳамин гуна адибон Хоҷа Аҳмад Аббос – намояндаи насли калонсоли адибони Ҳинд мебошад. Вай як муддати задухӯрдҳои мазҳабиро, ки ифодаи дараҷаи олии ҷаҳолат аст, дар ҳикояи “Хандаи пеш аз марг” реалистона ба қалам додааст. Бояд зикр кард, ки гарчанде “Хандаи пеш аз марг” ҳикоя аст, яъне чун ҳамаи дигар ҳикояҳо ҳаҷме дорад ба ҳамин жанр мувофиқ, вале бо дар бар гирифтани масъалае, ки асоси ҳикояро ташкил медиҳаду бо сабаби ниҳоят мубрам буданаш бе қимат аст, аз як романи бузургҳаҷм кам нест.

Ҳикоя, вақте ки ровӣ-қаҳрамони марказии ҳикоя дар назди духтур аст, ин тавр оғоз меёбад: “Ҳамин тариқ, Шумо мехоҳед, бидонед, ки инсон чӣ тавр ханда карда метавонад, ҳол он ки мурда истодааст, ҳамин тавр не? Ташвиш накашед, духтур, Шумо маро аз марг халос карда наметавонед. Беҳтараш ба табобатхонаи худ баргардеду обдоруи ҳиноӣ ва аспиринҳоро савдо кунед”. Ҳанӯз аз номи ҳикоя ва пас аз аввалин суханҳои ровӣ, ки қаҳрамони марказии ин ҳикоя аст, дар дили хонанда эҳсоси кунҷковӣ ва як андоза ташвишу парешонӣ пайдо мешавад, зеро мавҷудияти хандаву марг дар як вақт чандон бо мантиқ нест.

Дар ҳикоя, чун мавзӯи асосӣ бархӯрди мусулмонҳо ва ҳиндувон аст, нависанда аз аввал то ба охир огоҳона на номи ровиро мегираду на ишора ба ҳинду ё мусулмон буданаш мекунад. Ҳинду ё мусулмон будан ҳадафи худро дорад, лекин магар инсон будан маъние надорад? Ровиро аз пушту аз пеш бо корд сахт захмӣ кардаанд. Аз захмҳо хун рафта истодааст ва вай дақиқ медонад, ки аз марг халосӣ нест. Духтури дар ҳайрат монда мунтазир аст, ки ин захмӣ сабаби хандиданашро гӯяд. Захмӣ қиссаи худро баён мекунад: “Тоқат намо, ки тамоми саргузаштамро бишнавию бифаҳмӣ. Ва он дам мефаҳмӣ, ки ман чаро дар дами маргам ханда мекунам. Бештар аз ду моҳ аст, ки ман кӯшиш намудам, кӣ буданамро маълум созам – мусулмон, ҳинду ё сикҳ. Бараҳман ё махав? Бой ё камбағал? Аз Панҷоби Шарқӣ ё Ғарбӣ. Сокини Лаҳор ё Амритсар? Равалпиндӣ ё Ҷоландҳар? На танҳо худам, балки бисёр дигарон низ кӯшиш намуданд, ки шахсияти маро, аз ҷумла табақа, дин ва номамро маълум кунанд. Вале ба ҳеҷ кас муяссар нашуд, ки ин сирро ошкор намояд. Ҳатто худи ман ҳам ба хотир оварда натавонистам”.

Адиб ин ҷо огоҳона аз мусулмону ҳинду, сикҳҳо ва номи шаҳрҳову музофотҳо ёдовар шудааст, зеро маҳз дар ҳамин минтақаҳо ва байни ҳамин қавмҳо беандеша ва бо сабаби бунёди Покистон задухӯрдҳои шадид ба амал омада буданд. Инсон будани инсонро фаромӯш карда, ҷоҳилон танҳо ба кадом дин таалluқ доштану аз кадом маҳал буданро муҳим медонистанду халос. Дар чунин авзои бесарусомониву даҳшат чун нафари мепурсидагӣ аз дину қавми худат набошад, ба ҳеҷ гуна марҳамате аз ҷониби пурсандаҳо умед бастан мумкин набуд.

Марди захмхӯрда дар охирин лаҳзаҳои зиндагиаш “ва инак, баногоҳ хотирам бар ман баргашт” гуфта, қиссаи худро давом медиҳад ва мо оҳиста-оҳиста дар мисоли

тақдири як шахс шоҳиди он мешавем, ки бунёди як давлати нав ба сари мусулмонҳо ва ҳиндувон, ки дирӯз якҷоя муқобили аҷнабиҳо ба хотири озодӣ мубориза бурда буданд, чӣ рӯзи сиёҳе оварда будаст. Захмхӯрда пас ду моҳ дар госпитали ҳукуматии Деҳлии Нав ба ҳуш меояд ва аввалин саволе, ки ба ӯ духтур медиҳад ин аст, ки вай ҳиндуст ва ё мусулмон. Вале бемор гирифтори фаромӯшхотирӣ шудааст ва чизе гуфта наметавонад. Фақат ҳамин қадар мефаҳмад, ки ду қатораи гурезаҳо дар байни Амритсар ва Лаҳор гирифтори ҳамла ва фалокат шудаанд. Ӯро ҳамроҳи дигар маҷрӯҳон, ки миёнашон ҳам ҳиндуҳо, ҳам сикҳҳо ва ҳам мусулмонҳо буданд, ба ин госпитал овардаанд. Дар як қатора гурезаҳои ҳинду аз Панҷоби Ғарбӣ ба Амритсар мерафтасту қатораи дигар бо мусулмонҳои гуреза аз Панҷоби Шарқӣ ба Лаҳор роҳ гирифта будаст.

Ин саҳна дар ҳикоя ин тавр тасвир шудааст: "Вақте, ки соатҳои ёздаҳи шаб қатора аз купрук бо суръати тез мегузашт, бомбае таркид. Паровоз бо чанд вагони аз оқиби худ меомада, ба нишебӣ, ба хандақи хушкидаи маҷрои дарё афтод. Аксарият ҳалок, баъзеҳо маҷрӯҳ шуданд ва онҳоеро, ки мӯъҷизавор зинда монда буданд жолаи тиру туфанги duздони ғоратгар, ки дар ҷангал пинҳон шуда буданд, интизор буд... Баъд аз як соат, як мил дуртар аз ҷои ин ҳодиса ба қаторае, ки аз самти муқобил меомад, айнан ҳамин хел ҳодиса рӯй дод... Субҳи дигар, вақте ки сарҳадбонони ҳиндӣ ва покистонӣ ба дидбонҳои худ баромаданд, як манзараи мудҳишеро мушоҳида карданд: дар болои хати нави сарҳадие, ки ба қарибӣ кашида буданд, теъдоди зиёди мурдаҳои ҳар ду қатора мехобиданд. Онҳо тавре хобида буданд, ки ҳинду ё мусулмон буданашонро муайян кардан имконнопазир буд. Яке аз он бадбахтҳо ман будам" [7, с.51].

Чун ба давоми ҳикоя менигарем, мебинем, ки адиб пайваста кӯшиши онро дорад, ки ҷудо кардани ҳиндувону мусулмонҳо дар сарзамине, ки асрҳо гузаштагонашон якҷоя зистаанд, амалест нанговар, бемантиқ ва фоҷиабор. Адибони Ҳинд чандин ҳодисаҳоро ёдовар шудаанд, ки баробари маълум кардани кӣ будани шахсони алоҳида онҳо вобаста ба он, ки агар ба дасти қавми бегона афтода бошанд, ё гирифтори марг ва ё лату кӯби бераҳмона шудаанд. Ҳамин хавф боис аст, ки Хоҷа Аҳмад Аббос кӣ будан аз кадом қавм будани қаҳрамонашро пинҳон нигоҳ медорад. Яъне бераҳмиву ҷоҳилӣ ва кӯтоҳандешӣ ба дараҷае расидааст, ки дар ватани аҷдодии худ асли худро гуфтан баробар ба пешвози марг рафтан аст. Дар идомаи ҳикоя манзараи мудҳише як андоза ҳаҷвангез тасвир шуда бошад ҳам, оромтарин хонандаро бетараф ва беандеша намемонад:

"Шахсе, ки маро бо замбар ба мошинаи ёрии таъҷилӣ овард, нақл кард, ки ман беҳушу оғӯштаи хун болои хати сарҳад тавре хобида будам, ки пойҳоям дар Покистону сарам дар Ҳиндустон буданд. Ва хати нави сарҳад, ки тавассути саҳро мегузашт, бо хун кашида шуда буд, Бале, бо хуни ҳиндуҳо, мусулмонон ва сикҳҳо, ки баъди рехтан омехта шуду замин онро макида гирифт". Вақте ки адиб "хати нави сарҳад бо хун кашида шуда буд" мегӯяд, албатта, ин ишора ба он аст, ки бо сабаби кашидани хати нави сарҳад байни Ҳиндустону Покистони тозабунёд, хуни садҳо ҳазор ҳиндувону мусулмонҳо ва сикҳҳои бегуноҳ рехта шуд. Пӯшида намемонад, ки "пойҳоям дар Покистону сарам дар Ҳиндустон" гуфтани қаҳрамони ҳикоя чи қадар кинояи пураламро дар худ шомил намудааст.

Ҳодисаҳои дар пояи ба ин ё он дин таалluқ доштан, ки чун задухӯрдҳои шадиди ҳиндувону мусулмонҳо дар соли 1947 сурат гирифтааст, дар маҳалҳои мухталиф рӯй додаанд, лекин ин чиз ҳам бештар ба назар мерасад, ки майдони амали фирефтаи ҷоҳилӣ шудагон қатораҳои мусофиркаш ва сарҳадҳои нав муайян шудаи байни Ҳинду Покистон мебошад. Задухӯрдҳо ё дар дохили қатораҳо рӯй медиҳанд ва ё мусофирон ин гуна саҳнаҳо ва сӯхтору тороҷгариву кушторро аз тирезаҳои қатораҳои равон мебинанд.

Яке аз адибоне, ки тасвири ин бархӯрдҳоро бисёр реалистона тасвир намудааст, адиби англисизабони Ҳиндустон Хушвант Синҳ (1915-1914) мебошад, ки номи асари худро ҳатто “Қатора ба сӯи Покистон” (Tran to Pakistan) номгузорӣ кардааст [2]. Нависандаи урдузабону ҳиндизабон Кришан Чандар (1914-1977), ки бо асарҳои бемислаш дар тамоми Ҳинду Покистон ва ҷаҳон машҳур аст, бахшида ба ин бархӯрдҳо якчанд ҳикоя, аз ҷумла ҳикояи “Экспресси Пешовар”-ро навиштааст. Ҳикояи “Хандаи пеш аз марг” низ, тавре мебинем, як иртиботе бо қатора дорад.

Чун ба госпитал шумораи гурезаҳои маҷрӯҳ зиёд мешавад, ба бемори гумном пешниҳод мешавад, ки акнун тарки ин беморхона кунад. Вай ба қароргоҳи гурезаҳо, ки дар масҷиде ташкил ёфта буд омада, бо умеди он ҷо паноҳгоҳе ёфтан аз сардори қароргоҳ барои даромадан иҷозат мепурсад. Сардор бошад савол медиҳад, ки вай ҳинду аст ё мусулмон. Чун ҷавоби саҳеҳ намешунавад “ин ҷо барои мусулмонҳост” гуфта, иҷозат намедиҳад. Дар ҷои дигар низ, ки қароргоҳи маҷруҳони ҳинду будааст, барои ӯ ҷой пайдо намешавад.

Хонандаи ҳикояи “Хандаи пеш аз марг”, албатта, тахмин мекунад, ки маҷрӯҳ шояд ҳама чизро дар хотир дошта бошад, вале аз рост гуфтан огоҳона худдорӣ мекунад. Лекин бояд гуфт, ки нависандаро ҳадаф ин аст, ки дар қисмати қаҳрамони маҷрӯҳшудаи худ муайян намояд, ки дар ҷомеа ҳинду ё мусулмон будан муҳим аст, ё инсон будан. Дар идомаи қиссаи бемор ин матлабро адиб равшантар изҳор мекунад:

“Ҳамин тариқ, ман аз як қароргоҳ ба қароргоҳи дигар мерафтам. Барои гурезаҳои ҳинду ва гурезаҳои мусулмон қароргоҳҳои алоҳида буданд, вале, умуман, барои инсон ягон қароргоҳе пайдо нашуд”. Ҳамин тариқ, вай дар ягон ҷой паноҳгоҳе наёфта, гуруснаву ташна дар кӯчае дар назди хонаи як сикҳ беҳуш шуда меафтад. Сикҳ ӯро ба хонааш бурда шир мехуронад. Чун ба ҳуш меояд сикҳ намепурсад, ки ӯ ҳинду аст ё мусулмон, фақат савол медиҳад, ки ҳолаш беҳтар шудааст ё не. Лекин вай худ мегӯяд, ки дар воқеъ кӣ буданашро намедонад. Ин ҷо адиб таъкид мекунад, ки сикҳҳо на мусулмон ҳастанду на тобеи ҳиндуия ва ба ҳар ду ҷониб бо хайрхоҳӣ назар мекунанд ва ҳеҷ гоҳ дар пояи диндорӣ азми задухӯрд накардаанд. Дар хонаи сикҳ чанд рӯз иқомат карда, аз лутфи аҳли хонаводааш баҳравар мешавад. Ва вақте ки аз Равалпиндӣ хешу таборҳои сикҳ меоянд, хабарҳои пурдаҳшат мееоранд. Нависанда мавриди аз Равалпиндӣ омадани сикҳҳои гурезаро истифода бурда, як лаҳза ваҳшонати мусулмонҳоро нақл мекунад: “Баъд аз чанд рӯзи дигар, дар қатораи махсуси гурезаҳо ба хонаи сикҳ аз Равалпиндӣ хешовандонаш омаданд. Баъзеи онҳо аз дасти мусулмонҳои каллабур сахт азият кашида буданд. Онҳоро иҷборан ба мусулмонӣ шомил сохта, сарҳояшонро тарошида, мардҳояшонро хатна карда, ба номуси занҳояшон таҷовуз кардаанд. Дар пеши назарашон мусулмонҳо ҳамсояву хешовандонашонро хунсардона ба қатл расондаанд”.

Бо шунидани ин ваҳшонияти ровии ҳикоя тахмин мекунад, ки шояд ӯ мусулмон бошад ва аз ҷаҳолати ҳаммаслакони худ ба нафрат меояд ва ҳамон шаб тарки хонаи сикҳ мекунад ва боз дар ҷустуҷӯи қароргоҳ мешавад. Вале дар ҳама ҷо саволҳо як хел: “Шумо кистед? Номатон чист? Дини Шумо кадом аст? Аз куҷо омадед?” Ин ҳамон саволҳое буданд, ки замони тақсимшавии Ҳиндустон ба ду давлат дар ҳар қадам садо медоданд, хусусан дар қисматҳои шимолии мамлакат, дар он ҷойҳое ки мусулмонҳо нисбат ба дигар қисматҳои Ҳиндустон бештар истиқомат мекарданд.

Нависанда ба хотири тасдиқи он, ки дар ҳар маврид ҷомеа аз одамони бомаърифату боандешаву хайрхоҳ холӣ намемонад, боз қаҳрамони худро вориди ҷойи дигар мекунад. Вай дар даромадгоҳи масҷиде беҳуш шуда меафтад ва пас аз чанде як

писарбача ӯро ба ҳуш оварда, ғизо пешниҳод мекунад. Писарбача чун мебинад, ки бемор таб кардааст, “падарам духтур” гуфта ӯро ба хонаашон мебарад. Ин табиби мусулмон ба бечорагону бенавоҳо бепул даво медодаст, новобаста аз он, ки онҳо мусулмонанд ё ҳинду. Муколамаи табиб бо бемори тоза омада андешаи солим аст, ки адиб ҷонибдораш мебошад: ”Ман саргузаштамро нақл карда, илова намудам: Шояд ман ҳинду бошам ва магар беҳтар нест, ки банда аз назаратон равам?

-Ҳинду бошӣ-чӣ? – гуфт ӯ. Ҳиндуҳо низ фарзандони Оллоҳанд”. - Пас бемор дар хонаи табиби мусулмон мемонад.

Азбаски бархӯрдҳои шадиди мусумонҳо ва ҳиндувон идома меёфт, ҳеҷ касро дар ҳеҷ ҷой оромӣ набуд. Куштору сӯхтору, тороҷгариву таҷовуз дар пояи бадбинии динӣ ба дараҷаи аъло расида буд. Ҳамин тариқ, ба қаҳрамони ҳикоя боз ҳодисае рӯй медиҳад, ки боиси дигар дар хонаи табиб намондани бемори хотираашро гумкарда мешавад. Дар иқтибосе, ки дар поён овардании ҳастем, дараҷаи олии ҷаҳолат бараъло намоён аст: “Боре писарбача чун ҳарвақта барои ба гуруснагон додани хӯрок рафта, дигар барнагашт. Мо ба ҷустуҷӯяш баромада, ӯро наёфтем. Бегоҳирӯзӣ хабар расид, ки ҳангоми аз масҷид баромаданаш ҳиндуҳо ӯро ба қатл расондаанд... Рӯзу шаб рӯҳи писарбача маро таъқиб мекард: “Хотират ҳаст вақте ки ту ба мурдан наздик будӣ, ман бароят хӯрданӣ меовардам? Акнун ту бошӣ маро куштӣ!” Албатта, медонистам, ки ӯро на ман кушта будам. Вале беихтиёр ба майнаам чунин фикр мезад: “Агар ман ҳинду бошам-чӣ? Фарз кардем, то он даме, ки майнаам беҷо шуд, шояд ман ҳам мусулмонбачаҳоро мисли писари ин ҳаким кушта бошам?”

Хоҷа Аҳмад Аббос танҳо воқеаҳоро нақл мекунад ва рӯйдодҳо ҳар навъ, ки даҳшатовар ва ба маломату маҳкум кардан сазовор набошанд ҳам, ин корро намекунад. Хонандаи оқилу дурандеш худ кадом маломатро муносиб донад, ҳамонро мекунад. Нависанда дар айни ҳол қаноат ба он кардааст, ки танҳо касони майнаашон беҷо шуда чунин бадкирдориҳоро мекунад. Зери таъсири чунин воқеаи фоҷиавӣ ровии ҳикоя аз хонаи табиб меравад ва пас вазъи ноорому хатарноки шаҳри Деҳлиро дида, ин шаҳрро тарк мекунад: “Деҳлиро рӯзҳои даҳшатовар фаро гирифта буд. Одамонро дар рӯзи равшан мекуштанд, аз ҳар тараф садои тир шунида мешуд, махсусан дар ҷодаҳои асосие, ки он ҷо мардуми зиёд ҷамъ омада буданд”. Вай аз одамон мешунавад, ки шаҳри Бомбай нисбатан ором аст, ба қаторае савор шуда ба ин шаҳр рафтанӣ мешавад. Дар қатора рафтани қаҳрамони худро нависанда истифода бурда, ба хотири он, ки ваҳшоният дар ҳама ҷо ва ҳамаро думболгир аст боз аз ноороммиву хатарҳои ногаҳонӣ лаб мекушояд: “Дар купе, дар паҳлӯям ҷавонписари панҷобие, ки чашмони ғамолуд дошт, нишаста буд. Вақте ки қатора ба ҳаракат даромад, ӯ пурсид:

-Бародар. Шумо кистед?

-Намедонам, мумкин аст ҳинду бошам ё шояд мусулмон.

-Ман шунидам, ки ин роҳ барои мусулмонон хатарнок аст Ришатон Шуморо ба мусулмонон монанд месозад, бинобар ин қарор додам, ки Шуморо пешакӣ огоҳ созам. Ман ба ӯ саргузаштамро нақл кардам”.

Дар бисёр чунин ҳикояҳо адибон пеш аз нақли воқеаи асосӣ муҳит, табиат, чеҳраи қаҳрамони ҳикоя ва мисли инҳоро баён мекунад, ки ин ҳарчанд ба маврид ва табиӣ бошад ҳам, хонанда зудтар мехоҳад ба ҳамон бахши ҳикоя, ки ба хотири он адиб қалам ба даст гирифтааст, рӯ ба рӯ шавад. Хоҷа Аҳмад Аббос аз аввали ҳикояи “Хандаи пеш аз марг” ба баёни матлаби асосӣ дода мешавад ва ҳамин оҳангро то анҷоми ҳикоя нигоҳ медорад. Ба ҳар навъ шарҳ ҷой намедиҳад. Диққати хонандаро ба як нуқта, нуқтаи хонандаро ба андеша баранда пурра ҷалб менамояд. Ҳар порчаи тоза нақл шуда

то рафт сужаи асосиро мукаммалтару боқувваттар менамояду мавзӯро мубрамтар: “Сипас он ҷавон аз хусуси он ки чӣ тавр дар Лоҳур ҳавлӣ ва дӯкони онҳоро ғорат карда, хешовандонашонро куштанд, нақл кард. Ҳоло бошад дар ҷустуҷӯи бахт ба Бомбей меравад”.

Нависанда нисбат ба он, ки мусулмонҳо бештар ҷаҳолат нишон додаанд, ё ҳиндуҳо, огоҳона эътибор намедиҳад. Вай вазъиятро хуб медонад ва итминон дорад, ки танҳо як тарафро айбдор кардан аз рӯи адолат намешавад. Ва умуман, дар ин задухӯрдҳои мазҳабии соли 1947 гунаҳгори асосиро муайян кардан кори осон нест. Барои ҳамин ҳам гоҳе ба бадкирдориҳои мусулмонҳо ва гоҳе ба бадкирдориҳои ҳиндувон сухан меронад, ки ин новобаста аз он ки гунаҳгор кист, ҳар ду ҷониб дурандеширо ба ҷаҳолат иваз кардаанд. Дар қатора ин дафъа ҷаҳолати ҳиндувон нисбат ба мусулмонҳо тасвир ёфтааст: “Дар наздикии Бҳаратпур қатора қарор гирифт. Тамоми мусофирони ба мусулмонҳо шабоҳатдоштаро аз вагони ҳамсоя фуроварда, ба қатл расониданд. Вақте ки қотилон ба вагони мо дохил шуданд, ман ба марг омода шудам. Намедонистам, ки оё ман мусулмон ҳастам ё на, вале танҳо ришам кифоя буд, ки маро ба он дунё гусел кунанд. Қабл аз он ки маро ташхис кунанд, ҳамсафарам аз ҷояш хесту ба болоям кампале пӯшонд. Вақте ки аз ӯ кӣ будани маро пурсиданд, он ҷавон бе ҳеҷ дудилагие ҷавоб дод: “ Ин бародари ман аст, ӯро ташвиш надиҳед. Вайро ҳанӯз дар Лоҳур маҷрӯҳ карда буданд ва имкони гап задан надорад”

Инсондӯст будану ба ҳиндувону мусулмонҳо баробар эҳтиром доштани Хоҷа Аҳмад Аббос дар ҳар навъ асарҳояш, аз ҷумла ҳамин ҳикояҳояш равшан ба назар мерасад. Дар иқтибоси фавқ мебинем, ки чи тавр ҷавони ҳинду, ки нав ҷабри мусулмонҳоро дидаасту бояд ба онҳо қасд дошта бошад, ин марди мусулмонро наҷот медиҳад. Нависанда наметавонад тахмин кунад, ки ҳама ҷоҳил шудаанду каси бофаҳму ба каси дигар меҳрубон намондааст. Дар симои табибе, ки писарбачаашро ҷоҳилона куштаанд ва ин ҷавони ҳиндуи аз ҳама чиз маҳрумшуда образи мардуми боҳиммату солимандешаро додааст. Бо ҳама ваҳшонияти ба сараш омада ҷавони ҳинду нияти қасосгирӣ надорад, вагарна чунин мавриди қуллайро истифода бурда қасди худро аз ин мусулмон мегирифт. Вале вай бемаънӣ будани чунин қасосгирӣ ва умуман задухӯрдҳои бемантиқи мазҳабиро хуб пайхас кардааст ва чун инсонии дилсӯз ба ба дигарон бо муҳаббат муносибат карданро лоиқ мебинад. Хоҷа Аҳмад Аббос ҳамчун рӯзноманигор, адиб ва сенариянавис доимо ба инсон, фаъолияти вай, кирдори вай ва мавқеи ӯ дар ҷомеа сару кор дошт. Вай тавонист бо дар хизмати инсон буданаш дар ҷомеа эътибор пайдо кунад. Ҳар воқеае, ки дар зиндагии худи ӯ рӯй медод ва муносибати ӯ бо мардум рӯй медод, олами муҳаббати ӯро ба инсон ғанитар мекард. Ин ҷо муносиб аст аз адабиётчӣ ва файласуфи франсавӣ Клод А.Гелветсий (1715-1771) ёдовар шавем, ки гуфтааст: “Инсондӯстӣ дар қалби инсон натиҷаи ёддоштҳо аз азобу машаққате мебошад, ки ба ӯ ошноянд ва ё аз сари худ гузаронидааст ва ё аз таҷрибаи дигарон аз онҳо огоҳ шудааст”.

Бо олиҳимматии ҷавони ҳинду аз дасти қотилон раҳо ёфта, қаҳрамони ҳикоя то Бомбай мерасад, вале он ҷо ҳам вазъият мисли қисматҳои шимол. Боз ҳамон саволҳо: “Шумо ҳиндуед? Шумо мусулмонед?” Адиб вазъи ба амал омадаро хоси як маҳали ҷудогона гуфтанӣ нест, бадбахтие мебошад барои тамоми Ҳиндустон. Нависанда қаҳрамони худро вориди Бомбай намуда, дар ҳамин асно аз забони ӯ он чӣ мегӯяд он ифодакунандаи яке аз сабабҳои асосии ба мавзӯи бархӯрдҳои мазҳабӣ мурoҷиат намудани Хоҷа Аҳмад Аббос мебошад: “Ҳама чиз дар тафаккури ман омехта мешуд. Охир, ҳинду кист? Мусулмон кист? Он ҷавонписаре, ки маро дар қатора аз марг халос

карда буд ҳинду аст? Ва ё ҳиндуҳо онҳое ҳастанд, ки кӯдаки бегуноҳ, писари ҳакимро кушта буданд? Кистанд мусулмонҳо? Табиби ҳакиме, ки маро муолиҷа карда буд ва ё дар Равалпинди хешовандони он сикҳро кушта, ба номӯси занҳояшон таҷовуз карда буданд? Сикҳҳо кистанд? Сикҳи покизақалб, ки маро сарпаноҳ шуда буд ва ё онҳое, ки дар Деҳлӣ қатлу ғорат мекарданд? Ба ин саволҳо ҷавоб додан осон нест".

Қаҳрамони мо дар Бомбей ҳам мебинад, ки барои гурезаҳо қароргоҳҳои махсус ҷудо кардаанд. Барои сикҳҳо коллеҷи Халса, барои ҳиндуҳо паноҳгоҳи Рамакришна ва барои мусулмонҳо як мактаби исломӣ. Азбаскӣ кӣ буданашро намедонист, паноҳгоҳе намеёбад ва ҳатто гадоӣ ҳам карда наметавонад, зеро аз ӯ боз кӣ буданашро мепурсиданд. Хоҷа Аҳмад Аббос бо овардани як-ду мисол қаноат накарда, бо умеди он, ки шояд ягон ҷое ёфт мешавад, ки он ҷо инсон будан дар навбати аввал бошад, ҳамаи воситаҳо ва имкониятҳоро истифода мебарад, вале натиҷа дигар намешавад. Лекин дар ҳар сурат ба ноумедӣ нуқта намегузорад. Марди хотираро гум карда беҳуда будани талошҳояшро пурра дарк намуда, ба хулосае меояд, ки ҳатман хотираро барқарор кардан лозим, вагарна зинда монданаш дар гумон аст. Дар ин асно касе ба ӯ маслиҳат медиҳад, ки ба мутахасиси гузарои соҳаи асаб Сомонӣ муроҷиат намояд ва вай назди духтури асаб Сомонӣ меравад. Тавре ки нависанда қабулгоҳи духтури асабро тасвир намудааст, ин ҷо бемористони касалиҳои рӯҳӣ мебошад. Аз саволу ҷавоб бо ин духтур маълум мешавад, ки ҳатто дар девонахона ҳам муқаррар шудааст, ки кӣ будани беморон муайян карда шавад. Духтур ба ин бемор амр мекунад, ки чашмонашро пӯшад, ором шавад ва ҳар он чӣ аз пеши назараш мегузарад, онро гӯяд: "Ман ҳар гуна эҳсосоту ҳодисаҳои гуногунро, ки ба ақлам мерасиданд, ба таври шифоҳӣ баён мекардам.

-Осмони кабуд, саҳроҳои сабзапӯш, дарёчае, ки ҳангоми муссонҳо об аз соҳилаш баромада мерафт. Киштиҳо дар дарё. Наҳр. Бачаҳо дар наҳр ба шиноварӣ , дар соҳил бошанд, ба даводавию бозиҳои гуногун машғуланд.Дар байни бачаҳо ман ҳам ҳастам. Ман ҳам бозӣ мекунам, об мепошам...

-Ин бачаҳо киҳоянд? – аз дур шунида мешавад овози духтур. –Ҳиндуҳо, мусулмонҳо ё сикҳҳо?

-Умуман бачаҳоянд, гуфтам ман"

Тавре мебинем, диққати духтурро на осмони кабуд, на саҳрои сабзпӯш, на киштиҳо, балки фақат аз кадом қавм будани бачаҳо, ки байнашон ин бемор ҳам ҳаст, ҷалб кардаасту халос. Нависанда ҳам ҳайрон аз он аст, ки барои духтур муайян кардани ҳолати рӯҳии бемор муҳим нест, муҳим он аст, ки ба кадом дин тааллуқ доштанашро муайян намояд. Дар давоми сӯҳбати бемору духтур дуруст будани ин тахмини нависанда равшантар мешавад:

"-Хуб аст, давом диҳед.

-Саҳрои ғаллааш даравидашуда. Ғарами гандумҳои тиллоранги рехташуда, ки қариб ба осмон мерасанд. Ҷашни Байсакӣ (ҷашни сикҳҳо). Ором, садои нақора ва хониши сурудро гӯш кунед!

-Сурудро кӣ мехонад?

-Занҳо!

-Бале, бале, вале кадом занҳо? Мусулмонҳо, ҳиндуҳо ва ё сикҳҳо?

-Тамоми занҳои панҷобӣ, яъне ҳам ҳиндуҳо, ҳам мусулмонҳо ва ҳам сикҳҳо

Ман оҳи ноумедонаи духтурро шунидам ва ӯ гуфт: - Хайр, давом диҳед".

Нависанда ба "оҳи ноумедонаи духтурро" махсус диққат додааст. Духтур фаромӯш кардааст, ки ҳар як табиб ба бемор чун ба инсон бояд муомила кунад ва илоҷи табобати ӯро ёбад. Табобати худро на дар пояи баромади динӣ лозим донад. Хоҷа Аҳмад Аббос бо

овардани чунин мисолҳо то куҷоҳо ва то чӣ андоза реша паҳн давондани бадбинии диниро таъкид карданист. Духтурро ҳадаф ин ки ба ҳар роҳе, ки бошад, бояд кӣ будани бемори худро маълум созад. Барои ҳамин ҳам мехоҳад бемор суханашро идома диҳад, вале бемор мегӯяд, ки на чизеро мебинаду на чизеро мешунавад. Духтур бошад муроде ҳосил карданист: “-Андаке кӯшиш кунед, ақалан ягон чизро мебинед?

-Бале мебинам. Шӯълаи гулханеро, ки ба осмон мебаромад ва тамоми деҳаро фаро гирифта буд. Мағалу ҳаёҳуй зиёд шуда, доду фиғон ва чирроси занон баландтар садо медод”. Ҳамин ишораи адиб ба он аст, ки дар ин бархӯрдҳои мазҳабӣ аз дасти одамони ваҳшишуда ҳазорҳо деҳаҳо сухтаву валангор шудаанд. Ҷоҳилон фақат тороҷгариву қатлу сӯхтанро медонанд ва кай дар андешаи он ҳастанд, ки агар бошандагони ин манзилҳо зинда монда бошанд, тақдиру рӯзгорашон чӣ мешуда бошад. Духтур бошад ҳамоно аз паси ҳадафи худ аст: “-Хайр аст! Инҳо одамонеанд, ки оилаи Шуморо ба қатл расонидаанд, ҳавлиатонро оташ зада, Шуморо аз хотираатон маҳрум сохтаанд...Ба гуфтаи онҳо гӯш диҳед, гӯш диҳед”.

-Ман ба ҳеҷ чиз сарфаҳм намеравам. Мағалу ҳаёҳӯй халал мерасонад. Фақат як калимаро мешунаваму халос. “Бикуш! Бикуш!” Маро халос кунед, духтур”.

Вақте ба асарҳои ба бархӯрдҳои мазҳабӣ бахшида бо диққат нигоҳ мекунем, мебинем, ки ҳамаи ин асарҳо аслан ба дидану таҳлили масъалаҳои бадбинӣ тахрезӣ шуда бошанд ҳам, дар онҳо бештар куштор, тороҷгарӣ, оташ задан ва маҳалҳои ободро ба харобазор табдил додан акси худро ёфтаанд. Миёни инҳо боз аз ҳама намоёнтар ин масъалаи куштор мебошад, ки нобахшиданист. Харобазорҳоро боз дубора обод кардан имкон дорад. Талафоти иқтисодиро низ барқарор кардан мумкин, вале талафоти ҷониро кӣ қудрати ва чи гуна ҷуброн карда метавонад? Барои ҳамин ҳам адибон, аз ҷумла Хоҷа Аҳмад Аббос зиёдтар ба куштор диққат дода, ин амали ноҷавонмардиро нанговар, талоши бехирадӣ ва фаъолияти ваҳшиёна шуморида сахт маҳкум кардаанд. Ба духтури дармонбахш, ки кораш бояд ноҷотдиҳӣ бошад зиёдтар куштор хуш меояд. Ҳамин аст меваи бадбиниву нафрат ва бехирадӣ. Духтур вақте “бикуш, бикуш” гуфтани беморро мешунавад, таваҷҷуҳаш ба ин амал чун ба масъалаи асосиву ҳалкунанда афзоиш мeёбад ва амр мекунад:

“-Акнун бодиққат гӯш кунед,то ба хотир оред. Киҳоянд, онҳое, ки хонаҳоро оташ зада, хешу ақрабои Шуморо мекушанд? Шумо бояд қасос гиред, қасос!

Фикри хатарноке ба сарам зад – ҳамин ҳоло духтур маълум месозад, ки ман кистам – ҳинду, мусулмон ё сикҳ.

-Не, не! - Дод задам ман.- намехоҳам бифаҳмам, ки ман кистам. Ман намехоҳам, ки ҳинду, мусулмон ё сикҳ бошам. Ман мехоҳам ҳамагӣ инсон бошаму бас. – Инро гуфта бемор чашмонашро мекушояду утоқи духтурро тарк мекунад. Духтур парешонҳолу қаноат ҳосил накарда мемонад. Бемор аз саволҳои бемантиқу бемавриди духтур халос шуда роҳи гурезро пеш мегирад. Барои нависанда маълум аст, ки аз дасти симои одамиро гумкардагон халосӣ нест, барои ҳамин ҳам дар талоши наҷоти қаҳрамонаш нест. Аз ҷониби дигар ӯ чи тавр метавонад аз ҳақиқат чашм пӯшад ва агар чашм пӯшад пас чунин тасвирро ҳадаф он аҳамиятеро надорад, ки бояд дошта бошад. Ҳамин тариқ, қаҳрамони сарсону оҷиз рӯ ба гурез астудар кӯча касони номаълум ӯро таъқиб мекунанд. Мо ҳамроҳи ин бадбахт ба он сахттарин фоҷиае, ки бояд бо ӯ рӯй диҳад, торафт наздиктар мешавем: “Дар хотир надорам, дар кадом маҳаллае буд, ки маро авбоше нигоҳ дошта гуфт: Эй радди маъракашуда, ба куҷо равонӣ? Ту кистӣ?

Вай яке аз мусулмонҳои мутаассиб буд, ки дар бораи куштан фикр мекард. Дар дасти ӯ корди марговар ҷило медод. Вале ман, ки ба мушкилиҳои худ масруф будам, худ ба худ пичиррос зада гуфтам:

-Ман ҳиндуям, ман мусул...

Қабл аз он ки калимаи “мусулмон”-ро талаффуз кунам, ӯ ба тахтапуштам корд зад. Ин ҷароҳати аввал аст, ки Шумо мебинед”.

Дар воқеъ, ҳамеша чунин мушоҳида мешавад, ки ҳангоми беназмиҳо бехирадҳо, хусусан, авбошҳо зӯрии бозуи худро нишон доданӣ мешаванд. Инро мо дар ҳамаи асарҳои ба ҳамин бархӯрдҳои мазҳабӣ бахшида дида метавонем. Аз ҷумла, дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис ”Ғуломиозод” (“Azad ghulam”) ва ҳикояи Моҳан Ракеш “Хӯҷаини хокистартӯда”(Malbe ka malik) маҳз авбошҳои қавибозу бегуноҳонро ба қатл расондаанд. Хоҷа Аҳмад Аббос такя ба хислати худ боварӣ дорад, ки дар ҳама гуна вазъият дар ҷомеа одамони раҳмдилу покандеша ёфт мешаванд, ки ҳеҷ гоҳ даст ба авбошӣ намезананд. Аз ин ҷост, қотили қаҳрамони худро “авбош” гуфтааст. Захмбардошта дар гурез аст, вале агар ҳама ҷой пур аз авбош бошад, магар халос шудан имкон дорад? Ҳоло ӯ аз дасти мусулмон захмӣ шудааст, акнун навбати авбоши ҳинду меояд: “ Ман аз паси худ изи сурхи хунинро гузошта, базӯр ҳаракат мекардам. Ҳамин тариқ, лангида-лангида ба ҷои дигар омадам. Ин дафъа роҳзани ҳиндуе аз пасам кашола шуда омаду гуфт: -“Ҳой, ту кистӣ? Ҳинду ё мусулмон? – ва аз бағалаш корди каҷеро баровард.

-Ман мусулмон, ман ҳин...

Ин дафъа қабл аз он, ки калимаи “ҳинду”-ро талаффуз кунам, теғи тези корд шикамамро тасма-тасма чок кард”.

Хоҷа Аҳмад Аббос аз айёми ҷавонӣ шоҳиди он буд, ки садҳо ҳазор ҳиндувону мусулмонҳо якҷоя зиди мустамликадорон ба хотири озодиву истиқлол якдигарро напурсида, ки пайгири кадом дин ҳастанд, мубориза мебурданд. Маҳз ҳамин якҷоя амал кардан онҳоро то ба озод шудан оварда буд. Халқҳои Ҳиндустон хуб огоҳ буданд, ки дӯст кисту душман кист, лекин дар охир баробари эълон шудани бунёди Покистон душманро на дар симои бегонаҳо, балки дар симои дирӯза дӯсту ҳамватанони худ медиданд.

Нависандаи ҷавон он вақтҳо тахмин ҳам карда наметавонист, ки рӯзе мерасад, ки ҳиндувону мусулмонҳо қотили якдигар мешаванд. Тавре дар ҳикояи “Хандаи пеш аз марг” мебинем, адиб иллати бадбинии ҳиндувону мусулмонҳоро ба сари яке аз ин қавмҳо гузоштанӣ нест ва дар як вақт ягон тарафро бе гуноҳ ҳам гуфтан намехоҳад, қиссаро оромона баён мекунад ва кадом тарафро сахттар маҳкум карданист, пинҳон мемонад, яъне боре ҳам аз он лаб намекушояд, вале ҳар ҳодисаи рӯйдодаро хулосаи мантиқӣ ин аст, ки ҳар ду ҷониб айбдоранду сахт иштибоҳ кардаанд. Ҷоҳилие, ки содир кардаанд, бахшиданӣ нест. Адиб умед аз он дорад, ки наслҳои дигар шояд ин ҷоҳилиро маҳкум намоянду ба такрораш роҳ надиҳанд. Ноумедие, ки дар поёни ҳикоя чун охирин суханҳои қаҳрамони адиб садо медиҳад, мисли ҳамаи дигар порчаҳои ҳикоя ҳамин андешаро тақозо мекунад.

Захмӣ ҳатто дар охирин лаҳзаҳои зинда буданаш кӣ буданашро не, балки инсон буданашро дар ҷои аввал мемонад ва дар ҷустуҷӯи он нест, ки як ҷонибро маҳкум кунад ва сабаби ин гуна мавқеъ гирифтанаш бе шарҳи худи ӯ ба хонанда торик намемонад,

Поёни ҳикоя ин ҳамон ҳукме мебошад, ки адиби дурандеш баровардаасту ба хонанда муроҷиат карда, худатон қазоват кунетон мегӯяд. Адиб бо суханҳои қаҳрамонаш ба чӣ хулосае расидааст, онро ҷамъбаст намудааст: “Акнун фаҳмидед, ки ман ин ду ҷароҳатро чӣ тавр гирифтам: якеро аз дасти мусулмон ва дигареро аз дасти ҳинду. Ана, барои ҳамин, духтури мӯҳтарам, маро раҳонида наметавонед. Ҳақиқат дар он аст, ки ягонтои шумо намехоҳед маро аз марг халос кунед. Агар ҳини нафаси

охиринам ман худро ҳинду гӯям, пас ин ҳиндуҳои ҷасур ҳамоно қарор медиҳанд, ки барои қасосгирӣ чор тан мусулмони бегуноҳро бикушанд. Агар эълон кунам, ки ман мусулмонам, пас мусулмонони далеру шуҷоатманд фурсатро аз даст надода, тамоми ҳиндуҳоро аз дами теғ мегузаронанд. Ман барои он механдам, ки билохира ба хотир овардам, ки ман кистам”.

Хоҷа Аҳмад Аббос дар мисоли тақдири талху фоҷианоки як нафар ҳамватани худ масъалаеро мавриди тасвир қарор додааст, ки аз солҳои чилуми асри XX то имрӯз мубрамияти худро гум накардааст. Ба вазъи имрӯзаи муносибатҳои сари чанд вақт дар пояи таалluқот ба динҳои мухталиф тезу тунд шуда истодаи мусулмонҳову ҳиндувон нигариста, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ошно шудан ба назари Хоҷа Аҳмад Аббос барин ғамхорони ҳар ду қавм аз аҳамият орӣ нест. Дар охири ҳикояи “Хандаи пеш аз марг” адиб боз як саҳнаи ҷаҳолатро баён месозад, ки дар натиҷа он қаҳрамони ҳикоя хотираашро гум карда будааст.

Поёни монологи ин марди кулфатзадаву захмгирифта, бешак, ҳатто сангинтарин диллштаҳоро ба андеша мебарад ва ба он шаҳодат медиҳад, ки ҷаҳолат то чӣ андоза барои ҷомеа падидаи номатлуб аст: “Хотираам барқарор гардид. Ман чашмони зебои ҳамсарам ва тифлаки бегуноҳи худро, ки онҳоро дар назди чашмонам куштанд, мебинам. Маҳз ҳамон лаҳза ман хотираи худро аз даст додам. Бале, ҳоло бошад, ҳамаашро ба пуррагӣ ба хотир меорам. Вале шумо, дӯстони ман, беҳуда интизорӣ мекашед. Мешунавед, ман ҳеҷ гоҳ намегӯям, ки кистам – мусулмон ё ҳинду. Ягон қотили ман, ки яке ҳинду буду дигаре мусулмон, ҳеҷ гоҳ нахоҳад фаҳмид, ки кадоме аз онҳо саҳван ҳаммазҳаби худро куштааст” [7, с.55].

Хоҷа Аҳмад Аббос боварӣ дорад, ки ашхоси гирифтори ҷаҳолат рӯзе мерасад, ки ҳатман болои кирдори худ андеша мекунанд, шояд виҷдонашон онҳоро азоб медиҳад ва изҳори пушаймонӣ мекунанд. Зеро саҳнаҳои қотилӣ аз ҷумлаи воқеаҳои маъмулӣ нестанд. Онҳо як умр пеши назарашон хоҳад омад. Бо зикри ҳамин андеша ва шарҳи он ки чаро ин захмӣ пеш аз марг табассум мекунал, ҳикоя ба охир мерасад: “Оё ман ҳинду ё мусулмон будам? Ин савол онҳоро шабу рӯз, дар шаҳру деҳот, дар шӯру мағали трамваю автобусҳо, дар ғиҷирроси қаторахо, дар ғурроси дастгоҳҳои корхонаҳо – хулоса, ҳама ҷо таъқиб мекунад ва ҳама ҷо ин саволро хоҳанд шунид. Шумо ҳоло ҳам мехоҳед фаҳмед, ки барои чӣ ман дар дами марг табассум мекунам?”

Тавре мебинем, Хоҷа Аҳмад Аббос қарзи худ донистааст, ки минбари адабиёти бадеиро истифода бурда, масъалаи доғи вақтро бе ягон обу ранги иловагӣ бо ҳамон шакле, ки воқеаҳо сурат гирифта буданд, ба қалам додааст. Дар ҳикоя мо ягон навъ даъвати адибро намебинем, вале ҳикоя сар то сар ифодакунандаи чунин матлабест, ки эй мардумони побанди ҷоҳилӣ шуда, магар виҷдонатон азоб намедиҳад, ки дар пояи ҳамон диндорие, ки фақат таҳаммулу андешаву накӯкорӣ ва инсондӯстиро тақозо мекунад, ба куштори бегуноҳон, тороҷи молу мулки ҳамватанон ва сӯхтани ободиҳо даст заданатон дар назди Худованд чӣ ҷавобе мегуфта бошед. Магар бераҳмие, ки бо атфолу заифону пирон раво дидед, ба шумо шаъну шараф меорад. Чаро андешаи онро намекунед, ки дар саҳифаҳои таърих зери кадом сифат ёд мешавед?

Ҳамин воқеаи дардноки дар мисоли як ҷабрдида тасвиршуда кофист, ки наслҳои замони нав оид ба зиддиятҳои фоҷиаовари соли 1947 тасаввури равшан дошта бошанд. Танҳо нависандаи воқеан инсондӯст метавонад ҳамин тавр таъсирбахш ва хотирмон гузаштаи талхро ба хотири дар оянда такрор ёфтанашро пешгирӣ кардан, рӯи коғаз биёрад. Ҳикояи “Хандаи пеш аз марг” огоҳиест барои онҳое, ки кутоҳандешӣ намуда, фирефтаи сиёсати ҷудоиандозон, ҷангҷӯён, мардумозорон, ва аз ин гуна ҳангомаҳо манфиатҷӯён мешаванд.

**Адабиёт:**


1. Быкова В. Неистовый Аббас. Известия, 18.05.1984.
2. Камлешвар. Чанд Покистон (Kitne Pakistan). Деҳлӣ, 2004, - 364 с.
3. Khushwant Singh. Tran to Pakistan. Delhi, 2016. - 208 с.
4. Рабинович И.С.Сорок веков индийской литературы. М., 1969. - 336 с.
5. Сухачев А.С.Слово о Кришане Чандаре. Кришан Чандар. Глиняные фигурки. М., 1979, - 144 с.
6. Ходжа Ахмад Аббос. Сын Индии. М., 1956. - 360 с.
7. Хоҷа Аҳмад Аббос. Хандаи пеш аз марг. Маҷаллаи “Адаб”, 2009. № 4, с. 50-55.
8. Яшпал. Ҳақиқати қалбакӣ (Jhutha sach). Ҷили I. Деҳлӣ, 2016. - 416 с.


## ТАСВИРИ БАРХӮРДҲОИ МАЗҲАБӢ ДАР ҲИКОЯИ ХОҶА АҲМАД АББОС ”ХАНДАИ ПЕШ АЗ МАРГ”


Яке аз масъалаҳои пурдаҳшате, ки соли 1947 тамоми Ҳиндустон ва Покистони тозабунёдро ба майдони фоҷеаҳои бемисл ворид карда буд ин масъалаи бархӯрдҳои мазҳабӣ буд. Даҳҳо адибони гуногунзабони Ҳиндустон, аз ҷумла адибони ҳиндизабону урдузабону англисизабон, ки шоҳиди ин бархӯрдҳои фоҷиавӣ буданд, бахшида ба ин сияҳрӯзиҳо асарҳо навиштаанд.

Яке аз ҳамин гуна адибон нависандаи урдузабон ва англисзабон Хоҷа Аҳмад Аббос буд. Вай оид ба ин бародаркушиҳо ҳикояе бо номи “Хандаи пеш аз марг” иншо кардааст, ки дар мисоли тақдири фоҷиавии як нафар аз бошандагони Ҳиндустон, рӯзи сахти ба сари мардуми ин кишвар омадаро, ки асоси онро бархӯрдҳои мазҳабӣ ташкил медиҳанд, чун огоҳие барои наслҳои дигар рӯйи коғаз оварад. Дар мақолаи “Тасвири брхӯрдорҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Хоҷа Аҳмад Аббос” назари муаллиф ба ҳамин масъалаи бародаркушии ҳиндувону мусулмонҳо бахшида шудааст.



**Калидвожаҳо:** Озодӣ, Ҳиндустон, Покистон, бархӯрдҳои мазҳабӣ, Хоҷа Аҳмад Аббос, тақсимшавӣ, куштор, ҳиндуҳо, мусулмонҳо, сикҳҳо, адибони пешқадам, инсон, инсондӯстӣ, ҷаҳолат.



**Дар бораи муаллиф:** Раҷабов Ҳабибулло, доктори илмҳом филологӣ, профессор, мудири Шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, ш. Душанбе, к. Лоиқ Шералӣ 83, тел.: 907 96 30 00. Эл. почта: rajabov_h@yahoo.com.


## ОТРАЖЕНИЕ РЕЛИГИОЗНЫХ СТОЛКНОВЕНИЙ В РАССКАЗЕ ХОДЖА АХМАД АББАС “УЛЫБКА ПЕРЕД СМЕРТЬЮ”


Одной из важнейших социально-политических проблем Индии накануне приобретения независимости (1947) была проблема религиозных столкновений между индусами и мусульманами. Десятки разноязычных писателей Индии, в том числе хиндоязычных, урдуязычных и англоязычных писателей, которые сами были свидетельями трагических столкновений между индусами и мусульманами, свои произведения посветили этим событиям.

Одним из таких передовых писателей был Ходжа Ахмад Аббас. Его рассказ “Улыбка перед смертью” реалистично отражает конфликт между индусами и мусульман. На примере трагической судьбе одного из жителей Индии освешает несколько эпизодов из того страшного братоубийства, охватившего всю Индию. Рассказ звучит как предупреждение новым поколениям живушим ныне в Индии и Пакистан, с той целью того чтобы неповторились события тех лет. Статья “Отражение

религиозных столкновений в рассказе Ходжи Ахмад Аббас “Улыбка перед смертью” посвяшается именно этому вопросу.

**Ключевые слова**: Свобода, Индия, религиозные столкновения, Ходжа Ахмад Аббас, разделение, убийство, индусы, мусульмане, сикхи, прогрессивные писатели, человек, гуманизм, безумие.

**Об авторе:** Раджабов Хабибулло, доктор филологических наук, профессор, заведующий Отделом Юго-Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, г. Душанбе, у. Лойк Шерали 83, тел.: 907 96 30 00. E-mail: rajabov_h@yahoo.com.

## REFLECTION OF RELIGIOUS CONFLICTS IN THE STORY OF KHOJA AHMAD ABBAS " SMILE BEFORE DEATH”

One of the most important socio-political problems of India on the eve of independence (1947) was the problem of religious clashes between Hindus and Muslims. Dozens of multilingual writers in India, including Hindu-speaking, Urdu-speaking and English-speaking writers who themselves witnessed the tragic clashes between Hindus and Muslims, have highlighted these events. One of these foremost writers was Khoja Ahmad Abbas.His story "Smile before death" realistically reflects the conflict between Hindus and Muslims. On the example of the tragic fate of one of the inhabitants of India, several episodes from the terrible fratricide that engulfed the whole of India are highlighted. The story sounds like a warning to the new generations now living in India and Pakistan, stop to remember the events of those years. The article "Reflection of religious conflicts in the story of Khoja Ahmad Abbas" Smile before death " is dedicated to this issue.

**Keywords:** Freedom, India, religious clashes, Khoja Ahmad Abbas, division, murder, Hindus, Muslims, Sikhs, progressive writers, man, humanism, madness.

**About the author:** Khabibullo Rajabov, doctor of Philology, Professor, head of the Department of Southeast Asia of the Institute for the study of Asian and European countries of the NAST, г. Dushanbe, st. Loic Sherali 83, tel.: 907 96 30 00. E-mail: rajabov_h@yahoo.com.

# ТАСВИРИ МАСЪАЛАҲОИ СИЁСӢ–ИҶТИМОӢ ДАР АШЪОРИ АСАДУЛЛО ҲАБИБ

**Назира Ваҳобова,**
**ходими пешбари шуъбаи**
**Шарқи Миёна ва Наздики Институти**
**Осиё ва Аврупои АМИТ**

Шоир ва нависандаи маъруфи Афғонистон Асадулло Ҳабиб (тав. 1941) чун фарзанди ба номуси миллати худ, ғамхору вафодор ба ватану мардуми он аз тамоми неку бад ва зишту зебоии кишвари худ бохабар аст. Шаҳру деҳоти онро на танҳо орому пешрафта, балки боз поку озода ва ҳар канорашро дилкаш дидан мехоҳад. Ва ҳар ҷойе, ҳар манзарае, ки табъи касро хира мекунад, ҳусни маҳалро коҳиш медиҳад ва аз беэътибории мардум нисбат ба ин гуна манзараҳо дарак медиҳад, онро адиб нодида наметавонад. Ва чун мебинад, хомӯшӣ ихтиёр намекунад.

Дар бисёр шаҳрҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар баъзе шаҳрҳои Афғонистон, Ҳиндустон ва Покистон ба ду қисм ҷудо шудани шаҳрҳоро дидан мумкин аст, ки як қисми онро шаҳри нав ва қисми дигарашро шаҳри куҳна меноманд. Тавре маълум аст, Деҳлии Куҳна ҳам ҳасту Деҳлии Нав ҳам. Дар Афғонистон дар шаҳри Кобул мебинем, ки, як қисми он дар муқобили шаҳри куҳна, яъне муқобили Кобули куҳна ҷой гирифтааст ва он қисм Шаҳри Нав ном дорад ва бо сохтмонҳои нав ва кӯчаҳои росту васеътар фарқ мекунал.

Асадулло Ҳабиб дар муқоиса ва ё мисоли ягон шаҳри муайяни ҷуғрофӣ не, балки дар мисоли бе дақиқ номбар кардани маҳал, шеъре бо номи “Шаҳри куҳна” дар маҷмӯаи шеърҳои “Хати сурх” ҷой додааст, ки соли 1968 навишта шудааст. Аз оғози шеър ҳанӯз маълум нест, ки сухан аз нопокиву иллату норасогиҳои ягон шаҳре меравад, ки диданаш табъро хира месозад:

Миёни сели хурӯшон офтоби тамӯз,
Се-чор роҳгузари хаста дасту по мезад.
Садои хушки яке пири побараҳна гап,
Сар шикаста ба орси хонаҳо мезад.
Тағора, кӯза...ҳайёҳуи марди кӯзафурӯш,
Миёни “Кӯчаи қозӣ” шиноварӣ мекард.
Зи бӯса гӯши занеро, ки ҳамчу қӯи сафед,
Ба тахти роҳати худ хуфта буд меозард [2, с.14-15].

Адиб боз чанд ҳолати дигарро монанд ба гуфтаҳои боло ёдовар мешаваду пас он чӣ ба назарш зишт ва ҳатто дилро беҳузур мекунад, ба он эътибор медиҳад. Маълум аст, ки адиб хонандаро барои бо чизи нафратовар рӯ ба рӯ шудан оҳиста-оҳиста тайёр мекунад:

Ҳавои гандаи он хонаҳо қайовар буд,
Ғарқ ба чирк тани аҳли кӯча меомехт.
Ба бомҳо зи замин гарди пойҳо мерафт,
Зи бомҳо ба замин хокрӯбаҳо мерехт [2, с.15].

Ҳамин тариқ, манзараҳои дигар ба мисли гадойдухтари бе даст дили адибро ғамгину таъбашро хира мекунанд. Бояд гуфт, ки Асадулло Ҳабиб ин ҷо кӯшиш накардааст, ки чизеро танқид ва ё касеро барои чунин ҳол доштани шаҳри куҳна сарзаниш намояд. Шояд инро амали беҳудаву бенатиҷа меҳисобад. Вай фақат дидаашро, таъкид мекунем, ки

дидаашро, шунидаашро не, бе ягон навъ даъвое, воқеъбинона тасвир намудааст. Лекин ин ҷо ҳадаф танҳо моро ба маҳали дилбеҷокунанда шинос кардан нест. Ин ҷо ба мо дар асри ҷадид, дар замони дигаргуниҳои азим, намуди тозаву озода гирифтан ва гулпӯш шудани садҳо шаҳрҳои дигар дар дигар кишварҳои пешрафта, бе дигаргунӣ мондани гӯшаҳои ноободу ифлосро чун маҳали нанговар нишон додан аст, ки мутасадиҳои шаҳрҳо аз онҳо чашм мепӯшанд.

Онҳо, ки худ ҳоли дигар, зиндагии дигар дошта, макону маҳали дигари аз маҳалҳои бадбӯй, нообод ва касиф озодаро дар ихтиёри худ доранд, дар андешаи он нестанд, ки ноободиҳо обод шавад ва вайронаҳо намуди зеботаре гиранд. Ин маънои онро дорад, ки адиб минбари адабиётро, дар айни ҳол ҳунари шеъргӯии худро, барои ҳалли масъалаҳову мушкилиҳои иҷтимоӣ ба маврид истифода мебарад. Асадулло Ҳабиб метавонад мисли бисёр ҳамватанони худ тамоми ҳолу аҳволи мардуми Афғонистон ва норасогиҳои шаҳрҳои ин мамлакатро нодида гузарад, бепарво бошад, барои мардуми Шарқ табиӣ шуморад, вале инсондӯст ва ватандӯст буданаш ва эҳсоси зебопарастӣ ба ӯ амри дигар медиҳанд, намемонанд, ки ӯ ором бошад.

Асадулло Ҳабиб чун аз тариқи офаридаҳояш, аз ҷумла дар навиштаҳои манзумаш, бо вуҷуди бисёр воқеъбин буданаш, баробари ин боз як фардест умедвор аз он, ки мубоpизаи адолатхоҳон натиҷаи дилхоҳ медиҳад ва шаҳидон беҳуда шаҳид нашудаанд, беҳуда орзу карда мубориза набурдаанд. Ӯ ҳама он чӣ имрӯз боиси тирарӯзии ҳамватанони бенавояш шудааст, зудтар аз байн рафтани онҳоро орзу мекунад, наздик шудани даврони хушиоварро умедвор аст:

Дарои қофилаҳо дар ҳузури ин дили пок,
Баландтар ба хуршеду тундтар битапид.
Ки зудтар ба қафо монад ин биёбонҳо,
Зи дур мешунавам занги қалъаи хуршед [2, с.25].

Инсон ҳамеша ниёзманд ба ягон навъ таскин аст, таскине, ки худ мебофад ва таскине, ки дигарон ба ӯ медиҳанд. Лекин ҳарчанд худро бисёр таскин диҳад ҳам, шояд он қадар натиҷаи дилхоҳ ба даст надарород, яъне на он натиҷае, ки ӯ интизор аст, ҳосил мешавад, вале панди дигарон ва алалхусус панди ашхосе, ки фарҳангианду дар ҷомеа мақоме доранд, дар айни ҳол агар панд панди шоири асил бошад, албатта назари шоир бароямон зиёдтар муҳим аст.

Адибони пешқадам, адибони инсондӯст дар ҳар давру замон ғами мардуми худ, мардуми оддӣ, аз ҷумла бенавоёну гирифтори зулми беандоза шудагонро мехӯранд ва имрӯзҳо ҳам бо амри дил иҷро кардани ин вазифаи муқаддасро фаромӯш намекунанд. Ин, тавре гуфтем, бо амри дил иҷро мешавад, вале ин нуқта низ набояд фаромӯш гардад, ки адибони имрӯз аз ҷумлаи онҳое, ки худро меросхӯри Саъдиву Ҳофизу Ҷомиву Хайём ва дигар чунин инсондӯстон мешуморанд, пайрави кӣ будану ҳомии кӣ буданашонро дар ёд доранд ва ба анъанаҳои онҳо сазовор буданашонро собит мекунанд.

Пас аз пош хӯрдани аввалин давлати сотсиалистӣ дигар гумон аст, дар дунё давлате ба вуҷуд ояд, ки аҳли ҷомеаи он ҳама баробар бошанд. Шояд ҳамин нобаробарӣ амри тақдир аст ва ҳар як фарди ҷомеа ба ҳамон қадар чиз, кор, ҳамон қадар эътибор ва ҳамон қадар ризқу рӯзӣ соҳиб мешавад, ки онро, дар воқеъ, сазовор аст, барои он аз тахти дил заҳмат мекашад, талош мекунад ва мефаҳмад, ки аз ин бештарро лоиқ нест. Вале адибон чун ғамхору ҳомии доимии бадқисматон назари худро ҳамеша дифоъ мекунанд. Мо инро нодида наметавонем, наметавонем ин паҳлӯи эҷодиёти онҳоро сарфи назар кунем.

Олими шинохтаи тоҷик, шодравон Зоҳир Аҳрорӣ, роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти Ошиқ (Ошиқ Оқо Муҳаммад (1107-1181), ки бо тахаллуси Ошиқ машҳур аст, яке аз намояндагони барҷастаи давраи Бозгашти адабӣ мебошад) сухан ронда, зикр кардааст: "Ошиқ дар як қатор рубоиҳои худ аз бетобӣ ва нороҳатии табақаҳои миёни аҳолӣ ва нокомии онҳоро гӯшзад сохта, ба ин восита харобии авзои мамлакат ва шароити сахти зиндагонии мардумро маълум менамояд... Харобии мамлакат, парешонии авзои муҳит, бе равнақи "боғи замона", қашшоқии мардуми ситамкаши он аҳдро дар рубоии дигар бо образҳои лирикӣ дар пардаи ифодаҳои латифи бадеӣ чунин тасвир кардааст:

Эй лола пиёлаи шароби ту чӣ шуд?
Эй мурғи чаман, дили кабоби ту чӣ шуд?
Эй гулбуни айш, рангу бӯи ту куҷост?
Зй боғи замона, обу тоби ту чӣ шуд? " [2, с.247].

Асадулло Ҳабиб шоири асри ёздаҳ нест, ӯ шоири асрҳои бисту бистуяк аст. Шоири имрӯз бояд аз масоиле сухан оғоз намояд, ки хоси имрӯз бошад. Асадулло Ҳабиб, бе баҳс аслан ҳар чӣ мегӯяд дарди замони мост, лекин чун сухан аз ҳоли зори ҳамватанонаш меравад, адиб мебинад, ки ин ҳамон иллатҳое ҳастанд, ки аз як аср ба асри дигар мегузаранд ва ҳамчун шоирони дилсӯз онҳоро нодидаву ногуфта наметавонад. Ин ҳамааш бо умеди он, ки шояд садояшро касе бишнавад, дили сангине мулоимтар шавад ва ё ба дод омадагон барои беҳбудии зиндагии худ исёне бардоранд.

Тавре адабиётшинос Қодиров Ғиёсиддин зикр кардааст "... Инқилоби соли 1979 таъиси Ҷумҳурии Исломӣ, ҷанги Эрону Ироқ на танҳо дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ, балки дар дар ҳаёти фарҳангӣ ва вазъи шеъру шоирӣ низ асари мустақими худро гузоштааст" [6, с.49], ҳамин ҳолатро дар шеъри дарӣ низ пас аз Инқилоби Савр дида метавонем.

Яке аз шеърҳои маҷмӯаи "Хати сурх" "Ҳадяи ид" ном гирифтааст, ки ин далелро тасдиқ менамояд. Дар ҳамин шеър ҳар он чӣ бо ишораву бе ишора, шояд бо ғазабу нафрат даҳшатеро шоир ба ёд оварда баён кардааст, ҳамаашро ба кадом асре, ки алоқаманд кунем, рост меояд. Матлаби баёншударо хулоса ин аст, ки он чӣ асрҳо дар зиндагии мардуми афғон дида мешуду онро нишони бадбиниву ҷоҳилӣ миёни қавмҳои ин кишвар меномиданд илова бар он тангдастӣ, нодорӣ, тирарӯзӣ, нишони бадбахтӣ ва ақибмонӣ мегуфтем, имрӯзҳо ҳам гиребони мардуми оддии афғонро раҳо надодааст. Мо баробари шунидани калимаи "ид" манзараи хушиву шодиро пеши назар меорем. Адиб дар рӯзи ид, ки ҳамагон, алалхусус, кӯдакон бояд шодиву хурсандӣ кунанд, яъне он чизе, ки дар воқеъ ҳадяи муфти ид аст, онро бояд эҳсос кунанд, ин туҳфаро дар даст дошта бошанд, онро надоранд. Бар ивази он чӣ доранд падару модарон ва атфоли онҳо, онҳоро шоир тавонистааст тавре баён созад, ки хонанда муддатҳо дар андеша бошад ва дар рӯзи ид чеҳраи аз шодӣ маҳрумбудагонро барало дида тавонад.

Падару модари ду тифл аз дасти муҷоҳидин кушта шудаанд ва ин он тухфаи ба ном мусулмонҳост, ки падару модари ин кӯдакони маъсумро туъмаи тир карда, ба атфоли ятим монда дар шаби ид тақдим кардаанд. Аз ишораи адиб, ки соли навиштани шеърро соли 1982 гуфта, нишон додааст ва аз оғози шеър ба осонӣ пай бурда метавонем, ки адибро шеъраш шеъри замони ҷанг аст, вагарна гулулаву хуну мармӣ барин калимаҳо, ки аз қурбон шудани падару модар шаҳодат медиҳанд, ин ҷо ҷой намеёфтанд:

Шабе, ки фардо ид аст,
Сафирҳои гулулаву хомӯшии чароғ.
Ва баъд,
Падар шикофта синаву ҷомаҳо дар хун.

Ба сони кохи тановарёе шикаста дар васати хона
Ва дуртар модар,
Ба рӯ фитодаву неши ду заҳрнок ахгари мармӣ,
Ба қалби вай биншаста. [2, с.85-86]

Пас адиб эътибор ба он додааст, ки дар ин айёми ҷангу ҷадал, замоне, ки беандешаҳо ва манфиатҷӯйҳо хислати инсонӣ, раҳмдилӣ ва номӯси инсон буданро гум кардаанд ва чигунагии авзои вақт дар ихтиёри онҳост, бо силоҳу зӯрӣ ҳирси ҷоҳдориву сармоядорӣ мекунанд, бо ҳар баҳона амалҳои нопоки худро дифоъ доранд, магар дар фикри тақдири атфоли мардуми бечора, дар фикри дар рӯзи ид хушҳол дидани онҳоянд. Аз айёми кӯдакӣ бисёр чизҳо аз хотир мераванд, вале боз ҳамин қадар чиз сахт дар хотир мемонанд, хусусан воқеаҳо, чизҳои он рӯзҳо дидагӣ, туҳфае ё меҳрубонии аз касе расидагиву дидагӣ ва мисли инҳо. Дар саҳифаҳои покизаи дафтари хаёлоти атфоли замони ҷангу нооромӣ ва бе сару сомонӣ чӣ мемонад, душвор нест тахмин кардан.

Дар ҳамин гуна вазъият дар арафаи ид, ки хурду калон аз он хуширо интизоранд, Асадулло Ҳабиб худ ва хонандаро рӯ ба гӯшаҳои оромӣ, ҷойҳои фараҳбахш ва манзараҳои зебои афсонавӣ наовардааст. Дар сурати дигар адиб беҳтарин хислати адибони пешқадам – инсондӯстӣ ва баробари ин воқеъбиниро аз даст медод. Баробари шунидани калимаҳои "ҳадя" ва "ид", хоҳу нохоҳ ҳар инсонро, алалхусус, атфолро эҳсоси хушӣ ва интизории чизи дилкашро дидан фаро мегирад. Вале чун ба ин шеър пурра шинос мешавем, мебинем, ки чӣ навъ туҳфае дар ид мардум, аз ҷумла атфоли маъсумро интизор будаст, пас нороҳатӣ эҳсос мекунему дилсӯзӣ пайдо мешавад. Он гоҳ сар хам мекунему маъюс мешавему нигоҳи пурмаъноии чашмони онҳоеро, ки ҳангоми ҷанги шаҳрвандӣ интизори оддитарин туҳфаи идона - шодиву оромӣ буданду бар ивази он даҳшату ятимшавӣ омад, онро чун нақши пуртаъсире дар дилу димоғ мегузорему ҳеҷ гоҳ фаромӯш карда наметавонем:

Зи пушти миз,
Чаҳор чашми сиёҳ,
Чаҳор муҳраи меҳр,
Чаҳор ахтари ларзони шомгоҳи пок,
Ба тарсҳои ятимона сӯйи дар нигарон.
Бар остона намоён.
Чаҳор марди хушан.
Ба кафи мусалсал чинӣ,
Чаҳор номи муҷоҳид!
Чаҳор номи мусулмон!
Ва баъд,
Хонаи торик
Ва тарсҳои ятимонаи ду кӯдаки гирён [2, с.86].

Ниҳоят, дар охир шоир хитоб карда мегӯяд, ки бубинед, мусулмонҳо онҳое, ки худро муҷоҳидин, ҳомии дини Ислом эълон кардаанд, чӣ корҳорои ваҳшиёнаи разилро ба анҷом мерасонанд. Ҳатто дар шаби ид ҳам, ки дили ҳама бояд моил ба раҳму шафқат бошад ва набояд касе ба озордиҳӣ роҳ диҳад ба ном мусулмонҳо чӣ навъ туҳфаҳо ба атфол тақдим кардаанд.

Асадулло Ҳабиб мисли ҳамаи дигар ватандӯстони афғон дақиқ медонад, ки муҷоҳидин киҳоянд ва онҳо аз ҷониби кӣ дастгирӣ меёбанду бо амру пайсаи кӣ даст болои ҳамватанони худ бардоштаанд. Дар ин хунрезиҳо, қатли мардуми бегуноҳ, алайҳи оромии мардум амал кардан ва садҳо бедодгариву ғорату оташзаниҳои як тӯдаи

мардуми ватанфурӯш аз ҳама зиёд саҳми кист, ҳама барало медонанд. Барои ҳамин ҳам адиб бе пардапӯшӣ кардан номи президенти ҳамонвақтаи Иёлоти Муттаҳидаи Америко Роналд Рейганро* гирифта, барои ӯ шармандагӣ меҳисобад, ки нерӯи тавонои худро муқобили кӯдаки шарқии побараҳнаи оҷиз намоиш медиҳад:

Шабе, ки фардо ид аст!
Шугуфт ҳадяи ид!
Шабе, ки фардо ид аст!
Шугуфт ҳадяи ид!
Шугуфт ҳадяи сармоя, ҳадяи "Рейган"
Барои кӯдаки шарқии по бараҳнаи мо! [2, с.86]

Ба маврид аст ёдовар аз он шавем, ки олими тоҷик Ҷамолидди Саидзода ҳоли табоҳи сиёсии замони нави Афғонистонро ба ёд оварда гуфтааст: "...бо гузаштани солҳо маълум гардид, ки мардуми Афғонистон, ки султаву таъсири Амрико ва ҳомиёни ӯ рафтанд ва Шӯравиро душмани худ пиндоштанд а Инқилоби Саврро, ки барои аввалинбор баъд аз ба сари ҳокимияти Маҳмуд дар ин кишвар ба мардуми бечораву ранҷбари он озодиву истиқлолро ҳадя намуда буд, бо дастони худ нгесту нобуд карданд ва кӯр-кӯрона даст дар гардани Амрико заданд, на фақат кори шоистае анҷом надоданд, балки сахт фиреб хӯрданд, зеро дар Афғонистон на танҳо оромӣ нагардид, балки ҷангу ҷидолҳо домани густардатар гирифтанд, таассубу хурофот ба авҷи алояш расид ва барои инкишофи адабиёту санъату ҳунар ва тамаддун ҷое боқӣ намонд, ки намонд" [7, с.167].

Дар солҳои ҳаштодуми асри гузашта душманони ободӣ, пешравӣ, озодӣ, навсозӣ ва баробарҳуқуқӣ дар Афғонистони аз ҳар ҷониб сар боло карда, муқобили онҳое, ки ба ҷаҳолату ақибмонии асримиёнагӣ нав пирӯз шуда буданд, мубориза мебурданд. Сарчашмаҳои ин гуна афродро пуштубонӣ мекардагӣ ҳар навъ ёриро дареғ намедоштанд, тавре, ки имрӯзҳо низ дареғ намедоранд. Хавфи буғӣ ва тамоман нест кардани нақшаҳои судманду мардумписанди Инқилоб рӯз то рӯз равшантар мешуд. Ҳадафи душманон - ҳар чӣ қадар зиёдтар ва муддатҳо ин сарзамин ва минтақаҳои ба Афғонистон наздикро дар ҳолати шиддатнок нигоҳ доштан буд ва ҳоло ҳам ҳаст, то ин ки иҷрои нақшаҳои сиёҳашон осон гардад. Душманони Инқилобро дӯстдошта шуғлашон ба қатл расонидани одамони бегуноҳ ва сухтани мактабҳову маҳви устодон мебошад. Дар оғози шеъри "Ба мавҷҳои саркаши тӯфон" Асадулло Ҳабиб чанде аз чунин харобкории разилонро ба ёд меорад:

Зи инфиҷор, зи оташ,
Ва зери чакмаи* шабхуниёни зомини зулмат.
Агар ҳазору фузун аз ҳазор мактаб сӯхт,
Ҷунуни ҷаҳли шарар дар дили китоб афрӯхт.
Нишаст бар тан садҳо дабири нохуни тар
Ва ҷанги ҷомаи шабгун ба модарон бахшид.
Ва рахти сурх ба садҳо давида дар майдон,
Хамида дар сангар.
Аз ин тамом мусибат яке мусибат нест [2, 87-88].

Шоир, тавре пештар ишора рафт, некбин аст ва дар пояи ҳамин некбинӣ арзи андеша мекунад. Вай ба халқи худ, ба азму иродаи мардум, ба нерӯи давронсози он боварии зиёд дорад ва умед аз он кардааст, ки бо инфиҷору куштору оташ задани манзилу мактабҳо сари ин халқро поён кардан ва шуълаи умеди хубтар зистанро дар дили онҳо хомӯш кардан имкон надорад ва ҳама ин кӯшиши беҳуда аст.

Дар воқеъ, таърих гувоҳ аст, ки халқи ғаюри афғон сарфарориро намедонад. Соҳиби бисёр чизҳо набошад ҳам, соҳиби ғурури хос аст, ки аз ниёгонашон ба онҳо

мерос мондааст. Асадулло Ҳабиб ҳамчун зодаи ҳамин сарзамин, обутоб ёфтаи диёри мардуми ба номус ва фарзанди асили халқи худ, лаҳзае ҳам руҳафтода шуданӣ нест, ақибнишиниро низ амалу хислати мардон намеҳисобад. Барои ҳамин ҳам ба он чӣ худ қатъӣ боварӣ дорад, дигаронро низ бовар кунонданӣ мешавад, ки дар он ҷойе, ки як мактаб сӯзонда шудааст, боз садҳо мактабҳои дигар бунёд хоҳанд шуд. Бар ивази китобҳои оташ зада ва нест шуда боз садҳо китобҳои дигар эҷод хоҳанд шуд, ҷойи шаҳид шудагонро насли дигари мубориизони далер хоҳанд гирифт:

Рафиқ, бовар кун!
Ҳазор мактаби дигар тайёр хоҳад шуд.
Ҳазор хомаи дигар,
Сарою мадраса пур аз китоб хоҳад кард.
Ва қалби моми сияҳҷома шод хоҳад шуд,
В-аз он далер шаҳид давида дар майдон.
Хамида дар сангар,
Ба дарсхонаи сад насли баъд ёд хоҳад шуд [2, с.88].

Зиндагӣ чист ва чи тавр гузарондани онро садҳо адибон, мутобиқ ба фаҳмиши худ,мутобиқ ба мушоҳидаи худ, ба қалам додаанд. Масалан шоири форсизабони Ҳиндустон Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1721) муддати ҳастии онро ба муддати ҳастии шарора баробар карда, нотакрор буданашро таъкид карда гуфтааст:

Зиндагӣ маҳруми такрор асту бас,
Чун шарар ин ҷилва як бор асту бас [1, с.202].

Махфӣ, ки мо чун Зебуннисо мешиносем, вале ба қавли олими шинохта шодравон Абдуллоҷон Ғаффоров Махфии Раштӣ - шоири нимаи дуюми асри XVI ва нимаи аввали асри XVII мебошад, аз лаззати зиндагиву зиндагонӣ сухан ронда, доимо дар парешонӣ зистани аҳли хирадро чун амри тақдир, ки насиби хирадмандон ба ҷуз ноосудагӣ ва мушкилӣ нест, ба таври зайл ба қалам додааст:

Зиндагонӣ чист, дар пои гулистон зистан,
Бо парирӯе ба коми хеш мастон зистан.
Нест кори ҳар касе, ин шеваи махсуси мост,
Хуни дил нӯшидану ҳамвора мастон зистан...
Махфиё, расм аст арбоби хирадро аз қадим,
Бо дили пурдоғ чун зулфи парешон зистан [2, с.217].

Зистан чист? Умуман зиндагонӣ чист, инро бисёр дигар шоирон низ дар замонҳои гуногун бо ҳамон навъе, ки худ онро аз сар гузаронидаанд ва ё солҳо бо диққат мушоҳида кардаанд, ҳар ранг шарҳ додаанд. Лекин дар ҳар сурат маълум мешавад, ки мушкилиҳои онро нисбат ба шириниҳояш бештар дидаанд, барои ҳамин ҳам ин паҳлӯро бештар тасвир намудаанд. Инро мо дар мисоли зиндагии шахсии садҳо адибони ҷудогона, ки дар ашъорашон садо медиҳад дида метавонем.

Асадулло Ҳабиб низ як шеъре зери унвони “Зиндагӣ” эҷод кардааст. Таърихи иншои ин шеър маълум нест, лекин дар айни ҳол мо инро муҳим намешуморем, ҳарчанд, ки сабаб ва вақти гуфтан барои офаридани чунин шеърҳо боис мешаванд. Адиб ҳамон қолаберо, ки ба саволи зиндагӣ чист истифода бурда ҷавоб мегӯянд, он қолабро нигоҳ надоштааст. Мехоҳад назари хоси худро дар баёну шарҳи зиндагӣ иброз намояд.

Ба ин шеър “Зиндагӣ” ном дода, онро барои худ як майдони баёни андеша кардааст. Мехоҳад фаҳмонад, ки зиндагӣ мафҳуми хеле васеъ аст, барои равшан намудани ин ҳадаф ишораҳоро истифода менамояд, мехоҳад мо ҳам ба зиндагии дирӯзу имрӯз ва оянда ҳамроҳи адиб назаре кунем, хулосае барорем, бо чӣ мубориза барем, бо

чӣ хайру хуш кунем ва чиро истиқбол намоем. Адиб “Офарин обе, ки аз вай шохсори зиндагӣ сероб мегардад” гуфта, манбаеро, ки зистанро фараҳ мебахшад, ба он аҳсан гуфтанро лоиқ медонад, Сухани бад ва амали бадро бошад дар ҳолати занҷирбанд будан дидан мехоҳад:

Зиндагӣ дар қоби ҳар тасвир, дар имои ҳар пиндор,
Нақши маҳви маҷҳулест.
Лек ин маҷҳул,
Лек ин маҳви он тановар шохи пурборест.
К-аз зилоли рӯди бори дастҳо сероб мегардад,
Офарин бар ҷӯйбори ҷории он даст.
Офарин обе, ки аз вай шохсори зиндагӣ сероб мегардад,
Тундбод ҳарфҳоро дар ҳисори оҳанини қарнҳо занҷир бояд кард [2, с.37].

Шоир асрҳо оҷиз будану дар оҷизи зистану ин оҷизиро чун атои тақдир пазируфтан ва бепарво тоқат кардану гаштану хобиданро маҳкум намуда, бедору ҳушёр будани мардумро таманно дорад, на боз чун солҳои пешин хобидани беохирро:

Қарнҳо мо ҳарфи беқайдем,
Аз тановар девҳои мурда лоқайдем.
Бар таковарҳои чӯбин хобҳо дидем,
Бо лӯлӯи қиссаҳо бисёр хобидем [2, с.38].

Пас аз баёни он, ки то имрӯз мардуми азиятдидаи афғон чӣ ҳолу аҳволи ғарибона дошту дорад, адиб дар фикри он аст, ки акнун чӣ бояд кард, ки он дигаргун шавад, як навъе сурат гирад, ки зинате дошта бошад. Дар аввал “Ҳарфҳоро дар ҳисори оҳанин қарнҳо занҷир бояд кард” мегӯяд ва аз думболи он “Боғҳои лофҳоро қуфл бояд кард” садо медиҳад. Ин таъкиди бисёр ба маврид ва бисёр муҳим аст, зеро шоир одати баъзе ҳамватанонашро хуб медонад, ки дар беандозаву бемаврид лоф задан ҳунари хуб доранд. Ин лоф заданҳо то имрӯз натиҷаи дилхоҳе надодаанд, пас беҳ ин нест, ки аз баҳри онҳо бигзарем ва назари солим ба ҳоли имрӯза зиндагӣ дошта бошем ва андешаи онро кунем, ки аз дастамон чӣ меояд? Чиро аз байн барем, чиро ботил кунем, чиро фаромӯш созем. Ба чӣ эътибор диҳем, то он боиси хурсандиву беҳбудии мо имрӯз ва дар оянда шавад. Аз нокомиву ноумедӣ дур бошем. Зиндагӣ тавре бунёд карда шавад, ки зистан пушаймонӣ наорад. Худи инсон бо иродаи қавӣ ва талошҳои паёпай зиндагиро рангин мекунад. Бо ҳамин мақсад шоир бо хазонрезӣ хайру хуш карданист ва бар гулуи поки зеборӯи боғи зиндагӣ бо ҳавас муҳра бастанист:

Дар замини зиндагиҳо бехи озодист,
Буттаҳои сабзи пайкор аст.
Шохи пурбори ҳақиқат аст,
Решаҳои тозаи ишқ аст.
Офарин абре, ки аз вай боғи сабзи зиндагӣ сероб мегардад,
Бо ҳама поизҳо падруд.
Дур бодо ҳар чӣ нокомиву навмедист,
Мо зи марвориди шабтоб арақҳо.
Бар гулӯи поки зеборӯи боғи зиндагимон,
Муҳра мебандем [2, с.38].

Зиндагӣ, таъкид кардааст адиб, хоби ғамовар нест, зиндагӣ умуман хоб нест, зиндагӣ ҷоду ҳам нест. Зиндагӣ дарахти азимест бо шохҳои азиму пурбор, ки бо зарби дасту бозу, яъне зарби меҳнат рангу ҷилои мафтункунанда мегирад:

Боғбонҳо дастатон пурзӯр,
Боғбонҳо хотиратон шод.

Гӯрҳои мурдаҳои мардатон пурнур,
Боғбонҳо!
Офати поизҳо аз боғи сабзи зиндагиатон дур,
Мо зи марвориди шабтоб арақҳои шумо.
Аз донаи алмоси кафи дасти,
Шарифатон бар гулӯи сабзи боғи зиндагиамон.
Мухра мебандем,
Зиндагӣ хоби ғамовар нест.
Ҷоду нест, рӯё нест,
Он тановар шохи пурборест.
К-аз зилоли рӯд бори дастҳо сероб мегардад [2, с.38].

Мо ҳамеша зиндагии воқеии адибонро на танҳо аз он ҷойҳое, сарчашмаҳое дармеёбем, ки ба қалами дигарон, аз ҷумла муҳаққиқон ва ё дӯстону наздиконашон таъаллуқ дорад, яъне дигарон гуфтаанду дигарон ба ҳамон андозае, ки лозим дидаанду баҳо додаанд, балки аз офаридаҳои бадеиии худи адибон кашф мекунем. Ҳар он чи ҳар як адиб ба қалам медиҳад, дар он худи адиб равшан ва ё пардапӯш мавқеero ишғол кардааст. Ҳамин мавқеъ доштан қимати асари бадеиро афзоиш мебахшад, умри мавҷудияти онро дарозтар месозад.

Асадулло Ҳабиб бо он зиндагие, ки аз сар гузаронидаасту имрӯзҳо низ дорад табиист, ки ҳар замон, дар мавридҳои гуногун рӯ ба рӯ бо хушиҳо низ шудаасту бо талхрӯзиҳо низ. Барои бо хушрӯзиҳо рӯ ба рӯ шудан талошҳо кардааст, талхрӯзиҳо бошанд худашон омадаанд чун фармудаи тақдир ва ё касе, ки табиатан пешаи ба дигарон, ба ҷомеа низ бадхоҳанду зарар оварда, оромиву бухбудии худро сазовор набошанд ҳам таъмин мекунанд. Замони кӯдакиву наврасӣ ва таҳсил дар донишгоҳ як замон бо масъалаҳои осону душвори худ, замони таҳсилу навиштани рисолаи илмӣ барои номзади илм (доктор) шудан дар шаҳри Маскав бо он шиносоие, ки бо сохт ва идеологияи Шӯравӣ дошт, замони раиси Донишгоҳи Кобул будан, замони Инқилоби Савр, замони буғӣ ва дар охир саркӯб шудани Инқилобу ноилоҷ рӯ ба Ғариб овардан ва ниҳоят зиндагии дур аз Ватан, Ватане, ки шоир дар хоб ҳам фаромӯшаш намекунад.

Дар ҳамаи ин давронҳо адибро андешаронӣ дар гуфтор ва аз тариқи қалам якранг нест. Ҳар замон ҳамаи онҳо бо ягон навъе таъсири фаромӯшнашавандаи худро ба қалби ин адиби шоҳиди бадбахтиҳои ватану ҳамватанонаш шуда гузоштаанд, ки бешак, адибро орому осуда намегузоранд.

Ҳамаи инро мо дар асарҳои манзуму мансури адиб бараъло мебинем. Аз ҷумла, оид ба ҳар он чизе, ки Асадулло Ҳабиб аз сар гузаронидааст, андак ҷамъбастшро дар ғазали бо оҳанги маъюсона ва орому ботамкин баёншуда, ки “Нигини гумшуда” ном дорад дида метавонем. Адиб вақте “Навҷавонии беҳ аз ганҷу гуҳар гум кардаам” мегӯяд, албатта, ин танҳо ба як худи Асадулло Ҳабиб таъаллуқ надорад, ҳазорҳо ҳамватанони адибро дар давоми бештар аз ним аср ҳолу аҳвол ҳамин тавр ноосуда, ғамовар, дур аз хешу ақраб ва ватан аст, ки он дар ҳар як мисраи ин ғазал равшан баён гардидааст:

Аз паи қофилаи умр назар гум кардам,
Ин нигинест, ки дар шоми сафар гум кардам.
Даҳр вайронаи азиз аст, аз он рав, ки дар он,
Навҷавонии беҳ аз ганҷу гуҳар гум кардаам.
Эй ки сад ҳамчун манеро ба дарат нест раҳе,
Хешро дар талабат бори дигар гум кардам.

То гузари ту магар бо аз ин кӯча фитад,
Ашк дар нақши пайи роҳгузар гум кардам.
Даври мо давраи худкомагивусангдилист,
Оҳаму бар дили санги ту асар гум кардам.
Чанд хоҳи сухани ишқ фаромӯш шавад,
Як фиғон буд, ки дар кӯҳу камар гум кардам.
Ошён мӯъҷизаи сахт аҷаб доштааст,
То шудам дур аз он ҳама дар гум кардам,
Айнаке то бихонам хати ёрони дурӯй.
Аз пайи қофилаи умр назар гум кардам [3, с.57-58].

Ҳамин тариқ, агар чанд байти ин ғазалро мадди назар карда, ба чанд байти дигар як зарра бодиққаттар бошем, ин кӯшише мешавад, ки то андозае ҳоли Асадулло Ҳабиб – шоири аз Ватан беватан шударо, дар ғарибӣ дар орзуи дидани ватан пазмоншударо тахмин карда тавонем. Мо байтҳои зеринро дар назар дорем:

Эй ки сад ҳамчун манеро ба дарат нест раҳе,
Хешро дар талабат бори дигар гум кардам.
Даври мо давраи худкомагивусангдилист,
Оҳаму бар дили санги ту асар гум кардам.
Ошён мӯъҷизаи сахт аҷаб доштааст,
То шудам дур аз он ҳама дар гум кардам.

Тавре мебинем, то чи андоза аламовар аст, ки барои садҳо фарзандони сарсупурдаи Ватан бо сабабҳои гуногун роҳҳо сӯйи зодгоҳ баста мебошанд ва ғарибшудаҳо, ба хотири ҳамин сабабҳо сӯи диёри хеш рафта наметавонанд ва ҳамин қадар мемонад, ки сахт пазмон шуданро пеша кунанду дар орзуи дидори Ватан умри азизи хешро ба поён баранд, ки ин барои исони ватандӯст чи қадар душвор аст, танҳо тахмин кардан мумкин асту халос.

Бо вуҷуди ҳамаи ин Асадулло Ҳабиб аз ҷумлаи он шоирони Афғонистон нест, ки гӯшаи орому беташвишро интихоб намояду фориғ аз тақдири ватану халқ ва бетафовут нисбат ба тақдири имрӯзу фардои мамлакаташ ба корҳои эҷодӣ машғул шуда, тамоми ҳунари сухандониашро ба кор бурда аз булбули хушхон то зебоиву раънoии дилбарони паризотро тасвир намояд ва бо ин васила таъби худро шод созаду хоби орому бороҳат дошта бошад.

Адиб аз оғози даврони чун адиб худро шинохтанаш манфиату оромии шахсиро ба тарафе гузошта, вобаста ба авзои сиёсии Ватан амал карданро раво дидааст ва як чизро сахт дар зеҳнаш ҷой кардааст, то мутобиқи он фаъолияти боманфиат карда тавонад Ин ҳам бошад андешаи он, ки шоири мардумдӯст, мардумпарвар ва ҳамдарди мардум, барои ҳамин мардум чи карда метавонад ва чи бояд кунад. Дар Афғонистони имрӯз, ки чун майдони бузкаширо мемонад, магар адиби асил роҷеъ ба оромии худ фикр карданаш магар нанговар нест.

Мо наметавонем дақиқ кунем, ки яке аз шеърҳои адиб, шеъри “Баҳорони ғурбат” кай навишта шудааст, чунки дар ягон ҷойе санаи эҷод шудани он сабт ва ё ишора нашудааст, вале метавонем тахмин кунем, ки барои чӣ навишта шудааст. Кай навиштани ин шеър аз он лиҳоз муҳим аст, ки маъмулан шеъре, ки чун дуои нек эҷод шудааст, бояд маҳсули қалами он шоире бошад, ки аз рӯзгор таҷрибаи кофӣ гирифтаасту акнун ин таҷрибаро барои ифодаи панду насиҳат ва изҳори дуои нек истифода мебарад.

Ҳар навъе, ки бошад шеъри “Баҳорони ғурбат” аз қалбишоири таҷрибагирифта ва ҳеҷ набошад шоири гирифтори ғурбат шуда берун шудааст. Асадулло Ҳабиб инҷо чун

шахси умрдида ва аз ноорамиҳо дар изтироб афтода менамояд. Вай пас аз мушкилиҳои зиёд, бадбахтиҳои бешумор ва тирарӯзиҳои мардумкуш, ки худ мушоҳида кардааст, дар чунин як дуои худ орзуи онро мекунад, ки бадбахтиҳо такрор нашаванд. Бо ин мазмун шеър гуфтан аз ҷониби шоир ягона воситае мебошад, ки дар доираи имкониятҳои дар ихтиёр доштааш баён шудааст:

Ё Раб, ба дарди ишқ тане нотавон мабод,
Фирдавс дар баҳои ғами дигарон мабод.
Чун оташ аст бо дили бедард зистан,
Он оташе, ки дузахиёнро гумон мабод [3, с.56].

Дар мисраҳои поёнӣ чи гуна аҳвол доштани худи шоир равшан зикр шудааст. Шоир аз қомати хамидаи худ дар изтироб нест. Вай ғамхори дигарон аст, вай намехоҳад сареро хам ва қалберо пурғам бубинад. Поён надоштани баҳорро орзу менамояд:

Аз ғам хамида қомати ман гар, хамида бод,
Ҳаргиз қаде зи таънаи душман камон мабод.
Ёде зи ошёнаи баҳорон ғурбат аст,
Аз ин баҳор лаҳзае ё раб хазон мабод [3, с.56].

Ва дар фарҷоми ин шеър шоир чун “ Мо ҳамзабони мардуми ин шаҳр нестем” мегӯяд, бо ин васила боз равшантар арзи онро мекунад, ки сокини мулки бегона шудаасту дар дил ғаму ғусса ва аламҳои бисёр дорад. Ҳамин навъ баёни хусусиятҳои воқеӣ дошта чун далеле барои равшан кардани баъзе лаҳзаҳои зиндагии шахсии Асадулло Ҳабиб мадад расонда метавонад:

Мо ҳамзабони мардуми ин шаҳр нестем,
Ин ғуссаро ба ҳеҷ забон тарҷумон мабод [3, с.56].

Поёнтар боз мебинем, ки Асадулло Ҳабиб бо чи қадар ҳасрат бо ватани азизаш видоъ кардааст, дилро дар зодгоҳ монда рӯ ба мамлакати бегона овардааст ва такрори ин амалро дар қисмати дигар ҳамватанони худ дидан намехоҳад. Кӯшиш дорад то ба дигарон аён гардад, ки чигуна бадбахтии бузургест тарки ватан кардан, ҳарчанд аз ноилоҷӣ ҳам бошад:

Дидем, ки ҳар Сиёвуше Афросиёб буд,
Ашке дигар ба суги Сиёвуш равон мабод.
Дар ошён видоъкунон дил гузоштаем,
Ин мондану баромадан аз кас ниҳон мабод.
З-он арғувони тоза, ки хунам гирифта ранг,
Ҳар сурхҷома ҳам қади он арғувон мабод.
Он нонаво, ки хок зи номаш ҷудо набуд,
Бегонаро ба ҷойи вай он ҷо дӯкон мабод [3, с.56-57].

Дар охир, шоири ғарибшуда, мушкилиҳои ғарибиро кашида, аз бекасиву беватанӣ шикоят карда, пинҳон намекунад, ки аз ин тавр дар ғарибӣ бо азияти ҷону тан зистан барояш марг он қадар хуш аст, ки касе ба ягон андозае тахмин ҳам онро карда наметавонад:

Ман будам он ғариб шаҳиде, ки кас надошт,
Марг ончунон хуш аст, ки касро гумон мабод [3, с.57].

Акнун менигарем боз ба як шеъри дигари Асадулло Ҳабиб, ки он ҳам бо баҳор алоқамандие дорад. Вале он чи мо ин ҷо интизор мешавем, он дида намешавад. Чун ба унвони ин шеър менигарем, тахмин мекунем, ки ин шеър, ҳар навъе, ки бошад ҳатман бояд то андозае баҳори сабзу пурлоларо бо насими хушнакҳаташ тасвир намояд, вале ғайри чашмдошт чизи дигар ҷойи тахмини моро мегирад.

Ин шеър “Баҳори парасту” ном дорад ва аз аввал то ба охир чунин менамояд, ки шоир чи гуна орзу доштани худро сифат карданист ва ҳамин тавр ҳам ҳаст. Зеро ҳар як асари бадеӣ хоҳ дар шакли наср бошаду хоҳ дар шакли назм, як навъ восита, як майдон ва як минбаре мебошад, ки адиб онро барои ифодаи орзуҳо ва ҳадафҳои худ истифода менамояд. Дигар гап ин аст, ки шоир оё ин воситаву ин минбарро метавонад тавре ба кор барад, ки натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оянд. Шеъри “Баҳори парасту”, дар айни ҳол, як баҳонаест барои муҳтавои ҳамин орзуро ва ҳадафҳоро баён кардан. Оғози шеъри “Баҳори парасту” ин аст:

Як рӯз раъду тӯфон шояд миён бубанданд,
То роҳи боғҳо бар тирафганон бубандад.
Бар барги ҳар дарахте равшан навишт бояд,
К-амсоли ҷумла мурғон тиру камон бубанданд [3, с.43].

Шахсияти шоир инҷо, мисле дар мисоли фавқ мебинем, боз ин тавр низ ба назар мерасад, ки гӯё ӯ дар ҳолати оҷизӣ бошад ва фаъолона амал кардан барояш имконпазир нест, барои ҳамин ҳам тарзи баёни дигарро интихоб кардасту як зарра рамзомезона сухан гуфтанро афзалтар мешуморад. Ӯ наҷот ёфтани оҳувонро аз чанголи палангон ва паррандаҳоро аз доми сайёдон орзу мекунад, яъне осуда будани ҳама гуна мавҷудоти зинда барояш бисёр ҳам муҳим аст:

То оҳувон раҳоӣ ёбанд аз палангон,
Ба рӯяшон ниқоби шери жиён бубанданд.
Роҳи наҷоти дигар набуд зи тири сайёд,
Мурғон магар, ки таъвиз бар болашон бубанданд [3, с.43].

Баъдтар, чӣ хостани адиб каме равшантар мешавад, вале боз ҳам рамз ҳаст, лекин ба ҳар ҳол бо ин рамз дақиқ ишора шудааст, ки кӣ ғоратгар аст ва чи тавр ин ғоратгар амал мекунад. Аз сармову дигар офатҳо дида боғбон худ хавфноктар аст:

Не меҳргон, на сармо, ғорат намекунад боғ,
Бояд ки роҳҳоро бар боғбон бубанданд [3, с.43].

Поёнтар мебинем, ки адиб аз гургу шубон ёдовар шуда, мазмуни масалҳои мардумиро бо таври худ тасвир менамояд. Адиб хуб огоҳ ҳаст, ки дар ҷомеа ашхоси ҷурми худро ба сари дигарон ба осонӣ боркунанда, кам нестанд ва онҳо дар санъати ниқобе ба рӯй гирифтану нияти сиёҳи худро сафед нишон додан моҳир шудаанд:

Бар ҳоли гуспандон, гургон гиристанду
Гуфтанд ҳарчи маҳкам дасти шубон бубанданд.
Аз байни мардуми мо то душманӣ шавад гум,
Бояд, ки муҳра-муҳра бар бозувон бубанданд.
Аз чорсӯи дунё фарёду дуд хезад,
Оташфурӯшҳо кай, бошад дӯкон бубанданд.
Ояд баҳору аммо ғуче нахоҳад омад,
Зеро намонда сақфе то ошён бубандад [3, с.43].

**Адабиёт:**


1. Айнӣ С. Мирзо Абдулқодири Бедил. Сталинобод, 1954. - 340 с.
2. Асадулло Ҳабиб. Хати сурх, Кобул, 1362. - 98 с.
3. Асадулло Ҳабиб. Қандили моҳтоб. Бургас (Булғория), 1389 (2010). - 130 с.
4. Девони Махфӣ. Хуҷанд, 1998. - 300 с.
5. Зоҳир Аҳрорӣ. Адабиёти Эрон дар Қарни XVIII. (Давраи аввали Бозгашти адабӣ). Ҷили I, 352 с.
6. Қодиров Ғ. Шеъри муосири форсӣ ва нигоҳе ба таърихчаи таҳаввули он. Корвони гулҳо. Душанбе, 2009. с. 5-50 (мақола дар саҳ. 5-50), 632 с.

7. Масъалаҳои муҳимми таърих ва фарҳанги Афғонистон. (Маҷмӯаи мақолаҳо). Душанбе, 2013. - 240 с.

## ТАСВИРИ МАСЪАЛАҲОИ СИЁСӢ-ИҶТИМОӢ ДАР АШЪОРИ АСАДУЛЛО ҲАБИБ

Асадулло Ҳабиб (тав.1941) – шоир ва нависандаи маъруфи Афғонистон бештари зиндагии худро дар замоне гузаронидааст, ки ватанаш бо сабаби Инқилоби Савр, ҷанги шаҳрвандӣ ва мисли ин дигаргуниҳои сиёсӣ гирифтори бадбахтиҳои зиёд шудааст. Оқибатҳои даҳшатовари ҷанги шаҳрвандӣ чандин мушкилиҳои сиёсиву иҷтимоиро ба сари мардуми ин кишвар овардааст. Адиби инсондӯст Асадулло Ҳабиб бо дилсӯзии зиёд нисбат ба ин мушкилиҳо, ки ҳоли мардумро хеле душвор кардаанд, назари андеша намудааст. Мақолаи мазкур маҳз ба ҳамин масъала бахшида шудааст.

**Калидвожаҳо:** Асадулло Ҳабиб, шоир, шеър, нависанда, Афғонистон, Инқилоби Савр, ватан, масъалаҳои сиёсӣ, масъалаҳои иҷтимоӣ, шаҳри куҳна, шаҳри нав.

**Дар бораи муаллиф**: Вахобова Назира Сатторовна, номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Тел. 901-11-47-00, Душанбе 2, кӯчаи Лоиқ Шералӣ 83. E-mail: rajabov_h@yahoo.com.

## ОТРАЖЕНИЕ СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКИХ ПРОБЛЕМ В ПОЭЗИИ АСАДУЛЛО ХАБИБ

Больше чачстю жизни известного поэта и писателья Афганистана Асадулло Хабиба (род.1941) – проходит в период когда его родина из за Саурской революции, гражданской войны и других подобных политических событий находится в водовороте бесконечных страданий. Гражданская война свалила на голову жителей этой страны сотных острых социально - политических проблем, что еще больше и больше ухудшает жизнь простых жителей Афганистана. В данной статье рассматривается отношение писателя-гуманиста Асадулло Хабиба к этим проблемам.

**Ключевые слова:** Асадулло Хабиб, поэт, стихотворение, писатель, Афганистан, Саурская революция, родина, политические проблемы, социальные проблемы, старый город, новый город.

**Об авторе**: Вахобова Назира Сатторовна, кандидат филологических наук, ведуший научныи сотрудник Отдела Среднего и Ближного Востока Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Tel. 901-11-47-00, г. Душанбе 2, ул Лоик Шерали 83. Эл.почта: rajabov_h@yahoo.com.

## REFLECTION OF SOCIO-POLITICAL PROBLEMS IN THE POETRY OF ASADULLO HABIB

More parts of life of the famous poet and writer of Afghanistan Asadullo Habib (born 1941) - takes place during a period when his homeland is in a whirlpool of endless suffering due to the Saur revolution, civil war and other similar political events. The civil war has brought hundreds of acute social and political problems to the people of this country, which further and further worsens the lives of ordinary people in Afghanistan. This article examines the attitude of the humanist writer Asadullo Habib to these problems.

**Keywords**: Asadullo Habib, poet, poem, writer, Afghanistan, Saur revolution, homeland, political problems, social problems, old city, new city.

**About the author**: Vakhobova Nazira Sattorovna, candidate of philological sciences, leading researcher of the Department of the Middle and Near East of the Institute for the Study of Asian and European Countries, NAST, tel.: 901-11-47-00, Dushanbe 2, Loik Sherali str. 83. E-mail: rajabov_h@yahoo.com.

# «ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН»-И АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ДАР ТАҲҚИҚОТИ МУҲАҚҚИҚОНИ ФАРОНСА

**Шозиёева Г.П.,**
**Исоқов М.,**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) аз зумраи ситорагони дурахшандатарини адабиёти форсии тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Ӯ бо осори ноби худ на танҳо дар Шарқ, балки дар Ғарб низ маҳбубияти хосро пайдо намудааст. Маҳбубият пайдо кардани мутаффакир ва нобиғаи бузурги Шарқ Абдураҳмони Ҷомӣ дар Ғарб пеш аз ҳама тавассути тарҷумаи осори ӯ ба даст омадааст.

Қайд кардан лозим аст, ки пас аз тарҷума кардани осори А. Ҷомӣ, ба вижа «Лайлӣ ва Маҷнун»-и ӯ ба забони фаронсавӣ гиреҳҳои зиёди ин асари гаронарзиши Шарқ кушода шудаанд. Ин асар аз ҷониби тарҷумонҳои зиёди фаронсавӣ тарҷума ва нашр шудааст [7, с.86].

Дар натиҷа мутарҷимон, олимон ва шарқшиносон тавонистанд паҳлуҳои зиёди осори ин мутафаккири бузурги Машриқзаминро мавриди пажуҳиши худ қарор диҳанд.

Ба қатори мутарҷимон, муҳаққиқон ва ховаршиносони фаронсавӣ, ки осори А.Ҷомиро омӯхтаанд, А. Чезӣ, д`Эрболо, А Массе ва дигар дӯстдорони адабиёти Шарқ дохил мешаванд.

Нахустин маротиба дар Фаронса осори А. Ҷомӣ ба забони лотинӣ нашр ва тарҷума шудааст. Пас аз он ховаршиносони фаронсавӣ кӯшиш намудаанд, ки осори мутаффакири Машриқро маҳз ба забони фаронсавӣ тарҷума намоянд. Чопи нахустин тарҷумаҳои «Лайлӣ ва Маҷнун» (соли 1805) аз ҷониби А. Чезӣ, «Нафаҳот –ул-унс» (соли 1821) ва «Баҳористон» (соли 1825) аз ҷониби Силвестр де Сесӣ, «Саломон ва Абсол» (соли 1850) аз ҷониби Гаржин де Тессен ва дигар ашъори А. Ҷомиро дар шаклҳои гуногуни ҷудогона сурат гирифтааст.

Ховаршиноси рус А.Л. Хромов дар мақолаи худ таҳти унвони «Нахустин тарҷумаҳои осори Ҷомӣ бо забони олмонӣ» («Первые немецкие переводы произведений Джами») баҳсҳои зиёди илмиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ҳарчанд ӯ осори А. Ҷомиро дар тарҷумаи олмонӣ таҳлилу пажуҳиш намудааст, роҷеъ ба таҳқиқи осори Ҷомӣ низ нуктаҳои ҷолиброр қайд кардааст: «Ашъори А. Ҷомӣ соли 1918 аз тарафи фон-Хаммер ба забони олмонӣ чоп шуда, даҳсолаҳо ҳамчун як дастоварди муҳимтарини адабиёти форсии тоҷикӣ барои тамоми шарқшиносони Ғарб, инчунин Руссия хизмат намудааст. Олимони зиёд то ҳол аз ин тарҷумаҳо иқтибос мекунанд. Олими немис фон-Хаммер ин осори мазкурро ба асосгузори щарқшиноси Фаронса Силвестр де Сесӣ ва мактаби адабии ӯ бахшидааст» [4, с.96].

Пас маълум мешавад, ки олими олмонӣ фон-Хаммер шарқшиноси фаронсавӣ Силвестр де Сесиро ҳамчун устоди худ ҳисобида, аз корҳои анҷомёфтаи ӯ роҷеъ ба А. Ҷомӣ огоҳӣ доштааст.

Дарвоқеъ шарқшиноси маъруфи фаронсавӣ Силвестр де Сесӣ нахустин маротиба ҳанӯз соли 1808 «Лайлӣ ва Маҷнун»-и А. Ҷомиро ба забони фаронсавӣ тарҷума намудааст.

Ҳарчанд шарқшиноси рус А. Л. Хромов Силвестр де Сесиро асосгузори шарқшиносӣ ва ҷомишиноси нахустини Фаронса номидааст, аммо пеш аз ӯ (як сол пеш)

соли 1807 шарқшиноси дигари фаронсавӣ Антуан Леонард Шезӣ (Antoin Leonard Chezy 1773-1832) «Лайлӣ ва Маҷнун»-и А.Ҷомиро ба забони фаронсавӣ тарҷума ва нашр намудааст.

А. Л. Шезӣ натанҳо «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро тарҷума намудааст, балки дар пайравии он асари худро таҳти унвони «Уйяна ва Райа» офаридааст [8, с.126].

«Уйяна ва Райа» дар муқоиса бо «Лайлӣ ва Маҷнун»-и А. Ҷомӣ мавзӯъ ва муҳтавои ҳамрангро дорад, яъне он хислатҳое, ки дар қаҳрамонҳои А. Ҷомӣ мавҷуданд, дар осори мазкури А. Л. Шезӣ ба назар мерасад.

Дар Тоҷикистон аз давраи Иттиҳоди Шӯравӣ сар карда, олимони русу тоҷик осори А. Ҷомиро омӯхта, корҳои зиёди илмӣ ва оммавиро анҷом додаанд ва онҳо дар айни ҳол заминаи асоситарини илми шарқшиносӣ маҳсуб меёбанд. Ба ин қабил муҳаққиқон ва ховаршиносон Е.Э. Бертелс, А. Бартолд, С. Айнӣ, Ш. Ҳусейнзода, Р. Ҳодизода, М. Шакурӣ, Х. Шариф, А. Афсаҳзод ва дигарон дохил мешаванд.

Адабиётшиноси маъруфи тоҷик Х. Шариф дар мақолаи худ зери унвони «Сарчашмаҳои ахлоқии «Баҳористон» насиҳатҳои арзишманди Мавлоно Ҷомиро баланд бардошта, чунин ба қалам додааст: «Алҳол то ҷое муқоисаи китобҳои фалсафии ахлоқӣ бо осори бадеии дидактикӣ имкони натиҷагирӣ медиҳад, ҳаминро бояд гуфт, ки дар таълимоти ҳикамии ахлоқӣ таъсири дониши Юнон бештар аст» [5:100]. Мақсади муҳаққиқ аз он иборат аст, ки ӯ ахлоқи ниёгонамон, ба хусус осори Абдурраҳмони Ҷомиро арзиши қадимтарини ҷаҳон номидааст.

Лозим ба ёдоварист, ки ҳарчанд олимон ва муҳаққиқони русу тоҷик роҷеъ ба тарҷума ва таҳқиқи осори А. Ҷомӣ дар мамолики Ғарб, ба хусус дар Фаронса таҳқиқоти алоҳида надошта бошанд ҳам, нуктаҳои кутоҳро зикр намудаанд.

Доир ба омӯхтани осори А. Ҷомӣ дар Фаронса то ҳол фақат ду мақола, ки яке ҷиҳати адабиётшиносӣ ва дигаре фалсафиро дорост, дар саҳифаҳои маҷаллаи «Садои Шарқ» ба табъ расидааст. Мақолаи нахуст ба қалами шодравон профессор Шокир Мухтор соли 1989 таҳти унвони «Осори Ҷомӣ дар Фаронса» ва дигаре ба қалами файласуфи тоҷик Султонов С. зери унвони «Шуҳрати фалсафаи Ҷомӣ дар Фаронса» мебошанд. Муҳаққиқ, адабиётшинос ва шарқшиноси маъруфи тоҷик Шокир Мухтор дар мақолаи худ ҷойгоҳи А. Ҷомӣ ва осори ӯро дар Фаронса арзёбӣ намудааст. Қайд кардан зарур аст, ки Ш. Мухтор ҳамчун як донандаи хуби забони фаронсавӣ тавонистааст, тарҷумаҳои фаронсавии осори А. Ҷомӣ ва таҳққиқоти анҷомёфтаи муҳаққиқони фаронсавиро таҳлилу баррасӣ намояд.

Дақиқназарии муҳаққиқи тоҷик Ш. Мухтор дар он зоҳир мегардад, ки ӯ пеш аз он ки осори А. Ҷомиро таҳлил намояд, дастхатҳои осори ин нобиғаи Шарқро дар Фаронса муайян месозад: «Дастхатҳои осори Ҷомӣ дар бисёр китобхонаҳои ҷаҳон маҳфуз буда, асарҳои безаволаш ба забонҳои мухталифи олам тарҷумаю нашр гардидаанд. Бино ба маълумоти мусташриқи фаронсавӣ Эдгард Блоше машҳуртарин хазинаи китоби Фаронса – китобхонаи Париж қарибӣ шаст дастхати осори Ҷомиро дорост ва онҳоро котибони мухталиф дар замонҳои гуногун китобат кардаанд. Яке аз он дастҳатҳо, ки аз шашсаду бист саҳифа иборат буда, солҳои 1491-1492 китобат шудааст, сӣ номгӯйи осори мансуру манзуми шоирро дар бар мегирад. Бино ба қавли Блоше дар китобхонаи миллии Париж ҳамаи асарҳои Ҷомӣ маҳфузанд ва адибони ин кишвар хеле барвақт ба тарғиби осори шоири тоҷик шурӯъ кардаанд» [2, с.113].

Бояд қайд кард, ки машҳур гаштани осори шоирон ва маҳфуз доштани онҳо дар китобхонаҳои ҷаҳон аз мазмуну муҳтавои баланди ашъор ва бузургии шоир далолат медиҳад. Барои шуҳрат пайдо кардани асар пеш аз ҳама заҳматҳои мутарҷим лозим меояд.

Дар таҳқиқоти Шокир Мухтор кӯшишҳои мутарҷимон ва муҳаққиқони осори Ҷомӣ баръало нишон дода шудаанд. Масалан, Эдгард Бловироше, А.Шезӣ, Силвестр де Сесӣ, А. Массе, Гаржин де Тассен ва дигарон дар тарҷума ва таҳқиқи осори Ҷомӣ ҳизмати бузурге кардаанд.

Ҳатто профсесор Ш. Мухтор аз тарҷумаҳои нахустини мутарҷими фаронсавии асри XVII Антуан Галлан соли 1697 ҳикояҳо аз «Баҳористон»-и Ҷомӣ мисолҳо оварда дурустии тарҷумаи онҳоро санҷидааст.

Гуфтан ба маврид аст, ки Ш. Мухтор пеш аз оне, ки мақолаи мазкурро ба забони тоҷикӣ чоп намоянд, онро чанд сол қабл таҳти унвони «Джами во Франции» ба забони русӣ дар маҷаллаи «Помир» (12, 1982) чоп намудааст. Агар ба мазмуну муҳтавои мақола таваҷҷуҳ кунем, ягон фарқияти куллӣ ба назар намерасад. Метавон гуфт, ки мақолаи мазкур яке ба забони русӣ ва дигаре баъдтар ба забони тоҷикӣ таҳия ва чоп шудааст» [71, с.83].

Мақолаи дигаре, ки дар боло қайд кардем, ҷанбаи фалсафӣ дорад. Файласуфи тоҷик С. Султонов А. Ҷомиро мутафаккир ва олими тавонои асримиёнагии форсии тоҷикӣ медонад, ки дар мамолики Ғарб шуҳрат дорад» [3, с.160].

Ба қавли файласуф дар асри XVII дар кишварҳои Ғарб ҷараёни маорифпарварӣ қувват гирифта, тағйироти куллиро ба миён овард. Дар ин давраи ҳассоси сиёсӣ-иҷтимоии олимони Ғарб натанҳо ба тарҷумаи осори Шарқ балки «ба тарҷумаи осори манзуму мансур ва фалсафию ирфонӣ, илмию бадеи ба забонҳои тозабунёди худ оғоз карданд» [3, с.160].

Файласуфи тоҷик Султонов С. мақолаи худро дар заминаи мақолаи шарқшинос профессор Ш. Мухтор навишта, ба ҷанбаи фалсафӣ таваҷҷуҳ кардааст. Ҳар нуктае, ки аз таҳқиқи Ш. Мухтор меорад, онро асоси фалсафӣ номида арзиши осори Ҷомиро дар он давра барои ҷомеаи франсавиҳо таъкид кардааст.

Осори А. Ҷомӣ мақбули фаронсавиҳо гардид, ки баъзе достонҳоро театри машҳури Париж намоиш додаанд. То ҳол аз рӯи асарҳои Абдураҳмони Ҷомӣ намоишномаҳои мухталиф дар тамоми театрҳои Фаронса нишон дода мешавад. Таҳқиқ ва омӯзиши ашъори А. Ҷомӣ дар ҳар давр аз таваҷҷуҳи олимон ва ховаршиносони ҷаҳон, алалхусус фаронсавиён кам нашудааст, баръакс аз рӯи он осори худро офаридаанд. Ба қатори онҳо шоири бузурги фаронсавӣ Луи Арагон (1897-1972) дохил мешавад, ки мавсуф нисфи умри худро ба омӯзиши осори ноби А. Ҷомӣ пардохтааст.

Инчунин таъсир пазируфтани шоири фаронсавӣ Луи Арагон аз осори ниёгони мо, ба вижа аз асарҳои А. Ҷомӣ дар шеърҳои худи ӯ аён мегардад.

Луи Арагон аз мутолиа ва баррасии таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ сар то по баҳра гирифтааст. Ӯ ба илҳом гирифтан аз «Лайлӣ ва Маҷнун»-и А. Ҷомӣ асари худ «Девонаи Элза» (Le Fou d`Elza)-ро офаридааст. Инчунин дар байни завқмандон ва аҳли адаб асари мазкурро «Маҷнуни асри бистум» низ меноманд [9, с.56].

Достони ишқи нокоми асари «Лайлӣ ва Маҷнун» ҳосили завқи шоири бузурги форсии тоҷикӣ Низомии Ганҷавӣ аст, ки ин ҳикоят илҳомбахши бисёре аз шоирон ба мисли Амир Хусрави Деҳлавӣ, А.Ҷомӣ ва ғайра будааст. Луи Арагон барои баёни эҳсосот, ақоиди ошиқона ва орифона аз осори А. Ҷомӣ бахра гирифтааст ва ҳунару истеъдоди шоирии хешро дар ин ҷода озмудааст. Амир Хусрави Деҳлавӣ маснавии худро «Маҷнун ва Лайлӣ» номидааст ва Саъдӣ ҳудуди чиҳил маротиба номи Лайлӣ ва Маҷнунро дар ашъори худ зикр мекунад ва дар боби панҷуми «Гулистон» аз ин ишқ ҳикоятҳои зебоеро баён мекунад.

Достони Лайлӣ ва Маҷнун гуёи ишқи шарқӣ ба вижаи баёнгари эҳсосоти ошиқонаи мардуми Шарқ аст ва шахсияти ҳақиқӣ ва хаёлии Лайлӣ низ ба унвони шахсиятҳои афсонаҳои занони Шарқ ба шумор меравад.

Китоби «Девонаи Элза» ки аз «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Ҷомӣ таъсир гирифтааст, қудрат ва нуфузи Ҷомиро дар шоири сеуралистӣ чун «Арагон» нишон медиҳад.

Абдураҳмони Ҷомӣ бо «Лайлӣ ва Маҷнун»-и худ достонеро офарид, ки панҷсад сол баъд шоире ошиқ чун Арагон онро манбаъи илҳоми худ қарор медиҳад ва ба истифода аз ин ишқи шарқи табъу ҳунари худро меозмеояд ва боис мешавад то ин дубора дар яке аз санъатарин кишварҳои ҷаҳон бо василаи забони оҳанин ва зебои Фаронса нишинад.

Л. Арагон худро Маҷнун ва ҳамсараш «Элза»-ро Лайлӣ мепиндорад ва китоби ошиқона ба номи «Девонаи Элза» -ро менигорад, ки ба ин мисраи Ҷомӣ оғоз мешавад: «Ишқварзӣ мекунам ба номи ӯ» А. Ҷомӣ ин мисраъро дар шеъраш чунин меоварад:

Дида Маҷнунро яке саҳронавард,
Дар миёни бодия биншаста фард.
Сохта бар рег зи ангуштон қалам,
Мезанад ҳарфе ба дасти худ рақам.
Гуфт эй мафтун шайдо чист ин?
Менависӣ нома суйи кишт ин
Хар чи хоҳи дар саводи ранҷ бурд,
Теғи сар-сар хоҳадаш ҳоло самард.

Л. Арагон дар мутолиъа ва таҳқиқ дар ашъори форсӣ навъи ишқу шӯридагӣ кашф мекунад, ки онро ба ишқи суфиён бисёр наздик мебинад.

Л. Арагон шеъри маъруфи худ бо номи «Чашмони Элза» (Les oeux d`Elza, 1942)-ро барои маъшуқааш месарояд, ки аз тарафе дар васфи ҳамсараш «Елза» ва аз суи дигар ёдовари ватани маҳбубаш Фаронса аст ва чунин эҳсосоти ошиқона ва маҳин парастонаро дар қолаби ашъор сурёлистӣ пайванд мекунад:

Меҳвари ашъори ошиқонаи Арагон ному вуҷуди «Элза» ва кишвараш Фаронса аст. Ӯ ҳамеша дар ашъораш онҳоро ситоиш кардааст. Чунин оғоз мешавад:

Tes yeux sont si profonds qu'en me penchant pour boire
J'ai vu tous les soleils y venir se mirer S'y jeter à mourir tous les désespérés
Tes yeux sont si profonds que j'y perds la mémoire
À l'ombre des oiseaux c'est l'océan trouble
Puis le beau temps soudain se lève et tes yeux changent
L'été taille la nue au tablier des anges
Le ciel n'est jamais bleu comme il l'est sur les blés
Les vents chassent en vain les chagrins de l'azur
Tes yeux plus clairs que lui lorsqu'une larme y luit
Tes yeux rendent jaloux le ciel d'après la pluie

Тарҷумааш чунин аст:

Чашмонат чунон жарф ҳастанд, ки чун барои нӯшидан ба сӯяш хам шудам ҳама хуршедҳоро дар он ҷилвагар дидам. Ва ҳама ноумедон ба қасди марг худро дар он партоб мекунанд.

Чашмонат чунон жарф ҳастанд, ки ман дар он ҳофизаи худро мебозам. Чашмонат чунон шуълавар ҳастанд ки ҳар бор барои гарм шудан ба сӯяш наздик шудам ангуштонамро ба ин оташ мамнуъ сузондаам.

Чашмонат ба ҳангоме ки ашке дар он медурахшанд аз уфуқ равшантар аст.

Чашмонат осмони пур аз боронро ба рашк меандозад. Чашмонат чун регбори гулҳои ваҳширо мешукуфонад.

Асари “Le Fou d'Elsa” уҳдадориҳои зеҳнии Луис Арагонро дар бобати мувофиқат ба фарҳанг ва таърихи ҷаҳони араб ва мусулмон ва дарки робитаи ӯ бо ҷаҳони масеҳӣ

ва ҷаҳони муосирро инъикос мекунад. Шеърҳои Луис Арагон дар Ле Фу д'Элса дар достони биографӣ ва таҳлили иҷтимоиву таърихӣ аст. Ле Фу д'Элса низ як андозаи театрӣ аст.

Луи Арагон ва Элза Триолет шоми 6 ноябри соли 1928 дар қаҳвахонаи La Coupole дар Париж, дар Монпарнасси сюрреалистҳо мулоқот карданд ва сарнавишти онҳо зиёда аз 40 сол боз бо ҳам пайванданд.

Элза Каган (Elsa Triolet), нависандаи фаронсавӣ ва муборизи муқовимати қавми рус 11 сентябри соли 1896 дар Маскав таваллуд шудааст ва 16 июни соли 1970 дар Сент-Арнулт-ан-Ивелин вафот кардааст.

Номи аслии ӯ Элза Каган (пас Триолет аз шавҳари аввалаш, ки тамоми умр онро нигоҳ медорад), духтари Елена Юлевна Берман (мусиқачӣ) ва адвокати яҳудӣ Юрий Александрович Каган мебошад. Хоҳари ӯ Лили аст ва ӯ ба инқилоби Руссия дар соли 1905 ҳамроҳ шуд ва маҳз тавассути Элса ва Арагон робитаҳои дустӣ доштанд. Вай дӯсти кӯдакии забоншинос Роман Якобсон аст, хеле барвақт забони фаронсавиро меомӯзад ва дар соли 1913 бо шоири футурист Владимир Маяковский дӯст мешавад, ки баъдтар ҳамсари хоҳараш Лили Брик хоҳад шуд. Соли 1918 вай Русияро тарк кард ва дар соли 1919 Андре Триолет, афсари фаронсавӣ, дар Париж издивоҷ кард.

Э. Триолет 16 июни соли 1970 аз бемории қалб дар Мулин де Виленёв вафот кард. Он дар боғи шаш гектараи атрофи ин осори қадимӣ дар баробари Арагон ҷойгир аст. Дар қабрҳои онҳо мо ин навиштаҷоти Элса Триолетро мехонем: "Вақте ки мо паҳлӯ ба паҳлӯ хобидаем, иттифоқи китобҳои мо моро дар оянда беҳтар ва хуштар хоҳад кард, ки орзуи мо ва нигаронии мост, ба шумо ва ба ман". Ҳамин тавр зикр кардан лозим аст, ки шуҳрати Абдураҳмони Ҷомӣ дар Ғарб, ба вижа дар Фаронса басо ҳам калон аст. Маҳз нахустин рӯзҳои таҳқиқи осори Абдурраҳмони Ҷомӣ сабаб шуд, ки айни ҳол дар Фаронса ва умуман дар тамоми мамолики Ғарб ҷомишиносӣ ҷойгоҳи бузургро касб намудааст.

**Адабиёт**:


1. Мухтор Ш. Джами во Франции // Памир, № 12, 1982. - С. 81-84
2. Мухтор Ш. Осори Ҷомӣ дар Фаронса // Салои Шарқ, № 12, 1989. - С. 111-117
3. Султонов С. Шуҳрати фалсафаи Ҷомӣ дар Фаронса / Маҷмӯи мақолаҳо (Конференсия бахшида ба муносибати 600-солагии А. Ҷомӣ ), 2014. - С. 160-169
4. Хромов А.Л. Первые немецкие переводы произведений Джами, Памир, №12, 1982. - С.77-80.
5. Шарифов Х. Сарчашмаҳои ахлоқии «Баҳористон» // Салои Шарқ, № 11, 1989. - С. 100-105
6. Ҷомӣ А. Баҳористон, Душанбе «Маориф» 2014, 207 с, А. Афсаҳзод.
7. Ҷомӣ А. Лайлӣ ва Маҷнун, Душанбе«Адиб» с 1988, 244 с. А. Афсаҳзод.
8. Chezy A.L. Djami, Medjnoun et Leila, Poème traduit du perçon par, Paris 1807, pp. 176-216
9. Louis Aragon. Le Fou d'Elsa, Paris, 1963, 56p.


## «ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН»-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ ДАР ТАҲҚИҚОТИ МУҲАҚҚИҚОНИ ФАРОНСА


Дар мақолаи мазкур муаллифон робитаи адабии форсии тоҷикии классикӣ ва адабиёти ҷаҳон, ба хусус Ғарбро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додаанд. Омӯзиши осори Абдураҳмони Ҷомӣ дар мамолики Ғарб шухрати бениҳоят калон дорад. Аз ҷумла, асарҳои Абдураҳмони Ҷомӣ аз ҷониби мутарҷимони маъруф ба забонҳои англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, итолиёвӣ ва ғ. тарҷума шудаанд.

Дар қатори чунин мутарҷимони намоёни ҷаҳонии Ғарб нахустин маротиба фаронсавиҳо осори Абдураҳмони Ҷомиро ба забони фаронсавӣ тарҷума намуданд. Дар натиҷаи тарҷумаи дуруст ба забони фаронсавӣ муҳаққиқон тавонистанд онро таҳқиқу пажуҳиш намоянд. Инчунин қобили зикр аст, ки шоирони фаронсавӣ низ дар пайравии осори Абдураҳмони Ҷомӣ асарҳои худро офариданд. Дар радифи мутарҷимон, муҳаққиқон ва шоирону нависандагоне, ки осори Абдурраҳмони Ҷомиро тарҷумаву таҳқиқ ва осри худро таълиф намуданд А.Л. Чезӣ, д`Эрболо, А Массе, Луи Арагон, Силвестр де Сесӣ ва дигарон дохил мешаванд.

**Калидвожа**: муҳаққиқ, тарҷума, Абдураҳмони Ҷомӣ, равобити адабӣ, маъруф, ҷомишиносӣ, Шарқ, Ғарб, адабиёт, мутарҷимон.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: Шозиёева Гулмо Парвонашоевна, Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, номзади илмҳои филологӣ, Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, Тел: (+992) 935477893. E-mail: dr.shoziyoevag@gmail.com.

Исоков Маҳмадлатиф, ходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, Тел: (+992) 989 17 39 99. E-mail: isoqovm@gmail.com.

## «ЛЕЙЛИ И МЕДЖНУН» АБДУРАХМАН ДЖАМИ В ИЗУЧЕНИИ ФРАНЦУЗКИХ УЧЁНЫХ

В данной статье авторы изучают литературную связь между классической персидско-таджикской и мировой литературы, в частности, с западной литературы. Изучение произведений Абдурахмани Джами очень известно в западных странах. В частности, работы Абдурахмани Джами на английском, немецком, французском, итальянском и др. языки. Кроме того, были выполнены, переводы творчества Абдурахмана Джами известными переводчиками. Наряду с такими выдающимися западными переводчиками, французы впервые перевели произведения Абдурахмана Джами на французский язык.

В результате правильного перевода на французский язык, исследователи смогли изучить его творчества. Стоит также упомянуть, что французские поэты также создавали свои произведения по следам знаменитого Абдуррахмони Джами. Наряду с переводчиками, исследователями и поэтами, которые написали и перевели свои произведения и сочинения Абдурахмани Джами. А.Л. Чехи, д'Эрболо, А. Масс, Луи Арагон, Сильвестр де Сьюзи и многие другие.

**Ключевые слова**: исследователь, переводчик, Абдурахмани Джами, литературные связи, известный, джамиведение, Восток, Запад, литература, переводчики.

**Сведения об авторах**: Шозиёева Гулмо Парвонашоевна, Институт изучения проблем стран Азии И Европы НАНТ, кандидат филологических наук, Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 33, Тел: (+992) 935477893. E-mail: dr.shoziyoevag@gmail.com.

Исоков Маҳмадлатиф, научный сотрудник Институт изучения проблем стран Азии И Европы НАНТ, Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 33, Тел: (+992) 989 17 39 99. E-mail: isoqovm@gmail.com.

## "LEYLI AND MAJNUN" BY ABDURRAHMAN JAMI IN THE STUDIES OF FRANCH SCHOLARS

In this article, the authors study the literary connection between classical Persian-Tajik and world literature, in particular, with Western literature. The study of the works of

Abdurrahmani Jami is very famous in Western countries. In particular, the works of Abdurrahmani Jami in English, German, French, Italian and other languages. In addition, translations of Abdurrahman Jami's work by renowned translators were performed.

Along with such prominent Western translators, the French for the first time translated the works of Abdurrahman Jami into French.

As a result of the correct translation into French, the researchers were able to study his work. It is also worth mentioning that French poets also created their works in the wake of the famous Abdurrahmoni Jami.

Along with translators, scholars and poets who wrote and translated their works and compositions by Abdurahmani Jami. A.L. Czechs, d'Erbolo, A. Mass, Louis Aragon, Sylvester de Susie and many others. Key words: researcher, translator, Abdurrahmani Jami, literary connections, famous, jamie studies, East, West, literature, translators.

**Keywords**: researcher, translator, Abdurrahmani Jami, literary connections, famous, jamie, East, West, literature, translators.

**About the authors**: Shoziyoeva Gulmo Parvonashoevna, Institute of studying the issues of Asian and European countries of the Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate of Philology Sciences, Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33 Rudaki avenue, Phone: (+992) 935477893. E-mail: dr.shoziyoevag@gmail.com.

Isoqov Mahmadlatif, Institute of studying the issues of Asian and European countries of the Academy of Sciences of Tajikistan, Researcher, Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33 Rudaki avenue, Phone: (+992) 989 17 39 99. E-mail: isoqovm@gmail.com.

# СИМОИ МАНСУРИ ҲАЛЛОҶ ДАР ОИНАИ АДАБИЁТИ АРАБ

**Каримова Ш.Т.,**
**ходими илмии**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои**
**Осиё ва Аврупои АМИТ**

Абулмуғис Абдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Абӯтоҳир машҳур бо номи Ҳусайн ибни Мансури Ҳаллоҷ аз маъруфтарин орифони асри сеюми ҳиҷрии қамарӣ (IX –X милодӣ) шинохта шудаааст. Ӯ дар соли 244 –и ҳиҷрӣ (858-и милодӣ) дар рустои Тури ноҳияи Байзои Шероз ба дунё омада, соли 309-и ҳиҷрӣ (922-и милодӣ) ба дор кашида шудааст.

Ҳусайни Мансур яке аз чеҳраҳои намоёнтарин ва машҳуртарин дар ҷомеаи исломӣ ба ҳисоб меравад. Ин орифи ҷонбохта бо шӯру шааф ва исёну туғёнҳои азиме бар дили як фирқае аз мардум зилзилаҳову ғулғулаҳо овард ва то имрӯз овозаи ҷаҳонгираш ба фаромӯшӣ нарафтааст. Ҳусайни Мансур дар гунбади афкори орифон рояти пирӯзиро афроштааст ва ин рояти парафшон шефтагони роҳи ҳақиқатро чун нури ҳидоят ба идомаи роҳ мехонад. Вай ҷаҳони ислому олами тасаввуфро ба ҳаяҷон ва таҳрик овард ва мухолифону мувофиқони бисёр пайдо кард. Ӯ ваҳдати вуҷуд ва фанофиллоҳро ранги дигар дод, ки аз он ба ҳулулу иттиҳод таъбир кардаанд. «Аналҳақ» - гуфтани ӯро илҳод ва куфр дониста пиндоштаанд, ки Мансур даъвои худоӣ мекунад. Аммо Ҳаллоҷ мегуфт: «Ҷуз Худо ҳеҷ чиз нест ва ману мову ту нестем ва ҳама Ӯст» .

Мувофиқони ӯ гуфтаанд, ки вақте дарахти сӯзону шӯълаваре ба Мӯсо гуфт: “Иннӣ Аналлоҳ”, чӣ гуна Ҳаллоҷ фонӣ шуда ва ба Ҳақ пайваста наметавонад, ки “Аналҳақ” бигӯяд?

Ба чашми он, ки ҷонаш пуртаҷаллост,
Ҳама олам китоби Ҳақ Таъолост!

Аз ин рӯ:

Раво бошад Аналҳақ аз дарахте,
Чаро набвад раво аз некбахте?

Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ яке аз машҳуртарин чеҳраҳои шинохтаи адабиёти араб аст. Муҳаққиқон китобҳои Ҳусайни Мансурро баршуморидаанд, ки маъмултарини онҳо «Девон» - и ашъораш бо забони арабӣ ва «Аттавосин», «Тосину-л-азал ва-л-ҷавҳару-л-акбар» мебошад.

Ибни Надим Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷро марди шӯъбадабоз гуфтааст, ки афкори худро дар либоси сӯфия ороста, ва илми кимиёро хуб медонистааст ва дар дасоиси сиёсӣ ҳамроҳ будааст… Вале ба ин фикрҳояш нигоҳ накарда, Ибни Надим дар «Ал-Феҳраст» - и худ зиёда аз 46 китоби Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷро баршумурдааст, ки маъмултаринашон инҳоянд:

«Алҳаёкал», «Алкабирату-л-аҳмар», «Нуру-л-асл», «Ҷисму-л-акбар», «Ҷисму-л-асғар», «Бустону-л-маърифаҳ», «Китобу-т-тавҳид», «Китобу-л-яқин», «Китобу-л-фано ва-л-бақо», «Нуру-л-нур», «Қуръону-л-фурқон», «Ҳува ҳува» ва ғайра…» [1, с. 242-243].

«Китобу-т-тавосин» - и Мансури Ҳаллоҷ бо вуҷуди бузургҳаҷм набуданаш аз ҷиҳати мояву маъно яке аз бузургтарин осор дар ҷаҳони ислом ба ҳисоб меравад.

«Ҳаллоҷ ба ҷуз девони ашъораш ба арабӣ асори фаровоне аз ҷумла: “Китоби тавосин” (Китоби саркашӣ) дорад ва “Тос-ул-азал” (Тосайн-ул-азал)-ро, ки дар зиндон навишта, Ибни Ато ба соли 309 бар он даст ёфта ва онро назди худ нигоҳ доштааст.

Хулосаи “Тос-ул-азал”-ро Луи Масенюн дар “Қавси зиндагии Ҳаллоҷ” нақл кардааст. “Тавосин”-ро Рӯзбеҳон Буқлӣ ба форсӣ ва арабӣ шарҳ карда ва Луи Масенюн онро ба чоп расонидааст. Гӯянд, ки Ҳаллоҷ ба форсӣ низ ашъоре эҷод кардааст ва ҳатто солҳои охир ашъору девоне ба номи ӯ ба дасти чоп супоридаанд. Аммо соҳибназарон бар он ақидаанд, ки девони ашъори форсӣ, ки дар соли 1343 шамсӣ ба номи “Девони Мансури Ҳаллоҷ” дар Теҳрон мунташир шудааст, аз Ҳаллоҷ нест ва тамоман аз Камолиддин Ҳусайн бинни Ҳасани Кошонии Хоразмии Кубравӣ аз орифони қарни нуҳуми ҳиҷрии қамарӣ аст.

Гарчанде Ҳаллоҷ дар Байзои Форс мутаваллид шудааст, вале дар туфулият ҳамроҳи падараш ба Восит, ки он ҷо аъроб мезистанд, ҳиҷрат карда, дар муҳити арабӣ ба камол расидааст ва дар гумон аст, ки ашъори форсӣ эҷод карда бошад» [2, с. 243].

Ин далели он аст, ки Ҳаллоҷро дар адабиёти араб ҳамчун одами «худӣ» қабул намудаанд. Шоирони зиёди араб дар бораи Ҳаллоҷ шеърҳо сурудаанд ва уламову фуқаҳо, имомони бузург ва файласуфону мунаққидони араб дар бораи ин орифи бузург афкори худро иброз доштаанд.

Ат-Танавхӣ – нависандаи арабзабон дар китоби худ «Нишвора-л-муходара ва ахбора-л-музокара», ки онро олими рус И.М. Филштинский соли 1985 дар Москва бо номи «Занимательные истории и примечательные события из рассказов современников» тарҷумаву чоп намудааст, як бобе оид ба Мансури Ҳаллоҷ бахшидааст бо номи «Рассказы об Аль- Халладже и Халладжитов», ки дар он ҷо гуфтаҳои олимони зиёди арабу аҷамро дар бораи Ҳаллоҷ ҷамъ овардааст. Яке аз он қиссаҳоро ин ҷо меорем:

Аз Абулҳусайн Муҳаммад Ибни Убайдуллоҳ, ки бо номи Ибни Насравайҳ машҳур буд, шунидам, ки мегуфт: «Рӯзе амаки ман ба назди Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ рафт ва маро низ бо худ бибурд. Дар он замон ӯ адои намоз мекард ва Қуръон мехонд.

Амаки ман бо ӯ суҳбат менамуд ва ман писараки хурдакак дар наздашон нишаста ба сӯҳбаташон гӯш медодам. Ӯ ба амакам гуфт, ки қарор додааст, то Басраро тарк намояд. Амакам сабаби фирор кардани ӯро пурсон шуд. Ҳаллоҷ ҷавоб дод: «Мардум дар бораи ман ҳар гуна қиссаҳо мегӯянд». «Чӣ гуна қиссаҳо?»- пурсон шуд амакам.

Ҳаллоҷ ҷавоб дод: «Он чиеро ки дар ман мебинанд, намепурсанд ва намехоҳанд донанд, ки ман он корҳоро чи гуна менамоям, агар мефаҳмиданд, ин гуна дар бораи ман ҳаргиз фикр наменамуданд. Сипас аз сӯям мераванд ва ба ҳама нақл менамоянд, ки аз дасти ман мӯъҷизаҳо дидаанд. Ман кӣ шудаам, ки аз дасти ман чунин ояд??? Масалан, чанд рӯз пеш марде ба ман чанд дирҳам дод, то онро ба бенавоён бидиҳам. Ман онро дар зери ҷойнамозе пинҳон намудам. Сипас хеле интизор шудам, аммо касе пайдо нашуд, ки ман он дирҳамҳоро диҳам. Шаб шуд ва ман ба хона баргаштам. Субҳи дигар ман боз ба масчид рафтам ва машғули ибодат шудам, ки дар гирдам якчанд сӯфиён пайдо шуданд. Ман аз зери ҷойнамоз он дирҳамҳоро гирифтам ва ба эшон тақсим намудам ва боз намози худро давом додам. Онҳо ба ҳама рафта эълон намудаанд, ки гӯё чангу ғубор дар дасти ман ба дирҳам мубаддал мешуда бошад…» [3].

«Муҳиддин Ибн ал-Арабӣ мегӯяд: «Шабона дар қиём будам, худро дар Масҷиди Қуртуба дидам, ки тамоми паёмбарон (салом бар кулли эшон!) аз Одам (ъалайҳиссалом) то охиринашон ҷамъ омада буданд. Ман яке аз эшонро пурсидам, ки мақсади ин ҷо ҷамъ шуданашон чист ва дар ҷавоб шунидам: «Як марди рӯҳоние бо номи Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ буд, мо ҷамъ шудаем, ки аз Паёмбар Муҳаммад (салаллоҳи алайҳи ва саллам) илтимос намоем, то ӯро бубахшад». «Барои чӣ Паёмбар (с) бояд ӯро бубахшад?» - пурсидам ман. «Маълум шуд, ки боре Ҳаллоҷ нисбати шафоати Паёмбари акрам (с) беэҳтиёт фикри худро иброз намудааст.

Ӯ гуфтааст, ки Худованд ваъда дода буд, ки ҳар дуое, ки ҳабибаш (с) талабад, онро мустаҷоб хоҳад кард. Паёмбар (с) бояд аз Худованд металабид, ки тамоми мардумро бубахшад, аммо ӯ (с) танҳо уммати худро талабид. Баъди ин суханон Паёмбар (с) боре ҳам ба сӯи Ҳаллоҷ нангарист, ҳатто 300 сол аз марги Ҳаллоҷ сипарӣ шуд. Паёмбар (с) гуфт:

- «Эй Мансур, ин ту гуфтаӣ, ки ман дар бобати шафоат сустӣ намудаам? Оё ту хабар надорӣ, ки агар Худованд бандаи Худро дӯст дорад, Ӯ ба бандааш ваҳӣ менамояд, ки чӣ гӯяд».

- «Медонам, Расулуллоҳ» – ҷавоб дод Ҳаллоҷ.

- «Агар Худованд маро ҳабиби Худ ҳисоб намуда бошад, чӣ гуна ман метавонам сухане бигӯям ба ҷуз он, ки Худованд ба ман вайҳ намудааст, аз ҷумла дар бобати шафоат. Ман он чизеро аз Ҳазрати Парвардигор пурсидам, ки аз ман дархост шуда буд, то ҳаминро бипурсамаш. Пас гуноҳи ман чист?»

Боязиди Бастомӣ (қаддасаллоҳу сирраҳу) мегӯяд, ки он шаб ҳама ҷамъ шуда буданд, то Паёмбар (салаллоҳи алайҳи ва саллам) аз гуноҳи Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ гузарад». [4, 50 – 51].

Абулҳусайн Алӣ Ибни Аҳмади Мардавӣ гуфт: «Аз Ҳусайн Ибни Мансури Ҳаллоҷ шунидам чун саломи намоз дод, гуфт: Бор, Худоё, ба ҳаққи қуддусият ва яктоият аз Ту масъалат дорам, ки маро дар майдони ҳайрат аз сари худ раҳо масозӣ ва аз тангноҳои фикрат наҷот бахшӣ ва маро аз ҷаҳониён бениёз гардонӣ ва ба муноҷот бо Худ маънус намоӣ. Эй он, ки ошиқон дар Ӯ мустаҳлик ва ситамкорон аз неъмати Ӯ фирефтаанд, авоҳими бандагон ба ғояти маърифтати Ту намерасанд, миёни ман ва Ту ҷуз ваҳят ва рубубият фарқе нест…» - ва дар ҳолати ин гуфтор қатраҳои хун аз чашмонаш равон буд… Чун маро дид, хандид ва гуфт: «Эй Абулҳасан, аз ин суханони ман то он ҷо, ки донишат мерасад, ба ёд дор ва он чӣ берун аз дониши туст, ба худи ман баргардон ва беҳуда ба он маёвез, то гумроҳ нашавӣ!» [5].

Иброҳим ибни Абуфотик гуфт: «Рӯзе пинҳонӣ ва бехабар ба хонаи Ҳаллоҷ даромадам ва ӯро дидам, ки нагунсор бар торикӣ истода ва мегӯяд: «Дар ман таҷаллӣ шудӣ, чунон, ки Туро ҳама чиз пиндоштам ва аз ман пӯшида мондӣ чунон, ки ба нафйи Ту гувоҳӣ додам, на дурии Ту мондагор аст, на наздикии Ту. Савдо (суде) дорад, на ситеза бо Ту ба ниёзе оварад, ва на сулҳ бо Ту амният».

Чун ҳузури маро эҳсос кард, устувор нишаст ва гуфт: «Эй фарзанд, бархе аз мардум ба куфри ман гувоҳӣ медиҳанд ва бархе ба вилояти ман. Онон, ки ба куфри ман гувоҳӣ медиҳанд, назди ман ва Худо гиромитаранд аз ононе, ки ба вилояти ман боварӣ доранд». Гуфтам: «Эй шайх, барои чӣ?» Гуфт: «Барои ин ки гувоҳии касоне, ки бар вилояти ман гувоҳӣ медиҳанд, аз рӯи ҳусни занн (пиндор) мебошад ва гувоҳии касоне, ки ба куфри ман гувоҳӣ медиҳанд, аз рӯи таъсиби эшон нисбат ба динашон аст» [6].

ولهذا فقد كان القدماء من الصوفية يذكرون أقواله في كتبهم دون ذكر اسمه، بأن يقولوا مثلاً: قال أحد الكبراء , (وهذا صنيع أبي بكر محمد الكلاباذي الذي ألف الموسوعة الصوفية الثانية بعد اللمع، وهو كتابه (التعرف على مذهب أهل التصوف)

Аз ин сабаб бархе аз бузургони сӯфия дар китобашон вақте қиссае аз ӯ меоранд, номашро намегиранд ва танҳо менависанд: «Яке аз бузургон гуфтааст…» ( ва яке аз онон Абубакр Муҳаммади Каллобозист, ки рисолаҳои зиёде дар бораи зиндагиномаи сӯфиён навиштааст. Яке аз таълифоти ӯ «Маърифат дар мазҳаби аҳли тасаввуф» мебошад.

وكذلك صنيع السراج الطوسي صاحب الموسوعة الصوفية الأولى (اللمع) وقد استشهد بكلام الحلاج في أكثر من خمسين موضعاً من كتابه مصدراً القول بقوله: قال بعضهم، أو قال القائل)

Аҳмад Ибни Фотики Бағдодӣ гуфт: Парвардигори Бузургро баъди се рузи марги Ҳаллоҷ дар хоб дидам чунонки гуфтӣ, дар пеши Ӯ истодаам, гуфтам: «Парвардигоро! Ҳусайн чи карда буд, ки мустаҳаққи чунон балои бузурге буд?» Гуфт: «Мо маъное бар ӯ

ошкор кардем, вале ӯ мардумро ба сӯяш даъват кард ва ба таблиғ бархост ва Мо бар сари ӯ ин овардем, ки дидӣ». Сипас гиристам, гиристание…[7].

وقال السلمي سمعت أبا بكر المحاملي يقول سمعت أبا الفاتك البغدادي وكان صاحب الحلاج قال رأيت في النوم بعد ثلاث من قتل الحلاج كأني واقف بين يدي ربي عز و جل وأنا أقول يا رب ما فعل الحسين بن منصور فقال كاشفته بمعنى فدعا الخلق إلى نفسه فأنزلت به ما رأيت ومنهم من قال بل جزع عند القتل جزعا شديدا وبكى بكاء كثيرا

Дар бораи ин шахсияти бузург, яъне Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ дар адабиёти араб матолиб хеле зиёданд. Зиндагиномаи Ҳаллоҷ дар бисёр кутуби олимони машриқу мағриб оварда шудааст, ки маъмултарини онро писари Ҳаллоҷ Ҳамд навиштааст.

Мутааррихону олимони бузурги араб чун аз-Заҳабӣ дар китоби худ «Тазкирату-л-ҳуффоз», Хатиба ал-Бағдодӣ дар «Таърийху-л-Бағдод» , Ибни Асир дар «Алкомил фи-т-таърихи», Ибни Халикон дар «Вафоята-л-аён ва анба-абноа-з-заман», Ибн ал-Ҷавзӣ «Алмунтазим фи таърихи-л-мулук ва-л-умами», «Талбиси-л-иблис», Ибни Касир дар «Албидоя ва-н-ниҳоя», Мискавайҳ дар «Таҷриба-л-умам», Закариё ал-Қазвинӣ дар «Аҷоибу-л-махлуқот ва ғароибу-л-мавҷудот», Ибни Надим дар «Ал-Феҳраст», Ибни Халдун дар «Алмуқаддима фи фадли-л-илми-т-таърих», ас-Суюти дар «Таъриху-л-хулафо», Абдурраҳмони Суламӣ дар «Табақоту-с-суфия» ва дигарон дар таълифоташон борҳо номи Ҳусайни Мансурро зикр намудаанд ва тазкиранависон дар бораи зиндагиномааш навиштаанд.

Дар натиҷаи омӯзиш, таҳлил, ва баррасии зиндагиномаи Мансури Ҳаллоҷ ва мақоми ӯ дар адабиёти араб мо ба чунин хулосаҳо бардоштем:

1. Мо дар ин мақола намунаҳое аз тасвири симои орифи бузург Мансури Ҳаллоҷ дар адабиёти араб овардем, ба монанди қатрае аз баҳр, ё ганҷе аз хирвор. Албатта, қиссаҳое, ки мо ин ҷо овардам, хеле каманд, ин фақат фишурдаи қиссаҳост, зеро ки мақолаи мо ҳаҷми хеле хурд дорад ва мухтасари ин маводро дар рисолаи илмии мо, ки ба Мансури Ҳаллоҷ ва мақоми ӯ дар адабиёти араб бахшида шудааст, метавонед пайдо намоед. Инчунин дар васфи Мансури Ҳаллоҷ қасидаҳои зиёди шуарои арабро ҷамъоварӣ намудем, ки ояндаи наздик ба забони тоҷикӣ тарҷума хоҳад шуд ва дастраси хонандагон хоҳад гашт.

2. Мутаассифона, мардуми зоҳирпараст ҷавҳари суханони ин орифи дилхунро дарк намекарданд ва хоину кофараш мехонданд. Ҳамчунин, дар адабиёти тасаввуфӣ нисбати ӯ тӯҳматҳо бастаанд, ки гӯё ба ҷараёни қарматия ҳамроҳ будаасту бар зидди ислом шӯридааст. Аммо, чи тавре ки дар боло қайд намудем, номаҳои зиёде аз орифони адабиёту форсу тоҷику араб ба мо мерос мондааст, ки покмазҳабии Ҳусайни Мансурро оинадорӣ мекунанд. Умедворем, хонандагони ҷӯё ва гавҳаршиносони ростин ба умқи ин уқёнуси беканор сайр мекунанд ва дурру гавҳари бештаре ба даст хоҳанд овард.

**Адабиёт:**

1. Ибни Надим. Ал-феҳраст. Тасҳеҳ Ризо Таҷаддуд. – Теҳрон: Интишороти Мусаҳҳеҳ, 1350. с. 242-243, - [611с,]

2. Нафисӣ, Саъид. Таърихи назм ва наср дар Эрон. Теҳрон: Интишороти «Фурӯғӣ» - 1344. с. 243, - [657 с.]

3. Абу Али аль-Мухассин ат-Танухи. Занимательные истории и примечательные события из рассказов современников. М. Наука. 1985, 304 стр; Варианти электронии китоб аз сайти www. Drewlit. Ru.

4. Тарҷума аз китоби Саид-Афанди аль-Чиркави. Сборник выступлений. Махачкала: «Нуруль иршад» - 2008г. – 255с, стр. 50 – 51. Варианти электронӣ аз сайти http://islamdag.ru/sites/book/sbornik_vistupleny_1izd_2008rus.

5. www. fa.wikipedia.org ; www. mandegar.tarikhema.ir (قوس زندگي منصور حلاج )
6. www. fa.wikipedia.org ; www. mandegar.tarikhema.ir (قوس زندگي منصور حلاج )
7. www. fa.wikipedia.org ; www. mandegar.tarikhema.ir (قوس زندگي منصور حلاج )

## СИМОИ МАНСУРИ ҲАЛЛОҶ ДАР АДАБИЁТИ АРАБ

Мақолаи мазкур ба орифи бузург Мансури Ҳаллоҷ ва симои ӯ дар адабиёти араб бахшида шудааст. Дар ин мақола маълумоти кӯтоҳ дар бораи зиндагӣ ва осори Мансури Ҳаллоҷ зикр шуда, сухан оид ба як қатор китобу навиштаҷоти ӯ меравад ва инчунин, таҳқиқоти олимони араб, форс ва Аврупо, ки дар васфи шахсияти ӯ навиштаанд, ҷамъ оварда шудааст. Дар асоси як қатор қиссаҳое, ки дар сарчашмаҳои арабӣ омадааст, маълум мешавад, ки фикру андешаҳо оид ба шахсияти ин орифи бузург духела буданд. Баъди ба осору пайкори худи Мансури Ҳаллоҷ ва тазкираву навиштаҳои олимону сӯфиёни гузашта рӯ овардан ва амиқ омӯхтан, хулоса бардоштем, ки Мансури Ҳаллоҷ як сӯфии бузурге буд, ки зиндагии худро дар роҳи ишқи Худованд бохта буд.

**Калидвожаҳо**: Тасаввуф, аналҳақ, адабиёти араб, шуаро, зиндагиномаи Ҳаллоҷ, ориф, ваҳдати вуҷуд, тариқат

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Каримова Ш.Т., ходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, 918-77-88-77 mehrofarin@list.ru

## ОБРАЗ МАНСУРА ХАЛЛАДЖА В АРАБСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Статья посвящена отражению образа великого суфия Мансура Халладжа в арабской литературе. В ней приводится краткая информация о жизни и творческой деятельности Мансура Халладжа, называются основные его сочинения и наиболее важные исследования арабских, персидских и европейских ученых, посвященные его личности. На основе ряда рассказов, приведенных из арабских источников, исследуется вопрос о двояком отношении к личности этого великого суфия еще при его жизни. Делается вывод о том, что пристальное изучение оставшихся сочинений как самого Мансура Халлоджа, так и сведения из тазкире и сочинений ученых и суфиев прошлого позволят представить его как великого суфия, отдавшего жизнь за любовь к Богу.

**Ключевые слова**: Суфизм, Я – истина, арабская литература, поэты, жизнь Халладжа, суфий, ваҳдати вуджуд, тарикат

**Сведения об автор**: Каримова Ш. Т.- научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы Евразии Национальной академии наук Таджикистана, Тел.: 918-77-88-77 E-mail: mehrofarin@list.ru

## THE IMAGE OF MANSUR HALLAJ IN ARABIC LITERATURE

The article is devoted to the reflection of sophist Mansur Hallaj in Arabic literature. Also it includes the brief information about the life and heritage activities of Mansur Hallaj, which considerate his main poetries and various researches of Arabic, Persian and European scholars learning his personality. On the base of rows of the stories were translated from the Arabic sources and investigated of two sides attitudes of personality of this great sophist during his life. In the conclusion we can mention the intents of studies of the rest literacy of the scholars and the past sophists, who know him as the greatest sophist and sacrificed his life for love of God.

**Key words**: Sufism, I'm the Truth, the Arabic literature, poets, the life of Hallaj, sophist, vahdati vujud, tariqat.

**Information about the author:** Karimova Sh. T. - Research Fellow of the Institute for Problem Studies of the Eurasian National Academy of Sciences of Tajikistan,Phone: 918-77-88-77, E-mail: mehrofarin@list.ru

## ТАҚРИЗ ВА КИТОБИЁТ

# КИТОБЕ ДАР ОДОБИ УСТОДӢ ВА ДОНИШҶӮӢ ДАР ИСЛОМ “ТАЗКИРАТ АС-СОМИЪ ВА-Л-МУТАКАЛЛИМ ФИ АДАБ АЛ-ОЛИМ ВА-Л-МУТААЛЛИМ”

**Муаллиф: Маҳди Муҳаққиқ,**
**донишманди араб,**
**Таҳияи Тоҷиддин Мардонӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор**

Муаллифи китоб қозию-л-қузот Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибн Иброҳим ибн Саъдуллоҳ ибн Ҷамоъаи Кинонии Ҳамавӣ мулаққаб ба Бадриддин, аз донишмандони бузурги асри ҳафтум ва ҳаштум, дар соли 639/1241 дар шаҳри Ҳамот аз билоди Шом таваллуд ёфт ва дар соли 733/1332 дар Миср даргузашт. Ӯ ба тановуб дар Миср ва Шом ба шуғли қазо ва тадрис ва хитоба иштиғол дошт, ва аз ҳамин ҷиҳат ӯро «ҳоким ал-иқлимайн» мегуфтанд. Ибн Ҷамоъа солҳо дар мадрасаи Қаймарияи Димишқ ба тадриси илму ҳадис ва фиқҳу усул ва тафсир пардохт ва осори фаровоне аз худ ба ҷой гузошт, аз ҷумла «Кашф маъони–л-Қуръон», «Маносик ал-ҳаҷ», «Улум ал-ҳадис», «Фи-л –каноис ва аҳкомиҳо», «Фи-л-устурлоб» ва ғайра. Дар мавриди китоби ахир маъруф аст, ки вай ба шогирди худ Шамсуддин ибн ал-Ҳофиз, ки барои хонданӣ он дар «Байт ал-хитоба» назди ӯ меомад, супориш карда буд, ки олати устурлобро пинҳон нигоҳ дорад, зеро як нафар аз аҳли Мағриб ба унвони эътироз ба ӯ гуфта буд, ки шогирдаш олати зандақа дар остин дорад.

Китоби «Тазкират ас–сомиъ ва–л-мутакаллим» - ро, ки метавон ба форсӣ «Одоби устодӣ ва донишҷӯӣ» номид аз муҳимтарин китобҳои ӯст, ки дар он бар асоси таҷрибаҳои даврони таҳсил ва тадрис равиши амалии таълиму тарбияти мадориси исломиро баён кардааст. Ва аз он ҷо ки ин китоб дар мавзӯи худ мухтасари китоби «ал–Олим ва–л-мутааллим» - и Тирмизӣ, «ар–Риҳла фи талаб ал- ҳадис» - и Ҳофиз Алӣ ибн Собит, ва «Адаб ал–имло ва–л-истимло» - и Абдулкарим ас–Самъонӣ ва даҳҳо китоби дигар дар ин мабоҳис бениёз мекунад. Ва бисёр муносиб аст, ки акнун ин китоби «Мунят ал –мурид фи одоб ал–муфид ва–л-мустафид» - и Шаҳиди Сонӣ –ризвону–л–Лоҳи алайҳи – ба ҳиммати доктор Муҳаммад Боқир Ҳуҷҷатӣ ба форсӣ баргардонида шуда, ин китоб низ, ки тақрибан ду қарн пеш аз он навишта шуда, тарҷумаи он ба василаи устодони таълиму тарбияти исломӣ бар асоси мадорики асиле, ки нишондиҳандаи равиши амалии ин фан аст, сурат гирад.

Барои таҳаққуқи ин манзур ин китобро чанд гоҳе ба амонат ба устоди фақиди донишкадаи улуми тарбиятии Донишгоҳи Техрон марҳум доктор Фаридун Бозаргони Дайламқонӣ дода будам. Ӯ бисёр орзуманд буд, ки пас аз боз ёфтани саломатии худ ба тарҷумаи он мубодарат варзад, вале дареғо, ки «эй басо орзӯ ки хок шуда»

Роқими ин сутур чанд сол пеш барои ироди хитобае дар яке аз донишгоҳҳои хориҷӣ таҳти унвони «Таълиму тааллум дар ҷавомиъи суннатии исломӣ дар муқояса бо кайфияти таълиму тааллум дар ҷаҳони имрӯзӣ» рууси мабоҳиси чанд китоб, аз ҷумла «Тазкират ас – симоъ ва–л-мутакаллим» - ро талхис ва тарҷума карда буд, то дар он суханронӣ аз он матолиб истифода кунад. Ва акнун муносиб медонад, ки ба манзури

муаррифии яке аз муҳимтарин китобҳои таълиму тарбияти исломӣ, он ёддоштҳо чоп ва мунташир гардад. Умед аст, ки муаллимон ва мутааллимонро ба кор ояд ва мубтадиёну мунтаҳиёнро басират афзояд. Би авни–л–Лоҳ ва тавфиқиҳи таъоло!

Дар фазилати дониш ва донишмандон ва фазилати таълиму тааллум,

**Оёти Қуръонӣ**

1. «Ярфаъу –л–Лоҳу–л–лазина оману минкум ва–л–лазина уту–л– илма дараҷот». Ибни Аббос гуфтааст: «Донишмандон бартар аз муъминонанд ба сад дараҷа, ки миёни ҳарду дараҷа яксад сол аст».

2. «Шаҳида–л–Лоҳу аннаҳу ло илоҳа илло ҳува ва–л–малоикату ва улу –л–илми қоиман би–л–қист».

Дар ин оят Худованд нахуст аз худ ва пас аз он аз фариштагон ва сипас аз аҳли дониш ёд карда, ва ҳамин худ барои тараф ва фазлу бузургии донишмандон кофӣ аст.

3. «Иннамо яхша–л–Лоҳа мин ибодиҳи –л–уламоу» ва низ «Улоика ҳум хайр ал-барийа» то «Залика ли ман хашия раббаҳу» дар ояти аввал мефармояд: «Фақат аҳли илм аз Худо метарсанд», ва дар ояи дувум мефармояд: «Онон ки аз Худо метарсанд, беҳтарини мардумонанд». Натиҷа ин ки донишмандон беҳтарини мардумонанд.

**Аҳодиси набавӣ**

1- «Ман юрид Аллоҳу биҳи хайран, юфаққиҳуҳу фи–д-дин» («Ҳар киро ки Худо барои ӯ хайр бихоҳад, ӯро фақиҳ дар дин мегардонад»).

2- «ал–Уламоу варасат ал-анбиё» («Донишмандон ворисони паямбаронанд»).

3- «Ман акрама олиман, фа коаннамо акрама сабъина набийан»; «Ва ман акрама мутааллиман, фа коаннамо акрама сабъина шаҳидан» («Ҳар ки донишмандеро гиромӣ дорад, гӯйи ҳафтод паямбарро гиромӣ доштааст, ва ҳар ки донишҷӯеро гиромӣ дорад, гӯйи ҳафтод шаҳидро гиромӣ дошт».

**Одоби устод нисбат ба худ**:

1. Худоро дар ошкору пинҳон муроқиб бошад ва дар ҷамиъи ҳаракот ва саканот ва гуфтору кирдораш ӯро нозир бидонад.

2. Дар нигоҳдошти иззату шарафи илм пойдорӣ кунад ва бо супурдан ба ноаҳлон онро хор насозад.

3. Ба порсоӣ ва камхоҳӣ хӯ кунад ва аз дунё ба андозае, ки ба худ ва хонаводааш зиён нарасад, биҷӯяд.

4. Дониши худро нардбоне барои расидан баағрози дунявӣ ҳамчун ҷоҳу мол ва шухрат насозад.

5. Аз пешаҳои пасту мавозеъи туҳмат дурӣ ҷӯяд ва гирди он чи ки шаръан ва урфан макруҳ аст, нагардад.

6. Бар қиём бар шаъори ислом ва завоҳири аҳком ҳамчун намоз дар масоҷид ба хавоссу аввом ҳиммат варзад.

7. Бар мустаҳабботи шаръӣ аз қавлӣ ва феълӣ ҳамчун тиловати Қуръон ва зикри Худо бо дилу забон пойдорӣ кунад.

8. Бо мардум бо хушрӯӣ баробар гардад ва бо рӯйи кушода бар салом сабқат ҷӯяд ва хештанро аз хашм нигаҳ дорад.

9. Зоҳиру ботини худро аз ахлоқи паст ҳамчун ҳасаду душманӣ ва риё боздорад ва ба ахлоқи нек ороста гардонад

10. Бар ҷидду ҷаҳд ва мутолааву фикр кӯшо бошад ва умри худро дар ғайри илму амал табоҳ насозад, ва дар хӯрдану нӯшидан ба зарурат иктифо кунад.

11. Чизеро ки намедонад, аз фаро гирифтани он, ҳарчанд аз касоне, ки дар мартабае поинтар аз ӯ ҳастанд, дареғ наварзад.

12. Ҳиммати худро пайваста бар иштиғол ба таснифу ҷамъ ва таълиф маътуф дорад, то бар ҳақоиқи улум огоҳ гардад.

**Одоби устод нисбат ба дарс**:

1. Ҳангоми вуруд ба маҷлиси дарс покизаву хушбӯй ва хушлибос бошад, ки ин нишонаи таъзими илм аст.

2. Ҳангоми берун баромадан аз хона барои тадрис дуо кунад, ки «Худоё, ба Ту паноҳ мебарам аз ин ки гумроҳ шавам ё гумроҳ созам».

3. Дар маҷлиси дарс барҷаста биншинад ва фозилтарону солхӯрдагон ва аҳли салоҳро эҳтироми беш кунад.

4. Пеш аз шурӯъ ба дарсу баҳс порае аз Қуръонро ҷиҳати таяммун ва табаррук қироат кунад.

5. Вақте, ки ӯҳдадори дарсҳои мутааддид аст, аз шарифтарин ва муҳимтарини онҳо оғоз кунад.

6. Садои худро беш аз ниёз баланд накунад ва чандон ором ҳам сухан нагӯяд, ки фоидаи дарс фавт шавад.

7. Маҷлиси дарсро аз лағт (сару садо, шӯру ғавғо) ҳифз кунад, зеро ғалат дар зери лағт аст ва ҷиҳати баҳсро мухталиф нагардонад.

8. Бо касе ки дар баҳс таҷовуз кунад ва ё иноде ошкор созад, ва ё беадабӣ ва тарки инсоф кунад, ба тундӣ рафтор намояд.

9. Инсофро дар баҳс муроот кунад ва пурсишҳоро аз пурсишкунандагон, ҳарчанд кучак бошанд, бишнавад.

10. Агар ғарибе ба маҷлиси дарси ӯ ҳозир шавад, бо ӯ мулотафат ва кушодарӯӣ кунад ва бо чашми бегона ба ӯ нангарад.

11. Дарси худро бо «Бисмиллоҳи–р–Раҳмони–р-Раҳим» оғоз ва бо «Аллоҳу аълам» хатм кунад.

12. Агар шоистагии тадрисро надорад, онро напазирад, ва ҳамчунин тадриси илмеро ки намедонад, қабул накунад ҳарчанд воқифи мадраса чунин шартеро накарда бошад.

**Одоби устод нисбат ба донишҷӯён**:

1. Ҳадафи ӯ аз таълими онон ризои Худо ва нашри илм, иҳёи шаръу изҳори ҳақ, ихфои ботилу наҳй мункар бошад.

2. Донишҷӯёнро ба иллати одами хулуси ният аз илм маҳрум нагардонад, зеро хулуси ният худ ба баракати илм ҳосил шавад.

3. Донишҷӯёнро бо зикри оёт ва аҳодис дар фазилати илму уламо ба илму талаби он ташвиқу тарғиб кунад.

4. Он чиро ки барои худ дӯст дорад, барои онҳо бихоҳад, ва он чиро ки худ нохуш дорад, барои онон нахоҳад.

5. Суҳулати илқо дар таълим ва ҳусни талаттуф дар тафҳимро ба онон ба арзонӣ дорад, хусусан агар шоистагии онро дошта бошад.

6. Ниҳояти кӯшиши худро бар таълиму тафҳим ба донишҷӯён мабзул дорад ва аз тавзиҳу шарҳу такрор худдорӣ накунад.

7. Ҳар гоҳ аз дарс фориғ шуд, масоилеро бар донишҷӯён тарҳ кунад, то фаҳму забти ононро биёзмояд.

8. Аз донишҷӯён гоҳ – гоҳ бихоҳад, ки маҳфузоти худро барои ӯ бозгӯ кунад, то нерӯи забти ононро имтиҳон намояд.

9. Агар донишҷӯеро ки афзун бар тавони худ мекӯшад, ӯро ба рифқу эътидор ва таваҷҷуҳ ба нафс тавсия кунад.

10. Қавоиди асосии илми мавриди баҳсро барои донишҷӯён баён кунад ва низ ба зикри манобеъи онҳо бипардозад.

11. Бархе аз донишҷӯёнро бар бархе дигар – дар сурате, ки дар синну фазилат ва таҳсилу диёнат баробаранд – дар дӯстӣ ва таваҷҷуҳ бартар надорад.

12. Муроқиби одоб ва рострӯйи ва ахлоқи ботинию зоҳирии донишҷӯёни худ бошад.

13. Дар масолиҳи донишҷӯён ва ором сохтани дили онон, ва мусоадат ба онон то он ҷо ки метавонад, бикӯшад.

14. Ҷониби тавозуъро бо донишҷӯён риоят намояд; Худованд ба Пайғамбар фармуд: «Ва ахфиз ҷаноҳака ли ман иттабаъака мин ал - муъминин» («Болҳои худро пеши касе, ки изҳори тобеъияти ту мекунад, пойин намо»).

**Одоби донишҷӯ нисбат ба худ**:

1. Дили худро аз бебокӣ ва ҳасад, ғалу ғаш, ва суъи ақидаву хӯйи бад покиза нигаҳ дорад, то пазирои илму дониш гардад.

2. Дар талаби илм ҳусни ният дошта бошад, ва ризои Худо ва иҳёи шариъат ва оростани ботинро қасд кунад.

3. Дар ҷавонӣ ба ҷустани илм пешӣ гирад ва онро ба оянда мавкул нагардонад, зеро ҳар соате, ки аз умр мегузарад, онро ивазе нест.

4. Дар хӯрданиҳо ва пушиданиҳо қаноат варзад, зеро бо тангии зиндагӣ ба фарохии дониш тавон расид.

5. Авқоти шабу рӯзи худро қисмат кунад ва бозмондаи умри худро ғанимат шуморад, ки арзише барои он мутасаввар нест.

6. Ба кам хӯрдан одат кунад, то зиёне ба ишиғол ва фаҳми ӯ ворид нашавад ва дар талаби илм хаставу малул нагардад.

7. Дар ҳамаи шууни зиндагӣ ҷониби парҳез ва вараъ, ва таҳаррию ҳалолро нигаҳ дорад, то дилаш нуронӣ ва пазирои илм гардад.

8. Аз хӯрданиҳое, ки мӯҷиби кавданӣ ва нотавонии ҳавос, хосса фаромӯшӣ мешавад, иҷтиноб кунад.

9. Аз хоби худ бикоҳад, то он ҷо ки зиёне барои бадан ва зеҳнаш надошта бошад, ва хобаш аз ҳашт соат дар шабонарӯз зиёдтар нашавад.

10. Аз муошаратҳое, ки мӯҷиби тазйиъи вақт ва итлофи молу рафтани обрӯ аст, парҳез кунад.

**Одоби донишҷӯ нисбат ба устод:**

1. Устодеро баргузинад, ки дорои ҳусни ахлоқ ва шоистагии илмию динӣ ва мурувату иффат бошад.

2. Ҳамвора мутеъи устод бошад, ҳамчун бемор нисбати пизишк, ва ризояти ӯро биҷӯяд ва ба ҳурмати ӯ мубодарат варзад.

3. Бо дидаи таъзим ба ӯ бингарад ва ба дараҷаи камоли ӯ муътақид бошад, то бештари суд оиди ӯ шавад.

4. Нисбат ба ӯ ҳақшинос бошад ва фазли ӯро ба фаромӯшӣ наспорад ва ғайбати ӯро истимоъ накунад.

5. Бар ҷавру бадхӯйии устод шикебо бошад ва аъмоли ӯро, ки носавоб ба назар меояд, бо хубӣ таъвилу тавҷиҳ кунад.

6. Агар устод ӯро бар фазилатҳо ташвиқ ва бар нақисатҳо тавбиҳ кунад, донишҷӯ сипосгузор бошад.

7. Ҳар гоҳ дар ҷаласае хос ворид бар устод мешавад, - чи устод танҳо ва чи ғайританҳо бошад, - бояд масбуқ ба иҷоза бошад.

8. Дар баробари устод бояд муаддаб биншинад – ҳамчун кӯдаке дар баробари омӯзгораш – ва хузӯъу хушӯъро риоят кунад.

9. Бо устод ҳусни хитоб дошта бошад ва дар баробари ӯ ҷумлаҳое «Барои чи?», «Қабул надорам», «Инро магӯй!» - ро бар забон наёварад.

10. Ҳар гоҳ устод масъала ё фоидаеро унвон мекунад ва бо шеъру ҳикояте ба забон меоварад, бо шодӣ ва ҳирс гӯш фаро диҳад.

11. Дар шарҳи масоил ва посухи пурсишҳо бар устод сибқат наҷӯяд магар ин ки устод худ инро хоста бошад.

12. Дар гирифтани чизе аз устод ва додани чизе ба ӯ аз дасти рост кумак ҷӯяд ва мактуботи шаръиро боз карда ба ӯ бидиҳад.

13. Ҳангоми роҳ рафтан дар шаб ҷулуи устод ва дар рӯз ба дунболи ӯ роҳ биравад магар он ки муқтазои ҳол хилофи он бошад.

**Одоби донишҷӯ нисбат ба дарс:**

1. Дар оғоз китоби Аллоҳро бихонад ва ҳифз кунад ва дар тафсираш бикӯшад, ки он аслу пояи ҳамаи улум аст.

2. Дар ибтидои таҳсил худро ба масоили мавриди ихтилоф миёни уламо худро машғул насозад, то фикраш ошуфта нагардад.

3. Он чиро, ки мехонад қаблан бо кумаки устод тасҳиҳ кунад, сипас бо ҳифзу талқин ва такрори он бипардозад.

4. Ба самоъи ҳадис иштиғол варзад ва таваҷҷуҳ ба устод ва риҷол, маъонӣ ва аҳком, луғат ва таърихи он дошта бошад.

5. Нахуст аз китобҳои мухтасар шурӯъ кунад ва пас аз дарёфти фавоид ишколот ба китобҳои муфассал бипардозад.

6. Маҷлиси тадрис ва иқрои устодро тарк нагӯяд, зеро маҷлиси ӯ хайру таҳсил ва адабу тафзилро ҳамроҳ дорад.

7. Ҳангоми вуруд ба маҷлиси дарс бар ҳозирон салом кунад чунонки ҳама бишнаванд ва устодро ба зиёдати таҳийяти махсус гардонад.

8. Бо ҳозирони маҷлиси дарс бо адабу эҳтиром рафтор кунад ва дар миёни сухани ҳамдарсон магар бо иҷозаи онон сухан нагӯяд.

9. Аз пурсидани он чи ки намедонад, шарм надорад ва дар суол ҷониби лутфи одоб ва ҳусни хитобро риоят кунад.

10. Дар пурсиш аз устод риояти навбати дигаронро бикунад магар дар мавриди ғурабо, ки ҳурмати тақаддуми онон воҷиб аст.

11. Дар пеши рӯйи устод бо адаб биншинад ва китоби худро ҳамроҳ дорад ва онро рӯйи замин боз нигаҳ дорад.

12. Ҳар гоҳ навбати хондани ӯ расид, бо истиъозат аз шайтон ба зикри «Бисми–л-Лоҳ» ва ҳамду дуруд бар Пайғамбар (с) оғоз кунад.

13. Донишҷӯёни дигарро ба илм тарғиб кунад ва аз фавоиду қавоиде, ки худ истифода кардааст, ононро огоҳ созад.

**Одоби донишҷӯ бо китоб:**

1. Дар ба даст овардани китобҳои мавриди ниёз ҳиммат гуморад ва агар китоберо наметавонад бихарад, иҷора кунад, ва ё амонат бигирад.

2. Китоби худро барои амонат додан ба касоне, ки зиёне бад – он ворид намесозанд, арза дорад.

3. Ҳар гоҳ китоберо мехонад ва ё истинсоҳ мекунад, онро боз рӯйи замин нагзорад, балки дар миёни ду китоб қарор диҳад.

4. Ҳар гоҳ китоберо амонат мегирад, ба мавқеъ онро радд кунад, ва китоберо ки мехарад, сафҳабинӣ кунад ва ноқис набошад.

5. Китобҳои улуми шаръиро бо таҳорати бадану ҷома ва рӯй ба қибла истинсох кунад ва бо «Бисмиллоҳ» оғоз намояд.

6. Аз рез навиштан иҷтиноб варзад, то ҳангоми пирӣ, ки бинойӣ нотавон мегардад, дучори ранҷ нашавад.

7. Китобҳоро бо муқобала бо асл ва ё бо қироат бар устод тасҳиҳ кунад ва нишонаҳои лозимро бигзорад.

8. Ҳар гоҳ матлаберо бо ҳошия мехоҳад тавзиҳ диҳад, он ҳошияро дар тарафи рост биёварад ва бо хатте ба асл муртабит созад.

9. Абвоб, тароҷим ва фусулро бо хатти сурх мушаххас созад, вагарна ҳар нишонае, ки худ мехоҳад, бигзорад.

10. Дар мавориди ислоҳи китоб пок кардан беҳтар аз тарошидан аст, хосса дар кутуби ҳадис, ки маврид туҳмату ҷаҳл аст.

**Одоби сукунат дар мадорис**:

1. Мадрасаеро барои сукунат баргузинад, ки воқифи он ба шақво наздиктар ва аз бидъат дуртар бошад.

2. То он ҷо ки мумкин аст, аз мадрасае, ки салотин сохтаанд дуртар бошад ва кайфияти бино ва вақфи он маҷҳул аст, иҷтиноб варзад.

3. Мадрасаеро интихоб кунад, ки устодони он дорои фазлу диёнат ва адолату дӯстдори фузало ва мутаввиқи донишҷуён бошанд.

4. Аз шароит ва муқаррароти иқомат дар мадраса огоҳ бошад то битавонад қиём ба он шароит ва амал ба он муқаррарот бикунад.

5. Агар воқиф сукунат дар мадрасаро мунҳасир ба мураттибон кардааст, яъне касоне, ки дар мадраса мақому мансабе хос доранду дар баробари он шаҳрия дарёфт мекунанд, дигарон бояд бо иҷоза ва шароити хос сокин шаванд.

6. Авқоти иқомат дар мадрасаро ба муошаратҳо ва суҳбатҳое, ки ҳолро фосиду молро зоеъ мекунад, нагзаронад.

7. Бо аҳли мадраса бо тақаддум салому изҳори дӯстиву эҳтиром мубодарат варзад; аз хатоҳошон даргузарад ва розҳояшонро фош насозад.

8. Дар ҳамсоягии касе сукно гузинад, ки солиҳтар ва ҷиддӣ бошад, то ӯро ба илму тақво ёрӣ диҳад, ки гуфтаанд: «ат–Тибоъу сарроқатун» («Табъҳову нафсҳои инсонӣ хӯпазиранд»).

9. Агар дар масҷид ё маҳалли иҷтимоъи туллоб сокин шавад, дар нигоҳдошт ва низофати он иҳтимом варзад.

10. Бидуни далел бар даргоҳи мадраса наншинад зеро мумкин аст устоде бузург бо таъоме андак аз он ҷо убур кунад ва нахоҳад дар баробари донишҷӯяш дида шавад.

11. Аз панҷараи утоқи худ ба манозили атроф нангарад, садоятро баланд накунад, дарҳоро ба оромӣ бозу баста гардонад то музоҳими дигарон нашавад.

12. Пеш аз устод дар маҳалли дарс ҳузур ёбад ва ҳузураи дар маҷлиси дарс ҳамроҳ бо аҳсан ал–ҳайёот ва акмал ат–таҳорот бошад; ва мавқеъи дарс аз хобидану хандидан ва сухан гуфтан бипарҳизад.

# ТАҚРИЗ

## ба силсилаи корҳои илмии узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мирзо Муллоаҳмад дар масъалаҳои ахлоқӣ

Таълифоти арзишманди адабиётшиноси маъруфи тоҷик, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мирзо Муллоаҳмад перомуни осори мондагори Абулқосими Фирдавсӣ ҳосили ҷустуҷӯ ва заҳматҳои тӯлонии муаллиф аст, ки тавассути нашриёти Тоҷикистон ва берун аз кишвар ба табъ расидааст.

Дар бораи "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ – ин шоҳкори адабии тамоми асрҳо ва наслҳо илова бар иттилооти фаровон ва манобеи гуногун, мақолаҳо ва рисолаҳои зиёд аз забони мухталифи таълиф шудааст, ки агар ҳамаи онҳо дар як ҷо ҷамъоварӣ гардад, китобхонае ба вуҷуд хоҳад омад. Ҳатто абёт ва пораҳое аз пандҳои ин асари бузург борҳо ба сурати маҷмӯа гирдоварӣ ва чоп шудааст. Тахлиси "Шоҳнома" низ кӯшиши дигарест, ки машҳур аст. Ғозгари он Масъуди Саъди Салмон, шоири шӯрбахти асри шашум будааст. Бо ин ҳама масоили ахлоқӣ дар "Шоҳонома"-и Фирдавсӣ мавриди баррасии амиқ ва ҳамаҷониба қарор нагирифта ба арзиши ин асар аз ин дидгоҳ равшан нагардидааст. Аз ин рӯ асарҳои адабиётшиноси тоҷик устод Мирзо Муллоаҳмад, ки ба пажӯҳиш дар ин масъалаи муҳим ихтисос дорад, иқдоми шоиста ва қобили таваҷҷуҳ аст.

Профессор Мирзо Муллоаҳмад дар ин таълифоти баландарзиш зиёдтар ба паёми ахлоқии Фирдавсии бузург таваҷҷуҳ зоҳир намуда, кӯшиш ба харҷ додааст, ки ситоиши хислатҳои нек ва мазамматы хислатҳои бадро аз рафтору гуфтори қаҳрамонони "Шоҳнома"–и безаволи Фирдавсӣ ва андешаҳои башардӯстии ин шоири бузургро мавриди пажӯҳиш қарор диҳад. Зеро муҳаққиқони "Шоҳнома" бештар ҷанбаҳои ҳамосиву қаҳрамонӣ ва асотириву таърихии ин шоҳасарро арзёбӣ намуда, ба ҷанбаҳои ахлоқиву тарбиявии он камтар таваҷҷӯҳ зоҳир намудаанд. Ғайр аз таълифоти хеш устод Мирзо Муллоаҳмад чандин шогирдонро тарбия намудаанд, ки атрофи масъалаҳои шоҳномашиносӣ асарҳои алоҳида ва таъсирбахш нигоштаанд.

Маврид ба зикр аст, ки дастовези ниҳоят пурарзиши ин олими маъруф аз "Паёми ахлоқии Фирдавсӣ", Душанбе, 2003, 265 саҳ., "Ҷанг ва сулҳ дар «Шоҳнома», Теҳрон, «Нашри рӯзгор», 2005, 70 саҳ., "«Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем» (бо хатти кирилӣ), Душанбе, 2011, 268 саҳ., ва «Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем…» (бо хатти форсӣ), Теҳрон, Амири Кабир, 1388, 203 саҳ., "Этические послания Фирдоуси (в «Шахнаме»), Душанбе, 2018, 290 с., "«Очистим весь мир от насилия и зла…», Берлин, Ламберт Академик Публишинг, 2018, 329 с. иборат мебошанд.

Асарҳои мазкур, қабл аз ҳама аз он ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар онҳо танҳо ба шарҳу тавзеҳи панду андарзҳои ҳокимонаи Фирдавсӣ басанда нашуда, балки бо равиши таҳқиқи илмӣ ва таҷзияву таҳлили амиқ, андешаҳои ахлоқии шоири бузург ва арзёбии зебоишинохтии онҳо таълиф шудааст. Дар фаслу бобҳои рисолаҳои иншо намудаи устод метавон баҳсу мунозираҳои илмиро мушоҳида намуд.

Тавре маълум аст, Фирдавсӣ бо унвони ифтихории "ҳаким" маъруф аст. Ин унвон дар осори муҳаққиқон тавзеҳи мухталиф пайдо кардааст. Муаллифи ин рисолаҳо пас аз баррасии андешаҳои гуногуни муҳаққиқон ба ин натиҷа расидааст, ки Фирдавсӣ ҳарчанд файласуфи ҳирфаӣ нест, вале аз он ҷо, ки ҳамчун донишмане мутабаҳҳир, аз донишҳои замони худ, аз ҷумла фалсафа, ахлоқ, фиқҳ, равоншиносӣ бархурдор аст. Дар воқеъ сазовори унвони "ҳаким" мебошад, мегӯяд Мирзо Муллоаҳмад ва ё муаллиф дар мавриди асли зарурати ҳикмат ва ахлоқ дар шеър ва адабиёт, ки муҳаққиқон андешаҳои

гуногун изҳор кардаанд, ба баҳс пардохтааст. Баъзе донишмандон, лузум миёни андешаҳои ахлоқӣ ва панду ҳикматро дар шеър комилан инкор намудаанд. Устод Мирзо дар китобҳояш ба далелҳои устувор исбот мекунад, ки панду андарз ва тарбияи инсон аҳдофи аслии адабиёт дар ҳамаи давраву замонҳо будааст ва нодида гирифтани онҳо боиси маҳдуд кардани арзиши адабиёт мегардад.

Масъалаҳои ахлоқӣ метавонанд мавзӯи баҳси илмҳои зиёде чун фалсафа, ахлоқ ва ҳатто фиқҳ бошанд. Вале дар ин китоб масоили мазкур дар "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ қабл аз ҳама аз назари шинохти адабиёт мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Мирзо Муллоаҳмад дар рисолаҳои ба омӯзишҳи шоҳномашиносӣ ва фирдавсишиносии худ кӯшиш ба харҷ додааст, ки андешаҳои ахлоқии шоири бузурги моро аз нигоҳи зебошинохтӣ таҳлил кунад ва ба шеваҳову усули баёни онҳо таваҷҷуҳ намояд. Ӯ ба субут расонидааст, ки Фирдавсӣ дар адабиёти олам аз аввалин адибоне аст, ки шахсияти инсонро на як рангу якнавохт, балки ба таври мушаххас бо ҳамаи тазодҳояш воқеъгироёна ва воқеънигорона тасвир намудааст. Асарҳои таълифнамудаи Мирзо Муллоаҳмад оид ба "Шоҳнома"-ву Фирдавсӣ бори дигар ба субут мерасонад, ки панду андарзҳои ҳакимона, андешаҳои баланди ахлоқӣ ва чеҳраҳои офаридаи Фирдавсии бузург, имрӯз ҳам дорои арзишҳои воло ва дар парвариши маънавии аҳли башар хеле судманд аст.

Мирзо Муллоаҳмад "Шоҳнома"-и безаволи Абулқосим Фирдавсиро гоҳ ба кохи бегазанд ва кӯҳи сарбаланд, гоҳ ба уқёнуси беканор ва осмони бекарон монанд карда, замоне онро бузургтарин ҳамосаи миллии тоҷик ва ҷаҳон дар ҳамаи даврон ва замонҳо донистаанд. Ин шоҳкори безаволи назм кӯҳи баланде аст, ки ганҷҳои шойгоне дар сина ниҳон дорад, осмони бекароне аст, ки пур аз ситораҳои дурахшон аст. Аммо пажӯҳишгарони ин шоҳкори нотакрори миллӣ ғаввосон, кӯҳнавардон, ситорашиносон ва қалъакушоёни ҳунар, бештар мафтуни фахомат ва бузургии зоҳирии он гашта, ба ганҷҳо ва дурахшиши ботинии он камтар таваҷҷӯҳ кардаанд ва дар таъйини арзишҳои волои дурдонаҳои гаронбаҳои ин уқёнуси назм, яъне андешаҳои баланди ахлоқии шоир, таваҷҷӯҳи ҷиддӣ нанамуда ва ба ишораҳо басанда кардаанд. Вале дар ин таълифоти фавқуззикр мо ин ҳама хасоил ва мардонагиву шуҷоатмандӣ ва ахлоқи ҳамидаи нақшофарони достонҳои "Шоҳнома"-и безаволро дармеёбем. Аз ин бар меояд, ки устод Мирзо Муллоаҳмад пайваста бо ҷаҳду талош ва лаҳзае ғофил набуда, неруи худро ба омӯзиши масоили муҳими шоҳномашиносиву фирдавсишиносӣ бахшидааст.

Асарҳои М. Муллоаҳмад саҳми муҳимме дар таҳқиқи масъалаҳои ахлоқӣ дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ буда, дар тарбияи маънавии мардум арзишманданд ва ба дарёфти Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино сазовор мебошанд.

**Зиёев С.Н.,**
**номзади илмҳои филологӣ,**
**мудири Шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики**
**Институти омӯзиши масъалаҳои**
**давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

# Грахам Э.Ф. “ОЯНДАИ ИСЛОМИ СИЁСӢ”

Граҳам Э. Фуллер санаи 28 ноябри 1937 дар Амрико таваллуд шуда, баъд аз хатми мактаби миёна ба донишгоҳи Ҳорворд дохил шуда, соҳиби дипломи дараҷаи Бакалавр ва Магистратура дар риштаи омӯзиши Шарқи Миёна ва Россия гардидааст. Ӯ муаллифи чанд мақолаву китобҳо аз ҷумла “Ояндаи исломи сиёсӣ” (2003) ва “Туркия ва баҳори араб” (2014) мебошад.

Граҳам донанда забонҳои шарқ аз ҷумла арабӣ, русӣ ва чинӣ буда, зиёда аз 20 сол таҷрибаи кории дипломатӣ дар Олмон, Туркия, Лубнон, Арабистони Саудӣ, Яман, Афғонистон ва Ҳонг Конг дорад. Дар соли 1982 вай ба сифати корманди хадамоти амниятӣ барои минтақаи Шарқи Миёна ва Осиёи Ҷанубӣ интихоб гардид. Баъд аз 30 соли хадамоти давлатӣ Граҳам маркази таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ зери номи “RAND Corporation” таъсис дод, ки бештар ба масоили кишварҳои Шарқ, геополикаи ҷаҳони ислом ва терроризм вобастагии илмӣ дорад. Ӯ устоди таърих дар Донишгоҳи Симон Фразер буда, соли 2012 матбае ба номи “Bozorg Press” таъсис дод, ки ба забони тоҷикӣ “чопхонаи калон ё бузург” тарҷума мешавад.

Граҳам ҳоло дар маҳаллаи Ванкувери кишвари Канада зиндагӣ мекунад, бештар рӯи масоили иҷтимоӣ кор карда, муносибатҳои хоси инсонгароёна бо хирсҳо, уқобон ва моҳиҳо дорад. Сайру гашт бо дучарха дар кӯҳҳо аз шуғлҳои дӯстдошташ мебошад.

Китоби “Ояндаи исломи сиёсӣ” ба забони англисӣ “The Future of Political Islam” мебошад ва мундариҷаи он аз мавзӯъҳои зер иборатанд:

**Мундариҷаи китоб**

1. Дарду доғи таърихи ислом
2. Истифода аз исломи сиёсӣ - ислом дар амал
3. Қутбҳои исломиҳо
4. Ислом ва геополикитаи ҷаҳон
5. Ислом ва терроризм
6. Ислом дар сари қудрат - Ирон, Судон ва Афғонистон
7. Ислом дар сиёсат
8. Ислом дар ғарб
9. Таъсири нерӯҳои ҷаҳонӣ болои исломи сиёсӣ
10. Ояндаи исломи сиёсӣ-мушкилот ва гузинаҳои он

**Дар муқаддимаи китоб чунин омадааст:**

Китоб маҳсули солҳои зиёди хадамот дар ҷаҳони ислом буда, аз мушоҳидаҳо, афкор оиди феноменаи исломи сиёсӣ таълиф гардидааст. Исломи сиёсӣ чист? Он чи тавр дар ҷаҳон амал мекунад? Ба ҷаҳон чӣ чолишҳо меоварад ва ба чӣ мушкилот рӯ ба рӯ гардидааст? Он аз куҷо сарчашма мегирад? Аз масоили умдаи бахши ин китоб мебошанд. Ин ҳама масоил замоне мавриди баҳсу мунозира қарор гирифтанд, ки ҳодисаи 11-уми сентябр санаи 2001 дар Амрико рӯх дод, ки дар натиҷаи он ҳамаи ҷаҳон хусусан мамолики Шарқ таассурпазир гардиданд. Ғарбиҳо таваҷҷуҳи худро ба ислом бештар бахшида, таҳаввулоти ислом дар ҷаҳон ва мамолики исломӣ бо фишорҳои нав рӯ ба рӯ гардид. Бо ин восита исломи сиёсӣ рушд ёфта, рӯз то рӯз таҳаввул ва дигаргуниҳо пайдо карда истодааст. Терроризми исломӣ худ як бахше аз исломи сиёсӣ буда, аммо он тавони фароҳамсозии барномаҳои васеъро миёни “Ислом ва Ғарб” чи тавре ки Усома Ибни Лодин ва эълони ҷанги Амрико алайҳи терроризм нишон дод. Бояд дониста бошем, ки ислом як мазҳаб мебошад, ки истифодаи калимаи ислом

бештар ба масоили худи он вобастагӣ дорад. Мо наметавонем бигӯем, ки “ислом дар роҳпаймоӣ ё ислом зидди ғарб” мебошад, вале он амалкарди худи мусалмонҳо аст, ки нишон медиҳанд. Ман ин ҷо иборaи “исломи сиёсӣ ё исломизмро” истифода кардам, зеро ман бештар аз дигарон маънои онро дарк кардаам. Зеро ба назари ман мусалмон касест, ки боварӣ ба он дорад, ки ислом як ҷузви имондории муҳиммест, ки дар бораи чи тавр сиёсат ва ҷомеа бояд дар ҷомеа мусалмонии муосир роҳандозӣ шаванд ва ки бояд ин идеяҳоро дар амал татбиқ созад.

Ибораи “исломи сиёсӣ” дар рафтор маънии муоидилро дошта, таҳқиромез набуда, ҳадафҳояш ҳамеша мавриди танқид қарор мегиранд. Ман ин таърифро муписандам, зеро он васеътар буда, исломи радикалӣ, хушунатовар, авторитарӣ ва анаъанавиро арзёбӣ карда, мусулмонро ба самти исломи орому муосир даъват мекунад. Ман инҷо ибораи исломи фундаменталистиро низ истифода кардам, ки он ба касоне рабт дорад, ки фақат ба адабиёт ва доири хурди фаҳми Қуръон ва Ҳадис такя мекунанд. Бунёдгароёни ислом монанд ба мусалмонони анъанвӣ намебошанд. Ҳамаи бунёдгароён мусалмон гуфта мешаванд, аммо ҳамаи мусалмонон бунёдгаро буда наметавонанд. Нуктаи муҳимми китоб вобастагӣ ба исломи сиёсӣ дорад, ки он чун як падидаест, ки ба равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ахлоқии замони муосир пайвастагии амиқ дорад.

Мазҳаб падиадест, ки ба фарҳанг ва раванди равони иснсонҳо вобастагӣ дошта, аз зиндагии рӯзмарраи инсонҳо таъсирпазир мебошад. Ҳамаи таҳаввулоти рӯзмарраи инсонҳо дар амрико ба мисли ҳаққи зиндагӣ кардан, оиладоршавӣ, омӯзиши умури заношуӣ, талоқ ва ғайра масоили мазҳабӣ буда, исломи сиёсӣ бо онҳо бештар, ошкортар ва огоҳтар муносибат менамояд. Китоб дорои даҳ боби алоҳида буда, бештар аз таҷрибаҳо ва мушкилоти мамолики мусалмонӣ маълумот меоварад ва барои омӯзиш ва баррасии масоили муҳимми ҷаҳони шарқу ғарб тавсияҳои муфид ироа гардидааст.

Дилемма (ду лемма, юнонӣ) як баҳои ҷадалиест, ки дорои ду мавзӯи ба ҳам мухолиф аст ва имкони интихоби сеюмиро намедиҳад. Дар гуфтори рӯзмарра вақте аз ҳарду гузинаи номатлуб истифода мешавад, интихоб бар асли “шарри камтар” аст.

Тақрибан новобаста аз нуфӯзи баробари ҳамаи онҳо имрӯз дар ҷаҳони ислом, исломгароён бо як суоли асосӣ рӯ ба рӯ ҳастанд: Оё онҳо метавонанд ба чолишҳои афзояндаи пеши рӯи роҳбарони ноком ё нокоромади имрӯз ва роҳбарони билқувваи оянда истодагарӣ кунанд? Исломгароён дар шиносоӣ ва баёни шикоятҳои хуб ҳастанд, аммо барои муваффақияти онҳо дар тамоюли иртибот бо ниёзҳои ҷомеаҳо, фаротар аз нақшаҳои феълии имрӯзи худ бояд бошанд.

**Ислом ба унвони идеология**

Таҷзия ва таҳлили ин китоб, исбот мекунад, ки Исломи сиёсӣ ба дурустӣ наметавонад ба унвони ҷойгузине барои тамоми идеологияҳо монанди демократӣ, фашизм, сотсиализм, меберализм ва коммунизм нишон дода шавад. Наметавон онро ошкоро дар як спектери идеологӣ қарор дод. Исломизмро ба унвони як навъ фарҳанг, ҳамчун вожаи ҷойгузин ё алтернативие, ки тамоми ин самтҳо ё равандҳои идеологияро пушиш медиҳад, дидан бисёр муфидтар аст. Сахт аст, ки тасдиқ кунем, ки исломгарӣ ба худии худ барномаи мушаххасе аст дар ҳоле, ки мо метавонем баъзе пешбиниҳои хосеро аз ҷумла барномаи иҷтимоии муҳофизакори рӯзмарра даъват барои тағйироти сиёсӣ, майли дифоъи фарҳангӣ – натсионалистӣ ва дархости риторикӣ (балоғӣ) барои қабули қонунҳои исломиро муайян кард, ки ин чизҳои гуногуни бисёреро дар амал маъно (нишон) медиҳад. Ин як ҷунбиши сиёсие аст, ки исломро меҳвари фарҳанги сиёсии хеш

табдил карда ва сипас идома медиҳад, маънои онро дар матни сиёсии маҳаллӣ бипардозад. Бинобар ин исломгароӣ як идеология нест, балки як чаҳорчӯби мазҳабӣ – фарҳангӣ – сиёсӣ барои мушорикат дар мавзӯҳоест, ки бештар марбут ба мусулмонони машғул ба сиёсат ҳастанд дониста мешавад.

**Исломе, ки намегӯяд**

Исломгароён бояд як барономаи мушаххас, мусбат, хос ва созанда барои ҷомеа ва давлат бисозанд. Агар талош барои "асолат" дар ислом, ки дар тақобул бо вазъи мавҷуди (статус-кво) иқтидоргароёнаи тибқи ғарб бошад, ҳадафи ғолиб аҳзоби исломгаро меистад. Ба эҳтимоли зиёд шонси хуб аст, ки шикояти онҳо дар як ҷустуҷӯи мубҳам ё ормонгароёна бимонанд, ки онҳоро доимо ба як нақши негативӣ (манфӣ) ҳамчун нигаҳбони худ дифоии дарвозаҳои фарҳангие, ки дурнамои онҳо таъмин нест.

Аҳзоб фақат муаррифкунандаи исломе, ки "не мегӯяд" негативӣ мебошад ва як рӯйкарди манфӣ ва шодиовар ба таври васвос бар он чи манъ ва ғалат аст тамаркуз ё таваҷҷуҳ мекунанд. Дастурамали бисёр андаке ба вижа дар байни усулгароён (фундаментализм) вуҷуд дорад, ки илҳомбахш, шодиовар, созанда ё оянданигар аст. Бо вуҷуди ин, яке аз вазифаҳои калидӣ барои ҳамаи динҳо, кам-кам фаҳмонидан, илҳом бахшидан ва маъно бахшидан ба зиндагӣ мебошад. "Исломе, ки мегӯяд, на" ба таври комил дар ин ширкат (иқдоми муҳим) ноком аст. Ин муносибати тангназарона ва вокунишӣ (реаксионӣ) бо тамаркуз ба таҳдидҳое бар алайҳи ислом аз ҷаҳони хориҷ афзоиш ва шиддат мегиранд, ки мавқеияти дифоие асос бар зидди ҷаҳони хориҷӣ доранд, на ҳадафи мусбат барои беҳбуд бахшидани ҳукумат ва ҷомеа дар ҷаҳони ислом. Дар поён танҳо бо тақвият ва беҳбуди воқеии ҳукумати исломӣ, ҷавомеъи мусулмонон метавонанд дар баробари султаи ғарб муқовимат кунанд ва рӯйкардҳои ҷойгузини (алтернативии) пойдорро пеш гиранд.

Исломгароёни усулгаро гароиши хоси содда кардани ислом ҳамчун намоудгароии (символи) ҳуқуқи шариат муаррифӣ карданд ва баъзан ҳатто шариатро ба ҳуқуқи хонавода ва кодекси муҷозот (ҳудуд) мутеъ кардан ба гунае, ки ислом намояндагари муътабартарин ё аслитарин шакл аст. Ин вазъияти исломгароёнро ба сатҳи фаротар аз арзиши ҷомеаи худ коҳиш медиҳад.

Бинобар ин, онҳо масъулияти муқобила бо масоили воқеъан душвор сохтани арзишҳои исломиро бо таваҷҷуҳ ба масоили печидаи иҷтимоӣ ва иқтисодии имрӯз канор мекунанд. Оливер Рой изҳор мекунад, ки нотавонии бисёр исломгароёни фаъоли сиёсӣ дар баробари муқовимат ба қудрати саркубгаронаи давлат теъдоди зиёде аз онҳоро самти дидгоҳи ғайри сиёсӣ ва бунёдгароёнатар афзоиши бе рабти бурдааст.

**Дифоъ аз анъанаҳо (тразитсия) ё тағйир**

Исломгароён бештар байни ду қутб гирифтор шудаанд: нигаҳбонӣ аз анъанаҳо ё суннатҳо ё пештози тағйир. Аксари онҳо тасдиқ мекунанд, ки таҳаввулот дар ҷомеаи исломӣ зарурӣ аст. Аммо кушиш ба нақши ислоҳотталабона онҳоро ба ҳамкорӣ ё ҳатто рақобат бо либералҳои дунявият талаб дорад. Аз назари фалсафӣ созиш комилан қобили дастёбӣ аст, аммо дар дунёи сиёсатҳои ноҳамвори амалӣ ҳар ҳизб барои бахше аз раъйдиҳандагон меҷангад. Исломгароён наметавонанд аз ҳаросат ба ҳавзаи интихобияи муҳофизакори иҷтимоӣ ғофил шаванд, аммо ба таври худкор мумкин аст, муҳокима кардани мавзеъҳои бисёр муҳофизакоронаи онҳо ва ҳатто ҳимоят аз вазъи мавҷуди иҷтимоӣ бошад. Ихвонулмуслимин дар Қувайт қаблан дар мавриди ҳимоят аз ҳаққи раъйи занон ихтилофи назар доштанд. Ин баҳс ниҳоятан ба ташкили ҳадди ақал

ду ҷунбиши мухталиф дар байни исломгароён, яке усулгароён (Ваҳдатӣ) дигаре ихвонмеҳвар ва муътадилтар шудааст.

Ин тавр исломгароён бояд бо либералҳои муомила сару кор дошта бошанд? Агар онҳо муҳиммоти ҷангии худро барои ҳама ба либералҳо сарф кунанд, ҳамон тавре, ки бештар дар масоили иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар Миср ва Кувайт анҷом медиҳанд, онҳо дар воқеъ аз барномаҳои давлатӣ ҳимоят мекунанд, яъне заиф кардани ислоҳталабони либерал ва ҷилавгарӣ аз тағйиру таҳаввул. Исломгароён дар воқеъ нерӯҳои тағйирро тазъиф мекунанд, ки аз тариқи боз будани сиёсии бештар ба нафъи исломгароён хоҳад буд тарсу бим, онҳо барои тамаркуз бар сиёсат, ин аст ки ногузир ба дунболи дастёбӣ ба манфиати тактикӣ бо ҳазинаи нуфузи идеологӣ ё роҳбурдии дар муддати тӯлонитар мешавад. Дар мавқеъҳои душвор ҳар ҷомеа ё идеология ба дунболи бозгашт ба асосҳои, идеалҳои ихлосманди худ аст. Бинобар ин исломгароён мумкин аст дар бозгашт ба тафсирҳои мушкилу сахти ислом ба вижа дар мавриди масоили иҷтимоӣ ақибнишинӣ кунанд: мисли маҳдуд кардани ширкати занон дар ҷомеа, хостори сахти қоидаҳои либоспӯшӣ, хостори ташдиди сонсури адабиёт ва манъи ҳунар, исрор бар омӯзиши ҷудогонаи зану мард ва мухолифат ба озодсозии қонуни хонавода.

**Бахши муҳофизакорон ва либералҳо (озодихоҳон) дар байни исломгароён**

Бо густариши ҷунбишҳои исломгароёна, саранҷом исломгароёни либерал маҷбур хоҳанд шуд ба шиддат бо исломгароёни муҳофизакор ва усулгароён ба ҳам бархӯрд намоянд. Кадом гурӯҳ беҳтар зиндагӣ хоҳад кард? Бастагӣ ба забон, кишвар ва шароити маҳаллӣ дорад. Ба унвони мисол дар Покистон шоҳиди тамошои парешон кардани сиёсати сахти нигаронишуда асосан ба ташкилоти исломии “Ҷамоати исломӣ” зери фишори шадид аз ҷониби гурӯҳҳои исломии хӯрд ва бисёр радикалие ҳастанд, ки бештар ҳадафи оштинопазирӣ дар муносибат дар кашмир, фирқагароёна (сектанство) ва мушкилоти иҷтимоӣ доранд. Авзоъи бад ва рӯ ба завол дар Покистон ба афзоиши бештари гурӯҳҳои ифротии исломӣ дар он ҷо кумак мекунад. Аммо дар Туркия, ҷое, ки (нисбатан) муваффақияту комёбӣ (исломистон) ҳаст, эҳсоси хавфу хатари аз дохил хароб шудани давлат ва ҷомеа нест.

Ҳизби асосии исломӣ (Рифоҳ / Фазилат / АК) пурқувват аст, исломиҳои радикал кам ҳастанд ва ҳаракату ҷунбишҳо танҳо дар сатҳи иҷтимоӣ, ҳатто бештари модернистон ва ҳаракати ғайрисиёсии Фатҳулло Гулен – Нури ислом дар рақобат ҳастанд.

Аммо ин хатҳои иштибоҳ мумкин аст ба осонӣ барои ҷудоандозӣ роҳ надиҳанд. Исломгароён аз назари таърихӣ ба иттиҳоди умумӣ нисбат ба дигар ҷунбишҳои исломгароёна таваҷҷуҳ доштанд, ба вижа ҳангоме, ки ҳамаи онҳо худро зери султаи режимҳои маҳаллӣ ва ҳамчунин давлатҳои хасмонаи ғарбӣ эҳсос мекунанд. Аммо баъд аз 11 - уми сентябр, мо шоҳиди падидор шудани ихтилофи возеҳтаре дар байни усулгароён ва исломгароёни модернист (муътадил) мешавем.

Чунин мубоҳисот бо мулоҳиза интиқодҳои умумӣ, асосан дар воқеъ барои нумуъ кардан таҳаввули комили муҳити фикрӣ ва ақидавии ҷунбишҳо зарур аст.

**Исломгароён ба самти чап ҳаракат мекунанд?**

Мубоҳисаи калидии ин китоб набудани ҳузури ҳайратангез дар ин марҳила чапгароён дар спектри сиёсии бештари ҷаҳони ислом мебошад ва ин суол матраҳ мешавад, ки оё исломгароён аз ин холо истифода хоҳанд кард ё не? Коммунистҳо ва сотсиалистҳо, ки дар бештари давраи ҷанги сард равнақ пайдо карданд, акнун дар сиёсати мусулмонон муҳимиятро аз даст дода ва чеҳраи каме доранд. Ба ин ҳол “чап”

наметавонад нопадид шавад; ин бахш ҷудонопазир аз спектри сиёсӣ дар ҳар маконе аст, ки таваҷҷуҳ ба мушкилот ва мавзӯҳои иҷтимоию иқтисодии доғ мекунад. Чи қадар ҷунбишҳои исломӣ то кунун радикал хоҳанд буд - на аз назари хушунат ё хунрезӣ, балки дар пешбурди як барномаи иҷтимоӣ ва иқтисодии пуё, ба вижа ба самти беҳбуд ё ҳалли мушкилоти мардум бошад? Таъкиди зиёди исломгароён бар адолат (адл) ба назар мерасад, ки ба таври табиӣ роҳ ба мавзеъгирии радикалтар дар мавриди масоили иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мешавад. Бо ин ҳол, ҷунбишҳои исломгароёна муҳофизакории иҷтимоӣ ва иқтисодии чашмгиреро нишон додаанд, ба вижа бо таваҷҷуҳ ба ниёзи мубрам ба ислоҳоти амиқи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҷаҳони ислом реша доранд. Тарси онҳо то кунун як суоли ҷиддӣ роҷеъ ба ин ки азҳоби исломии “фурсатталаб” дар воқеъ чи қадар ҳастанд, дубора эҷод мекунад.

Дар Покистон ва Миср исломгароён мухолифи ислоҳоти ҷиддии замин ҳастанд, ки беҳад зарур аст. Дар Покистон онҳо инчунин зидди тамдиди андоз аз даромад ҳастанд дар ҳоле, ки сарватмандон пеш аз ҳама аз набудани он бештар нафъ ё бурд мекунанд. Дар Кувайт бештари исломгароён ба ҳаққи раъй ва ширкат дар интихоботи занон мухолифат кардаанд. Дар ҳоле, ки ислом мутмаинан як мазҳаби ифротӣ нест, аммо яке аз ҳадафҳои аслии он - назми одилонатари сиёсӣ ва иҷтимоӣ бошад. Дар асл исломгароёнро тарғиб кунанд, то сиёсатҳои бунёдитаре барои ислоҳот ва адолати иқтисодию иҷтимоӣ пеш гиранд ё қабул кунанд. Оғози муҳим шояд фарогиртарин вижагии исломгароён, мубориза бо фасод, чолиш ё мушкилоти бисёр бунёдии исломиён барои вазъи мавҷуд (статус - кво) бошад. Аммо суолҳои бузург дар бораи тақсимоти хашини нобаробарии иқтисодӣ ва нобаробарии зиёд дорад ва низоми феодалии моликияти замин ва контрол аз болои мардум, то ҳадде берун аз интиқодҳои исломгароён мондааст. Эрон дар ҳақиқат танҳо ҷоест, ки исломгароён барномаҳои бунёдитаре барои ҷомеа ва иқтисод дар пеш гирифтаанд. Оё исломгароён барои озмоиш сиёсатҳои бунёдии иҷтимоию иҷтисодиро барои оянда қабул мекунанд, махсусан вақте ки норизоиятиҳои иҷтимоӣ дар сатҳи болотар мерасад, ки шахтаи (маъдани) ғанӣ барои манфиати сиёсат мебошад? Жозеф Самаҳа яке аз масъулони нашрияи “ал - Ҳаёт” мепурсад, ки оё исломгароён дар ҳоло ҳозир машруияти кофӣ дар назми сиёсии бисёре аз кишварҳои мусулмонро ба даст овардаанд, акнун онҳо розӣ ҳастанд, ки талош барои “тағйири бузург”-ро канор бигузоранд ва оё ҳамаҷо ҳозир ҳастанд, ба соддагӣ қисме аз бозиҳои сиёсие, ки дар асоси мавзӯи мавҷуд ҳаст монанд.

**Хатарҳои вокунишии исломгароён дар асоси сиёсатҳо**

Оё арзишҳои муфиди сиёсии ғарбӣ сирфан ба ин далел, ки маншаъи онҳо фосид фаҳмида мешаванд, рад мешаванд ва барномаи сиёсии ғарб шубҳаовар аст? Исломгароён ниёз доранд, то он чиро, ки воқеъан рад мекунанд, манбаъ ва идеяҳои худро муайян кунанд. Ин масъала осон ҳал намешавад, то замоне ки барномаи арзишҳои худии Ғарб ба сиёсати хориҷӣ, борҳо интихобӣ, ноҳамвор, худхоҳона ва ба стандартҳои меъёрҳои дугона ва муносиб тавсиф мешаванд.

Паём тавассути хабаррасон хароб аст. Бо ин ҳол исломгароён доим дар ду доми омехта меафтанд. Яке аз намунаҳои муносибат ба Ироқ мебошад. Аксари мусулмонон ба хубӣ огоҳанд, ки Саддом Ҳусейн тақрибан тамоми аҳкоми исломии ҳокимияти одилонаро шикаст ва ба шиддат фишор овард ва ба қатл расонад ва садҳо ҳазор мусулмонон дар ҳамсоягии Эрон ва Кувайтро қурбон сохт.

Ба ин ҳол вақте Саддом бо артишҳои ғарбӣ рӯ ба рӯ мешавад, теъдоди зиёде аз исломгароён дар воқеъ бештари мусулмонҳо мудохилаи низомии ғарбиро ҳамчун

таҳдиде бузургтар дарёфтанд. Саддом ҳамчун як қаҳрамон аст, зеро ӯ бар зидди Амрико муқобила кард.

Ба таври мушобеҳ ҷанги НАТО бар зидди поксозии қавми Сербистон дар соли 1999 дар Косово ба интиқоди шадиди бисёре аз исломгароён ва соири мусулмонон оварда расонд, ки нигаронии бештаре нисбат ба инъитофпазирии зурии НАТО дар як минтақаи ҷадидро нишон дод, ҳамзамон НАТО дар воқеъ дар мусулмонони Косово дар Аврупо бар муқобили зулми сербиҳои масеҳӣ муҳофизат мекард.

Ҳангоме, ки муовини раиси Ҷумҳурии Амрико Ал-Горӣ назди мардум Сарвазири Малайзӣ Маҳатир Муҳаммад барои туҳматаш дар соли 1999 интиқод кард ва раванди муҳокима зидди Анвар Иброҳим яке аз маҳбуб ва барҷастаи исломгароро нишон дод, шумори зиёде аз молоиҳо ранҷиданд, на ба ин сабаб ки онҳо розӣ нестанд, балки ба ин далел ба назар мерасад, ки дахолати беасоси ғарб дар пешниҳоди интиқод аз молоиҳоро нишон медиҳад. Дар соли 2001 ҳангоме, ки эътироф карданд, ки ҳамлаи 11 - сентябр ба маркази Тиҷорати Ҷаҳонӣ ҷинояте буд, тақрибан ҳамаи мусулмонон бо ҳамлаи низомии Амрико ба Афғонистон ва сарнагунии давлати Толибон дар ҷанги Амрико бар зидди терроризм мухолифат карданд.

Ба ин ҳол ҷаҳони ислом дар солҳои гузашта тақрибан ба иттифоқи ороъ (андешаҳо) ба режими толибон мухолифат кардааст, ки он намоёнгарӣ як шакли бадавӣ ва шармоварии ислом аст. Дар охир ҳамлаи дигари Амрико бар зидди як кишвари мусулмон, ҳамчун бадтар нисбат ба яки он ду режим ё сукути он фаҳмида мешуд. Ингуна вокунишҳои ба зону задан чизи нодурусту бадеро нишон медиҳад.

Хулоса ин ки, исломгароён бештар аз ҳамла ба иддаоҳои душманони ислом ҷунуну васвос нишон медиҳанд, нисбат ба рушди арзишҳои мустақили худ...

**Ислом ва шариат (қонуни ислом)**

Оё воқеан шариат мавзӯи аслии тамаркузи исломгароён аст ё ҳадафи густурдатаре дорад? Исломгароёни бунёдгарона махсусан шариатро ҳамчун унсури асосӣ ва танҳо як шарти зарурӣ барои эҷоди давлат ва ҷомеаи воқеии исломӣ муаррифӣ мекунанд. Ҳамаи инҳо баҳс дар бораи масъалаи воқеъан чи ҳаст "шариат" - ро нодида мегиранд. Оё шариат фаҳмиши танге ҳаст, ки чизе беш аз қонуни исломӣ (фиқҳ), ки тавассути уламо дар тӯли замон сохта шудааст, дарк шавад? Модернистони исломгаро ин диди борик ва суннатиро рад мекунанд ё оё шариат ин мафҳуми бисёр густурдатари роҳи алтернативӣ ба Худо дар маънои аслиаш аст?

Ҳатто иҷрои комили қонуни шариат, аз назари бисёри исломгароён ба худии худ кофӣ нест, то онҷиро ки як кишвари исломӣ қасд дошта бошад таъсис медиҳад. Қонуни шаръ метавонад каму беш ба таври комил иҷро шавад, аммо ҳануз давлат қобилият дар мудирияти одилона ва оқилонаи масоили густурдаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ надорад. Табиист, ки чизи бештаре мавриди ниёз аст, ки метавон аз ислом илҳом гирифта ё асос дар ислом дошта бошад, аммо барои ин хирад ва шуури ҳуқуқӣ эҳтиёҷ дорад. Бештар ислом бо аслҳои ахлоқӣ, дарки ҷаҳон ва робитаҳои инсон бо Худо ва ҷомеа алоқаманд аст.

Ба ин ҳол барои бинандаи ғайримусулмон душвор аст, ки ба муҳиммияти шариат на танҳо барои давлати исломӣ, балки ҳатто ба унвони аслитарин дастури кори ҳизбҳои исломӣ шак кунад. Ҳатто нозири берунӣ ҳамбастагии дидашуданӣ байни аъмоли қонуни шаръ ва дастёбӣ ба ҷомеа ва ҳукумати беҳтар дар ҷаҳони исломи имрӯзро намебинад.

Камтар касе аҳмияти арзишҳои шариатро аз назари каломӣ ва фалсафӣ рад мекунад, аммо бо вуҷуди он метавон аҳамияти меҳварияти онро дар ҳалли диллемаи

асосии имрӯзи мусулмонон зери суол гузошт. Оё кишварҳои пешрав имрӯз истифодаи пурра аз шариатро наздик меоранд, мисли Арабистони Саудӣ, Покистон, Эрон Афғонистон таҳти толибон ё Судон ва муваффақияти бештар дар ҳукумат нишон медиҳанд?

Воқеияти асосӣ ин аст, ки ҳеҷ кишвари мусулмон пешрафти чашмгире дар эҷоди як ҷомеаи идеалитар надоштааст, зеро онҳо ба таври бештаре ба истифодаи комил аз қонуни шариат наздикӣ доштанд. Ин режимҳо ҷомеаи идеалитаре дар чаҳорчуби иқдомоти "дунявии" суннатие, ки муштарак исломгароён гузошта шуда монанди пешрафти иқтисодӣ, сиёсати омӯзишӣ, адолат дар ҷомеа, оромиши иҷтимоӣ, баробарии назми иқтисодӣ, ҳокимияти беҳтар, дастовардҳои фарҳангӣ, қудрати миллӣ ё ҳимояти иҷтимоӣ аз режим пешрафте надоштанд.

Албатта шариат барои тақвияти фаҳми ахлоқӣ ва ҷомеа аз аҳмияти асосӣ бархурдор аст. Аммо шариат васеътар дар ҳавзаи ахлоқии зиндагии башар фаъолият мекунад ва муҷаҳҳаз нест дар воқеъ ва он таъин нашудааст, барои муқобила бо мушкилоти амалии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодие, ки ҳамаи ҷомеаҳо ва давлатҳои модернро ба хатар меандозад. Ин мушкилот, гарчанде компанет (таркиби)-и ахлоқӣ дорад барои он аст, ки шариат битавонад бархе дастурамалҳои бисёр куллиро пешниҳод кунад, маъмулан бештар фаннӣ (техникӣ), идорӣ, ниҳодӣ (институтсионалӣ) ё қонуни табиие, ки шомили такомули ҷомеаи сиёсӣ дар як сохтори сиёсии муосирро дорад. Ин мушкилот дар ҳоле ки дорои ахлоқӣ аст. Дар воқеъ бисёре аз исломгароёни мадернист таъкид мекунанд, ки шариат як ҳаб (таблетка, қурс) ҷодӯӣ ё модул нест, ки ба соддагӣ бо натиҷаи фаврӣ ба он дастрас шуд.

Исломгароён дар Муҳаммадияи индонезӣ, хотирнишон кардаанд, ки онҳо алоқаманди "масоили бисёр муҳим аз корбурди шариат ҳастанд". Онҳо ба дунболи тақвияти омӯзиш, беҳдошт, иқтисод ва ҷомеаи миллати мусулмон ҳастанд - вазифае, ки шариати бузург ё роҳи Худоро намоёнад. Нокомии давлат ва ҷомеаи муосир ниёз ба ислоҳот ва тағйир дар ҷиҳати ҳукумати хубро дорад. Таъкиди ислом бар мафҳуми ҳукумати хуб ва ҷомеаи одилона метавонад илҳомбахш аз тағйири ҷосурона бошад, ҳатто агар барномаӣ набошад. Аммо ба қудрати намодин ва табиати сиёсишудаи имрӯзи шариат ҳатто модернистони исломӣ бо эҳтиёт нақши зоҳирии шариатро дар зиндагии муосир арзёбӣ мекунанд. Ҳар як аз ҷомеаҳое, ки дар боло зикрашон рафт, дар ҷиҳати ба коргирии комили шариат, ба ин ё он дараҷа бештар муваффақ шуданд. Ҳанӯз аз беадолатиҳои иҷтимоӣ, нобаробарии иқтисодӣ, фасоди ҷиддӣ, набудани ҷавобгарӣ аз тарафи ҳоким, бекифоятии идорӣ, мудирияти бад ва надоштани майл барои иҷозати ширкати мардум дар раванди сиёсӣ ранҷ мебаранд. Ҳар як аз онҳо, бо шурӯъ аз Эрон, ҳанӯз дар суолоти клосикӣ қарор гирифтааст: дар бораи кадом як аз Ислом ё аз кадом навъ исломгароӣ суҳбат мекунем? Оё давлат посухгӯ ба мардум аст? Оё мардум ҳарферо, ки мехоҳанд мезананд?

Чӣ касе ҳақ дорад ислом ё ҳар идеологияи дигареро тафсир кунад? Оё зиндагӣ чӣ аз назари моддӣ ва чӣ аз назари ахлоқӣ ба таври қобили таваҷҷуҳе беҳбуд ёфтааст? Ҳаргуна баррасии ин ҷомеаҳо ошкор мекунад, ки мушкилоти фасод, ваҳшигарӣ, монеаҳо, азхудбегонагӣ, сиёсатҳои бад, суистифодаи ниҳодҳо, бо вуҷуди талошҳои ҷиддӣ барои эҷоди ҳукумати исломӣ ва нақши ҷиддӣ барои шариат аст. Дар ҳоле ки ҳеҷ кас наметавонад интизори ҳокимияти комилро дошта бошад, дар асл мо бояд битавонем баъзе пешрафтҳои ҷиддӣ барои беҳтар кардани ин ҳавза дошта бошем, зеро гомҳои ҷиддӣ дар ҷиҳати истифодаи гузтурдатар аз шариат бардошта шудааст. Дар ҳақиқат мо дар аксари ин иёлатҳо, сиёсатҳо ва шароитҳоеро мебинем, ки ҳадди ақал,

ҳамин тавр бад ҳастанд мисли иёлотҳое, ки ба андозаи камтаре ё ҳеҷ вазне дар шариат надоранд.

Акнун биёед мефаҳмем ин худ шикасти ислом нест. Баъзе аз исломгароён даъво мекунанд, ки исломи сиёсӣ ҳамон чизе аст, ки ислом аст. Мушкил ин аст, ки ислом ҳанӯз ба тарзи тоза, ҷасурона ва кофӣ ба ҳадди кофӣ васеъ тафсир нашудааст, то дар шароити сиёсӣ ва иҷтимоии муосир тавонад кор равад. Исломгароён ба таври рушан байни он чи ки марбут ба ислом аст ва мазуъоти сиёсии "секуляризм" чист, фарқият қоил нашудаанд. Арзишҳои амиқтаре аз ислом барои касоне, ки тақрибан мушкилоти сиёсии ҷаҳонӣ дар зиндагии сиёсӣ ва иҷтимоии мардум доранд мутобиқат ва корбурдӣ нашудааст. Мафҳумҳои исломӣ ҳамон тавре, ки дар фиқҳи он (баданаи ҳуқуқи исломӣ (қонуни асосии исломӣ)) нишон дода шудааст ва фалсафаи сиёсие, ки умуман бо замон, макон ва шароити таърихӣ марбут аст, мушкил аст онҳо имрӯз бе таҷдиди фикр ва иҷтиҳод ба кор бурда шавад.

Оре, Худо шариатро нафиристодааст: Ӯ Қуръонро фиристодааст, ки Пайғамбар кушиш кунад, пайдарпай ба фаҳмиши беҳтарини худ - ҳамон тавре ки дар ривоятҳои Пайғамбар дида мешавад - ба амал барорад ва донишмандон - инсонҳо бошанд шариатро дар асоси ин ду сарчашма сохтанд. Бинобар ин қонуни шариат таълифе аз башар аст, ки дар пайи асрҳои тулонӣ аз фақеҳони мухталиф дар мавриди чигунагии Қуръон ва ривоятҳо ба таври дақиқтар бар он чи дар ҷомеаи пеш аз мудерн (муосир) буд истифода мешавад. Тафсирҳо ва таъкидот метавонад дар воқеъ мутаносиб бо воқеияти замон фарқ кунад. Дар воқеъ, пазириши шиори мубҳам "Ислом як роҳи ҳал аст" бисёр соддатар аст, то андешаи хоссатар, ки "шариат як роҳи ҳал аст".

Идеяи аввал, ки ислом баданаи ғанӣ аз тафаккури фалсафӣ ва ахлоқиро ирода дорад, ки метавонад роҳнамои асосӣ, биниш ва хирад барои ҷомеаҳои мушкилдори муосир бошад. Идеяи дуюм пешниҳод мекунад, ки аллакай як пайкараи қонунии мушаххас, мавҷуд аст, ки ба таври автоматӣ (худкор) агар ба таври комил фаъол карда шавад посухгӯи тамоми ниёзҳо мебошад. Ҳудуд (муҷозоти исломӣ) ҳатман ҳеҷ чораи худкор пешниҳод надоранд: чи дузди зиндонӣ бошад ё дасти ӯ қатъ шавад, ҳам мушкилии ахлоқии дуздиро тағйир нахоҳад дод. Масъалаи иҷтимоии воқеии ҷурм ин аст, ки оё муҷозот сахтгирона ё бо камтар сахтгирӣ, муоссир аст, баҳсест, ки дар ҳамаи ҷомеаҳо анҷом шудааст.

Шариат дар воқеъ амиқан аз шароити иҷтимоии мутафовут огоҳӣ доранд, ки мумкин аст муҷиби дуздӣ шавад ва судяҳо низ заминаи қонунии кофӣ барои тафсир ва истифодаи онро доранд. Зино инчунин метавонад муҷозот шавад, агар ҷомеа бихоҳад, ҳарчанд ба саҳни муҷозот шавад, аммо навъи дақиқи муҷозотро ҷомеа тасмим бигират, ки муҷозоти эъдом (куштан)-ро барои зино қарор кунад.

Оё сангсор кардан ба хости Худо наздиктар аст (бозгашт ба аҳди қадим), нисбат ба тазриқи кушанда. Фиқҳ бо гузашти замон ба гузаштаи исломӣ робита дорад ё гиреҳ хурдааст, бимёре аз вижагиҳои он дар муддати тӯлонӣ аз байн рафта ва имрӯз ба нудрат дар як нури муосир тафсир мешавад. Ба унвони мисол, бардадорӣ ё ғуломдорӣ аз ибтидои башар як институти тақрибан ҷаҳонии ҳамаи ҷомеаҳо будааст, ки дар аҳди қадим ва ҷадид ва Қуръон зикр шудааст ва қавонине дар мавриди рафтори саҳеҳ бо бардаҳо дар шариат ҷойгир шудааст, аммо имрӯз ба сахтӣ ҳеҷ мусулмоне пешниҳоди бозгашт ба он рӯзҳоро надорад. Арзишҳои муҳофизакоронаи иҷтимоӣ тавассути ҳар ҷомеа дар таърих ба рӯшанӣ нисбат ба замони худ ҳифзу нигаҳдорӣ шудааст. Аммо сиёсатҳои муҳофизакоронаи суннатии хос барои пеш аз давраи модернизм, тарроҳи шудаанд рӯ ба рӯ бо воқеиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва технологии имрӯза чи қадар

воқеъӣ ҳастанд? Имрӯз занон ба таври умумӣ бахше аз нерӯи кор ва як ҳабби контроли таввалуд вуҷуд доранд ва паҳнкунандаи қоидаҳои иҷтимоӣ ҳастанд, ки ин ҳама мавзӯҳои муносиб барои баҳси мавзуъии муҳофизакорон ва озодандешон мебошад. Арзишҳои иҷтимоии муҳофизакорон хубанд, аммо вазн, таърих ва пазириши онҳо фақат дар ҳадде аст, ки ба воқеиятҳо ва ниёзҳои муосир вобаста бошанд. Усули ахлоқии исломӣ бо тафсири муназзами мутобиқ бо воқеиятҳои мавҷуд ва ризоияти иҷтимоӣ метавонад ба таври доим мавриди тавҷҷуҳ қарор гирад.

**Ҳамгироии (интегратсияи) Ғарб ва фарҳанги сиёсии исломӣ**

Ҷанҷолбарангез барои исломи сиёсӣ дар асри XXI ин аст, ки фақат ҳамгироии ҷанбаҳои густурдаи андешаи сиёсӣ ва таҷрибаи сиёсии ғарбӣ, исломро тавоно хоҳад сохт, то ба унвони як нерӯи сиёсии маънодор - ба вижа дар ҳавзаи институтҳои демократӣ зинда нигоҳ дорад. Аммо, баракс такомули андешаи сиёсии густурдатар дар ҷаҳони ислом наметавонад, ниҳоятан пешрафт кунад ё шукуфо шавад, магар он ки ба таври хос боис шавад, ки андеша ва суннатҳои исломӣ низ дар он ғунҷонида шавад. Моделҳои сиёсии ғарбӣ барои ҳокимият дар ҷаҳони ислом монанди дарахтони пайвандёфта хушк хоҳанд шуд, магар ин ки дар баргирандаи парвариши фарҳанги исломӣ бошад, ки исломи сиёсӣ аз андешаи сиёсии асил ва “муътабар” дар ҷаҳони ислом ногузир ва зарурӣ аст. Дар ниҳоят, имрӯз ҳеҷ фикри “муътабар” вуҷуд надорад. тамоми афкори ҷаҳон аз сунатҳои пешинаи тамаддунҳои мухталиф дар замонҳои мухталиф баҳра мегиранд. Ҳатто тасаввуроти Юнони Бостон, ки муддатҳои тӯлонӣ решаи аслии фарҳанги Ғарб ҳисобида мешуд, акнун ба назар мерасад, ки худ ба шиддат наздик ба тамаддунҳои пешинаи Ховари Наздик аст. Агар андешаи исломгароёна имрӯз ба андешаи “ғарбӣ” пас, бар ниҳодҳои модерн, ки реша дар Ховари Наздик доранд такя мекунад.

Танҳо замоне аст, ки худи андешаи сиёсӣ ва иҷтимоии исломӣ, ки мудатҳо ё шахшуд аст аз тариқи таъомул бо неруҳои хориҷӣ шуруъ ба такомул мекунад, ки рушди фикрӣ ва тавсеаи ниҳодии воқеӣ падидор мешавад. Дар ҳамин ҳол, талош дар ҷаҳони Ислом барои пешбурди тафаккури сиёсӣ ва иҷтимоии комилан мустақил аз чаҳорчуби фарҳанги исломӣ маҳкум ба шикастагӣ, якпорчасозӣ, береше ва бегона шудан аст. Бинобар ин “ғарбӣ шудан”-и зоҳириро, ки дар сатҳи нухбагони ҷаҳони ислом мушоҳида мекунем, иқдоми фиребандае барои пешрафти воқеии раванди сиёсӣ ва фикрӣ дар ин ҷомеа мебошад, ҳатто агар ин амр таҳсини сатҳии ғарбиро барангезад. Ғарбгароӣ тавассути ҳукм ва қудрат нишонгари таҳмили пушиши ғарбӣ дар бораи фарҳанг ва амалкарди исломӣ аст, ки дар навбати аввал ба нафъи нухбагон аст, аммо натавониста ба решаҳои ҷомеа ва фарҳанги мусулмононӣ бирасад. Тааҷҷубовар нест, ки мо шоҳиди аксари мардуми ин ҷамъият (мусулмонҳо) ҳастем, ки эҳсос мекунанд арзишҳои суннатии худро нодида гирифта, худро дар раванди навсозии нухбагон пушти сар гузоштаанд.

Дар воқеъ “ғарбгароӣ” ва “дунявият” номи баде ёфтаанд дар шинохти маҳаллӣ ба унвони идеологияи ҳоким бар истибдод ва бештар низоми коррупсионие, ки пуштибонии шадиди Ғарбро доранд. Ҷолиб инҷост, ки талошҳои режимҳои мухталифи мусулмонон барои ба даст овардани намуди дифоии исломӣ ба умеди ҷалби ризоияти тудаҳо ва дастёбӣ ба машруъияти бештари исломӣ аз ҷиддияти каме бархурдор буд, нисбати талошҳои исломи сиёсӣ барои муқобила ба консепсияи ғарбӣ. Фарҳанги анъанавии исломӣ маҷбур шудааст, то идеяҳои ғарбиро ба сурати интихобӣ ҳамгиро намояд ё ба ҳам оварад, зеро арзиши онҳоро дар назми исломии оянда дарк кунад.

Исломгароён интихоби дигаре надорад, чуз ин ки ба сурати интихобӣ бо арзишҳои сиёсии ғарбӣ ба унвони баданаи ҳоким бар андешаи сиёсӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ба ҳам биёянд. Натиҷа бештар мусбӣ нисбат ба манфӣ буд, зеро боиси таҳаввули сиёсии воқеӣ дар замонае шуд, ки суннатҳои исломиро қатъ намекунад.

Ҳамин тавр, ҷунбишҳои исломгароён, нахустин ҳамгироии ҷиддии фикрӣ байни ду неру дар андешаи сиёсии исломӣ ва ғарбиро ба шеваҳое тарроҳӣ мекунанд, ки ба навъе ҳамгироии воқеӣ ба ҷои навсозӣ (модернизация) аз тариқи зиннат (дизайн) бахшидани суннат анҷом мешавад. Бархе аз исломгароён (ва бештари ғарбгароён) аз деворихои байни ин ду фарҳанг хушҳол ҳастанд, аммо бештари мардум ингуна нестанд. Онҳо мефаҳманд, ки таъомули (ҳамкории) фарҳангҳо ва тамаддунҳо, то замоне ки як унсури аслӣ (калидӣ) дар раванд вуҷуд надошта бошад, пешрафт нахоҳад кард.

Бинобар ин, исломи сиёсӣ саранҷом василаи асосӣ барои рӯёрӯй баҳсу гуфтугӯ, талқин, ҳамгироӣ ва оштии ин нерӯҳои бузурги фарҳангии фарҳанги исломӣ ва ғарбӣ дар асоситарин сатҳ табдил мешавад, ки барои заминасозии тадриҷӣ ва наздикӣ бо ҳам дар сатҳи рушанфикрон ва тамоми мардум мешавад. Ба таври табиӣ “исломи сиёсӣ”-и ягона вуҷуд надорад ва гуруҳҳои мухталиф ба самти пазириш ва ҳамгироӣ ё радди ақидаҳо (идеяҳо) ва институтҳои сиёсии мунтахаби Ғарб бо суратҳои мухталиф ҳаракат хоҳанд кард. Ин раванди ногузир аст.

Туркия нахустин кишваре хоҳад буд, ки дар дастёбӣ ба як оштии воқеӣ ва ҳамгироии исломӣ ва суннати демократии либералии ғарбӣ муваффақ шавад. Ман ба нухбагони дунявии камолистии Туркия ишора намекунам, ки асосан таҷрибаи исломиро рад мекунанд, балки ба синтези ҷадиде, ки дар Туркия ба воситаи пазириши тадриҷии исломгароёни модернист дар ниҳодҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ зуҳур мешавад, ишора мекунам. Ин иттифоқ меафтад, зеро Туркия дар эҷоди ниҳодҳои модерни ҳокимияти демократӣ аз ҳар кишвари мусулмони дигаре пешрафт кардааст ва таҳаввулоте ки исломгароён онро аз дигар исломгароён фарқ мегузоранд. Бинобар ин вазифаи Туркия дар ҳоли ҳозир боз кардани системаи комили демократисозии он ва бозгардонидани муҷаддади аносири иҷтимоӣ ва идеологие аст, ки дар тӯли иҷбории ғарбӣ шудан бар ҷой монда буд. Бештари нухбагони Туркия кайҳост дар роҳи ташхиси ин нокомиҳо ва ногузирҳост. Онҳо ниёзи ҳамгироӣ ба нафъи ҳамоҳангии иҷтимоиро арзёбӣ мекунанд ва эътироф мекунанд, ки фишор аз ҷониби унсурҳои иҷтимоии маҳруммонда дигар мумкин нест ба осонӣ дар давлати демократӣ бекор шаванд, дар ҳоле, ки орзуи узвият дар Иттиҳодияи Аврупоро кӯшиш мекунанд.

**Ислом ва роҳбарӣ**

Ҷунбишҳои исломгароӣ ба таври беқувва қодир ба роҳбарӣ дар аксари арсаҳои сиёсии интихобии худ ҳастанд ва бисёр аз онҳо дар ҳоли анҷоми ин кор ҳастанд. То ҳатто агар исломгароён роҳбарии арзишҳои исломиро ба густурдае аз як қатор суолҳои муосир пайдо кунанд, бояд боз ҳале собит кунанд, ки илҳоми хосе, ки аз онҳо иброз мешавад марбут ба мушкилоти мавриди назар аст. Агар ин рабте надошта бошад, ин тақсири ислом нест, балки дарки нодурусти тафсир, камбудии тахаюл ва истеъдоди сиёсии онҳост. Исломгароёни мухталиф дар кишварҳои мухталиф барои дарк ва ба коргирии роҳнамоиҳои исломӣ равишҳои мухталифе пешниҳод мекунанд.

Ҳеҷ кас наметавонад пешбинӣ кунад, ки онҳо чи қадар муваффақ хоҳанд буд, аммо онҳо ҳадди ақал як нерӯи мардумиеро пешниҳод медиҳанд, ки битавонанд низоми сиёсиро дар дохили кишварҳои авторитариеро, ки имрӯз комилан номуваффақ ҳастанд, боз кунанд. Ҷунбишҳои исломгароёна то муддати тулонӣ дар саҳнаи сиёсӣ боқӣ хоҳанд монд, то ин ки тавассути касоне, ки посухҳои беҳтар ва созмондиҳии беҳтаре доранд,

гирифтор нашаванд. Оё дар мавриди ҳудуди васеъи фаъолиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоии исломгароён ҳеҷ чизи ҷадиде вуҷуд дорад?

Оре, ҷунбишҳои исломӣ дар гузашта тавонистанд дар асосии мавзӯоти хос, масалан Исёни Ҳинд зидди Англис ё ҷунбиши зидди Англисӣ дар мавриди молиёти табак (духониён) дар Эрон дар аввалҳои асри XX-ум ё муборизаи зидди истеъморӣ дар ал - Ҷазира мардумро ба сурати муваққат ва вижа ба ҳам оранд. Ин созмон шомили як созмони собит бо қонунҳои расмии созмонӣ, будҷаи аслӣ, коркунон ва даргир дар як барномаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ ҳамеша дар ҳоли таҳаввул аст. Ин ба ин маъно нест, ки исломиён як порча ҳастанд. Исломистон бо мушоҳидаҳои бисёру аз техникаи ба тахриковарандаи коммунистон ва натсионалистони араб миёнаҳои асри гузашта чизҳои зиёде омӯхтанд, ки ҳамчунин аввалин ҷунбишҳое бо ҳадафи ба ҳарорат овардани мардум мебошад.

**Масъалаҳои воқеии иқтисодию иҷтимоӣ**

Сиёсат бисёр муҳим аст, аммо бархе омилҳои иҷтимоию иқтисодии сахт низ муҳим мебошад. Иқтисоддони сиёсӣ Олен Ричард нуҳ масъалаи аслии иҷтимоию иқтисодиро мушаххас мекунад, ки бояд ҳар давлати Ховари Миёна бо он рӯ ба рӯ бошад, ин ҷомеаҳо саривақт ҳолати нобудии худро дар ҷаҳон, новобаста аз сиёсат бояд аз байн баранд.

Давлатҳо бояд бо бозгардондани рушди иқтисодӣ, маҳдуд кардани густариши ҷамъият, фароҳам овардани шуғл, коҳиши фақр, муқобила бо шаҳрнишинӣ, сарфаҷӯӣ дар масрафи об, ба даст овардани ғизо, қатъ кардани тахриби муҳити зист, ҷазби пули пасандозҳо барои сармоягузорон аз хориҷ ва дохили кишвар рӯёрӯӣ шаванд.

Мумкин аст бипурсем, ки исломгароён равишҳои (руйкардҳои) нав дар кадом заминаҳоро тавсеа додаанд. Дар заминаи муқобила бо шаҳрнишинӣ, исломгароён аз тариқи фазои густурдае аз хадамоти иҷтимоӣ, дар бисёре аз кишварҳо нақши муҳиме доштанд. Бисёре аз вазифаҳои дигар фақат таввасути як давлат метавонад анҷом ёбад, на тавассути ҷунбишҳои сиёсӣ. Ҳангоме, ки исломгароён аз тариқи парлумон вориди сиёсат мешаванд, маҷбур хоҳанд наздиктар ба ин вазифаҳо бипардозанд, шояд фурсате барои мушорикат дар тафаккури сиёсат фароҳам кунанд.

Ҷазби пул аз сармоягузорони хориҷӣ мумкин аст аз корҳои душвор барои исломгароён бошад, бо қазоват дар мавриди собиқаи онҳо дар замони қудрат ва шубҳаи зиддихориҷии он дар ҳангоми надоштани қудрат. Як мутолиаи пешгоми дигар, ки тавассути UNDP дар миёнаҳо соли 2002 мунташир шуд, се минтауаи буҳрони асосиро барои ҷаҳони араб мушаххас кард, ки ниёз ба таваҷҷуҳи фаврӣ дорад: 1) набудани озодии назми сиёсӣ, монеъ аз он мешавад, ки кишварҳои арабӣ аз имкониятҳои инсонии шаҳрвандони худ истифода кунанд ва ислоҳоти лозимро пеш гиранд; 2) сатҳи пасти таҳсилоти бисёри шаҳрвандони худ, онҳоро барои созгорӣ бо шароити дунёи муосир носозгор мекунад; 3) ва вазъияти иҷтимоии поини занон, ки ба пешрафти имконияти ҳирфаӣ ва иҷтимоии ҷомеаи араб осеб мерасонад; 4) дар ин се ҳавза, исломгароён танҳо ба нуқтаи аввал, яъне ниёз ба озодсозии сиёсӣ ва ислоҳот таваҷҷуҳ кардаанд.

Дар заминаҳои омӯзиш ва пешрафти занон, исломгароён бо интихоби асосӣ рӯ ба рӯ ҳастанд. Онҳо ё метавонанд аз рукардҳои суннатӣ, муҳофизакорона ва сахтишудаи “исломӣ”-и гузашта, ки ҷомеаи арабиро ба ҳадди поини имрӯза дар ҷаҳони муосир оварда расониданд пуштибонӣ кунанд ё метавонанд ташаббусро ба даст гирифта дар тавсеаи дарки ҷадид ва муосири руҳи Ислом, барои пешравӣ ва тағйиру таҳаввули воқеӣ қадам ниҳод. Исломгароён аз кадом роҳе пеш мераванд ва онҳо як гурӯҳи ҳамчун

(монанд) нестанд - таъйин мекунад, ки оё онҳо бахши асосии ояндаи ҷаҳони Ислом хоҳанд буд ё ба берапту монеагарой вобастаанд.

**Таъкидҳои умумӣ дар Ислом**

Динҳо метавонанд якдигарро аз ду тариқи комилан мутафовит бубинанд: онҳо метавонанд ба мушорикат ё мухолифати худ нигоҳ кунанд. Ҳар интихоб дорои паёмадҳои азиме аст. Таъкид бар мушорикат, ба маънои талош барои ҳамзистӣ ва ба тафоҳум расидан ва ғалаба бар ихтилофоти фарҳангӣ ва муҳимтар аз ҳама пайвастан ба арзиши ҳамбастагӣ ва таҳаммул ба унвони бахше аз як дидгоҳи динӣ аст. Таъкид бар мухолифат ё тафовут, ҷустуҷӯи онҳо барои арзёбӣ ва муомила ё рафтор кардани ортодокси динӣ ва ҷудоихоҳӣ ба таври як арзиши олӣ.

Ихтилофоти амиқ дар равоншиносӣ ва ҷомеашиносӣ ба асоси интихоб аст. Равоншиносӣ, ки бар тафовутҳои беш аз ҳад муштарак таъкид мекунад, бар набудани амнияти ҳуввияти мазҳабӣ, иҷтимоӣ ва осебпазирии ҷомеа бастагӣ дорад: ин таҳриқ медиҳад болои фарқиятҳо таваҷҷуҳ кунем - барои шиносоӣ, таъкид ва ҳимоят, ки чӣ вижагии мунҳасир ба худи ман аст, мавриди таҳдид он чи дар Шумост мегардад. Барои он ки дар муштаракот таъкид кунем, дар сатҳи муайян аз амнияти иҷтимоию ҷамъиятӣ ва боварӣ бархурдор буд, ки шахс ягон таҳдид аз тарафи “дигаре” ки он қудратманд бошад эҳсос накунад. Бо ин ҳол ҷунбишҳои исломгароёна рӯ ба рӯ ба мушкилоти бузург барои аз байн бурдани набуди ҳуввияти амниятие ҳастанд, то ҷасурона бо тағйироти мавриди ниёз истодагарӣ кунанд, барои асолат ба маънои ҷустуҷӯи чизе аст, ки мунҳасир ба ислом аст ва чи чизе онро дар ақидаҳои дигар ҷудо мекунад бошад, исломгароён наметавонанд дар муддати тулонӣ шукуфо шавад. Ин ихтилоф мумкин аст марбут ба ҳифзи суннати ҷомеа бошад, аммо ба моҳияти як мазҳаби ҷаҳонӣ набошад.

Дар оянда исломгароён аз назари сиёсӣ ҳамон вақт пешравӣ мекунанд, ки ақидаҳои муштарак бо дигар ақидаҳо дошта бошанд. Ин як маънои касратгароӣ ва аввалин гом барои эҷоди баданае аз арзишҳои ҷаҳонӣ мешавад, ки метавонад ҳизбҳо ва гурӯҳҳои дигарро низ шарик сохт, агарчӣ барои барқарории иттиҳоди сиёсӣ он кофӣ нест.

Доктор Алии Мазруъӣ аз ҳизби исломгароии Кеняӣ сухбат мекунад, ки узвияти ҳар муъдақидони мазҳабӣ, то замоне, ки муштарак бошанд, на барои ислом, балки барои бархе аз арзишҳои аслии мусулмонон, ки тавассути ин ҳизб ба унвони нақши аслии он шинохта шудаанд, боз аст. (6) Наҳзати Нур дар Туркия мекушад, то арзишҳои муштаракро бо соири динҳо мушаххас кунад, тақрибан дар ин гуфтугӯҳо “Ислом бидуни ислом” натиҷа мегирад-ин як падидаи мазҳабӣ аст, ки ба маънои ҷаҳонӣ барои афроде, ки ба таври хос аз василаҳои фарҳангии мусулмонон истифода намекунанд баён шудааст. Як тарзи арзишгузорию ҷиҳатдор ба истиҳкоми васеъ ҳаракат мебахшад ва онро барои як афроди бегона камтар хатарноктар аз як рӯйкарди асос бар анъана таҳдид мекунад.

Имрӯз бисёре аз ҷамъиятҳо ва масҷидҳои мусулмонон дар Амрико бо аъзои ғайри мусулмони ин ҷомеа барои ёфтани посухҳои рӯзмарра дар мавриди мушкилоти муштарак ба таври мушобеҳ даст меёбанд.

Имрӯз бисёре аз ғарбиён аз бархе масоиле, ки ҷомеаи ғарбӣ дар назар гирифтааст норозӣ ҳастанд, ки ба назарашон носолим аст. Бисёре тааҷҷуб мекунанд, ки чи гуна ҷомеаи ғарбӣ метавонад чолишҳои даврони пасомадернро бо хурд кардани густурдаи ҷомеа, озодсозии фардгароии бемонеа, коҳиши шуури иҷтимоӣ ва таахҳудоти (масъулияти) иҷтимоӣ, густариши гуногуннавъӣ, агар хаос (харачу марач) дар миёни идеяҳои рақобатпазир, арзишҳо, хоҳишҳо ва робитаҳои мутақобил ба вуҷуд меояд густариши шикофи (рахнаи) даромадҳо бар бозор ба унвони қудратмандтарин тасаллут

бар ҷомеа мебошад. Ҷунбишҳои зиёде дар ҷустуҷӯи иқдомҳои ислоҳӣ барои осебҳои ошкорои иҷтимоӣ фаровон мебошанд. Дар ин маъно, ҳеҷ кас наметавонад бовар дошта бошад, ки оё мумкин аст саранҷом навъе ҳамгироии ниҳоӣ байни ҷаҳони мудерни ғарбӣ ва суннати динӣ, аз ҷумла Ислом бар сари мавзӯъҳои муштараке, ки нигаронӣ аз асосҳои ахлоқии як ҷомеаи солим доранд эҷод мешавад ё не. Ман дар бораи иттиҳоди байни мусулмон ва масеҳиёни бунёдгаро суҳбат намекунам, балки ба як дидгоҳи бештар дорои мушкилоти ахлоқии муштарак ва чолишҳое, ки ҳамаи ҷомеаҳо рӯ ба рӯянд.

Ҳар гуна чунин ҳамгироӣ метавонад ақибнишиниро нишон диҳад, аз ҷумла, аз баъзе хусусиятҳои паҳнгаштаи индивидуализми Ғарб ба номи ҳамбастагии бештари иҷтимоӣ, манфиати дарозмуддати иҷтимоии бешумор олимон, аз ҷумла ҳаракати коммунистии Амрико.

**Дин ва чолишҳои постмодернӣ**

Вижагиҳои боризи даврони посмодерни мо ҳамлаи доимӣ ба мафҳумҳо ва ҳақиқати модернизм аст. Модернизм моҳиятан лоиҳаи чорсад солаест, ки дорои раванди дур шудан аз имон ва эътиқод (инчунин хурофоти оддӣ) ҳамчун асос барои дарки корҳои ҷаҳони моддист.

Модернизм дарбаргирандаи ақл, хирадгароӣ (ратсионализм), илм, мусбатгароӣ (позитивизм) ва таҷрибагароӣ мебошад. Дар натиҷа, ҳар дине маҷбур шудааст, то дар бисёре аз мавзуъҳои амиқи худ дар мавриди масъалаҳои ҷаҳони моддӣ таҷдиди назар кунад ва моҳият, манбаъ ва мизони иқтидори диниро дар назар бигирад.

Ҳама динҳо маҷбуранд эътироф кунанд, ки афкори модернистӣ асоси фалсафии ҳукмрон ҷомеаи муосир буд .

Рушангарӣ имони ҷадидеро ба неруҳои таълим ва ақлгароӣ бино ниҳод ва хушбинии наверо эҷод мекунад, ки ба василаи он инсонҳои огоҳ ва боақл, оқилона аз ин ру интихобҳои ахлоқӣ барои беҳзистии худ ва ҷомеа анҷом медиҳанд. Ҳокимият акнун метавонад танҳо бо нишон додани маҳоратҳо ва дониши қобили исбот ва на бо маҷбур кардан ба эҳтироми анъанаҳо ва бузургон пазириши худро ба даст оварад.

Дар ҳоле, ки таҷрибагароӣ ҷойгузини тавзеҳоти асосҳои имон ё ирфони дунёи моддӣ шуд, аммо динро дар масоили арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ ҷойгузин накарда ва ҳаргиз нахоҳад кард. Илм ҳаргиз наметавонад ба саволҳои фалсафӣ ба мисли чаро мо дар дар рӯи замин ҳастем, ҳадаф аз зиндагии фардӣ бояд чӣ бошад ва маънои марг чист, ҷавоб диҳад. Ин хел бояд набошад.

Аммо шакку тардидҳое, ки дар мавриди фоидаҳои ақлгароӣ ва позитивизм вуҷуд дорад аз ҳамон аввалҳо дар интиқодҳои мухталифе аз проекти рушангарӣ вуҷуд доштааст - ҳатто ба ин нигоҳ накарда позитивизм дар асри мо аз пешрафтҳои чашмгири технологӣ ва илмӣ баҳравар гардид. Ва бисёре аз мунаққидони модернизм дар воқеъ исботи тарсҳои худро дар поин омадани арзишҳои ахлоқи қарни бистум дарёфтанд; даҳҳо миллион нафар аз мардум тавассути равандҳои "ақлонӣ"-и давлат ва идеологияҳои моддӣ бо равише воқеан беназир дар таърихи ҷаҳон кушта шуданд ва ба арзишҳо ва ҳатто эътибори асосҳои ахлоқии модернизмро зер шакки ҷиддӣ қарор доданд.

Модернизм суннатгароиро (анъанавӣ) барҳам пошид. Боварӣ ба фармонҳои муқаддаси осмонӣ, ки ҳама чизро дар як макони муқаддаси низоми илоҳӣ вогузор мекунад, онро бо далели норушане (бештар аз назари ахлоқӣ норавшан) бюрократияи ғайриахлоқӣ расмӣ, саноаткунонии неруҳои ғайри инсонӣ ва корбурдҳои бозорӣ ҷойгузин кард.

Аммо бо пайдоиши пайомадҳои зиндагии сиёсии асри XX имконияти материалистӣ ва руҳонии ақлгароӣ ва ақл ба тbabри физояндае тарсафкан шуд. Ниче кайҳо дар бораи арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии "марги Худо" мулоҳиза кард. Фрейд эҳтимоли вуҷуди хирадгароии воқеии дар зеҳни инсонро низ мавриди омӯзиш қарор додааст. Ҳамон тавре, ки ӯ кашф кардааст (зеҳни инсон) таҳти султаи ангезаи шайтонҳои пинҳон, такон диҳанда ва васвасакунандаи идеяҳо дар масириҳои нохудогоҳ аст, ки фақат то ҳадде аз роҳи ҳунари ноқиси равонковӣ (психоанализ) ошкор мешавад.

Ҳамла ба дин ва ҳикмати иктишофии илоҳӣ бо зуҳури тадриҷии андешаи посмодернизм як қадам фаротар рафт. Бо посмодернизм, худи вуҷуди "ҳақиқат" машкук шуда, ба унвони як мафҳуми комилан нисбӣ бозтоб шуд. Чашмандози бузурги посмодернистӣ дар он ҷамъбаст карда мешавад, ки ҷаҳонбиниҳои бисёр, нисбигароӣ, носозгории маҷозии ривоятҳои мухталиф дар мавриди ҳар яке аз зиндагии ҷудогонаи мо ва баёни ин ки қудрат таъин мекунад, ки "ҳақиқат" чист тақвият ёбанд. Чигуна дарки як марди сафедпусти амрикоӣ аз "воқеияти" таърихӣ ва иҷтимоӣ аз дарки як зани сиёҳпуст фарқият надошта бошад? Оё дидгоҳи амрикоии муваффақ бо дидгоҳи мусулмони заиф нисбат ба ҳамон воқеият дар ҷаҳон ҳеҷ иртиботе надорад? Ҳақиқати ривояти як шахс ё як фарҳанг дар ҳоло ҳозир аз ривояти дигаре ба шиддат фарқ дорад?

Шинохти ин теъдоди ривоятҳо ва нақши дурнамои (чашмандоз) нисбӣ дар арзёбии "ҳақиқат" ба ҳеҷ шарте амиқан аз назари тақдиси фард, ташвиқи баробарии иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва маҳори арзишҳои ахлоқии таҳмилшудаи зеҳние, ки дар зери мутлақият пушонида шудаанд, озод мекунад. Ҳамин тавр барои дин аз замоне, ки модернизм ҷойгузини имон бо илм ва ақл шуд ва посмодернизм, ки на ақлонияти ягона ва на ягон ҳақиқат ё дурнамои воқеияти ягона дар баҳри нисбиятро инкор мекунад, замони сахтест. Ё ҳамон гуна ки тавассути Муқтадир Хон шево баён шудааст: вуҷудияти посмодернизм, ки қалбаш аз имон холӣ нест ва зеҳн бе ақл ноболиғ аст метавонад пояҳои шиканандаи модернизмро аз байн бибарад, хотироти суннатгироиро масхара кунад, аммо наметавонад дарк ва на бо бозгашти имони посмодерн муомила кунад... Касоне, ки дар ҳоли бохт барои модернизм зидди посмодернизм ҳастанд, эҳёи имонро ба унвони бозгашт ба собиқаи промодернитаро рад мекунанд. (8). Муқтадир Хон ҳамчун далел меоварад, ки дар он вақте ки аҳамияти қариб тамоми динҳо ҳамчун "ҳавзаи хусусӣ" буд ё ҳатто ба одоб ва русум ва аҳком гоҳу ногоҳ эҳтиёҷ пайдо мекарданд, Ислом эҳё ё таҷаддуди бузургеро дар асри XX таҷриба кард. Ин бешак аз бисёр ҷиҳатҳо дуруст аст, аммо мо бояд чанд суоли ҷиддӣ бипурсем, нисбати ин ки, он дар воқеъ чи маъно дорад.

Оё ин муаррифии давраи дигаре аз падидаи классикии таҷдиди ислом нест, ки дар давраҳои мухталифи бuҳрон дар таърихи мусулмонҳо зоҳир шудааст? Ё ин бор вай ҳақиқатан чизҳои дигареро муаррифӣ мекунад ва пешниҳоди тафаккури ҷадид дар мавриди нақши ислом дар ҳукмронӣ ва ҷомеа таҳти шароити нав ва бесобиқаи зиндагии мусулмонон: ҷаҳонишавии куллӣ ва демократи кардани давлат ва ҷомеа дар дунёи посмодерн мебошад?

Агар ислом ба соддагӣ инчунин чархаи дигаре аз ренесанси исломиро дар тули буҳрон тай кунад, пас эҳёи исломи ҳозира, як бори дигар нақшаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ маҷбур ба бозсозӣ ва тағйир дар ҷаҳони исломро амалӣ мекунад, ки мумкин аст пас аз он ба ҳамин далелҳо маҳв шавад, ки мо маҳв шудан дар амалкарди умумии ҳамаи боварҳои динҳоро мушоҳида мекунем. Ба ибораи дигар, агар бештари динҳои ҷаҳонӣ "посуххои муносиб" барои буҳронҳои муҳими сиёсӣ ва иҷтимоии асри мо пайдо накардаанд, оё ислом беҳтар анҷом медиҳад. Аммо, дар воқеъ мушкилоти модернисм ва

посмодернисм тавассути ҳеҷ мазҳабе посух дода нашавад, ҳадди ақал аз назари бунёди институтҳо ва қонунҳои нав. Саҳми ҳамаи динҳо аз ҷумла ислом, мумкин аст ниҳоятан дар сатҳи хусусии виҷдон бошад, ки ба сабаби он фард ҳангоме, ки сохторҳои умумии мавҷуд натавонанд ниёзҳои маънавӣ ва ахлоқии ҷомеаро қонеъ кунанд, роҳнамоии ахлоқиро барои сохтори зиндагӣ пайдо кунанд. Дар воқеъ барои гурӯҳҳои майлдошта ба даъват, фақат аз тариқи ислоҳоти фардӣ метавонанд поя ва асоси таҳаввулоти ахлоқӣ дар сатҳи иҷтимоӣ ва институтсионалӣ (ниҳодӣ) эҷод шавад.

Дар воқеъ, ин раванд мумкин аст ояндаи ҳамаи динҳоро тавсиф кунад. Мо вориди даврае аз фардгароии шадид ва нисбияти арзишҳо шудаем. Вижагиҳои фосидкунандаи иҷтимоии модернисм ва посмодернисм ва ҳамчунин мафҳумҳои ҳастаи демократикунонӣ, гуногунақидавӣ ва таҳаммулгароӣ бори сангини наверо руи шонаҳои фард қарор диҳанд, то битавонад наҳваи зиндагии худро дар атрофи як маҳфили фарҳангӣ ва мазҳабӣ мушаххас кунад. Ин дар ҳоли ҳозир ҷанбаи наве зиндагии мазҳабии имрӯз дар Амрико мушоҳида мешавад, ки “ин корро анҷом деҳ”, ҷойе, ки шахс барои худ тасмим мегирад, то муносибтарин баданаи эътиқодҳо барои зиндагии худаш бошад. Ва он чи имрӯз барои ҷомеаи Амрикоӣ муътабар аст, тамоюлест, ки фардо дар Аврупои ғарбӣ мутобиқат мешавад, на ба хотири тақлид аз Амрико, балки ба ин далел, ки Амрико аввалин кишвар аст, ки инъикоскунандаи вижагиҳои афзоиши посмодернизм аст.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки дигар кишварҳо тағйироти объективии иқтисодию иҷтимоӣ таҷриба мекунанд, онҳо инчунин кушиш мекунанд, бисёр намунаҳои америкоиеро, ки инчунин ба шароити объективӣ инкишоф ёфтааст пайгирӣ мекунанд, ки оҳиста - оҳиста, вале устувор паҳн мешавад. Ман пешниҳод мекунам, ки мумкин аст дар мубодилаи он бо фарҳанги ҷаҳонӣ, чизе аз як масири умумӣ барои дин вуҷуд дошта бошад, ки таҳти таъсири табиии ихтилофҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ қарор дорад, аммо дар ниҳояти тулонимуддат дар ҳамон ҷиҳат гароиш пайдо мекунад. Неруҳои рӯ ба рушди протестантҳои инҷилӣ имрӯз ҳушдори баробар аз тағйирро пешниҳод мекунанд, ба вижа дар Амрикои Лотинӣ, ки дар он ба шиддат шоҳиди Католитсизми суннатӣ аст. Дар инҷо католикҳо дер боз аз рӯзи қабули имон дар ёфтани ҳар фарде расидагӣ мекунанд, ки дар он калисо ба ҳамаи ҷанбаҳои зиндагӣ аз гаҳвора то гур бо равиши падарона назорат мекунад. Бо ин ҳол, протестантизми инҷилӣ ин суннатро ба чолиш мекашад. Вақте мебинем, ки як шахси хос дар як макони хос ва дар як замони муаян пазириши нав ва ихтиёрона бо Худоро эълон мекунад - як амали хос аз иродаи як шахси худмухтор, ки ба шиддат бо як пазириши соддаи ғайрифаъол ё ғолибан бефикр қабули зиндагӣ дар чаҳорчуби мазҳабӣ - фарҳангии кохоми католикие, ки аз рӯзи таваллудаш мавҷуд аст, фарқ мекунад.

Дар ҳақиқат неруи протестантизм дар таърихи ғарб зуҳури фарди худмухторро дар саҳнаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нишон дод, ки қодир аст дар як муҳити иқтисодии нав, ки боиси ташаббуси амали фардӣ мешавад барои худ биандешад. Дар бисёре аз ҷунбишҳои исломгаро акнун мушаххас шудааст, ки афрод масъулияти ҷадидеро ба даст меоваранд, то худашон роҷеъ ба маънои Қуръон ва суннатҳои паёмбар фикр кунанд, на ин ки онро сирфан куркурона ва тақлидӣ бипазиранд. Дар равияи ислоҳотпазирӣ муфассир ё мутарҷими динии соҳибихтиёр қодир ба пешрафти чашмгири иҷтимоӣ мебошад, аммо он ҳамчунин тавони ба самти ҷомеаи радикалӣ, ҳошиявӣ ва ба боварии иҷтимоӣ кашонданро дорад. Мо имрӯз ин раванди яксонро дар Ислом мебинем.

Омӯзиш ва парвариш як раванди қудратманд аст, ки ҳамаи афродро маҷбур мекунад барои худашон фикр кунанд. Дигар як модели (намунаи) ягона вуҷуд надорад, балки чандин моделҳо барои зиндагии ахлоқӣ, хуб, дар бозори рақобатпазир ва омехта мавҷуд мебошад. Бинобар ин мумкин аст воқеъан вориди асри фардгароӣ шавем. Намунае (улгуе)

аз зиндагие, ки масъулияти фардии бештареро барои эҷоди зиндагии худ, ба таври физояндае ҷудо аз ҳимоятҳои суннату анъанаҳо ва маҳдудиятҳои хонаводагӣ ё қабилагӣ, озод аз ҷомеаи суннатӣ (ҳомоҷетикӣ) ва статикӣ (ивазнашаванда) ва озод аз сахтгириҳои падарӣ ва иқтидоргаро̄й талаб мекунад. Таҳти шароити нави зиндагӣ, фард маҷбур мешавад барои рушду нумуи худ ба маротиби бештар аз гузаштаи таърих посух диҳад. Як ҷомеа ва давлати касратгаро дигар тавони фароҳам кардани чорчуби ҳаётӣ ё такягоҳи ахлоқӣ ва пуштибонии муфид дар улгуи суннати падарона нахоҳад дошт.

Нисбатан тафсири дин матраҳ кардан, дақиқан дар чунин шароит зарурӣ мешавад, зеро фарди мустақил ва хурдшуда ба чунин раҳнамудҳои бештар аз гузашта ниёз дорад. Иқтидор (қудрат) ва муҳимияти арзишҳои динии фард, ки бештарашон ба таври ғайриинтиқодӣ, бидуни фикр ва таҳлил ба таври мустақил дарёфт шудаанд. Арзишҳои дунявиро низ метавон пазируфт, аммо ҳануз ҳам онҳо бояд комилан ба таври мушаххас ва ҳатто ба шакли таҷлилӣ ва ё ташрифотӣ анҷом дод, то дараҷа ё вазни эҳсосӣ ва иҷтимоии комил дошта бошанд, поягузорӣ шавад.

Имони фарди модерн намоёнгари интихоби фаъол аст, ки барои посухгӯӣ ба ниёзҳои фард тарроҳӣ шудааст. Мо ба таври доимӣ дар ин китоб зикр кардем, ки читавр масалаҳои ғайри динии гуногун исломи сиёсиро тақвият дода, онро ба унвони васила барои шикоятҳо ва ормонҳо тавонманд гардониданд. Сипас суоли зерин пеш меояд: Оё коҳиши тадриҷии ҳамин норизоятҳо метавонад барои аз байн бурдани онҳо ҳамчун манбаъи пуштибонии исломгароӣ - ҷудо аз пайғоми маънавии Ислом хидмат кунад? Албатта Ислом ҳамеша ба унвони як имони муътабар боқӣ хоҳад монд, аммо эҳтимолан он на он қадар муҳтарам дар (гаризонти) уфуқи сиёсӣ мебошад, зеро дигар неруҳо низ барои коҳиши ҳамин норизоиятиҳои ғайрируҳонӣ дар хидмат ҳастанд. Ҳизбҳои сиёсии алтернативӣ (ҷойгузин) таҳти шиори озодсозии сиёсии бештар, бисёре аз барномаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳамранг ба исломиҳоро дунбол мекунанд, ки дар натиҷа инҳисори умдаи исломгаёнро дар ҳоли ҳозир заиф мегардонанд.

Ба ибораи дигар, ҳануз рушан нест, ки эҳёи исломи имрӯз дар дараҷаи аввал як падидаи динӣ аст ё падидае аз ҷомеашиносии дин дар посух ба масъалаҳои қобили таъриф барои ҷомеаи исломӣ дар даврони модерн аст ё не. Бисёре аз мусулмонҳо ҳатто аз категарияҳои мухталифи фикрӣ нороҳат бошанд. Исломгароёнро зарур нест аз мансух шудан (кухна шудан) битарсанд, зеро инқилоби демократӣ ва тағйир дар ҷаҳони ислом ҳануз ҳам дар аксари кишварҳои заиф аст. Агар ҷунбишҳои исломӣ наметавонанд дар даруни сохторҳои демократӣ муваффақияти сиёсиро, ки ҷустуҷӯ доранд, пайдо кунанд мумкин аст аз ин раванд ноумед шаванд.

Дар он ҳолат онҳо ба бухрони қабули қарори пазириши ҷойгоҳи ақаллияти доимӣ дар чаҳорчуби парлумон ва низоми сиёсӣ бо имкони таъсиргузор, на муаянкунандаи рафти баҳс боқӣ монанд ё тамоман аз бозӣ бароянд, рӯ ба рӯ мешаванд. Ин дар воқеъ тасмимест, ки оё исломгароён хоҳони ҳукм кардан ё таъсиргузор буданро доранд.

Дар ҳамин ҳол исломи сиёсӣ лаҳзаи нодиреро дар таърих аз сар мегузаронад, ки метавонад нисбатан бе рақиб, қонунҳои сиёсии мавҷудаи ҷаҳони исломро ба мубориза кашад, қудраҳоро тағйир диҳад ва исломро тибқи чорчуба ё нақшаи фарҳангӣ ва равшанфикрӣ боз гардонад. Мо намедонем, ки ин фосила то кай давом мекунад, аммо он аллакай оқибатҳои амиқ дошт ва Ғарб беҳтар буд, ки бо ҳамаи ин танавуъҳо ба таври ҷиддӣ муносибат кунад, вагарна оқибатҳои он метавонад барои ҳарду ҷониб нохушоянд тамом шавад.

**Натиҷагирӣ (прогнозҳо)**

Ман якчанд фактор (мутағайирҳо), пешниҳод кардам, ки бар равандиояндаи исломи сиёсӣ ба таври қатъӣ таъсир мегузорад ва масоилеро муайян кардам, ки дар сурати боқӣ мондани ин ҷунбишҳо бо онҳо бояд бархурди мусбат шавад. Оре, ҳеҷ кас наметавонад пешбинӣ кунад, ки кадом як аз ин роҳҳо бештар эҳтимолият дорад, аммо ман бо ин ҳол беҳтарин пешгӯӣ ё ҳадсро мезанам, ки ба таври мухтасар баён кунам, ки дар тайи бист соли оянда ё бештар аз он шоҳиди ин ҳаракатҳо хоҳем буд. Далел ё

мантиқи ин фарзияҳо дар баҳсҳои қаблӣ дар мавриди гузинаҳо (алтернативаҳо) омадааст. Ман дар инҷо фақат хусолаҳо ё натиҷагириҳоро пешниҳод мекунам:

- Ду даҳаи баъдӣ ё оянда дур нест талабот ва фишорҳои бисёр бештаре бар ҷунбишҳои исломгаро оварда шавад, зеро онҳо ҷойгоҳеро дар низому қонунҳои сиёсӣ дар саросари ҷаҳони ислом воқеан хоҳанд ба даст оваранд. Ҳамзамон ҷунбишҳои хушунатомези исломӣ бояд маҳор (контрол) шавад ва ҷунбишҳои ғайри хушунатомез не. Бинобарин онҳо дигар бо чолишҳои мавҷуда ва барзистӣ рӯ ба рӯ нахоҳанд шуд, балки ниёз ба ироаи баъзе посуххои муфид ва созанда барои мушкилоти мардум зарурат аст;

- Ман бад шудани муносибати байни исломи байналмилалӣ ва Иёлоти Муттаҳидаро, бар асоси чандин фактор ё омилҳост пешбинӣ мекунам; натиҷаҳо аз ҷанг нотамому бенатиҷа бар зидди терроризм, набудани қобилияти эҳтимолии он барои маҳви терроризм ва дар натиҷа кина ва норизоятии шадиди ҷаҳони ислом афзоиш пайдо кард. Ин раванд мумкин аст ба таври густурда рӯ ба сӯи терроризми фарогиртаре бар зидди амрикоиҳо шавад, вале он хусусияти аҷоибе нахоҳад дошт. Чунин вазъият Иёлоти Муттаҳидро дар мавқеияти амиқи дифоӣ дар саросари ҷаҳони ислом қарор хоҳад дод.

- Бо афзоиши терроризм дар миқёси хурд, оқибатҳои худро бар зидди Иёлоти Муттаҳида нишон медиҳад, печидагиҳову тирагиҳо миёни мусулмонон дар Ғарб ва ҷамъияти ғарбӣ дар дохил боло мегирад ва як вазъияти дохилии нохубу зиштро эҷод мекунад, ки озодиҳои маданӣ ба таври физояндае таҳти таъсири як зеҳнияти "бункери Амрико" қарор бигирад. Ҷунбишҳои исломгароёна ҳадафи шубҳанокдошта ба унвони заминасоз зидди амрикокунонӣ мебошанд ва фишорҳои Амрикоиро дар хориҷи кишвар эҳсос хоҳанд кард, ки этимолан бо иҷозати афзоиш тавассути кишварҳои авторитарӣ бо иқдомҳои ҷиддӣ бо онҳо мухолиф ё зид мешаванд. Ин амр боис мешавад то теъдоди зиёде аз афродро дар хушунатҳои бештар дар як хореографияи пешгӯиҳои худпешбарӣ равона созад.

- Бинобар ин бисёре аз ҷунбишҳои исломгаро аз вазифаҳои асосие, ки дар бахши бештари фаъолияташон оғоз карданд: таҳкиму тақвияти ҷомеаи исломӣ бо тамоми маъноҳояш: сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, низомӣ ва ахлоқӣ дур намояд. Онҳо дар ивази он ба ҳолати дифоъ ва ҳатто интиқомҷӯӣ тамаркуз хоҳанд кард. Бо ин маҳдудиятҳо ва фишорҳо онҳо фурсати кам барои тавсеи барномаи озодтар хоҳанд дошт.

- На ҳамаи ҳаракатҳо дар ин дом меафтанд. Дар кишварҳое, ки дорои дастурамали демократӣ бо амалкарди мантиқӣ ҳастанд, исломгароён мумкин аст ба ҷойи қурбонӣ ё вайронгарии низоми сиёсӣ ба ҳам пайваста ба сохтори иҷтимоӣ кумак кунанд. Ҷунбишҳои исломӣ дар кишварҳое ба монанди Туркия, Малайзия, Кувайт, Иордания, Баҳрайн ва Яман эҳтимолан аз ин руё рӯӣ зинда монданд. Ҳолати дигар кишварҳо каме норавшан аст.

- Исломгароён бештар дар ҳимоят аз ҷунбишҳои озодибахши миллии ақалиятҳои мусулмон, ки худ ба худ шомили ҳокимияти сохти Русия, Чин, Ҳинд ё ҳукуматҳои дигар қарор доранд; ҷунбишҳо ҷанбаҳои исломии бештареро барои тақвияти ангезаҳои миллатгароии худ пеш мегиранд. Русия ва Африқо ба вижа бо истифода аз дин ба унвони васила мубориза дар ҷангҳои қавмӣ осебпазир хоҳад буд.

- Сарнавишт ё тақдири исломи сиёсӣ бо роҳи ислоҳот васеътар рабту алоқамандӣ дорад. Исломгароӣ танҳо абзор барои ислоҳот ва тағйир ба ҳар василае набуда, балки ба он ҳоким хоҳад шуд, хусусан дар ҷомеъаҳои маҳдудшуда ё баста.

- Қудратҳову неруҳои бисёри иҷтимоӣ ва норизоиятиҳое, ки имрӯз исломи сиёси пеш мебарад, то замоне, ки чунин шикоятҳо вуҷуд дошта бошанд - идома хоҳад ёфт ва онҳо ба сахтӣ мехоҳанд аз байн бираванд. Агар исломи сиёсӣ ба таври муассир ин

мушкилотро напазирад ва саъй дар ҳалли онҳо накунад, неруҳои дигаре зоҳир мешаванд, ки онҳоро мепазирад. Ҷойгузин ё номзади пешбар дар инҷо чапгароён мебошанд. Исломи сиёсӣ баномаҳои радикалии чапгароёнро мепазирад ё онҳоро ба худашон вогузор карда, шуҳратро аз даст медиҳад. Вақте ин иттифоқ меафтад, эҳтимолан шоҳиди таҷдиди ҷанг дар байни исломгараён ва чапгараёни радикал хоҳем буд, ки чизҳои шабеҳеро ба даҳаи 1970 ёдовар мешавем.

- Сенарияҳои зикршуда норавшан буда, моҳияти бисёре аз мушкилоти ҷаҳонро нишон медиҳад, ки вокунишҳои хатарнокеро хусусан дар ҷаҳони ислом эҷод мекунад. Ин муҳит таъсири мустақиме бар исломи сиёсӣ дорад. Омӯзиш ё хониши хушбинонатар чанд даҳсолаҳои оянда бояд ба унвони шартҳои муқаддимотӣ матраҳ гардад:

- Доштани як назми байналмилаии нарм ва камхушунат,ба таври куллӣ коҳиши терроризм:

- Канор гузоштани Вашингтон аз сиёсатҳои нарми хашин, беҳаду ҳудуд ва якҷониба дар муносибат ба ҷаҳони мусулмонон дар матни ҷанг бар зидди терроризм ва пеш гирифтани ҳамкорӣ ва муомилаи дилсузонатар бо ҷаҳони Ислом доштан;

- Пайдо кардани роҳи ҳалли одилона дар масъалаи Фаластин;

- Ислоҳот ва таҳаввулоти чашмгири сиёсӣ дар ҷаҳони Ислом, ки Иёлоти Муттаҳида ба таври фаъол пуштибонӣ мекунад.

- Шароити беҳбудёфта дар бештари кишварҳое дар ҳоли тавсеа ва ба вижа дар ҷаҳони Ислом, ки ҳолати имрӯзии нотавонӣ, хашмро беҳбуд бахшида, умеду эҳсоси пешравиро ба вуҷуд меоварад.

- Фароҳамоварии имтиёзҳои ватанӣ барои мардум дар ҷаҳони ислом барои рад кардани ҳама гуна ҳамдардӣ ба терроризми эҳтимолӣ алайҳи Иёлоти Муттаҳида ҳамчун як фарди бемасъулият, бесамар ва зараров расондан ба гузинҳои зоҳиран умедворкунанда дар муқобил ё назди онҳо.

Ба таври хулоса исломгароён як сафар ё одессеяи қобили таваҷҷуҳро оғоз кардаанд - талош барои тамаддуни гузаштаи худ, бар асоси чаҳорчубаи фарҳанги исломӣ, ба унвони унсури муносиб дар рушду тавсеаи оянда. Бисёре аз неруҳои мухталиф талош кананд савори дастгоҳи исломи сиёсӣ шаванд, бархе бо натиҷаҳои харобиовар ва фосид ва бархи дигар бо идеяҳои созанда, пурбор ва халлоқона барои васл ё пайваст кардани исломи гузашта бо исломи имрӯза. Фишорҳои таркибии неруҳои дохилӣ ва байналмилалӣ ва руёруиҳо монеъ аз зуҳури шаклҳои созандатари либерализми исломӣ ба унвони ғолиб барои муддате мешавад.

Исломи сиёсӣ дар дохил имконият дорад, ки битавонад нақши мусбате ё ба шиддат манфиеро дар пешрафтиояндаи ҷаҳони ислом иҷро кунад. Мо фақат метавонем умедвор бошем, ки исломгароёни либерал талош хоҳанд кард, то дар асри модерн ва шакли ҷаҳонии арзишҳои исломӣ, ҷиҳати дарки ҷадиди ислом талош кунанд, муттаҳидинро дар ин раванд пайдо кунанд ва бештар ба самти тағйиру ислоҳоти бисёри мавриди ниёз бошанд. Агар исломгароён натавонанд ба ин ҷолишҳо ҷавоб гӯянд, ба зудӣ тавассути дигар нерӯҳои сиёсие, ки воқеан чизе барои пешниҳод доранд, ҷалб мешаванд.

**Аз китоби "The Future of Political Islam"-и**
**Граҳам Э. Фуллер, хатмкардаи Донишгоҳи Ҳорворд,**
**нависанда ва таҳлилгари масоили сиёсӣ**
**Аз англисӣ тарҷума ва таҳияи**
**Ёрмаҳмад Ниёзӣ, номзади илмҳои фалсафа,**
**Мирсаид Раҳмонов, ходими илмии**
**Институти Осиё ва Аврупои АМИТ.**

# ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

**Мусоҳибаи рӯзноманигор - ходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ Умед Пудинаев бо сарходими илмии Шуъбаи Шарқи Наздик ва Миёнаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Назарзода Носир Ҷобир перомуни масоили мубрами сулҳофаринӣ ва ваҳдат дар Тоҷикистон.**

**- Муҳтарам Назарзода Носир! Мо дар арафаи ҷашни бузурги миллатамон «Рӯзи ваҳдати миллӣ» қарор дорем. Мегуфтед, ки ба назари Шумо масъалаи сулҳу ваҳдат барои Тоҷикистон кай пайдо шуд ва ин мафҳум чӣ тавр таърихи худро дорад?**

- То шикасти ниҳоии ИҶШС тақрибан аз соли 1986 шурӯъ намуда, ҷумҳуриҳои шуравӣ барои расидан ба истиқлолияти сиёсию иқтисодӣ талош намуданд. Ҷанбаи афзалиятнок дар равандҳои манотиқ ба амал омада, пеш аз ҳама ҷанбаи ғайримутамарказсозии ҳокимияти давлатӣ буд.

Роҳбарияти давлати Шуравӣ ба ҷойи коркард ва амалисозии сиёсати нави давлатӣ ва минтақавӣ тактикаи муқобилиятнишондиҳии ошкороро пеш гирифт, ки ин ҳол боиси аз даст додани фурсати муносиб барои нигоҳдории назорати давлатӣ ва дигаргунсозии ҷомеа ба самти зарурӣ гашт. Ҳамзамон фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ раванди воқеъии аз ҳам ҷудосозии як замон фазои ягонаи иқтисодиро, ки ба табодули молу коло миёни ҷумҳуриҳо ва ҳамзамон пӯшида барои кишварҳои хориҷӣ асос ёфта буд, оварда расонид.

Ҳанӯз соли 1992 олимони рус Т. Яригина ва Г.Марченко қайд карда буданд, ки: «Кишварҳои на он қадар тараққикардаи аграрии Закавказя, Осиёи Марказӣ ва Молдова, ки мубталои бархӯрдҳои иҷтимоӣ ва этникӣ гардида, ин ҳол иқтисодиёти онҳоро қариб ба нобудӣ мувоҷеҳ месозад, гумон аст, ки дарояндаи наздик сиёсати иқтисодии мустақили худро ба роҳ монанд ва вобастаи кишварҳои муваффақи минтақа хоҳанд гардид». Ин пешомадҳоиояндаи олимон дар муддати хеле кӯтоҳ ба сари мардуми тоҷик омад. Дар асл пошхӯрии давлати ягонаи иттифоқӣ аз замони ҷанги ҷаҳонии дуввум ба баъд ба ивазшавии ташвишовари вазъи геополитикӣ ва ҳолати макроиқтисодӣ оварда расонид. Вазъи ноороми сиёсии солҳои 90-ум инчунин ба мушкилоти бенизомии муносибатҳои байнидавлатӣ ва миллӣ – марзӣ вобастагии амиқ дошт.

Дар маҷмӯъ дар оғози солҳои 90-ум таъмини амнияти ҷамъиятӣ, минбаъд пурзӯр намудани мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодӣ, пеш аз ҳама ҷиноятҳои муттташаккил, таъмини тартибот дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, баландбардории сифати кор оид ба пешгирии қонунвайронкуниҳо, ошкор ва таҳқиқи ҷиноятҳо, ба хусус ҷиноятҳои вазнин, мубориза алайҳи маводи мухаддир ва амсоли он дар кишвари мо ба мушкилиҳои ҷиддӣ дучор шуда буд.

Агар дар арафаи ҷанги шаҳрвандӣ ҷиноятҳои вазнин қариб аз чор як ҳисса кам гардида, шумораи кушторҳои бадқасдона, зӯроварӣ ба номус, дуздӣ ва авбошӣ, қонунвайронкунӣ дар кӯчаҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ба маротиб кам ба қайд гирифта шуда бошад ҳам, лекин миқдори дуздӣ бо суръат афзоиш ёфта, фаъолияти ҷиноӣ ва қонуншикании шахсони доғи судӣ дошта ва ноболиғон зиёд гардид.

**- Акнун атрофи ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот чанд ҳарфе мезадед...**

- Аз таърихи башарият баръало маълум аст, ки дар ҳолатҳои ҷараёни дурусти рушду инкишофи ҳар як давлату миллат ин мафҳум ба забон ҳам гирифта намешавад,

зеро, ҳоҷат ба он нест. Танҳо дар сурати ноустувории сиёсӣ, ки садҳо мушкилиҳоро ба миён мегузорад ва ҳолу аҳволи сокинон, давлат, ҳукумат ва мақомотҳои он, ки ба монеаҳои ҷиддӣ бармехӯранд, проблемаи ҳастӣ ва тақдири минбаъдаи давлат ва миллат мубрам гашта, маҳз масъалаи сулҳу ваҳдат ба миён меояд. Яъне ба ақидаи то шамол нашавад, дарахт намеҷунбад баробар аст. Ҳама вақт дар шароити пайдо гаштани таҳдиди ҷанг, задухӯрду низоъҳо, масъалаи муҳофизати амну суббот ба вуҷуд меояд. Ҳаллу фасли масоили сулҳу ваҳдат ва ягонагӣ низ яку якбора ба даст намеояд ва ин раванд аз вақт, мӯҳлат, давраҳо иборат аст.

**- Агар боз ҳам кутоҳтар баён кунем…**

- Биёед ба тарзи дигар фаҳмонам. Дар оила миёни зану мард ҷангу ҷидол, муноқиша ва ё низоъ ба вуҷуд меояд ва дар натиҷа метавонад ба нест шудани ин оила барад. Дар баробари сар задании ин ҷанҷолҳои оилавӣ аллакай аз ҷониби 3 гурӯҳ даву тоз оғоз меёбад. Гурӯҳи якум волидайни марду зан. Гурӯҳи дуюм дӯстон ва ҳамсояҳо. Ва ниҳоят, гуруҳи сеюм, созишдиҳанда, ки дар он одамони танҳо таҷрибадор муттаҳид гашта бо овардани арқоми зиёд, панду насиҳатҳо, мисолҳо, намунаҳо тарафҳоро ба мусолиҳа ва ваҳдат талқин намуда ва билохира сулҳу ваҳдат миёни ду тараф барқарор мегардад ва ҳаёти хуррамона боз идома меёбад. Лекин ин ҷангу ҷидоли шуда гузашта, таъсири худро боз давраи муайян боқӣ мегузорад. Ҷанги шаҳрвандиро дар маҷмуъ ҳамин тавр низ шарҳ додан мумкин аст.

**- Дар оғози саршавии ҷанги шаҳрвандӣ дар ҳаёти сиёсӣ, маънавӣ ва равонии одамон кадом бухроне ворид шуда буд?**

- Бале, дар заминаи он тамоми ҳаёти ҷомеаро бухрони ҷиддие фаро гирифт. Дар раванди мураккаб гардидани вазъият дар ҷумҳурӣ, як қатор кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии мамлакат дар фаъолияти худ ба беиродагӣ ва бемасъулиятӣ дар иҷрои вазифаҳои худ роҳ дода, мавқеи бетарафӣ ва назораткунандаро интихоб намуданд, ҳодисаҳои дурӯягӣ ва хиёнати кормандон қайд гардида буданд. Илова бар ин, як қатор шӯъбаҳои ин мақомотҳо қисман, як қисми дигар пурра дар ҷойҳои муташанниҷ худро бо ошӯбгарон ва ифротиён таслим намуданд. Бӯҳрони амиқ тамоми соҳаҳои ҳаётро фаро гирифта, рӯз аз рӯз шиддат мегирифт. Чунин вазъият наметавонист ба рӯҳу равон ва фаъолияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъсир нарасонад. Роҳбарияти олӣ низ фалаҷ гардида буд. Фалаҷ гардидани ҳокимият дар соли 1992 боиси қурбонии зиёд гардида, вазъият аз таҳти назорати мақомоти дахлдор берун баромад.

**- Ҷанги шаҳрвандӣ кай ва чи тавр оғоз гардид?**

- Гирдиҳамоиҳои пай дар пай ва шабонарӯзии солҳои 1991-1992 билохира ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расониданд, ки алангаи он тамоми кишварро фаро гирифт. 5 маи соли 1992 дар пойтахти ҷумҳурӣ бетартибиҳои оммавӣ, гирифтани гаравгонҳо ва дуздӣ шурӯъ шуданд, ки ин ҳол ба бесарусомонӣ ва фалаҷгардии ҳокимият овард. Ҷанги шаҳрвандии оғозгардида тобистон ва тирамоҳи соли 1992 ба бадбахтиҳои беандоза, марги шахсони бисёри бегуноҳ ва инчунин ба аз байн бурдани миқдори зиёди неъматҳои моддӣ бурд. Вазъият чунин сурат гирифт, ки ҳукумати марказӣ дар асл вуҷуд надошт ва сохторҳои қудратӣ бошанд аз рӯзҳои авали муқобилиятҳо бетарафӣ эълон намуданд.

**- Ҷанги оғозгардидаро чи натиҷаҳо интизор буд?**

- Ҷанги шаҳрвандии оғозгардида Тоҷикистонро ба пастравии иқтисодиёт, афзудани сафи бекорон, муҳтоҷӣ ва бадбахтии аксари кулли аҳолӣ овард. Ҷанги бародаркушӣ,

ки тобистон ва тирамоҳи соли 1992 вусъати бештар пайдо намуд, шумораи фирориён, муҳоҷирони иҷборӣ, бачагони бесаробону бесарпарастро, ки аз тарафи ҷинояткорони ашадӣ ба корҳои ҷиноӣ ҷалб карда мешуданд, ба маротиб афзуд. Шикасти суннатҳои ҷомеа албатта наметавонист оромона сурат бигирад, зеро вай манфиати ҳамаи қишрҳои ҷомеаро дарбар гирифта, мавқеи сиёсӣ ва иқтисодии онҳоро иваз менамуд. Камшавии истеҳсолот, пайдошавии бекорӣ, саривақт пардохт нагардидани нафақапулӣ, кумакпулӣ ва маош ба қашоқашавии аҳолӣ, фалаҷи ҳокимият оварда ва дар бисёр мавридҳо одамонро ба ҷиноят тела медод.

**- Дар ҳаёти сиёсии кишвар чӣ корҳо ҷараён мегирифтанд?**

- Дар моҳи декабри соли 1992 дар Хуҷанд Сессияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар рафти кори он роҳбарияти нави Шӯрои Олӣ бо сарварии Э.Ш.Раҳмонов интихоб гардид. Дар чунин лаҳзаи басо душвори кишвар қумандонҳои тарафҳои даргир бо тавоқуфи оташбас расиданд, ки он заминаи хуби мусоидро барои оғози оромӣ дар кишвар фароҳам овард. Дар моҳи декабри соли 1992 Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов ба саволҳои рӯзноманигори рӯзномаи «Известия» чунин гуфт: «Парламент тавонист аз ҳолати рӯҳафтодагӣ баромада тавонад. Ҳолате фаро расид, ки бӯҳрон ба ҳадди ниҳоии худ расид ва ба ҳамагон маълум гардид, ки бархурдҳои минбаъда сабабгори бадбахтии умумӣ мегарданд. Шӯрои Олӣ сохтори ягонае боқӣ монд, ки аз тарафи ҳамаи тарафҳои даргир мавриди эътироф қарор дошт, ки метавонад масъулияти пурраро барои тақдири халқ ба души худ бигирад».

**- Ташаккур! Хеле возеҳ. Акнун, лутфан бигӯед, ки нақши мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи кишвар дар Тоҷикистони нооромчӣ тавр буд?**

- Ҳанӯз аз оғози рӯзҳои пуртаҳлука ва пурфоҷеаи ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар бо мардуми Тоҷикистон ҳамтақдир гардид, гармию сардии онро якҷоя эҳсос карда, ғамшарики якдигар гашта буданд. Аз нахустин рӯзҳои ҷанги шаҳрвандӣ, дар он лаҳзаҳои тақдирсозе, ки буду набуди давлат ҳал мегардиду ҳастии миллати тоҷик зери хатар монда буд, ҳазорҳо нафар кормандони ин мақомотҳо ба меҳану савганди касбии худ содиқ, баҳри ҳифзи давлат, таъмини амнияти шаҳрвандон, барпо намудани сохти конститутсионӣ ва қонуният сина сипар намуда, ба олами ҷиноят дар набард шуданд. Маҳз, бо ивази ҷонбозиҳо, далерию мардонагӣ, садоқату заҳматҳои шабонарӯзии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ҳазорҳо ҷиноятҳо пешгирӣ, ҳокимияти қонунӣ барқарор, тинҷиву амнияти шаҳрвандон, ризоияти миллӣ, сулҳу субот ва осудагӣ дар саросари кишвар таъмин гардид.

**- Мегуфтанд, ки ВКД ва КДАМ худро "нейтралӣ" эълон карда буданд, ин рост аст?**

- Бояд иброз намуд, ки дар моҳҳои авали ин ҷанги бародаркуш дар фаъолияти ин мақомотҳо бесарусомониҳо ба вуҷуд омад: **аввалан**, ин ки маблағгузориҳо то ин муддат аз Маскав ҷараён мегирифт ва бо сар шудани бенизомиҳо дар кишвар ва ба давлати соҳибистиқлол табдил ёфтани он маблағгузориҳо тамоман қатъ гардид; **дуввум** ин, ки ҳанӯз аз оғози солҳои 90-ум мутахассисони таҷрибадори МҲҲ ҳудуди Тоҷикистонро тарк карда буданд ва дар ин рузҳои мушкил дар фаъолияти онҳо низ мушкилиҳо ба вуҷуд омад; **сеюм,** дар сурати мавҷудияти фалаҷи ҳокимият, ки вазъияти баамаломада-ро таҳти назорати худ қарор дода натавонист, ин мақомотҳо низ дар ҳолати карахтӣ, беамалӣ қарор доштанд; **чаҳорум,** дар оғоз мақомотҳои амнияти давлатӣ ва вазорати

корҳои дохилӣ бетарафии худро дар ҳодисаҳои бавуқуъ пайваста эълон карданд, ки ин амал ғайричашмдошт буд; **панҷум,** мақомотҳои суд ва прокуратура бошанд, бинобар авҷ гирифтани ҷинояткорӣ, аз маҳбасҳо баромадани маҳбусон ва ҳодисаҳои дигари ба он алоқаманд буда, муддати чанд вақт аз фаъолияти бонизом дур шуданд. Дар баъзе манотиқ дарвозаҳои онҳоро қулф зада буданд ва биноҳояшон аз ҷониби кормандони милитсия муҳофизат карда мешуданд.

**- Яъне, ин ҳолатҳо муваққатӣ буданд?**

- Бале, чи тавре, ки баён кардам баъд аз ташкилёбии давлати соҳибихтёр ва мустақили Тоҷикистон, гузаронидани Иҷлосияи ХУ1-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Хуҷанд, фаъолу муназзам гаштани Ҳукумат ва Давлат дар зери роҳбарии Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба вуҷуд омадани монеаву мушкилиҳое, ки барои ҳалли онҳо давлат ва ҳукумат чораҳои таъхирнопазир андешидааст. Аз ҷумла, яке аз он масоил таҳким бахшидани мавқеъ ва мақоми сохторҳои қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқи кишвар буданд, ки давра ба давра мустаҳкам карда шуда қобилияти ҷангӣ ва техникии онҳо пурзӯр ва мунтазам бо кадрҳои талаби замон таъмин карда мешуданд.

**- Шумо, ки солҳои тулонӣ дар самти фаъолияти милитсияи Тоҷикистон тадқиқотҳои ҷиддиро гузаронида китобу монографияҳои гуногунмазмун ба табъ расонидед, мегуфтед, ки нақши МКД Тоҷикистон дар ин раванд чи тавр буд?**

- Дар ин ҷо боз як чизи дигарро таъкид карданиам. Дар қиёс миёни дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии мамлакат нақши МКД Тоҷикистон ва хусусан кормандони милитсия дар пешгирию мубориизаи зидди ҷинояткорӣ, таъмини волоияти қонун, таҳкими давлатдории навини тоҷикон хеле назаррас ва калон мебошад. Дар зарфи 29-соли истиқлолият мақомоти корҳои дохилӣ аз чандин имтиҳонҳои ҷиддию озмоишҳои сахту сангини ватанхоҳона бошарафона гузашта, ба як нерӯи пуриқтидору шикастнопазир мубаддал гардид. Ҳамкориҳои он бо ҳамтоёни хориҷиашон низ густариш ёфта, қавитар гашт.

Тӯли ин муддат милитсияи кишвар дар якҷоягӣ бо дигар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ҳазорҳо ҷинояткорони хавфнок ва садҳо гурӯҳҳои муташаккили яроқнок, ду кушиши мусаллаҳонаи табаддулоти давлатӣ, чандин амалҳои террористиро безарар гардониданд. Бахусус, якчанд амалиётҳои муваффақонаи онҳо бар зидди дастаҳои муташаккили ҷинояткор воқеан шоистаи таҳсин аст.

**- Дар бораи талафоти ҷонии кормандони ин мақомот чӣ гуфта метавонед?**

- Дар роҳи ҳифзи сохти конститусионӣ ва мубориза бар зидди дастаҳои силоҳба-дасти ҷинояткор то ба имрӯз қариб 2,5 ҳазор кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳалок гашта, қариб 4 ҳазор фарзандони онҳо ятим монданд.Ватан ва миллати тоҷик ҷонбозиҳои чунин фарзандони баору номус ва далеру шуҷоъи хешро ҳаргиз фаромӯш нахоҳад кард.

**- Барои чӣ маҳз кормандони милитсия бештар талаф ёфтанд?**

- Воқеан, аз заҳмату бедорхобиҳои кормандони милитсия баҳри тинҷиву осудагии кишвар, мубориизаи оштинопазири ин родмардон ба муқобили олами ҷиноӣ, ҷонни-сориҳои онҳо баҳри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, таъмини волоияти қонун ва тантанаи адолат на ҳама ҷомеа огоҳии хуб доранд.

Ман таъкид карданиам, ки шуъбаҳои шаҳриву ноҳиявии ВКД ва Раёсатҳои вилоятии ВКД дар тамоми ҷумҳурӣ тартиботро шабу рӯз таъмин менамоянд. Ба замми он, шуъбаҳои хадамоти давлатии «Муҳофиза» ва шуъбаҳои Сарраёсати оташнишонӣ ва бехатарии сӯхтори ВКД омодаи хизмат ҳастанд ва ҳамаи ин дар маҷмӯъ қувваҳои бузурганд. Иловатан, Раёсати Қушӯнҳои дохилии ВКД ҳаст, ки ҷузъу томҳои он дар баъзе маркази шаҳру ноҳияҳо ҷойгир кунонидашуда дар таъмину муҳофизати тартибот ҳиссаи худро мегузоранд ва полку баталёнҳои он бо техникаҳои ҳарбӣ, таҷҳизотҳои махсус муҷаҳҳазанд ва онро бо лафзи дигар «вазорати хурди мудофиа» ном мебаранд. Ҷинояту ҷинояткорӣ дар ҳудуди гуногуни кишвар сурат мегирад. Дар ҳама ҷое, ки ҳодисаи мушаххас сурат гирад, қабл аз ҳама бо ин қувваҳо рӯбарӯ мешаванд. Барои ҳамин талафоти кормандони МКД Тоҷикистон нисбат ба дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии мамлакат зиёд аст!

Маҳз бо туфайли заҳмату талошҳои шабонарӯзии кормандони милитсия осудагию суботи кишвар ва тинҷиву амнияти шаҳрвандон таъмин гашта, садҳо ҷиноятҳо пешгирӣ, ошкор ва ҷинояткорон дастгир ва дар назди қонун ҷавоб мегӯянд.

**- Боз ягон самтҳои дигаре ҳастанд, ки кормандон ҷалб шаванд ва талафотҳои ҷонӣ аз эҳтимол дур набошад?**

- Бале, албатта ҳаст. Масалан, дар офатҳои табиӣ – обхезиҳо, заминларзаҳо, сухторҳо, лағжиши кӯҳпораҳо ва дигар ҳодисаҳо, баҳри наҷот додани ҳаёти мардум, ҳимояи молу амволи онҳо, нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ, таъмин намудани бехатарии аҳолӣ кормандони ин соҳа дар канор наистода, дар чунин ҳолатҳо низ нақши асосиро иҷро менамоянд. Аз ин ҷост, ки дар замонаи осоишта низ мақомоти корҳои дохилӣ талафоти ҷонӣ медиҳад.

**- Яъне дар оғози ҷанги шаҳрвандӣ милитсия дар сангари авали мубориза қарор дошт?**

- Комилан дуруст. Дар солҳои аввали истиқлолият ва хусусан, давраи ҷанги шаҳрвандӣ, мавҷудият ва тақдири ояндаи давлатдории тоҷикон зери хатари ҷиддӣ монда, тақдири ояндаи миллат ҳал мегардид. Табиист, ки дар чунин шароит унсурҳои чиноятпеша хеле фаъол гашта, ҷинояткорӣ афзуд. Соли 1992 сатҳи ҷинояткорӣ якбора боло рафта, шумораи ҷиноятҳо ба 25294 расид. Дар навбати худ дараҷаи кушодашавии ҷиноятҳо низ хеле паст фаромада, 32,3%-ро ташкил медод. Дар солҳои фалокатбори ҷанги шахрвандӣ ҳазорҳо кормандони ба халқу Ватан ва савганди касбӣ содиқи милитсия барои тинҷиву осудагии кишвар, баҳри ҳимояи мардум ва таъмини қонуният сина сипар намуда, бо олами ҷиноӣ дар набард шуданд. Садҳо нафар кормандони он дар ин роҳ ҷони худро қурбон намуда, садҳо нафари дигар ҷароҳатҳои гуногун бардоштанд. 6-уми феврали соли 2000 Президенти кишвар, Ҷаноби олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати саҳми милитсия дар ҷомеа андешаҳои хешро чунин иброз намуда буд: «Дар шароити мураккаби ҳозира милитсия дар қатори аввали муборизони оштинопазири зидди ҷинояткорӣ буда, риояи қонуният ва амнияти шахсии шаҳрвандонро таъмин мекунад». Дар ин ҷо бояд таъкид кард, ки кормандони милитсия дар вазъияти мураккаби сиёсӣ-иҷтимоӣ, болоравии сатҳи ҷинояткорӣ, ҳолатҳои хатарноку даҳшатзо, пуршиддату вазнини руҳию ҷисмонӣ, таъминоти ночизи моддӣ-техникӣ вазифаҳои хизматиашонро сарбаландона адо мекарданд.

**- Созишномаи сулҳ кай ва дар кучо ба имзо расид?**

- Бо туфайли сиёсати хирадмандонаи Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, пеши ҷанги шаҳрвандӣ гирифта шуд ва 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри

Москва Созишномаи умумии сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расида, миллати тоҷик боз бо ҳам омаду раванди таҳкими ҳаёти осоишта оғоз ёфт.

**- Дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ дар баробари масъалаи муҳоҷирони иҷборӣ боз кадом намуди ҷиноятҳо бартарӣ доштанд?**

- Ҳарчанд пеши роҳи ҷанги шаҳрвандӣ гирифта шуду муҳоҷирони иҷборӣ бо машаққат ба Ватан баргардонида шуданд, вале ҳанӯз ҳам як қатор гурӯҳҳои ғайриқонунии силоҳбадасту унсурҳои ҷиноятпеша тинҷиву осудагии кишварро нахоста, бедодгарию амалҳои ҷинояткоронаи худро идома медоданд. Ин буд, ки сатҳи ҷинояткорӣ дар ҷумҳурӣ ҳанӯз ҳам зиёд буд. Илова ба талафоти зиёди ҷонию молӣ дар Тоҷикистон падидаҳои нави ҷинояткорӣ - терроризм, одамрабоӣ, гаравгонгирӣ, экстремизми динӣ, ҷинояткории муташаккил, муомилоти ғайриқонунии яроқу аслиҳа, воситаҳои нашъадор ва ғайра ба вуҷуд омаданд. Дар чунин шароит махсусан ба кормандони милитсияи тоҷик лозим омад, ки шаклу усулҳои нави мубориза ро вобаста ба ин тағйироти олами ҷиноӣ эҷод намояд ва онро дар мубориза бар зидди онҳо истифода барад.

**- Баъди ба имзо расидани шартномаи сулҳ вазъияти криминогенӣ дар кадом ҳолат қарор дошт?**

- Сулҳи деринтизор ба имзо расида шуда бошад ҳам, пояҳои он ҳанӯз мустаҳкам набуд. Тинҷиву осудагии кишвар ҳаргиз ба манфиати гурӯҳҳои силоҳбадасти ғайриқонунӣ ва олами ҷиноӣ набуд ва онҳо ҳар лаҳза метавонистанд ба пойдевори нозуки сулҳ халал ворид намоянд. Дар ҷумҳурӣ даҳҳо гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва беш аз сад гурӯҳҳои муташаккили ҷинояткор ба амалҳои террористӣ, куштор, ғоратгарию гаравгонгирии одамон машғул буданд. Хусусан дастаҳои яроқноку муташаккил бо сардории Сангинов Раҳмон («Раҳмон-Гитлер») Муаккалов Мансӯр («Шайх») ва Тағоев Сафар («Подабон»), ки дар Душанбе ва ноҳияҳои гирду атрофи он бедодгарӣ мекарданд, вазъияти сиёсию криминогении пойтахтро ноорому мураккаб намуда, дар дили шаҳрвандон воҳима андохта буданд. Бинобар ин, ба муқобили чунин гурӯҳҳо чораҳои таъхирнопазир андешида шуда, ин гурӯҳҳои зиёновар яке пайи ҳам бо гузаронидани амалиётҳои махсус пурра безарар гардонида шуданд.

**- Вазъияти криминогенӣ дар ҷумҳурӣ ва авҷ гирифтани ҷинояткорӣ зарурияти андешидани чораҳои амалӣ ва қабули дигар санадҳои қонунгузориро ба миён овард. Лутфан мегуфтед, ки кадом санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар ин солҳо коркард ва ба тасвиб расонида шуда буданд?**

- Шумо саволи дуруст додед. Дар ҳақиқат дар ин рӯзҳои мушкили ҷумҳурӣ як теъдод қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва ба тасвиб расиданд, ки татбиқи онҳо пайваста ҳолатро дар ҷумҳурӣ ба беҳбудӣ такон дод. Дар ин рӯзҳои пурҳассос аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон як қатор фармонҳо, ба монанди: «Дар бораи ихтиёран супоридан ва мусодира намудани силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ ва техникаи ҳарбӣ аз аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2-уми декабри соли 1994, «Дар бораи чораҳои таъхирнопазири пурзур намудани мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор» аз 12-уми апрели соли 1996, «Дар бораи чораҳои таъхирнопазир оиди устувории ҳолати ҳарбӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13-уми августи соли 1997, «Дар бораи тадбирҳои пурзӯр кардани мубориза бо терроризм» аз 21-уми апрели соли 1997 ва ғайраҳо ба имзо расиданд, ки амалисозии он ба воҳидҳои

мақомоти дахлдори давлатӣ, пеш аз ҳама, мақомоти милитсия имкон дод, ки сатҳи ҷинояткориро паст намуда, ба устувории вазъи ҷамъиятӣ-сиёсӣ ноил гарданд. Дар ҳамбастагӣ бо дигар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷинояткор саркӯб карда шуда, пеши роҳи афзоиши босуръати ҷинояткорӣ гирифта шуд.

**- Маҳз ҷанги шаҳрвандӣ як намуди нави ҷинояту ҷинояткориро дар самти нашъамандӣ ва интиқоли маводи мухаддир ба вуҷуд оварда буд. Дар ин самт атрофи пешгирии он чи корҳо сурат гирифт?**

- Барои пешгирии паҳн гардидани нашъамандӣ ва интиқоли маводи мухаддир аз тариқи хоки Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти кишвар Э.Раҳмон 12 апрели соли 1996 фармонро «Дар бораи чораҳои таъхирнопазири мубориза ба муқобили гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҳолати назорати прокуратура аз болои иҷрои онҳо»-ро ба имзо расонид. Шӯрои танзими фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил дода шуд, ки дар маҷлисҳои худ рафти иҷрои фармонҳо, қарорҳо ва супоришҳои дигари Президент ва Ҳукумати Ҷумҳуриро оид ба ин масъалаҳо мавриди баррасӣ ва натиҷагирӣ қарор медод.

**- Ҷанги шаҳрвандӣ чи гуна талафот гузошт?**

- Бар асари он беш аз як миллион нафар одамон ба муҳоҷирони иҷборӣ табдил ёфта, ба микдори 150 ҳазор нафар ҳайёти одамонро рабурд ва зарари моддӣ беш аз 10 миллиард доллари амрикоиро ташкил дод.

**- Таҳлили фишурдаи тамоми маводи дар боло қайдшуда ва хулосаҳои Шумо атрофи ин масъала!**

- Дар ҳақиқат баъди соҳибистиқлол гаштани ҷумҳурӣ миллати мо ба гирдоби амиқи задухӯрдҳо кашида шуд, ки бароямон номатлуб буд. Аксари кули собиқ ҷамоҳири шуравӣ ҳамту, бе талафот соҳибистиқлол гаштанд, барои мардуми тоҷик ин соҳибихтиёрӣ хеле гарон афтод. Дар маҷмӯъ якчанд хулосаҳоро ироа кардан мумкин аст:

1. Дар солҳои ҷанги бародаркуш низоъ дар ҷумҳурӣ на танҳо ба ҷанги ҳаҷман калон табдил ёфт, балки асосҳои мувозинати иҷтимоӣ – иқтисодӣ халалдор, арзишҳо ва самтҳои афзалиятнок вайрон ва ба тағйиротҳои ҷиддӣ дучор гардиданд. Вазъи ба вуҷудомада фаъолияти кормандони МҲҲ ва сохторҳои қудратиро мураккаб гардонид. Маҳз ба души онҳо тамоми вазнинии озмоиш ва масъулият дар самти таъмини ҳуқуқ ва ҳаёти сокинони ҷумҳурӣ гузошта шуд. Вале ба ҳар ҳол онҳо намунаи олии садоқат нишон дода, устуворӣ ва қарзи бошарафонаи худро исбот карданд.

2. Хусусиятҳои Тоҷикистон дар ин давра ба фикри мо дар он зоҳир меёфт, ки шароити номӯътадили иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва таҳаввулоти иқтисодиёт, ки роҳи ба расмият даровардани сармояи ғайриқонуниро эҳё намуд ба фаъолнокии гурӯҳҳои ҷинояткор ба ҳаёти хоҷагии кишвар мусоидат намуд. Ҳамин тариқ, аксари ташкилотҳо ва корхонаҳои ҷумҳурӣ дар муддатҳои муайян ба зери назорат ва таъсири ташкилотҳои ҷинояткор афтода буданд, ки вазъро боз ҳам пурпечутоб гардонид.

3. Воқеаҳои солҳои 1990–1992 дар Тоҷикистон камбудию норасоиҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар ҷумҳурӣ бараъло нишон дод. Таҳлили амалҳо, аз ҷумла МКД, махсусан ҳангоми пешгирӣ намудани бетартибиҳои оммавӣ дар шаҳри Душанбе ва дигар маҳаллаҳо нишон дод, ки аз тарафи роҳбарони ҷузъу томҳо дарсу таҷрибаи талхи дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, Қазоқистон ва Закавказия таҳлил нашуда дуруст низ омӯхта нашуд. Гарчанде, ки вазъият дар ҷумҳурӣ рӯз ба рӯз бад мешуд, вазъият на танҳо назо-

рат карда нашуд, балки ба таври ҷиддӣ омӯхта низ намешуд ва чорабиниҳои саривақтӣ нисбати нест кардани унсурҳои зиддиҷамъиятӣ дида нашуда, хаҷми доираи хатари афзудаистода муайян нашуд.

Воҳидҳои милитсияи пойтахт ва дигар шаҳрҳо, ки барои бурдани хизмат ба пойтахт омада буданд, дар иҷрои вазифаҳои мушаххас омода набуданд, системаи идоракунии қувва ва воситаҳо, ҳуҷҷат кардани иштирокчиён ва ташкилкунандагони бетартибиҳо, кашида гирифтани яроқ, ки ба ҷумҳурӣ аз ҳудуди Афғонистон, Эрон, Покистон ва дигар кишварҳо ворид мешуд, ба дараҷаи ба талаботҳо номувофиқ дар он рӯзҳо гузаронида мешуд.

4. Дар ибтидои солҳои 90-ум дар ташкили фаъолиятҳои оперативӣ – хизматӣ, кадрии ШКД-и маҳаллӣ, норасоиҳои ҷиддӣ ба чашм расида, дараҷаи пасти таҳлил ва дурнамои инкишоф аз тарафи хадамотҳои мутасадии ВКД ба назар мерасид. Дар баробари ин рафти ҳодисаҳо дар Тоҷикистон камбудиҳои кори арсаи тарбиявиро бо ҳайати шахсӣ нишон дод, ки дар раванди мураккабшавии вазъият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ расонид. Дар чунин вазъият бисёре аз кормандони милитсия сустиродагӣ, бемасъулиятӣ, бетарафӣ нисбати иҷрои вазифаҳо ва қарзи хизматӣ нишон дода, мавқеи мушоҳидакориро ишғол намуданд ва ҳамзамон далелҳои дурӯягӣ, хиёнати кормандон ба назар расид. Ба ғайр аз ин баъзе шӯъбаҳои корҳои дохилии ноҳиявӣ нисфашон ва дар баъзе манотиқи дигар ба таври пурра бе нишон додани ягон муқобилият ба душманони давлат таслим мешуданд.

5. Бӯҳрони амиқ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт рӯз ба рӯз вазнин мегашт. Чунин ҳолат наметавонист, ки ба таври манфӣ ба рӯҳу равон ва фаъолияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бетаъсир монад. Ҳокимияти болоӣ низ бефаъолиятӣ зоҳир менамуд. Фалаҷ гаштани ҳокимият дар соли 1992 ба қурбониҳои зиёди одамон оварда расонид, вазъият аз таҳти назорати мақомоти ҳокимияти марбута берун гашт. Мақомоти корҳои дохилӣ дар ин рӯзҳои ҳассоси тақдирсоз, гарчанд, вазифаҳои хизматии худро иҷро менамуданд, вале мутаассифона роҳбарии дурусти мақомотҳо дар маҳаллаҳо мавҷуд набуд.

6. Коркарди мунтазами санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқии ҷумҳурии ҷавони соҳибихтиёр ҳамчун воситаи муҳими ба танзим даровrouteандаи масъалаҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ба ҳисоб мерафт. Хусусиятҳои хоси ин санадҳо дар он инъикос меёфт, ки:

аввалан, нашри қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ идоракунии зарури мутобиқи талабот ва сулҳу суботро дар кишвар таъмин менамуд;

дуввум, санадҳои ҳуқуқӣ баҳисобгирӣ ва назорати иҷрои ӯҳдадориҳои ба ӯҳдаи мақомотҳои корҳои дохилӣ гузошташударо таъмин менамуд.

саввум, санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ тартиби фаъолият ва масъулияти моддии кормандонро ба танзим медароварданд;

чаҳорум, қонунҳои мазкур ва дигар санадҳо миқёсу дараҷаи масъулиятҳои моддӣ, интизомӣ, ҷиноятии сокинонро муқаррар ва ҷорӣ менамуданд.

**7.** Вале набояд имрӯз як чизро фаромӯш кард, ки ҷинояткории замони муосир домани фарох ва густурда дошта, тамоилҳои нав пайдо карда истодааст. Аз ин лиҳоз, набояд бепарвою фориғбол гашта, ба хотирҷамъӣ роҳ дода шавад. Баръакс, вазъияти мураккаби сиёсӣ-геополитикии минтақа, даҳшати воқеаҳои солҳои 90-уми асри гузашта, ки аз лавҳи хотири сокинон фаромӯш нагаштааст, мақомоти ҳифзи ҳуқукро водор месозад, ки беш аз ҳарвақта ҳӯшёрию зиракии сиёсиро аз даст надода, бо дарки баланди масъулияти касбӣ ва ифтихори баланди ватандорӣ ба олами ҷиноӣ оштинопазир бошанд.

**Умед Пудинаев,**
**ходими илмии**
**Институти Осиё ва Аврупои АМИТ**

## ҚОИДАҲОИ НАШРИ МАҚОЛАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН

Маҷаллаи «Осиё ва Аврупо» нашрияи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад. Дар маҷалла мақолаю тақризҳо ва ахбор дар бахши омӯзиши сиёсат, таърих, ҳуқуқ, иқтисоди ҷаҳон, афкори иҷтимоӣ, забон, адабиёт, таърих, ҷунбишҳои динию идеологӣ ва сиёсӣ, низоъҳои минтақавӣ дар кишварҳои Осиё, Аврупо ва Амрико ба табъ мерасанд. Маҷалла мақолаҳоро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пазируфта, ҳамроҳи мақола фишурдаи он низ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ талаб карда мешавад.

## ТАЛАБОТИ ТАРТИБ ДОДАНИ ДАСТХАТҲО

Муаллиф дастнависро ба забонҳои тоҷикӣ ва ё русӣ пешниҳод мекунад. Фишурдаи мақолаҳо ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд пешниҳод гардад, ки ҳаҷми он набояд аз 1 саҳифа беш бошад. Матни мақола бояд дар принтер бо ҳуруфи андозаи 14 дар як рӯяи коғази сафеди андозаи стандартӣ (А4) чоп шуда, ҳар саҳифаи навишта бояд аз 28 сатр (бо шумули замима ва ҳошияҳо), зиёд набошад. Ҳошияҳои дастнавис: аз боло ва поён – 2,5 см, аз чап ва рост – 3 см. Андозаи фосилаи байни сатрҳо – 0,5 см.

Ба дастнависҳо замима мегарданд:

а) маълумот роҷеъ ба муаллиф (ном, номи падар, номи хонаводагӣ, дараҷаи илмӣ,

унвон, ҷойи кор, вазифа, нишонии ҷои зист, шохис (индекс)-и шуъбаи почта, рақами телефони хона ва кор, нишонии почтаи электронӣ (агар мавҷуд бошад);

б) Мақола дар компютер чоп шуда, ҳамроҳ бо нусхаи электронӣ пешниҳод мешавад, ки дар он маводи муаллиф ба сурати парванда дар вожапардози Word анҷом шудааст; агар ҳуруфи лотинӣ ё дигар аломатҳо истифода шуда бошад, бояд онҳо бо нишондоди номашон ирсол гарданд.

**Ҳадди ниҳоии дастнавис:**

*мақола – то 14 саҳифа, фишурдаи мақола - 1 саҳифа;*

тақриз – то 6 саҳифа;

*китобиёт – то 4 саҳифа;*

*ахбор ва рӯйдодҳои илмӣ – то 5 саҳифа.*

Сарлавҳаи мақола бо ҳарфҳои хурд ва аз матн бо фосилаи се сатр ҷудо карда мешавад. Иқтибосҳо бо сарчашма дақиқ муқоиса карда шуда, дар охири саҳифа асли онҳо аз ҷониби муаллиф оварда мешаванд.

Феҳристи манобеъ дар охири мақола (бо тартиби алифбо – нахуст ба хатти кириллӣ, сипас бо дигар забонҳои хориҷӣ оварда мешавад; осори як муаллиф дар тартиби хронологӣ дарҷ мешавад) бо шуморагузорӣ ва нишон додани маълумоти зайл оварда мешавад:

а) барои китобҳо – ному насаби муаллиф, номи пурраи асар, шаҳр ва соли нашр, теъдоди умумии саҳифаҳо мисли:

Муллоаҳмадов М. Осори эроншиносӣ, ч.1, Душанбе: Дониш, 2018, - 563 с.

Мардонӣ Т. Слово об Абуали ибн Сина. Исследования и переводы, Душанбе: Дониш, 2018, 375 с.

б) барои мақолаҳо – ному насаби муаллиф, номи пурраи мақола, номи маҷмӯаи мақолаҳо, китоб, рӯзнома, макони нашр, шаҳр (барои китоб), сол ва шумораи рӯзнома, маҷалла, мисли:

Мирзоев Н. Ҷойгоҳи Афғонистон дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон // «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» 2018 № 4. - с. 112-116.

Раҷабов Ҳ. Тасвири бархӯрдҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис "Ғуломи озод" // Илм ва ҷомеа", № 2 (10), 2018. -с. 70-78.

Дар дохили матн истинод ба манбаъ дар дохили қавси мураббаъ дода шуда, аз ҳам тавассути вергул ҷудо карда мешавад, мисол: [1, с. 75]; шумораи саҳифаҳои иқтибос бо воситаи вергул ё тире нишон дода мешавад, мисол: [2, с. 72-80].

Дар мақола аз тарафи муаллиф ё муаллифон бояд имзо гузошта шавад.

Дастнавис бояд бодиққат хонда шуда, бидуни ғалат пешниҳод гардад.

Дастнависҳое, ки бидуни риояи талаботи мазкур таҳия шудаанд, баррасӣ намешаванд.

Ҳайати таҳририя дар ҳолатҳои зарурӣ ҳуқуқ дорад мақоларо кӯтоҳ, таҳриру ислоҳ кунад ва ё ба муаллифон ҷиҳати ислоҳ баргардонад. Муаллифон пас аз саҳифабандии мақола онро хонда ризояти худро барои чоп ба таври хаттӣ тасдиқ мекунанд.

Масъулияти ақида ва муҳтавои мақолаҳо бар дӯши муаллифони онҳост.

Нишонии мо: шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ-33, Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ҳуҷраи 5, идораи маҷаллаи «Осиё ва Аврупо», тел.: (+992 37) 221 05 72.

Сомонаи мо: www.osiyoavrupo.tj;

E-mail: info@osiyoavrupo.tj

## ПРАВИЛА ПУБЛИКАЦИИ ДЛЯ АВТОРОВ

Журнал «Азия и Европа» издается Институтом изучения вопросов стран Азии и Европы Национальная Академия наук Таджикистан. В журнале публикуются статьи, сообщения, рецензии, информационные материалы по литики, истории, юриспрпуденции, мировой экономики, социалные мысли, языка и литературы, полтические и религиозные движении, региональные конфликта в странах Азии, Европы и Америки. Журнал выходит на таджикском, русском и английском языках. Статьи сопровождаются резюме на таджикском, русском и английском языках.

## ТРЕБОВАНИЯ К ОФОРМЛЕНИЮ РУКОПИСЕЙ

Автор представляет рукопись на таджикском или русском языке. Резюме к статье должно быть представлено на таджикском, русском и английском языках, объем которого не должен превышать 1 страницы.

Текст должен быть отпечатан на принтере - размер шрифта 14 - с одной стороны белого листа бумаги стандартного формата (А4). На странице рукописи должно быть не более 28 строк, отпечатанных через два интервала (это относится также к примечаниям и сноскам).

Поля рукописи: верхнее и нижнее - 2,5 см, левое и правое - 3 см. Размер абзацного отступа - 0,5 см.

К рукописи прилагаются:

а) сведения об авторе (фамилия, имя, отчество, ученая степень, звание, место работы,

должность, домашний адрес, индекс почтового отделения, номера служебного и домашнего

телефонов, при наличии - адрес электронной почты);

б) статья должна быть отпечатана на компьютере и представлена редакции одновременно с CD, содержащей файл авторского материала, выполненного в текстовом редакторе Word; шрифты, если таковые использовались для латинских или иных символов, с указанием их названия.

**Предельный объем рукописей**:

• *статья - 16 страниц, резюме - 1 страница;*

• *сообщение - 8 страниц, резюме - 0,5 страницы;*

•*рецензия - 4 страницы;*

•*хроника научной жизни - 4 страниц.*

Заглавие статьи печатается строчными буквами и отбивается тремя интервалами снизу от текста.

Цитаты тщательно сверяются с первоисточником и визируются автором на оборотной стороне страницы.

Литература, на которую даются ссылки в тексте, приводится в конце статьи (в алфавитном порядке – сначала на кириллице, затем на иностранных языках; произведения одного автора даются в хронологическом порядке, начиная с более ранних), с нумерацией и указанием следующих выходных данных:

а) для книг - фамилия, инициалы автора, полное название книги, город и год издания, Осиё ва Аврупо № 2, 2019 141 общая число страниц например:

Муллоаҳмадов М. Осори эроншиносӣ, ҷ.1, Душанбе: Дониш, 2018, - 563 с. Мардонӣ Т. Слово об Абуали ибн Сина. Исследования и переводы, Душанбе: Дониш, 2018. - 375 с.

б) для статей - фамилия, инициалы автора, полное название статьи, название сборника, книги, газеты, журнала, где опубликована статья, город (для книг), год и номер газеты, журнала, например:

Мирзоев Н. Ҷойгоҳи Афғонистон дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон // «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» 2018, № 4, - с. 112-116.

Раҷабов Ҳ. Тасвири бархӯрдҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис “Ғуломи озод” // Илм ва ҷомеа”, № 2 (10), 2018. с. 70-78.

Ссылки на литературу в тексте даются в квадратных скобках через запятой, например: [3, с. 272]; при цитировании указываются страницы через запятую или тире, например: [4, с. 272-280].

Статьи должны быть обязательно подписаны автором, а при наличии нескольких авторов - всеми соавторами.

Рукопись должна быть тщательно вычитана и сдана без опечаток. Рукописи, оформленные без соблюдения указанных требований, не рассматриваются.

Редакционная коллегия оставляет за собой право при необходимости сокращать статьи, подвергать их редакционной правке и отсылать авторам на доработку. Авторы читают готовую верстку статьи и в письменном виде подтверждают свое согласие на публикацию.

Ответственность за подбор, точность фактов, цитат, и данных несут авторы опубликованных материалов.

Адрес: г. Душанбе, ул. Рудаки-33, Институт изучения проблем стран Азии и Европы Национальная Академия наук Таджикистан, каб., 5 редакция журнала «Азия и Европа», Тел.: (+992 37 2 21 03 31) Наш веб-сайт: www.osiyoavrupo.tj; E-mail: info@osiyoavrupo.tj.

# МУНДАРИҶА

## СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ВА ДИПЛОМАТИЯ

**Каримов Ш.Т.**, Стратегияи нави ИМА оид ба Осиёи Марказӣ: ҳалли мушкилиҳо кадом аст? 3
**Баҳриддинзода П., Воҳидова С.,** Мавқеи Тоҷикистон ва Фаронса дар арсаи сайёҳии байналмилалӣ 11
**Сангинов Н.Н.**, Истифодаи баъзе технологияҳои «ҷангҳои омехта» ба муқобили Ҷумҳурии Тоҷикистон 19

## МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА МИНТАҚАШИНОСӢ

**Воҳидова С., В., Ҷамилов С.,** Дурнамои муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико 32
**Умед П.**, Дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қатар 37
**Соҳиби Б.,** Раванд ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Индонезия 50

## ТАЪРИХ, ҲУҚУҚШИНОСӢ, ИҶТИМОИЁТ

**Назарзода Н.Ҷ.,** Хусусиятҳои давраи оғози равобити фарҳангии Тоҷикистони шӯравӣ бо Афғонистон (солҳои 1920-1950- ум) 58
**Ҷӯраев Р.З.**, Самтҳои асосии пешгирии иҷтимоиву психологӣ ва сиёсии ҷавонон 71
**Комилов Д.Р.,Пудинаев У.,** Фалсафаи Ибни Сино дар таҳқиқи Мӯсо Диноршоев 83
**Душанбиева Н.**, Ислом дар давраи сулолаи муғулҳои бузург дар Ҳиндустон 91
**Расулов О., Расулзод Л.**, Муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун хатар ба амнияти миллӣ 99

## ИҚТИСОДИЁТ

**Холматов М.М.**, Баъзе хусусиятҳои ташкилии иқтисодиёти рақамии Тоҷикистон 109
**Фатуллоев Ф.Ф., Саидмуродов Л.Ҳ.**, Ҳисоби апгрейдингиинноватсионӣ дар системаҳои иқтисодӣ 120

## ЗАБОН, АДАБИЁТ ВА ФАРҲАНГ

**Мирзо М.**, Назари Камол ба фазилатҳои ашъораш 127
**Раҷабов Ҳ.**, Тасвири бархӯрдҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Хоҷа Аҳмад Аббос ”Хандаи пеш аз марг” 135
**Вахобова Н.**, Тасвири масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ дар ашъори Асадулло Ҳабиб 148
**Шозиёева Г., Исоков М.**, «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони Фаронса 160
**Каримова Ш.**, Симои Мансури Ҳаллоҷ дар адабиёти араб 167

## ТАҚРИЗ, КИТОБИЁТ, ТАРҶИМА ВА ТАҲИЯ

**Тоҷиддин М.,** Китобе дар одоби устодӣ ва донишҷӯӣ дар ислом “Тазкират ас-сомиъ ва-л-мутакаллим фи адаб ал-олим ва-л-мутааллим” 172
**Зиёев С.Н.,** Тақриз ба силсилаи корҳои илмии узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон М. Муллоаҳмад дар масъалаҳои ахлоқӣ 178
**Ёрмаҳмад Н., Мирсаид Р.,** Ояндаи исломи сиёсӣ 180
**Назарзода Н.Ҷ., Умед П.**, Ҷанги шаҳрвандӣ ва Ваҳдати миллӣ 198

# СОДЕРЖАНИЕ

## ВНЕШНАЯ ПОЛИТИКА И ДИПЛОМАТИЯ

**Каримов Ш.Т.,** Новая стратегия США для Центральной Азии: есть новое решение? **3**

**Бахриддинзода П., Вохидова С.,** Позиция Таджикистана и Франции в области международного туризма **11**

**Сангинов Н.Н.**, Применение отдельных технологий «гибридных войн» против Республики Таджикистан **19**

## МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ И СТРАНОВЕДЕНИЯ

**Вохидова С., Джамилов С.,** Перспектива отношений Республики Таджикистан и Соединенных Штатов Америки **32**

**Пудинаев У.,** Перспективы сотрудничества Таджикистана и Катара **37**

**Сохиби Б.,** Взаимоотношения Республики Таджикистан и Республики Индонезия: достижения и перспективы **50**

## ИСТОРИЯ, ЮРИСПРУДЕНЦИЯ И СОЦИОЛОГИЯ

**Назарзода Н.Д.,** Особенности становления начального этапа культурных связей советского Таджикистана с Афганистаном (1920-1950 годы) **58**

**Ҷӯраев Р.З.**, Основные направления социально – психологической и политической профилактики девиантного поведения молодёжи **71**

**Комилова Д.Р., Пудинаев У.,** Философия Ибн Сино с точки зрения Мусо Диноршоева **83**

**Душанбиева Н.**, Ислам в Индии во время династии Великих моголов **91**

**Расулов О., Расулзод Л.**, Трудовая миграция как угроза национальной безопасности **99**

## ЭКОНОМИКА

**Холматов М.М.,** Вопросы институциальной организации цифровой экономики Таджикистана **109**

**Фатуллоев Ф.Ф., Саидмуродов Л. Ҳ.**, Новейшие горизонты управления конкурентными преимуществами за счёт инновационного апгрейдинга экономических систем **120**

## ЯЗЫК, ЛИТЕРАТУРА И КУЛЬТУРА

**Мирзо М.,** Взгляд Камола Худжанди на свои творенья **127**

**Раджабов Х.,** Отражение религиозных столкновений в рассказе Ходжа Ахмад Аббас “Улыбка перед смертью” **135**

**Вахобова Н.**, Отражение социально-политических проблем в поэзии Асадулло Хабиб **148**

**Шозиёева Г.**, **Исоков М.**, «Лейли и Меджнун» Абдуррахман Джами в изучении французких учёных **160**

**Каримова Ш.,** Образ Мансура Халладжа в арабской литературе **167**

## РЕЦЕНЗИИ И КНИГИ

**Тоджиддин М.,** Книга по этике преподавания и обучения в исламе **172**

**Зиёев С.Н.,** Рецензия на серию научных работ члена-корреспондента Национальной академии наук Таджикистана Мирзо Муллоахмада по этическим вопросам **178**

**Ёрмахмад Н., Мирсаид Р.**, Будущее политического ислама **180**

**Назарзода Н.Дж., Умед П.**, Гражданская война и национальное единство **198**

# CONTENTS

## FOREIGN POLICY AND DIPLOMACY

**Karimov Sh.T.,** New us Strategy for Central Asia: Is there a New Solution? **3**

**Bakhriddinzoda P., Vohidova S.,** The Status of Tajikistan and France in the Field of International Tourism **11**

**Sanginov N.,** Application of Certain Technologies of "Hybrid wars" Against the Republic of Tajikistan **19**

## INTERNATIONAL RELATIONS AND REGIONAL STUDIES

**Vohidova S., Jamilov S.**, Prospects for Relations Between the Republic of Tajikistan and the United States of America **32**

**Pudinaev U.,** Prospects for cooperation between Tajikistan and Qatar **37**

**Sohibi B.**, Relations Between the Republic of Tajikistan and the Republic of Indonesia: Achievements And Prospects **50**

## HISTORY, LAW AND SOCIOLOGY

**Nazarzoda N.Ch.,** Features of the Formation of the Initial Stage of Cultural Relations Between Soviet Tajikistan and Afghanistan (1920-1950) **58**

**Dzhuraev R.Z.**, The Main Directions of Social, Psychological and Political Prevention of Devient Behavior of Youth **71**

**Komilov D.R., Pudinaev U.,** Philosophy of Ibn Sino From the Viewpoint of Muso Dinorshoev **83**

**Dushanbieva N.,** Islam During the Rein of Graet Mogols in India **91**

**Rasulov O., Rasulzod L.**, Labor Migration as a Threat to National Security **99**

## ECONOMY

**Kholmatov M.M.,** Some Features of the Organization of the Digital Economy of Tajikistan **109**

**Fatulloev F.F., Saidmurodov L.H.**, The Latest Management Horizons TO Increase Competitive Advantages Through Innovative Upgrading of Economic Systems **120**

## LANGUAGE, LITERATURE AND CULTURE

**Mirzo M.,** Kamol Khujandi's View of his Creations **127**

**Khabibullo R.** Reflection of Religious Conflicts in the Story of Khoja Ahmad Abbas "Smile Before Death" **135**

**Vakhobova N.,** Reflection of Socio-Political Problems in the Poetry of Asadullo Habib **148**

**Shoziyoeva G., Isoqov M.**, "Leyli and Majnun" by Abdurrahman Jami in the Studies of Franch Scholars **160**

**Karimova Sh.,**The image of Mansur Hallaj in arabic literature **167**

## REVIEW

**Tojiddin M.,** Book on the Ethics of Teaching and Learning in Islam **172**

**Ziyoev S.N., Odinaev A.S.,** Review of the Series of Scientific Works of the Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan Mirzo Mullah Ahmad on moral issues **178**

**Yarmahmad N., Mirsaid R.** The future of political Islam **180**

**Nazarzoda N.J., Umed P.**, Civil War and National Unity **198**

Ба матбаа 16.07.2019 таҳвил гардид. Чопаш 22.07.2019
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 60х84 $^1/_8$.
Ҷузъи чопии шартӣ 26,5. Адади нашр 100 нусха.
Супориши № 05

Дар матбааи ҶДММ «Суфра» ба табъ расидааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки,27.